**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Ба ҳуқуқидастнавис*

УДК 891.550

**САТТОРОВ АМИРҲАМЗА БАҲОДУРОВИЧ**

# ТАЪСИРПАЗИРӢ АЗ ОЯТҲОИ ҚУРЪОНӢ ВА ҲАДИСҲОИ НАБАВӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ХОҶУИ КИРМОНӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ
аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

Роҳбари илмӣ:
**Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода**
доктори илмҳои филологӣ, профессор

Душанбе - 2020

# МУНДАРИҶА

**Муқаддима**...........................................................................................................3-16

## БОБИ I: ТАЪСИРПАЗИРИИ ХОҶУ АЗ ОЯТҲОИ ҚУРЪОНӢ

1.1: Корбурди никоти Қуръонӣ дар ғазалиёти Ҳоҷуи Кирмонӣ .....................17-24

1.2: талмеҳоти қуръонӣ дар ғазалиётиХоҷуи Кирмонӣ ..................................24-45

1.3: Корбурди калима ва таркибҳои Қуръонӣ..................................................45-98

1.4.таҳмидия дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ.....................................................98-105

## БОБИ II: ИСТИФОДАИ ХОҶУИ КИРМОНӢАЗ ҲАДИСҲОИ НАБАВӢ

2.1.Иқтибоси хоҷуи кирмонӣ аз ҳадисҳои набавӣ.......................................105-129

2.2.Мазмуни ҳадисҳои набавӣ дарғазалиёти хоҷуи кирмонӣ......................129-140

## БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕӢ ВА МУШАХХАСОТИ ҲУНАРИ ХОҶУ ДАР КОРБУРДИ НИКОТИ ҚУРЪОНӢ ВА АҲОДИСИ НАБАВӢ

3.1.Хусусиятҳои бадеӣ ва мушаххасоти шеваи сухани хоҷу дар корбурди никоти қуръонӣ...........................................................................................140-159

3.2. Хусусиятҳои бадеӣ ва мушхассоти ҳунари хоҷу дар корбурдиникот ва мазмунҳои ҳадисҳои набавӣ.......................................................................159-169

**ХУЛОСА** ...........................................................................................................169-174

**КИТОБНОМА..........................................................................................174-188**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамият ва зарурати интихоби мавзӯъ.** Дини ислом бо зуҳури худ як тамаддунеро ба вуҷуд овард, ки он тавонист таъсири худро ба дигар фарҳангу тамаддунҳои оламрасонад. Ин тамаддун дар як муддати кӯтоҳ аз ҷониби дигар қавму миллатҳо ҳамчун тамаддуни исломӣ пазируфта шуд. Тамаддуни исломӣ, ки дар асоси қонунҳои Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ ба вуҷуд омадааст, аз ин рӯ, ин ду манбаъ арзишҳои олии тамаддуни исломӣ ба шумор рафта, дар андешаронӣ, ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ ва дунёи маънавии халқҳои олам таъсири зиёде расониданд. Аз ҷумла, дар вусъати ҷаҳони андеша ва тафаккури мо-тоҷикон на танҳо нақши равшан гузошт, балки ҳавзаи адабии муштараки Аҷаму Арабро таъмин намуд.

Тадқиқот ва пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ баъд аз забон ва адабиёти арабӣ муҳимтарин воситаи баёни ҳақоиқ ва таълими дини мубини ислом будааст, зеро ворид шудани вожаю унсурҳои қуръонӣ ба адабиёти форсии тоҷикӣ аз як сӯ, мояи бойгарии забон шуда, ба осори адабӣ рӯҳу маънои нав бахшиданд ва аз сӯйи дигар, заминаи лозимро барои интиқол ва баёни аҳком, таълим ва ҳақиқати дини ислом фароҳам овард ва онро дар дастрасӣ ва ҳавзаи фаҳми форсизабонон қарор дод.

Қуръони карим китоби динии мусулмонон, аз ҷумла, тоҷикон буда, маънӣ ва мафҳуми он дар тӯли чордаҳ аср бо роҳҳо ва сабабҳои гуногун дар ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоии мо таъсири пинҳону ошкоро расонидааст. Ин омили таъсирбахш, пеш аз ҳама, дар эҷодиёти шоирону адибон ва мутафаккирон нақши худро гузошта, ҷилваҳои тозае ба санъатҳои адабию фарҳангӣ бахшидааст. Ин ду сабаби ба вуҷуд омадани шаклу санъатҳои нави адабӣ ва густариши сабкҳои хоси асарҳои манзуму мансур гардид, ки ин пешрафтҳои нави адабиро дар ин ҷода таъмин намуд.

Таъсирпазирии шоирону нависандагон аз Қуръони маҷид ва ҳадисҳои набавӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣҳам аз назари муҳтаво ва ҳам аз назари балоғату фасоҳат ба назар мерасад.

Ҳангоми баррасии диссертатсия муайян гардид, ки таҷаллӣ ва унсурҳои дини ислом дар шеър ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ далолат ба қадимии забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дорад, зеро нахустин намунаҳои таъсири Қуръон ва ҳадис бо қадимтарин байтҳо ба ҷо мондааст. Аз ҷумла, ашъори Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ ва дигаронро мисол овардан мумкин аст.

Ҳадис, ки ҳамон «сухан, феъл ва атвор»-и Паёмбари акрам аст, низ ҳамин ҳукмро дорад, ки алфоз ва маъниҳои он ба суратҳои мухталиф дар зиндагонии мусулмонон ва дар рафтору гуфтор ва кирдори эшон таъсири неруманд доштааст.Хусусан, баъди густариши дини ислом фарзандони номии ин миллати куҳанбунёд илму фарҳангеро бунёд гузоштанд, ки дар таърихи башарият бесобиқа буда, ба номи тамаддуни исломӣ ё «Ренессанси исломӣ» ва эҳёи миллатҳои Шарқ шуҳрат дорад. Воқеан, гуфтаҳои Паёмбари ислом, ки: «Агар илм дар Сурайё бошад, онро фарзандони Форс тасхир хоҳанд кард» исботи амалӣ ёфт…» [46; 5].

Шоирони порсигӯ дар эҷодиёти хеш Қуръон ва ҳадисҳои набавиро аз асри нуҳи милодӣ мавриди истифода ва корбурд қарор додаанд. Онҳо дар оинаи каломи хаёлангезу ҳунармандонаи худ аз калимаву ибора ва маънии таъсирбахши Қуръон ва ҳадис барои баёни андешаҳояшон истифода намудаанд. Ин амал боис ба афзудани эҳтиром ва обрӯйи ҳар як шахси соҳибэҷод мегардид. Бавижа, ин каломи осмонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар осори адабии форсии тоҷикӣ мавқеъ ёфта, ҷавҳари осори адабӣ, махсусан, ашъори ирфониро ба вуҷуд оварданд.

Яке аз суханварони бузург, ки дар осори бадеии худ барои баёни андешаҳои ҳаётиву иҷтимоӣ ва динию мазҳабияш, аз таркибу ибора, калима ва образҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣистифода намудааст, шоири ғазалсарои асри XIVАбулато Камолиддин Маҳмуд ибни Алии Кирмонӣ, ки бо тахаллуси «Хоҷу» машҳур мебошад, дар таҳаввули ғазали форсии тоҷикӣ мақоми аввалиндараҷа дорад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Дар асоси таснифи маводи ҷамъшуда дар бораи Хоҷуи Кирмонӣ маълум гардид, ки омӯзиши рӯзгор ва осори ӯ нахуст аз

солҳои 50-уми асри XIX аз Аврупо шурӯъ шудааст. Аз ҷумла, Ф. Эрдман, Ш. Шеффер, И. Питси аввалин ховаршиносоне мебошанд, ки дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Хоҷу таҳқиқот бурдаанд [41; 145]. Аз омӯзишҳои ховаршиносони аврупоӣ таҳқиқоти шарқшиноси машҳури англис Эдвард Браун барои шинохти ҳаёт ва эҷодиёти Хоҷуи Кирмонӣқобили таваҷҷуҳ мебошад.Дар собиқҷумҳуриҳои Иттиҳоди ШӯравӣА. Кримский нахустин шарқшиносе мебошад, ки оид ба Хоҷуи Кирмонӣ таҳқиқот карда, Хоҷуро дар силсилаи суханварони Табрезу Шероз ёд кардааст. [41; 102-104]. Баъдан, А.А. Семёнов оид ба осори Хоҷуи Кирмонӣ таҳқиқоти бурда, маснавиҳои шоирро дар феҳристи худ тавсиф кардааст. Ӯ ду нусхаи маҷмӯаи ашъор, ду нусхаи девон, дастнависҳои маснавиҳои «Гулу Наврӯз», «Ҳумою Ҳумоюн», «Камолнома» ва «Гавҳарнома»-и Хоҷуро аз фонди мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон тавсифи илмиву библографӣ намудааст.

Инчунин, дар масъалаи омӯзиши баъзе аз ҷанбаҳои осори Хоҷу таҳқиқоти олим ва шарқшиноси рус Е.Э. Бертелс низ назаррас мебошд. Муаллиф ҳангоми таҳқиқи «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣқайд намудааст, ки: «Маснавии Хоҷу беҳтарин назираи «Махзан-ул-асор» буда, ин назира ба шуарои баъдина низ таъсири худро гузоштааст» [41; 102-104].

Дар соли 1963 адабиётшиноси ӯзбек Э. Рустамов достони «Гулу Наврӯз»-и Лутфиро (асри XV)бо достонҳои ҳамноми Хоҷу ва Ҷалоли Табиб аз нуқтаи назари худ муқоиса намудааст. [41; 144].

Дар соли 1964 аз ҷониби Т. Аҳмадов мақолае дар маҷаллаи илмии АФ РСС Узбекистон нашр шуд, ки дар он таъсири мусбати Хоҷуи Кирмонӣ ба Лутфӣ ва Алишери Навоӣ нишон дода шудааст [41; 145].

Омӯзиши Хоҷуи Кирмонӣ дар Тоҷикистон аз аввали солҳои 70 шурӯъ шуда, нахустин донишманде, ки ба тадқиқи осори шоир машғул гардидаст, устод Камол Айнӣ мебошад. Мавсуф аз аввалин олимонест, ки роҷеъ ба рӯзгор ва осори адабии ин суханвари тавоно маълумоти нисбатан муфассали илмиву тадқиқотӣ ва таҳлилӣ додааст. Дар солҳои 1968-1972 аз ҷониби вай достонҳои ишқии «Ҳумою Ҳумоюн» ва «Гулу Наврӯз» ва чанд мақолаи дигар оид ба

шинохти Хоҷуи Кирмонӣ ба аҳли илм ва адаб тақдим гардидааст.Инчунин, тавассути хидматҳои вай маснавиҳои «Ҳумою Ҳумоюн» ва «Гулу Наврӯз» бо пешгуфтори муфассал дар шаҳри Теҳрон ба нашр расонида шудаанд. Дар китоби «Гулшани адаб» низ маълумот дар бораи шарҳи ҳоли шоир бо зикри намунаҳои ашъори Хоҷуи Кирмонӣ оварда шудааст [41; 144].Баъдан, профессор Холиқ Мирзозода низ оид ба Хоҷуи Кирмонӣ маълумоти нисбатан зарурӣ дар асари худ дарҷ намудааст [66; 245].

Аз донишмандони эронӣ Саид Нафасӣ, Ҳусайни Масрур, Муҳаммад Муъин, Иброҳим Бурҳони Озод, Забеҳуллоҳи Сафо, Р. Шафақ, Р. Ҳумоюнфаррух, С. Найсорӣ, Ҷ. Ҳумоӣ, А.С. Хонсорӣ, П.Н. Хонларӣ ва дигарон роҷеъ ба рӯзгор ва паҳлуҳои гуногуни осори Хоҷу таҳқиқот кардаанд, ки аз инҳо таҳқиқоти анҷомдодаи Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ боарзиш мебошад.

Дар соли 1374 ҳиҷрии шамсӣаз ҷониби Саид Қонеӣдевони комили ашъори Хоҷуи Кирмониро рӯйи чоп омад. Баъдан дар соли 1391 ҳиҷрии шамсӣ Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ низ бо истифода аз нусхаҳои асил таҳқиқоти судманде анҷом дода, «Куллиёт»-и ашъори Хоҷуро тасҳеҳ кард, ки фарогири тамоми ашъори шоир буда, барои оянда роҳе кушод, кихуд мегӯяд: «Дар китоби ҳозир (девони шоир) асаҳҳи нусхаи матн қарор гирифта, аз нусхабадалҳои ғалат ва мукаррар дурӣҷустаам ва аз худ ҳеҷ калимае ва ё ҳарфе ҷуз се маврид, ки дар тамоми нусха афтода буд, тасарруфе накардаам ва он ҳам бо ҳилолайн маълум аст» [23; 10]. Дар куллиёти шоир, ки аз ҷониби Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ нашр гардида буд, дар муқаддимаи он оид ба пайванди адабии Хоҷу бо Саъдӣ, Ҳофиз ва дигар шоирони гузаштаву ҳамзамонаш баҳсе оростааст, ки ин баҳс бисёр масъалаҳои марбут ба ҳаёт ва эҷодиёти шоирро равшан намудааст. Дар диссертатсия низ кори асосӣ аз куллиёти мазкур мавриди истифода қарор гирифтааст.

Муҳаммад Муин низ дар китоби «Нуктадони базлагӯ чун Ҳофизи ширинсухан» нисбат ба Хоҷу мегӯяд: «Дар ғазалсароӣ мутатаббеи сабки Саъдист ва бисёре аз ғазалиёти Шайхро тақлид кардааст ва услуби ӯ дар ғазал ба услуби Шайх наздик шудааст [67; 5].

Ризозода Шафақ низ Хоҷуро дар қасида, мадҳ ва ғазалсароӣ пайрав ва муқаллиди Саъдӣ медонад ва ин нуктаро таъкид намуда, мегӯяд: «Метавон гуфт тарзи ғазали Хоҷу аз ҷиҳати шабеҳ ба шева ба шеваи Саноӣ, Шайх Аттор ва Мавлавӣ ва аз ҷиҳати шабеҳ ба сабк ба сабки Ҳофиз аст» [23; 10].

Донишманди муосири эронӣ Забеҳуллоҳи Сафо низ осрои Хоҷуро мавриди омӯзиш қарор дода, мегӯяд: «Хоҷу дар ғазалҳои худ шеваи Саъдиро асос қарор дода ва он гоҳ онро ба афкори ирфонӣ даромехта ва равише эҷод кард, ки Ҳофиз онро дунбол намуда, комил сохтааст» [66, 250].

Дар соли 1360 аз ҷониби Фарзод Мураввиҷ ва Парвин Каёдии Баҳром мақолае таҳти унвони»Хоҷуи Кирмонӣ шоир ва достонсарои асри VIII» рӯи нашр омад [70]. Инчунин, соли 1379 дар конференсияи байналмилалӣ оид ба бузургдошти Хоҷуи Кирмонӣ бо вироиши Аҳмад Амири Хуросонӣ асаре таҳти унвони «Нахлбанди шуаро» ба нашр расид, ки оид ба шинохти Хоҷу маълумоти муфид дода шудааст [73].

Аз ҷониби донишмандони муосири эронӣ дар бораи Хоҷу мақолаҳои зиёде ба нашр расидааст. Аз ҷумла, соли 1386 ҳиҷрии шамсӣ аз ҷониби устодони Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад оид ба «Сомнома»-и Хоҷу таҳқиқоти илмӣ баррасӣ шуда, доир ба ҳаёти эҷодии шоир маълумоти мухтасар баён гардидааст [117].

Дар соли 1387 ҳиҷрии шамсӣ аз ҷониби доктор Маҳмуд Обидӣғазалиёти Хоҷу мавриди омӯзиш қарор дода шуда, мақолае таҳти унвони «Зарурати тасҳеҳи интиқодии ғазалҳои Хоҷуи Кирмонӣ» ба нашр расонидааст[123]. Нидо ибни Алӣ низ соли 1390 ҳиҷрии шамсӣ «Камолнома»-и шоирро мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф аз шоир ёд карда мегӯяд: «Хоҷу шоири маъруфи қарни ҳаштум, аз хоҷагони Кирмон аст ва тахаллуси ӯ «Хоҷу» низ аз ҳамин нисбат гирифта шудааст». Муаллиф илова бар ин қайд намудааст, ки «Ҳунармандии ӯ дар сурудани навъе аз ғазал аст, ки чашмандози густарда пеши рӯйи Ҳофиз кушодааст» [120; 12].

Нависанда Хоҷуро аз маъруфтарин пайравони Низомӣ дар маснависароӣ дониста, ӯро ба «пайрези ғазали қарни ҳаштум» ёд карда, ба ин ақида аст, ки

пас аз Низомӣ бисёре аз шоирон даст ба тақлиди осори ӯ задаанд, аммо Хоҷу баъд аз Хусрави Деҳлавӣ дувумин шоири номдори ин арса ба шумор рафта, аз шоирони «касир - уш - шеър» ба шумор меравад.

Тавфиқ Субҳонӣ дар бораи Хоҷу маълумоти мушаххас дода, ашъори ӯро ба қисматҳо ҷудо намуда, доир ба ҳар бахши он баҳс намудааст [157].

Дар ҳамин сол аз ҷониби Марзия Роғибиён ва Отифа Худоӣ оид ба баррасии қолаби мустазод диссертатсияи илмӣ навишта шуда, дар он тарҷумаи ҳоли шоир ва баъзе аз мустазоди ӯ маълумоти мухтасаре рӯйи кор омадаст [124; 77-104].

Тадқиқот ва пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки Хоҷу дар ғазалсароӣ ба ғазалиёти Шайх Саъдӣ, Саноӣ, Шайх Аттор ва Мавлавӣ пайравӣ намуда, эҷодиёташ то андозае ба сабки Саъдӣ наздик шудааст, ки метавон гуфт сабки ӯ дар бисёр мавридҳо аз гуфтори Саъдӣ ба вуҷуд омадааст. Гуфтан бамаврид аст, ки Ҳофизи Шерозӣ низ бисёре аз ғазалиёти худро дар натиҷаи санҷиши табъи дили худ дар чорчӯби ғазалиёти Хоҷу сурудааст.

Донишманди муосири Эрон Забеҳуллоҳи Сафо истеъдоди баланди ғазалсароии Хоҷуро эътироф намуда, навиштааст: «…Дар ғазал ва маснавӣ соҳиби дасте қавӣ буда ва хусусан дар овардани мазомини ирфонӣ дар ғазал чирадаст ва дар ин роҳ пешвои Ҳофиз аст ва Ҳофиз худ ба тақаддуми вай дар ин ҷониб ва пайравӣ аз сабки ӯ муътариф аст» [23; 14].

Мавсуф муътақид бар он аст, кибо як ҳунармандии хос истифода бурдани мазмунҳои ирфонӣ, талмеҳоти динӣ, ҷирмҳои осмонӣ ва имову ишораҳои ошиқона Хоҷу дар байни шоирон ҳамчун устоди ғазалиёти латифу ботаровват эътироф шудааст [23; 15].

Соли 1390 ҳиҷрии шамсӣ Шерзод Тоифӣ ва Лайло Камолхонӣ панҷоҳғазали Хоҷуро дар се сатҳ: забонӣ, адабӣ ва фикрӣ мавриди таҳлил ва баррасӣқарор додаанд, ки дар маҷаллаи илмиву пажӯҳишии фаслномаи тахассусии «Сабкшиносӣ» ба нашр расидааст. Роҷеъ ба ҳаёту эҷодиёт ва сабку услуби ғазали шоир низ маълумоти муфид дарҷ гардидааст, ки хонанда метавонад бо истифода аз он бо сабку шево ва маҳорати ғазалсароии Хоҷу

огаҳӣ пайдо кунад. Муаллифон шоирро чунин тавсиф намудаанд: «Ғазалҳои Саъдӣ камоли ғазалҳои ошиқона, ғазалҳои Мавлавӣ камоли ғазалҳои орифона аст. Ғазалҳои Ҳофиз низ талфиқе аз ин ду аст. Аммо бояд афзуд, ки Ҳофиз мубтакири ин тарҳ набудааст, балки шоири дигар чанде пештар аз ӯ ба ин муҳим даст ёзида ва ӯ касе ҷуз Хоҷуи Кирмонӣ набудааст» [126; 210].

Донишманди маъруфи Ҳинд Шиблии Нуъмонӣниз дар китоби Шеър - ул – Аҷам Хоҷуро мавриди ситоиш қарор дода, мақоми ӯро дар таърихи ғазалсароӣ ва таъсири ӯро бар Ҳофиз муайян намудааст [75; 233-237]. Аммо, андешаи вай оид ба Хоҷу танҳо ба масъалаи равшан намудани муносибати эҷодии Ҳофиз ва Хоҷу мебошад.

Дар соли 1395 аз ҷониби Нағма Ҳикмати Шиор оид ба масъалаи ишқ ва ирфон дар ғазалиёти Ҳофиз ва Хоҷуи Кирмонӣ таҳқиқот анҷом дода шудааст [118].Ризо Ҷалилӣ низ «Равзат-ул-анвор»-и Хоҷуи Кирмониро бо «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ мавриди баррасӣқарор додааст [132].Худи ҳамин сол аз ҷониби донишмандон Саидмаҷид Ҷаводи Зовия ва Аббос Моҳёр тамсилҳои «Гул ва Наврӯз»-и Хоҷуи Кирмониро мавриди омӯзиш ва таҳқиққарор дода шуд [131]. Инчунин, Ҳофиз Ҳотамӣ ва Заҳро Мираҳмадӣ оид баманзумаҳои базмии Хоҷуи Кирмонӣ корҳои пажӯҳишӣ анҷом дода шудааст [130].

Ба ҳамин тариқ, эҷодиёти ғанию рангини Хоҷуи Кирмонӣ ва шуҳрати сухангӯии ӯ дар кишварҳои Шарқу Ғарб ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ диққати аҳли илму адабро ба худ ҷалб намудааст.

Бо вуҷуди ин ҳама оид ба шинохти Хоҷуи Кирмонӣ то ҳол ба таври бояду шояд таҳқиқоте анҷом дода нашудааст. Ин буд, ки донишманди бузурги Эрон Саид Нафисӣ бо афсӯс менависад: «Шоири бузурги қарни ҳаштум бо он ҳама шуҳрате, ки аз панҷсад сол пеш то кунун ҳамвора дар Эрон ва мамолики порсизабон доштааст, дар ин вақт шӯрбахттар аз дигарон буда ва аз куллиёти ӯ ки шомили чанд китоб ва беш аз бисту ҳафт ҳазор шеър аст, танҳо китобе, ки ба табъ расида буд, маснавии «Ҳумою Ҳумоюн»-и ӯст» [72; 23].

Гарчанде доир ба рӯзгору осори Хоҷуи Кирмонӣ ва дар масъалаи таъсири Қуръону ҳадисҳои набавӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ асарҳои тадқиқотии судманде ба анҷом расидааст, аммо дар мавриди таъсирпазирии Хоҷуи Кирмонӣ аз ин ду сарчашмаи асосии маорифи исломӣ ба ҷуз аз ду мақола асари дигаре ба назар нарасид, ки яке аз онҳо Алӣ Марзбонрод мебошад, ки оид ба таъсири Қуръон ва аҳодиси набавӣ дар ғазалиёти Хоҷу баъзе аз абёти шоирро баррасӣ намудааст [112; 93]. Дигаре Муҳаммадризо Муваҳҳидӣ мебошад, ки ӯ низ ба таври мухтасар таъсирпазирии Хоҷуро аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ шарҳ додааст [115]. Яке аз муҳимтарин асарҳои тадқиқотӣ дар масъалаи таъсири Қуръон ва ҳадис бар шеъри форсӣ асарҳои Алиасғари Ҳалабӣ мебошад, ки дар он муаллиф аз Хоҷу байте иқтибос наовардааст [93 ва 94]. Дигаре Саййидмуҳаммади Ростгӯ мебошад, ки дар китоби худ «Таҷаллии Қуръон ва ҳадис дар шеъри форсӣ» танҳо аз Хоҷу 12 байт иқтибос овардааст [77; 23-28-30-31-79]. Бо вуҷуди ин, рӯзгору осори ин шоири ориф ба тавру бояду шояд омӯхта нашуда, ҳунари шоирӣ, ҷаҳони орифонаи вай ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ таъйин нагардидааст. Аз ҷумла, таъсири оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ, ки дар осори ин шоири ориф нақши бузург дорад, ба сифати мавзӯи ҷудогона мавриди таҳқиққарор нагирифтааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.**Моҳият ва мақсади омӯзишу пажӯҳиши моро масъалаҳои таъсири Қуръон, ҳадис ва талмеҳоти динӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ ва нишон додани мавқеи истифодаи оятҳои қуръонӣ, ҳадисҳои набавӣ ва талмеҳоти динӣ дар ғазалиёти шоир мебошад.

Ин нуктаро бояд хотирнишон кард, ки мақоми оят ва умуман таъсири мазмунҳои қуръонӣ на танҳо дар ашъори ирфонии Хоҷу, балки дар тамоми навъҳои шеърии Хоҷу ба назар мерасад, вале таъсири оятҳои қуръонӣдарғазалиёти шоир нақши боризтар доранд, ки шоир ба ин василаи андешаҳои ирфонияшро баён доштааст. Бо дарназардошти маводи таҳқиқҳадафи диссертатсия бо нишондодҳои зер ҳаллу фасл шудааст:

Барои ҳалли мавзӯи таҳқиқ масъалаҳои зер мавриди баррасӣқарор гирифтанд:

- таъйини нақши оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ ва омилу сабабҳои густариши онҳо;

- таҳқиқ ва таъйини нақши оятҳои қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ:

- баррасии мақоми таҳмидия дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ;

- баррасии талмеҳоти қуръонӣдар ғазалиёти шоир;

- баррасии корбурдикалимот ва таркиботи қуръонӣ дар ғазалиёти шоир;

- таъйини ҳунари шоир дар корбурди шахсиятҳои қуръонӣ;

- таҳқиқи таъсирпазирии Хоҷу аз ҳадисҳои набавӣ:

- таъйини ҳунари шоир дар истифода аз мазмуни ҳадисҳои набавӣ;

- таъйини ҳунари шоир дар иқтибос, ишора ва талмеҳ аз ҳадисҳои набавӣ;

- баррасии хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Хоҷу дар корбурди оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ;

- баррасии аҳаммияти эстетикӣ ва тарбиявии ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ.

**Метод ва методологияи таҳқиқот**. Ҳангоми ҳалли проблемаҳои фавқ аз усулу равишҳои таҳқиқи таърихӣ-қиёсӣ ба маводи адабӣ, истифодаи поэтикаи суннатӣ, меъёрҳои матншиносӣ, методи таҳлили системӣ ва равишҳои оморию татбиқӣ истифода карда, ҳамчунин, аз таҷрибаи донишмандони варзидаи Тоҷикистону Россия, Эрону Ҳинд ва кишварҳои Аврупо, чун К. Айнӣ, Алиасғари Ҳалабӣ, Забеҳуллоҳ Сафо, Е.Э. Бертелс, Ҳусайн Муҳйиддин Илоҳии Қумшаӣ, Саййид Қонеӣ,Саййидмуҳаммади Ростгӯ, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, А. Сатторзода, Алӣ ибни Султонмуҳаммад, А. Абдусатторов, Ш. Абдуллоев, Ш. Исрофилниё ва дигарон истифода намудаем.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот**. Сарчашмаҳои омӯзишу пажӯҳиши диссертатсияи мазкурро «Куллиёт»-и ашъри Хоҷуи Кирмонӣ бо иҳтимом ва тасҳеҳи Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ, Теҳрон соли 1391, «Девони комил»-и Хоҷуи Кирмонӣ бо кӯшиши Саъид Қонеъӣ, Теҳрон - 1374, «Қуръони карим» матни

тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Умаров М. Душанбе-2007, «Миркот-ул-мафотиҳ шарҳи мишкот-ул-масобиҳ»-и Алӣ ибни Султонмуҳаммади Қорӣ, Бейрут-1433/2012, 11 ҷилд, «Ҷомеъ-ус-саҳиҳ»-и арабӣ-форсии Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ маъруф ба «Саҳеҳи Бухорӣ», Теҳрон, 1391, 7 ҷилд, «Ҷомеъ-ус-саҳиҳ»-и арабӣ-форсии Абулҳусайн Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ ал-Қушайрӣ маъруф ба «Саҳеҳи Муслим», Теҳрон, 1393, 4 ҷилд, мебошад. Инчунин, вобаста ба талабот ва вазифаҳои таҳқиқ маводи адабӣ-бадеие, ки дар он тарафҳои гуногуни таъсири дини ислом ва Қуръону ҳадис ва образҳои он дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳанги адабии тоҷикон ба тасвир гирифта шудааст, низ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода шуд.

**Обекти таҳқиқот.** Маъхазҳои илмию адабии марбут ба рӯзгору осори Хоҷуи Кирмонӣ, девони шоир, Қуръону қитобҳои ҳадис, рисолаҳое, ки доир ба таъсири Қуръону ҳадис дар адаби форсии тоҷикӣ мебошад. Манбаъҳои дигари пажӯҳишро китобу маҷмӯаҳо ва маъхазҳои илмии марбут ба рӯзгору осори Хоҷуи Кирмонӣ, таҳлили ашъори шоирони ориф ва таъсири Қуръон ва ҳадис дар адаби форсии тоҷикӣ дар сори мавҷудаи адабиётшиносон ташкил медиҳанд. Инчунин, девонишоирони асрҳои X-XIV ба ҳайси обекти таҳқиқ истифода шудаанд.

**Предмети таҳқиқот.** Масъалаҳои таъсири оятҳои қуръонӣ, ҳадисҳои набавӣ, талмеҳот ва шахсиятҳои қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ мебошад.

**Навовариҳои диссертатсия.** Дар диссертатсия бори нахуст оид ба нақши оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ мавриди таҳқиққарор гирифта, проблемаи корбурди истилоҳоти қуръонӣ, баҳрабардорӣ аз мазмунҳои Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ, тарзу услуби баёни шоир дар ин масъала ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоир дар корбурди мазмунҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ муайян шудааст. Ҳунари шоир ва сабки сухани ӯ дар корбурди оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Дар баробари ин, дараҷаи истифодаи истилоҳоти

қуръонию ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти шоирва тафовутитарзи нигориши ӯ нисбат ба дигар шоирони форсии тоҷик мавриди таҳлил қарор дода шуд.

Хоҷу дар замоне умр ба сар бурд, ки забони арабӣ, Қуръону аҳкоми он, аҳодиси набавӣ дар тамоми ҷанбаҳои рӯзгори мусулмонон, аз он ҷумла, дар шеъру адаби онон низ таъсири беандоза дошт. Аз ин ру, таъсирпазирӣ ва иқтибос аз Қуръони карим ва ҳадисҳои набавӣдар ғазалиёти шоир бисёр дида мешавад. Аксари оят ва ҳадисҳое, ки Хоҷуи Кирмонӣ дар ғазалиёташ истифода намудааст, саршор аз маънавиёти ирфонӣ буда, шоир дар истифодаи онҳо лаёқат ва маҳорати худро хеле хуб нишон додааст.

Аз ин дидгоҳ бори аввал аст, таъсирпазирӣ аз оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ ва муайян намуданиҳунари ӯ дар истифода ва корбурди калимаву вожаҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣдар ин шакл ва қолаби комилу нав ба доираи таҳқиқкашида шудааст.

То таълифи ин диссертатсия дар Тоҷикистон аз ҷониби донишмандону муҳаққиқон роҷеъ ба таъсири Қуръон ва ҳадис дар ашъори шоирони классикӣ, аз ҷумла, шоирони ориф, мисли Саноӣ, Аттор, Мавлоно, Саъдӣ, Ҳофиз, Носири Хусрав ва дигарон корҳои илмивутаҳқиқотӣ анҷом дода шудааст. Аммо, оид таъсирпазирии Хоҷуи Кирмонӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ ягон кори илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом дода нашудааст. Аз ҷониби донишмандони эронӣ, аз ҷумла, С. Нафисӣ, П. Алавӣ, Б. Фурӯзонфар, М. Зарринкӯб, А. Ҳалабӣ ва дигарон оид ба таъсири Қуръон ва ҳадис дар ашъори шоирон асарҳои илмиву таҳқиқотӣ рӯйи кор омадааст, аммо доир ба таъсири Қуръон ва ҳадис дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣҳеҷ кори пажӯҳишӣ, ба истиснои баъзе мақолаҳо, ки зикр намудем, анҷом дода нашудааст.

Фарқи кори илмӣ-тадқиқотии мо аз дигарон дар он мебошад, ки онҳо ҳангоми таҳлили шеър бо ишора ба ин ё он оят иктифо кардаанд, аммо дар кори мо ба ҷуз ишора ба оят ё ҳадис боз сабаби нузули онро бо такя ба манбаъҳои муътабар ба таври мухтасар шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Илова бар ин бандеро роҷеъ ба тарзи ҳунари истифодаи Хоҷуи Кирмонӣ аз Қуръон ва ҳадис дар

муқоиса бо дигар шоирон ҷудо намудем, ки ин дар таҳқиқоти дигар муҳаққиқон ба чашм намерасад, ки аз ҷумлаи навгониҳои диссертатсия маҳсуб мешаванд.

**Арзиши назариявии таҳқиқот.** Натиҷаҳои тадқиқотро метавон дар навиштани таърихи адабиёти форсии тоҷик, китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, курсу семинарҳои ихтисос доир ба таъсири Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ ба адабиёт барои донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон истифода бурд. Ҳамчунин, дастовардҳои диссертатсияҳангоми омӯзиши таҳаввулу такомули ғазали форсии тоҷикӣ дар садаи XIV, таҳқиқи ашъори шоирони ҳамасри Хоҷу ва суханварони баъдӣ, ки сабки сухани ӯро истиқбол намудаанд ва бахусус, ҳини таҳқиқи таъсири Қуръону ҳадис ба адабиёт метавонад муфид бошад.

Диссертатсия барои равшанӣ андохтан ба пажӯҳиши масъалаҳои камтаҳқиқшудаи адабиётшиносии тоҷик, яънетаҳлили истифодаи оятҳои қуръонӣ, ҳадисҳои набавӣ ва мазмуну ишораҳои онҳо, образ ва талмеҳоти динӣ дар муайян намудани шахсият, ҳунари шоирӣ, тарзи корбурд ва таъсири онҳо дар мисоли ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ мусоидат хоҳад кард. Дар диссертатсия иқтибос, ишора, вомгирӣ, образ, ибора, таркиб, маънӣ, мазмуни Қуръону ҳадис ва ҳунари волои Хоҷу дар истифодаи онҳо дар ғазал гурӯҳбандӣ шудаанд, киҳангоми таҳлили шеър, навиштани таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, доир ба таъсири Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ ба адабиёт аз маводи диссертатсия метавон истифода намуд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Маводи диссертатсия дар пажӯҳиши масъалаҳои адабиёти асри XIV, муайян намудани таъсири Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ ва дигар шоирони ҳамасри ӯ, таълифи корҳои курсӣ ва дипломӣ дар муассисаҳои олӣ ва дарки шеърҳои ирфонӣ метавонад хидмат кунад.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- таъсирпазирӣ аз Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар аз оғози адабиёти форсии тоҷикӣ, аз устод Рӯдакӣ оғоз шуда, дар асри XIV, дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ ба қуллаи камолоти худ расидааст;

- Хоҷуи Кирмонӣ аз зумраи бузургтарин шоирони ғазалсарои адабиёти форсии тоҷик мебошад, ки дар ашъори худ аз Қуръон ва ҳадис ба роҳҳоигуногун, мисли иқтибос, ишора, талмеҳ ва ғайра истифода намудааст;
- Хоҷу бо унсу муҳаббати зиёде, ки ба Қуръон ва маорифи динӣ доштааст, бо ҳунармандӣ аз оятҳо ва ҳадисҳо дар шеъри худ ба таври васеъ истифода намудааст;
- ғазалиёти Хоҷу бештар ирфонӣ буда, сарчашмаи асосии онҳо оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ мебошанд, яъне, шоир барои баёни ақидаи ирфонии худ аз Қуръону суннат далел меоварад;
- таҳмидияҳои Хоҷу, ки аз Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ сарчашма мегиранд, аз ҷумлаи беҳтарин таҳмидиядар адабиёти форсии тоҷикиянд;
- пайванд ва сарукори Хоҷу бо Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ пайванди жарф ва сарукори шигарф аст;
- Хоҷу на танҳо азбардорандаи Қуръону суннат, балки қуръонпажӯҳу ҳадисшинос ҳам ҳаст;
- Қуръону ҳадис на танҳо ба муҳтаво, балки ба созмони дохилӣ ва сохтори ғазали Хоҷу низ таъсир расонидааст;
- муҳимтарин санъате, ки Хоҷу ҳангоми таъсирпазирӣ аз Қуръону ҳадис ба кор бурдааст, санъати иҳом аст ва иҳомсозӣ аз мушаххасоти сабки

**Апробатсияи диссертатсия.**Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ ба нашр расидаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар феҳристи маҷаллаҳои шомилбудаи ВАК-и Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд, ифода ёфтааст. Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедари назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (аз 28.12.2019, суратҷаласаи №5) ва дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (аз 01.09.2020, суратҷаласаи №30) муҳокима ва барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб (8 зербоб), хулосаву китобнома иборат буда, ҳаҷми умумии кор 187 саҳифаи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ I. ТАЪСИРПАЗИРИИ ХОҶУ АЗ ОЯТҲОИ ҚУРЪОНӢ

## 1.1. КОРБУРДИ НИКОТИ ҚУРЪОНӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ҲОҶУИ КИРМОНӢ

Яке аз сармояҳои ҷовидона ва ифтихорбарангези мо, тоҷикон ин эҷодиёти шоирону суханварон, навиштаҳои дабирон ва нависандагон, афкори сӯфиёну орифон ва андешаҳои ҳакимону файласуфон ва суханварон мебошад, ки саршор аз ояҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавист.

Таъсирпазирии шоирони тоҷику форс аз Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ аз асри нуҳум шурӯъ мешавад, зеро фарҳанги исломӣ, ки саршор аз Қуръону ҳадис аст, саросари сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросонро фаро гирифта, дар рӯҳу ҷони мардуми ин минтақа реша давонида буд. Шоирон ва нависандагон маънии дилнишину таъсирбахши Қуръон ва ҳадисро дар оинаи каломи хаёлангезу ҳунармандонаи хеш ба ташнагони Қуръон ва ҳадис тақдим мекарданд

Бино ба таҳқиқоти донишмандон, таҷаллии Қуръон ва ҳадис дар сурудаҳои суханварони форсизабон дар асри сеюми ҳиҷрӣ чандон густарда набуд, «зеро ки шеъри порсӣ давраи кӯдакӣ ва навҷавонии худро мегузаронид ва низ мазмуну мояи он бештар дар меҳвари мадҳу ситоиш мечархид. Аммо бо гузашти айём шоирони порсигӯ шеъри худро дар хидмати дин, панду ахлоқ ва тасаввуф қарор доданд» [40; 121].

Чун сухан дар бораи Қуръону ҳадис меравад, матлаберо қайд намудан зарур, ки аз замони нузули Қуръон ва зуҳури дини ислом дар сарзамини Эрону Хуросон ва Мовароуннаҳр дусад сол гузашта, бештари мардуми Осиёи Ғарбиву Марказӣ ва шимоли Африқо то Андалус ба дини ислом гаравиданд. Донишмандон ва суханваронашон забони арабиро дар сатҳи баланд медонистанд. Бештари шоирони ин аср бо забони арабӣ шеър меофариданд вакасе монеъи эҷоди онҳо намешуд. Аксари донишмандони забон ва адаби араб мардуми форснажод буда, осори худро ба ин забон эҷод мекарданд. Бино бар шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ, нахустин таълифгари дастурҳои грамматикаи араб Сибвайҳ аст, ки ӯ эронитабор буда, соли 756 дар Истахри Эрон ба дунё

омадааст. Ҳамчунин, дар аҳди Тоҳириёну Саффориён шеъри арабӣ нуфузи зиёд дошт. Дар сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, ки аҳди халифа Маъмун ва Ҳорунаррашидро «асри заррин» меномиданд, зеро дар ин аср тамоми китобҳои илмӣ аз забонҳои юнонӣ, ҳиндӣ ва форсӣ ба забони арабӣ тарҷума шудаанд ва аксари тарҷумонҳо мардуми эронитабор буданд. Мегӯянд, ки халифа Маъмун ба вазни китоб ба муаллифон зари холис музд медод.

Аз сӯи дигар, хондани Қуръон ва ҳифзу омӯхтани илмҳои марбут ба он аз илмҳои асосӣ ба шумор рафта, дар мадрасаҳо омӯзонида мешуд. Ибораҳои он бар забони гӯяндагон ва тамоми нависандагон ҷорӣ буда, дар ҳар коре аз дин, шаръ, луғат ва иншо гирифта, то таҳзиби ахлоқу тадбири манзил ва сиёсату тадбири мамлакат роиҷ буд. Хатибон ва нависандагон услуби онро дар хитобаҳо ва навиштаҳои худ иқтибос мекарданд ва дар таълифоти худ аз оятҳои он мадад меҷустанд ва одобу таълими он дар ахлоқ ва атвори эшон ҳувайдо буд. Бино бар ин, ҳар як шоиру нависанда аввал Қуръону ҳадисро хуб ҳифз мекард, баъдан ба дигар илмҳо рӯ меовард. Ба таври мисол устод Рӯдакӣ дар абёти зер аз мазмуни оятҳои қуръонӣ истифода намудааст, ки далели ин гуфтаҳост:

Нигорино, шунидастам, ки гоҳе меҳнату роҳат,
Се пироҳан салаб будаст Юсуфро ба умр андар.
Яке аз кайд шуд пурхун дувум шуд чок аз туҳмат.
Савум Яъқубро аз бӯ-ш равшан гашт чашми тар [93; 69].

Устод Рӯдакӣ дар ин байт бо истифода аз санъати талмеҳ аз мазмуни оятҳои Қуръон корбурд намудааст. Ин байт талмеҳ аз қиссаи Юсуфи паёмбар буда, устод Рӯдакӣ бо ҳунари суханпардозияш аз мазмуни оятҳои сураи «Юсуф» баҳра бурдааст. Масалан, пироҳани аввал иқтибос аз ояти 18-уми сураи мазкур аст, ки Худованд мефармояд: «*Ва ҷомаашро, ки ба хуни дурӯғин оғушта буд, оварданд,…*.», пироҳани дувум иқтибос аз ояти 27-ум аст: «*Ва агар ҷомааш аз пас даридааст, пас зан дурӯғ мегӯяд ва ӯ аз ростгӯён аст*» ва пироҳани охир, ки чашмони падари мушфиқаш, ки аз ҳаҷри ӯ нобино шуда буд, равшан кард, иқтибос аз мазмуни ояти 96-уми сураи мазкур мебошад, ки чунин

омадааст: «*Чун муждадиҳанда омад ва ҷома бар рӯйи ӯ андохт, бино гашт. Гуфт: «Оё ба шумо нагуфтам, ки он чи ман аз Худо медонам, шумо намедонед?»*. [158; 145-146].

Аз ин бар меояд, ки устод РӯдакӣҚуръонро на танҳо ҳифз, балки дар сатҳи олӣ дониста, аз тамоми ҷанбаҳои он бохабар будааст.

Ё Хоҷа Ҳофиз мегӯяд:

Ишқат расад ба фарёд, ар худ ба сони Ҳофиз,

Қуръон зи бар бихонӣ дар чордаҳ ривоят [94; 19-27].

Мазмуни қуръонӣ дар зеҳни шоирон чунон ҷой гирифта буд, ки агар касе ҳарфе ё калимае аз Қуръон мегуфт, шунаванда ояти ба он марбут ва маънии онро дарк мекард. Дар таърих бисёр ҳодисҳое рӯй додааст, ки як калимаро ба шакли рамзӣ истифода мебурданд, ки мардуми авом маънии онро дарк накунад ҳам, барои аҳли илм ва ориф тамоми маъно ва мафҳумҳои он равшан буд.

Аз ин рӯ, агар дар байт ё мисраи шеърӣ мазмуни оят ё ҳадисе меомад, онҳо ба зудӣ метавонистанд, ки маънои онро пайдо намоянд. Аз намунаҳои ин матлаб, яке ин аст: Ҳикоят мекунанд, ки Султон Маҳмуди Ғазнавӣ барои халифаи Бағдод нома навишт ва аз ӯ хост, ки номи вайро дар хутба ёд кунанд ва исми ӯро дар сиккаҳо нақш намоянд. Халифа аз ин кор сар боз зад. Маҳмуд номаи дигаре ба ӯ фиристод ва ӯро таҳдид кард ва дар зимни он гуфт: «Агар хоҳам, санги Бағдодро ба пуштипилон ба Ғазна биёварам, метавонам». Халифа дар ҷавоби ӯ номаи сарбамуҳр фиристод. Чун онро боз кард, дар нома чизе надид ҷуз номи Худо ва пас аз он ҳарфи-ا(-алиф) ва дар васати онل(лом) ва дар охири онم(мим) ва саранҷом «Алҳамдулиллоҳ». Султон мутаҳаййир гашт ва аҳли маҷлис низ мутаҳаййир монданд. Қазоро Абӯбакри Қуҳистонӣ бар эшон ворид шуд, мавзӯъро ба ӯ гуфтанд.Ӯ низ дар ин бора фикр кард ва ногоҳ сарашро бардошта гуфт: Шарҳи онро ёфтам. Султон гуфт: Бигӯ ва ҳарчи хоҳӣ бихоҳ. Гуфт: Султон барои онҳо нома фиристода ва эшонро ба бурдани пилон

таҳдид кардааст. Ҳоло халифа ин номаро фиристода ва дар он ин «алиф», «лом» ва «мим» ишора аст ба қавли Худои таъоло, ки мегӯяд:

«الم تر کیف فعل ربُّک باصحاب الفیل....» *(Оё надидӣ, ки Парвардгорат ба асҳоби пил чӣ кор кард)* (сураи «Фил», ояти 1 то 5). Султонро аз ин сухан ларза ба андомафтод ва пушаймону нодим гашт ва пас аз он ҳамвора адаб нигоҳ медошт [94; 13].

Мисоли дигар: Овардаанд, ки халифаи аббосӣ Маъмун дар ҳаққи Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар ғазаб шуд ва бо аҳли дарбор дар бораи куштани ӯ машварат намуд. Иттифоқан дар байни онҳо касе аз дӯстони Абдуллоҳ ибни Тоҳир ҳузур дошт. Чун ин хабарро шунид, дар ҳол номае навишт ба Абдуллоҳ, ки матни он чунин буд: «Ё Мӯсо….». Абдуллоҳ номаро кушоду дар ҳайрат монд ва пас аз тааммул дарёфт, ки муроди дӯсташ ояти 20-и сураи «Қасас» аст, ки Худованд мефармояд: *«Эй Мӯсо, ин анҷуман ба ҳам раъй мезананд, то туро бикушанд* [40; 57].

Дигаре аз таъсири марбут ба Қуръон дар адабиёти форсии тоҷикӣ масъалаи ба Қуръон монанд кардан ва тақлид ба фасоҳату балоғати ин китоб буда, дар осори шоирон ва адибон аз давраҳои аввали густариши дини мубини ислом мушоҳида мешуд. Ҳама медонанд, ки бисёре аз абёту ибораҳои ин бузургонро «ишора», «талмеҳ», «иқтибос», «таҳлили оят», «қисса», «образҳои қуръонӣ» ва «тамсил»-ҳои гуногуни ин китоби мубин ва суханони Паёмбари ислом ташкил медиҳад ва ҳамаи ин бузургон дар иборатпардозӣ ва баёни он чизе, ки дар зеҳнашон буд, аз ин ду мабдаъ баҳравар шудаанд. Масалан, агар касе даъво кунад, ки ашъори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Саноӣ, Аттор, инчунин, садҳо тан аз шоирони дигарро бедонистани илмиҚуръони маҷид ва тафсири он ва ҳадисҳои набавӣ ба дурустӣ фаҳм ва дарк мекунад, сухани ӯқобили қабул нест. Аҷаб нест, ки ин бузургон худ иқрор кардаанд, ки: «Ҳарчӣ доранд,ҳама аз давлати Қуръон аст» [93; 4].

Масалан, шоир ва донандаи бузурги фарҳанги исломӣ ва улуми қуръонӣ Абӯҳанифаи Аскафӣ ба шеъри худ чунин баҳо дода мегӯяд:

Ба сони Фурқон омад қасидаам, бингар,

Ки қадрдон-ш кунад дар дилу ба дида нигор [40; 58].

Ҷои шаку тардид нест, ки Қуръон, пеш аз ҳама, нозилшуда аз назди Раббулоламин ва китоби муқаддаси мусалмонон буда, дар баробари ин муъҷизаи адабӣ ва намунаи олии осори бадеист, ки барои башар ирсол шудааст. Ин муъҷизаи адабӣ каломи Илоҳӣ буда, берун аз қудрати ақл ва тавоноии банӣ Одам аст.

Ин буд, ки суханварон ва нобиғаҳои Арабу Аҷам дар назди фасоҳату балоғати Қуръон сари таъзим фуруд овардаанд. Адибону шоирон тақлид ба мазмун ва ояҳои Қуръону ҳадисҳои набавӣ намуда, дар пояи он эҷодиёти худро боло мебурданд. Яке аз ин гуна шоирони баландпояи адабиёти форсии тоҷикӣКамолиддин Абулато Маҳмуд ибни Алӣ ибни Муҳаммади Кирмонӣ, машҳур ба Хоҷуи Кирмонӣ мебошад. Ӯ соли 689 ҳиҷрӣқамарӣ мутобиқ ба соли 1281 милодӣ дар шаҳри Кирмони Эрон ба дунё омадааст. Айёми тифлӣ ва наврасии худро дар Кирмон гузаронида, сипас ба Шероз, Исфаҳон, Ҳиҷоз, Табрез, Хуросон, Бағдод, Миср ва Шом сафар карда, даҳ соли охири ҳаёташро дар Кирмон ва Шероз гузаронидааст. Хоҷу дар замоне умр ба сар бурд, ки забони арабӣ, Қуръону аҳкоми он, аҳодиси набавӣ дар тамоми ҷанбаҳои рӯзгори мусулмонон, аз он ҷумла, дар шеъру адаби онон низ таъсири беандоза дошт.

Хоҷу хеле зуд ба шеъргӯйӣ пардохта, аз худ девони комиле иборат аз қасидаву ғазал, қитъаву рубоӣ, таркиббанду мустазод ва шаш маснавӣ боқӣ гузоштааст. Ашъори вай ҳатто дар замони зиндагиаш машҳур буд. Хоҷу соли 1352 дар Шероз аз олам чашм пӯшида, дар ҳамон ҷо мадфун шудааст.

Дар осори Хоҷу таъсирпазирӣ ва иқтибос аз Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ бисёр дида мешавад. Талмеҳ ва ишораҳо ба қиссаҳои қуръонӣ ва ҳадису муъҷизаҳои машҳури Паёмбари акрам (с) ва дигар бузургони дин низ хеле зиёд ба назар мерасанд. Аксари оёт ва аҳодисе, ки Хоҷуи Кирмонӣ дар девони ашъораш овардааст, саршор аз маънавиёти ирфонӣ буда, шоир дар истифодаи онҳо лаёқат ва маҳорати худро хеле хуб нишон додааст.

Хоҷу аз таркибҳои қуръонӣ ба мисли: «равзаи хулд», «равзаи Ризвон», «гулзори Ризвон», инчунин, таркибҳои тақрирӣ, мисли «аласту бираббикум», «ҷоми аласт», «шароби аласт», «базмгоҳи аласт», «яди байзо», «унзур илайк», «нун ва-л-қалам» «дор-ус-салом», «шиҳоби соқиб», «шақ-ул-қамар» ва монанди онҳо хеле моҳиронаву устодона истифода бурдааст. Сухансарои кирмонӣ дар қасида ва сурудаҳои ситоишии худ аз оят ва ҳадисҳо суд ҷуста, дар ғазалиёташ низ аз ин ду чашмаи адаби исломӣ бебаҳра намондааст.

Хоҷу оят ва аҳодисро дар шеъри худ бо шеваҳои гуногун истифода намудааст. Гоҳе шоир ба баёни бахше аз оят ё ҳадис пардохтааст ва гоҳе ба овардани мафҳуми оят ё ҳадис дар зимни байт ишора кардааст ва гоҳе сухани ӯ танҳо ба оят ё қиссаи қуръонӣ талмеҳ дорад.

Масалан, дар байти зер:

Баски сармастони роҳаш наъраи «унзур илайк»

Ҳамчу Мӯсо бар фарози Тури Сино мезананд [23; 508].

Дар байти мазкур ба ҷуз аз таркиби «унзур илайк» шоир боз калимаҳои «Мӯсо» ва «Тури Сино» истифода шудаанд, ки иқтибос аз ояти 143-и сураи «Аъроф» мебошанд.

Ё дар байти зер бо овардани таркиби «Рӯҳи Масеҳо» мегӯяд:

То аз дами ҷонпарвари ӯ зинда шавад хок,

Дар колбади бод дамӣ рӯҳи Масеҳо [23;2].

Мисраи авали байти мазкур ишора ба мазмуни ояти 17-уми сураи «Ҳадид» аст, ки Офаридгор мефармояд: *«Бидонед, ки Худо заминро пас аз мурданаш зинда мекунад. Мо оётро бароятон ба равшанӣ баён кардем,бошад, ки оқилона дарёбед!»*[158; 143].

Хулас, нуктаи дигареро дар ин маврид бояд хотирнишон кард, ки мақоми оят ва умуман таъсири мазмунҳои қуръонӣ на танҳо дар ашъори ирфонии Хоҷу, балки дар тамоми анвои шеъри ӯ мақоми назаррасе доштааст. Хоҷу ҳамчун як нафар шоири орифи замони хеш барои ин ки дар шеъри худ аз мазмунҳои қуръонӣ ва оятҳои Илоҳӣ истифода кунад, мебоист, пеш аз ҳама, аз Қуръон хеле хуб бархӯрдор мебуд ва ашъори ӯ гувоҳ аст, ки ҳамин тавр ҳам

будааст. Таъсири оятҳои қуръонӣ асосан дар он ғазалиёти Хоҷу ба назар мерасад, ки хусусияти ирфонӣ ва тасвири ишқи ҳақиқиро дорад.

## 1.2. ТАЛМЕҲОТИ ҚУРЪОНӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ХОҶУИ КИРМОНӢ

Пӯшида нест, ки бештари ҷозибаҳои забон ва адаби форсӣ-тоҷикӣ аз ҷиҳатҳои корбарии достонҳои анбиёст, ки ҳам аз назари эътиқодӣ мавриди таваҷҷуҳ аст ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ, мавзӯӣ, лафзӣ ва маънавӣ аҳаммият дорад. Ногуфта намонад, ки пеш аз зуҳури дини мубини ислом дар сарзамини Форс, яъне Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр пайравони аҳли китоб, яъне, яҳуд ва насоро зиндагӣ ба сар мебурданд ва онҳо аз қиссаҳои китобҳои осмонӣ ва паёмбароне, ки дар ин китобҳо зикр шудаанд, ривоят мекарданд. Баъди зуҳури ислом ва густариши забон ва шеъри форсӣ барои шоирон заминаҳое фароҳам шуд, ки дар шеъри худ аз достонҳои паёмбарон баҳрабардорӣ кунанд.

Тамоми шоирони классики мо аз талмеҳоти образҳои Қуръони маҷид суд ҷуста, дар сурудаҳои хеш аз образҳои ин китоби осмонӣ ба таври васеъ истифода намудаанд, ки гоҳе ин образҳоро ба чанд маънӣ ба кор бурдаанд. Аз ҷумла:

- қавми Нӯҳ ва фарзандаш – саркашӣ ва нофармонӣ;
- қавмҳои Лут, Од, Самуд – намунаҳои гумгаштагӣ ва бадсаранҷомӣ;
- Луқмон – намунаи ҳикмат ва хештандорӣ;
- Фиръавн – қудрат, ғурур, худхоҳӣ, ҷоҳу ҷалол;
- Қорун – намунаи сарват ва ғурур;
- Ҳорут ва Морут – намунаи сеҳру ҷодугарӣ;
- Юсуф – намунаи зебоӣ, парҳез ва садоқат;
- Марям – намунаи покӣ ва меҳрубонӣ.

Номҳои дигаре, ки илова ба афроди муайян ҷанбаҳои тамсилӣ низ доранд, мисол:

Абӯлаҳаб – дар ситезагарӣ, нифоқ ва куфр.

Абӯҷаҳл – дар ситезагарӣ, лаҷоҷ ва куфр.

Асҳоби каҳф – дар порсоӣ, ворастагӣ ва хушсаранҷомӣ. [69; 244].

Увайси Қаранӣ – дармуҳаббат ва садоқат.

Ҳотами Тойӣ – дар саховат ва ҷавонмардӣ.

Хоҷуи Кирмонӣ низ аз зумраи он шоироне мебошад, ки дар ашъори худ аз ин ду сарчашма – Қуръон ва ҳадисҳои Паёмбар (с) истифода намудааст. Дар ғазалиёти ӯ зикри номҳои Одам, Нӯҳ, Лут, Иброҳим, Довуд, Зулқарнайн, Луқмон, Мӯсо, Хизр, Идрис, Яъқуб, Юсуф, Марям, Исо, Муҳаммад, Аҳмад ва ғайра, ки қобили таваҷҷуҳ аст, хеле зиёд истифода шудааст.

Дар байни ғазалиёти ӯ номи шахсиятҳои қуръонӣ, ки айнан дар шеър ба кор бурда бошад, зиёд ба назар мерасад.

Масалан, нахустпадари башар – Одам, ки номи ӯ дар Қуръон 25 бор зикр шудааст, Хоҷу дар ашъори худ аз вайба таври васеъ чун талмеҳу истиора истифода намудааст. Шоир огоҳии худро дар бораи саргузашти Одам ва Ҳавво, иқоматашон дар биҳишт, ба сабаби васвасаи шайтон аз ҷаннат хориҷ шудани онҳо ва омурзишхоҳии онҳо аз Парвардгор ба гунаҳои мухталиф ба риштаи назм кашидааст. Масалан, дар байти зер:

Агар сад равза бар Одам кунӣ арз,

Бурун аз равзаи Ризвон нахоҳад [112; 89].

Ва дар байти зер:

Одам, ки оби Кавсараш аз дида рафта буд,

Чун гул ба саҳни гулшани Ризвон расида боз [112; 89].

Кавсар-оби ширин ва арзишманд, киноя аз ашки чашм буда, мурод аз саҳни гулшани Ризвон –биҳишт мебошад. Яъне, Одам ба сабаби ронда шуданаш аз ҷаннат аз гиряву зорӣ ва тавба ашк дар чашмонаш намонд ва чун дубора ба гулзори ҷаннат омад, яъне, баъди марг, чун гул шукуфон гашт.

Хоҷу бо донишу ҳунармандӣ дар ин байтҳо ба оятҳои 35,36 ва 37-и сураи «Бақара». ишора дорад, ки Офаридгор мефармояд: *«Эй Одам, худ ва ҳамсарат дар биҳишт ҷой гиред. Ва ҳар чӣ хоҳед ва ҳар ҷо, ки хоҳед, аз самароти он ба хушӣ бихӯред. Ва ба ин дарахт наздик машавед, ки ба зумраи ситамкорон дароед». Пас шайтон он дуро ба хато водошт ва аз биҳиште, ки дар он буданд, берун ронд. Гуфтем: «Поин равед, баъзе душмани баъзеи дигар ва қароргоҳу ҷои бархӯрдории шумо то рӯзи қиёмат дар замин бошад. Одам аз*

*Парвардгораш калимае чанд фаро гирифт. Пас Худо тавбаи ӯро пазируфт, зеро ӯ тавбапазир ва меҳрубон аст!»*[158; 10].

Ё дар байти зер аз қиссаи Одам (а) талмеҳ оварда, аз раҳмату мағфирати Офаридгор ва қабули узри гуноҳи бандагонашро ситуда, мегӯяд:

Ҳар синон, к-он аз асо Одам задӣ бар Булбашар,

Додай аз марҳами «сумма иҷтибо»-яш илтиём [23; 496].

Ин байт киноя аз лутфу марҳамат буда, талмеҳ аз қиссаи Одам (а) мебошад, Хоҷу дар ин байт мегӯяд: Ҳар найз ва мурод аз он подоше, ки бар ивази нофармонии Одам (а) бар ӯ зад, ва бо лутфу марҳамати хеш тавбаашро бипазируфт. Ибораи «сумма иҷтибо» тазмини қуръонӣ мебошад.

Хоҷу дар ин байт аз қиссаи Одам (а) талмеҳ овардааст, ки чун Офаридгор Одам ва Ҳавворо дар биҳишт халқ кард, аз тамоми неъматҳо истифода карданро барояшон иҷозат дод, танҳо истифодаи дарахти гандумро ба эшон манъ намуд. Аммо, Одам (а) ба васвасаи Шайтон нофармонии амри Худованди хеш карда, аз ин дарахт истифода кард ва бо ҷурми ин нофармонияш Худованд ӯ ва ҳамсарашро аз ҷаннат берун намуд. Ин ривоят аз қиссаҳои қуръонӣ буда, шоир баҳри зинати гуфтор ва таъсирбахш шудани он аз таркиби ояти қуръонӣ истифода бурдааст, ки Офаридгор қиссаи Одам (а)-ро дар оятҳои 121 ва 122-юми сураи «Тоҳо» зикр кардааст: «*Одам ба Парвардгори хеш осӣ шуд ва роҳ гум кард. Сипас, Парвардгораш ӯро баргузид ва тавбаашро бипазируфт ва ҳидояташ кард*»[158; 138].

Дигар аз образҳои қуръонӣ ва қиссаи ибратомӯз қиссаи Нӯҳи паёмбар буда, сураи 71-уми Қуръон ба номи ӯ мебошад. Пойдорӣ ва хайрхоҳии ӯ нисбат ба қавми хеш, саркашӣ, сарсахтӣ ва ҷаҳолати қавмаш, нофармонӣ, каҷандешӣ ва каҷрафтории фарзандаш, нафрини Нӯҳ бар қавми худ ва дуоиӯ дар ҳаққи фарзанд ва боридани борону ба вуҷуд омадани тӯфон, завқи Хоҷуро барангехта, водор ба сурудани ашъори ибратангез намудааст, аз ҷумла:

Дар чунон вақт, ки тӯфони бало бархезад,

Иззати Нӯҳ ба хории писар кам нашавад [112; 90].

Хоҷу дар ин байт ишора бар он дорад, саркашӣ ва исёни фарзанди Нӯҳи набӣ, ки аз амри Худо саркашӣ намуда, ҳалок шуд, иззати Нӯҳро дар назди Парвардгораш кам накард. Шоир дар ин байт аз ояти 45-уми сураи «Ҳуд» илҳом гирифтааст, ки Худованд аз Нӯҳ ёд кардааст:*»Нӯҳ Парвардгорашро нидо дод: «Эй Парвардгори ман, писарам аз хонадони ман буд ва ваъдаи ту ҳақ аст ва нерумандтарини ҳукмкунандагон ту ҳастӣ!»* [164; 295].

Ё дар байти дигар:

Дарёкашони ғамро аз мавҷи хун матарсон,

Бо аҳли Нӯҳи мурсал тӯфон чӣ кор дорад [112; 90]?!

Мисраи дувуми ин байт баргирифта шудааст аз мазмуни оятҳои 14 ва 15-уми сураи «Анкабут», ки Худофанд мефармояд: *«Ва ба дурустӣ, ки Нӯҳро ба сӯи қавми ӯ фиристодем; пас, ӯ дар миёни онҳо панҷоҳ сол кам ҳазор сол таваққуф кард. Пас, онҳоро тӯфон даргирифт ва онҳо ситамгар буданд. Пас, Нӯҳ ва аҳли киштиро наҷот додем ва онро (тӯфонро) барои оламиён нишонае сохтем»* [25; 397].

Номи Иброҳим (а) дар Қуръон 65 бор зикр шуда, сураи 14-уми Қуръон бо номи ӯ мебошад. Иброҳим низ яке аз шахсиятҳои қуръонӣ буда, муборизаҳои пайгиру беамони ӯ бо бутпарастон, безорӣ аз амак (ё падар)-и худ-Озари буттарош, афкандани намрудиён Иброҳимро дар оташ ва бо амри Худованд сард шудани оташ илҳомбахши шоирони классикии мо гардиданд. Хоҷуи Кирмонӣ низ аз зумраи он шоироне мебошад, ки аз қиссаи Иброҳими паёмбар дар сурудани ғазал ба таври васеъ истифода намудааст. Аз ҷумла:

Дилам ба буткада мерафт пеш аз ин, лекин

Халили мо ҳама бутҳои Озарӣ бишкаст [112;531].

Хоҷу дар мисраи дувуми ин байт аз қиссаи бутҳои намрудиёнро шикастани Иброҳим талмеҳ овардааст, ки он ишора ба оятҳои 57 ва 58-уми сураи «Анбиё» мебошад, ки Худованд аз Иброҳим паёмбар ёд намуда, фармудааст: *«Ва ба Худо савганд, ки чун шумо биравед, чораи ин бутонатонро хоҳам кард». Онҳоро пора-пора кард. Лекин бузургтаринашонро пора накард, шояд бар он рӯй оранд»*[158; 429].

Қиссаи Иброҳими паёмбар ва афкандани намрудиён ӯро бар оташ аз ояти 51 то 71-уми сураи мазкур ба тафсил баён гардидааст.

Ё дар байти зер аз қиссаи оташи Намруд ва андохтани Иброҳим ба он талмеҳ оварда, мегӯяд:

Хилъати хуллат каромат карда Иброҳимро

В-оташи Намрудро бар вай гулистон сохта [23; 531].

Шоир дар ин байт аз сард ва ба гулзор табдил ёфтани оташи намрудиён, ки Иброҳимро мехостанд дар он сӯзонанд, талмеҳ овардааст. Ин бахшиши Офаридгор нисбат ба халилаш дар он буд, ки халили Худо – Иброҳим, ки бо сабри ҷамил фарзанди танҳои хешро дар роҳи ишққурбонӣ кард ва бо бандагии холисона дохили оташи Намруд шуд, зеро медонист, ки оташ офаридаи Худо буда, бе амри ӯ касро нахоҳад сӯхт. Дар ҳама озмунҳои Парвардгор худро ба ӯ таслим намуда, оқибат пирӯз шуд. Қиссаи Иброҳимро ба оташ андохтани намрудиён дар тафсири Табарӣ чунин омадааст: *«Пас, он гоҳ бифармуд то яке деворбасте карданд ба миқдори дивист араш. Ва бифармуд, то сутурон ҳама биёваранд ва ҳар чӣ ва аз ҳар ҷой ҳезум кашиданд. Ва бифармуд оташ бар ӯ заданд, то оташ фурӯғ гирифт. Аммо натавонистанд Иброҳимро дар оташ андозанд, то Шайтон онҳоро ба манҷаниқ кардан биёмӯхт ва Иброҳим (а)-ро ба он биншонданд ва дар оташ бияндохтанд»* [43, 34]. Худованд баҳри санҷиши ӯҶабраилро гуфт: *«Бирав ва гар он бандаи ман аз ту фарёд хоҳад, вайро фарёд рас»*. Ҷабраил ӯро дар ҳаво ёфт ва гуфт: *«Манам Ҷабраил, ҳеҷҳоҷате ҳаст туро ба ман?»*. Иброҳим чунин посух дод: *«Ба ту на ва ҳоҷати ман ба Худованди ман аст, ки ману ин оташ ҳар ду худороем».Ва чунин гӯянд, ки ба он соат, ки Иброҳим ин сухан бигуфт, Худой вайро ба дӯстӣ гирифт ва вайро Халили хеш хонд. Ва фармон дод мар оташро, ки гулзор шав, то Иброҳим сард гашт бо саломат»* [43; 34].

Хоҷу дар ин байт бо тарҷума аз оятҳои қуръонӣ баҳра ҷуста, мазмуни ояти 69-уми сураи «Анбиё»-ро бо забони форсӣ дар ду байт шарҳ додааст, ки Худои таъоло аз қиссаи халили худ ёд карда мефармояд: *«Эй оташ, бар Иброҳим сард ва саломат бош!»*[158; 141].

Дар қиссаҳои исломӣ сифати меҳмоннавозии Иброҳим паёмбар зикр шудааст, ки ӯ асло бидуни меҳмон ғизо нахӯрдааст ва муъҷизаи дигари Мӯсои паёмбар равшании дасташ буд, ки Хоҷу дар ситоиши Муҳаммади паёмбар (с) аз ин ду иқтибос оварда, мегӯяд:

Зи нури муъҷизи ӯ иқтибос карда Калим,

Зи хони даъвати ӯ чошт хӯрда Иброҳим [23; 538].

Яъне, ҳазрати Мӯсо он ҳама муъҷизаи худро аз нури муъҷизаи охирон паёмбар Муҳаммади Мустафо баргирифтааст. Дар мисраи дувум аз саховатмандию меҳмоннавозии ҳазрати Иброҳим ёд кардааст. Доир ба меҳмоннавозии ҳазрати Иброҳим нақлу ривоятҳо зиёд аст, ки он Ҳазрат ҳеч гоҳ бидуни меҳмон ғизо нахӯрдааст. Шоир дар ин мисраъ мегӯяд, ки ҳатто Иброҳим меҳмоннавозиро аз Муҳаммад (с) омӯхтааст.

Яъқуб (а) низ яке аз шахсиятҳои қуръонӣ буда, номи ӯ дар ин китоби муқаддас 27 бор зикр шудааст. Образи Яъқуб дар адабиёти форсии тоҷикӣ киноя аз ранҷу фироқ ва сабру бурдборӣ буда, корбурди ӯ зиёде ба чашм мерасад, мисли сабри Яъқуб, ҳаҷри Яъқуб, байти аҳзони Яъқуб ва ғайра. Хоҷу низ аз номи Яъқуб бо маъниҳои гуногун истифода намудааст.

Дигаре аз шахсиятҳои қуръонӣ Юсуфи паёмбар буда, дар адабиёти форсии тоҷикӣ бо Яъқуб якҷо зикр гардидааст. Сураи 12-уми Қуръон ба номи Юсуф буда, илова бар ин дар ояти 84-уми сураи «Анъом» ва ояти 36-уми сураи «Ғофир» зикр шудааст.

Ҳакими суханофарин саргузашти Юсуф ва ранҷу азоби Яъқуб дар ҳиҷри Юсуф, ки дар Қуръон ба номи «Беҳтарин қисса» зикр шудааст, дар сурудаҳои хеш ба навъҳои гуногун истифода намудааст. Аз ҷумла, шикебоии Яъқуб дар фироқи фарзанд дарси сахт омӯзанда барои оламиён буда, шоистаи таҳсин мебошад, ки Хоҷу онро чунин баён намудааст:

Ғайратат Яъқуби меҳнатдидаро, ҷони азиз,

Дар фироқи моҳи Канъон байти аҳзон сохта. [23; 531].

Таркиби «моҳи Канъон» киноя аз ҳусну ҷамол ва зебоӣ буда, истиора аз он ҳазрати Юсуф аст ва таркиби «байти аҳзон», хонаи ғам буда, киноя аз он

дарду ғаме, ки тани Яъқуби паёмбар чил сол дар ҳасрати фарзандаш - Юсуф кашидааст, мебошад. Ин байт талмеҳ аз қиссаи Яъқуб аст, ки ӯ даъвои дӯстӣ ба Парвардгорро мекард ва чун дар дил меҳри Юсуфро парвард, Худованд Юсуфро аз ӯ дур сохта, ҷисми Яъқубро ба хонаи ғам мубаддал гардонид.

Ибораи «байт-ул-аҳзон» дар асл кулбаест, ки Яъқуб баъд аз ғайбати Юсуф берун аз Канъон ва дур аз аҳли худ бино карда буд.

Мисраи дувум аз ояти 56-уми сураи «Юсуф» аст, ки Худованд мефармояд: «*Ва, инчунин, Юсуфро дар он сарзамин (Миср) обрӯ додем. Ҳар ҷо, ки мехост, ҷой мегирифт. Раҳмати худро ба ҳар кас, ки бихоҳем, арзонӣ медорем ва подоши некукоронро бар бод намекунем»*[158; 101].

Сабаби сураи «Юсуф» дар Қуръонба «аҳсан-ул-қисас – беҳтарин қисса» ёд шуданаш дар он мебошад, ки сураи мазкур аз саргузашти бародарони Юсуф ва оқибати аъмоли эшон, ки қобили ибрат мебошад, ёд мекунад ва муҳаққиқон «аҳсан-ул-қисас – беҳтарин қисса» будани сураи мазкурро чунин шарҳ додаанд:

- «ҳасад мумкин аст соҳибашро ба пояи таназзул расонад, ки ба табоҳии бародари худ тан дар диҳад, чунон бародарони Юсуф;

- Худои меҳрубон бандагони дармондаро фарёдрас аст, чунон ки Юсуфро дар қаъри чоҳ фарёд расид;

- оташи ҳавои нафс сӯзандаи пардаи номус аст ва либоси тақво беҳтарин ҷавшан дар баробари маъсият;

- авлиёи Худо дар ҳар фурсате ба таблиғи дини Худо мепардохтаанд, чунон ки Юсуф ду ёри зиндониро пеш аз таъбири хоб ба яктопарастӣ хонд;

- масъулияти авлиёуллоҳ бо дигар мардум қобили муқоиса нест. Онҳо бояд доимо дар ҳузури Парвардгор бо ёду ибодат бошанд. Онҳоро насазад, ки лаҳзае ғафлат кунанд. Мебинем ҳоли Юсуфро чун ба яке аз ду ёри зиндонӣ тавассул ҷуст, чанд соли дигар дар зиндон боқӣ монд;

- шикебоии Яъқуб дар фироқи фарзанд дарсе сахт омӯзанда ва шоистаи таҳсин аст;

- афв дар камоли қудрат аз сифоти бандагони солиҳ аст, чунон ки Юсуф пас аз расидан ба иззат ва ҷоҳ аз хатои бародарон каримона чашм пӯшид;

- сиёнаи нафс аз гуноҳ дар ҷое, ки ҳама васоили ҳаззи нафс фароҳам омада бошад, аз уҳдаи ҳар кас сохта нест» [112; 96].Касе ки аз уҳдаи чунин озмоишҳо баромад, ҳамоно Юсуфи паёмбар буд, аз ин рӯ, Худовандқиссаи ӯро дар Қуръон «беҳтарин қисса» номидааст.

Дигаре аз образ ва талмеҳоти қуръонӣ достони Айюби паёмбар буда, дар сурудаҳои шоирони форсигӯ, бахусус, Хоҷу ба таври васеъ ва гунаҳои «сабри айюбӣ», «кирмон» ва ғайра истифода шудааст.

Аз ҷумла, дар байти зер аз «сабри Айюбӣ» истифода намудааст:

Сабри айюбӣ бибояд, то бибинад рӯзгор,

Ҳамчу доъӣ мадҳпардозе зи Кирмон омада [23; 528].

Ибораи «Сабри айюбӣ» тазмини қуръонӣ буда, аз ояти 41-уми сураи «Сод» баргирифта шудааст, ки Офаридгор аз сабри Айюби паёмбар ёд карда, мефармояд: «*Ӯро (Айюбро) бандае собир ёфтем. Ҳаройна, ӯ, ки ҳамвора рӯй ба даргоҳи мо дошт, чӣ неку бандае буд!».* Дар ояти 44-уми сураи мазкур омадааст: *«Ва аз бандаи мо, Айюб ёд кун, он гоҳ, ки Парвардгорашро нидо дод, ки ҳаройна, маро шайтон ба ранҷу азоб афкандааст».* Инчунин, дар ояти 163-юми сураи «Нисо» номи ӯ зикр шудааст[157; 628]. Инчунин, дар ояти 83-юми сураи «Анбиё» чунин баён шудааст: *«Айюбро ёд кун, он гоҳ, ки Парвардгорашро нидо дод: «Ба ман беморӣ ва ранҷ расидааст ва ту меҳрубонтарини меҳрубононӣ»* [157; 433].

Дар ин байт калимаи «Кирмон» таҷнис буда, ба ду маъно омадааст: якум кирмҳо, ки тани Айюбро мехӯрданд ва дувум номи шаҳри Кирмон. Ин байт талмеҳ аз қиссаи Айюби набист, ки Худованд ба ӯ дарде дод, ки оқибат тамоми андоми вай кирм кард ва ба ҷуз забону дилаш тамоми аъзои ӯро хӯрданд. Бо вуҷуди ин ҳама, доимо шукргузор буд ва чун кирмон ба дилаш расиданд, ба хавфи он ки чун қалбашро хӯранд, ёди Худо натавонад кард, пас ба Худо муноҷот кард, ки дар ояти фавқ баён намудем.

Дар байти зер низ аз қиссаи Айюби паямбар талмеҳ овардааст:

Он ҳама меҳнат, ки Айюби парешонҳол ёфт,

Бандаро азъофи он бингар, зи Кирмон ёфта [23; 530].

Дар ин байт низ Хоҷу ба ҷуз аз санъати талмеҳ бо ҳунари сухanпардозӣ санъати таҷнисро истифода намудааст. Яъне, он ҳама дарду азобе, ки Айюб аз кирмҳо расид, дучанди он ҳама ранҷу азоб ба ман дар шаҳри Кирмон расид.

Дигаре аз шахсиятҳои қуръонӣ Мӯсои паёмбар, пешвои қавми банӣ Исроил ва аз паёмбарони бузург буда, номи ӯ дар Қуръон 136 бор зикр шудааст. Образи Мӯсо ва муъҷизаҳои ӯ «асои Мӯсо», «Мӯсокаф», «яди байзо», «кӯҳи Тур» ва ғайра, ки дар адабиёти тоҷик мавқеи хосса пайдо намудааст.

Масалан, дар байти зер аз муъҷизаи Мӯсо ёд карда мегӯяд:

Тирашабро турра чун мӯи Сафуро тофта,

Рӯзро рух чун кафи Мӯсои Имрон сохта [23; 531].

Хоҷу дар мисраи якум бо ҳунари суханварӣ тартиби торикии шабро ба оростагии мӯйи Сафуро, ҳамсари ҳазрати Мӯсо ташбеҳ карда, мегӯяд: Бо лутфу раҳмати хеш баҳри оромидани махлуқотат шабро офаридӣ ва онро ба сони мӯйи Сафуро оростӣ. Ин киноя аз ботартиб ва низом, инчунин, торикии онро ба сиёҳии мӯй ташбеҳ намудааст. Дар мисраи дувум равшании рӯзро ба сафедии кафи дастони Мӯсои паёмбар ташбеҳ намуда, мегӯяд: Баҳри бандагонат рӯзро падид овардӣ ва ба он равшанӣ бахшидӣ, то ки барои худ ризқ пайдо кунанд.

Ин байт ишора ба оятҳои қуръонӣ буда, дар бораи офариниши шабу рӯз ва равшанию торикии онҳо Худованд дар ин китоби муқаддас баён намудааст. Аз ҷумла, дар ояти 86-уми сураи «Намл» мефармояд: «*Оё намебинанд, ки шабро падид овардем, то дар он биороманд ва рӯзро равшанӣ бахшидем. Албатта, дар ин барои муъминон ибратҳост*». Худованд дар ояти 12-уми сураи «Исро» сабаби торикии шаб ва равшании рӯзро баён намуда мефармояд: «*Шабу рӯзро ду нишона қарор додем. Нишонаишабро торикӣ гардонидем ва аломати рӯзро равшанӣ, то ба талаби ризқе, ки Парвардгоратон муқаррар доштааст, бархезед ва шумори солҳову ҳисобро бидонед ва мо ҳар чизро ба тафсил баён кардаем*» [158; 167-119].

Шабу рӯз ду неъмати бузургест барои махлуқот, ки ба воситаи онҳо ҳам ором мешаванд ва ҳам ризқи худро ба даст меоранд ва дар ин мазмун дар ояти

47-уми сураи «Фурқон» мефармояд: «*Ӯст, ки шабро пӯшиши шумо кард ва хобро оромишатон ва рӯзро замони бархостанатон*» [158; 157].

Хоҷу дар мисраи дувум равшании рӯзро ба сафедии дастони Мӯсо паёмбар ташбеҳ кардааст, ки талмеҳ аз достони муъҷизаи дасти Мӯсо (а) мебошад. Чун Худо аз банӣ Исроил Мӯсо (а)-ро ба паёмбарӣ баргузид, амр намуд, ки Фиръавн ва қавмашро ба сӯйи яктопарастӣ даъват кун. Худованд барои исботи паёмбарияш ду муъҷиза барояш дод, ки яке аз он «яди байзо»-дасти сафед буд, ки он муъҷизаи Мӯсо ва нишонаи паёмбарияш буда, дар ояти 31 ва 32-юми сураи «Қасас» чунин баён шудааст: «*31).Асоятро бияндоз! Чун дидаш, ки монанди море меҷунбад, гурезон бозгашт ва ба ақиб нанигарист. «Эй Мӯсо, пеш ой ва матарс. Ҳаройна, ту дар амонҳастӣ. 32). Дасти худ ба гиребон бибар, то сафед берун ояд, бе ҳеҷ осебе. Ва то аз ваҳшат биоромӣ, дасти худ дар бағал кун. Ин ду (асо ва яди байзо) аз ҷониби Парвардгорат ҳуҷҷатҳои ту барои Фиръавн ва атрофиёни ӯст, ки онон мардуме саркашанд»*» [158; 169].

Ё дар байти дигар аз муҳаббату садоқат ва ҷонфидоии дӯстон ва ҳамнишинони Муҳаммади паёмбар ёд карда, таркиби «унзур илайк»-ро, ки сабаби нузули он зикр шуд, истифода намуда, мегӯяд:

Баски сармастони роҳаш наъраи «унзур илайк»

Ҳамчу Мӯсо бар фарози Тури Сино мезананд [23; 508].

Хоҷу дар ин байт аз қиссаи роз гуфтани Мӯсо бо Худованд дар кӯҳи Тур ва хостани Мӯсои паёмбар аз Парвардгор ҷамолашро талмеҳ кардааст.

Яъне, шоир мегӯяд, ки маҳбубон ва дӯстдорони Муҳаммади паёмбар чӣ гунае, ки Мӯсои паёмбар ташнаи дидори Офаридгори худ буду дар ишқи ӯ сармасту бехуд, асҳоби Паёмбар низ муштоқи ҷамоли расули Худо - Муҳаммад буданд. Аз рӯйи муҳаббат ба ҳам садо мезаданд, ки ба ҷамоли Муҳаммад, ки офтоби башарият аст, бингаред ва ба он пайравӣ кунед, то ки наҷот пайдо кунед. Дар ин мисраъҳо ба ҷуз таркиби «унзур илайк» шоир боз аз калимаҳои «Мӯсо» ва «Тури Сино» истифода намудааст, ки онҳо иқтибос аз ояти 143-и сураи «Аъроф» аст.

Дар байти зер Хоҷу шавқу рағбати худро нисбат ба дидори ҷамоли Парвардгораш баён намуда, чӣ гунае ки Мӯсо муштоқи дидори ҷамолаш буд ва ба Офаридгори худ «аринӣ» (ба ман бинамой) гӯён нидо кард, шоир низ ин вожаро ба кор бурда мегӯяд:

Аз пайи партави анвори таҷаллии ҷамол

Ҳамчу Мӯсо «аринӣ»-гӯй рух орем ба Тур [23; 236].

Шоир дар ин байт ба Офаридгораш муноҷот карда, мегӯяд: Барои дидори таҷаллии ҷамоли покат, мисли Мӯсо «аранӣ» гӯён, рӯй орем ба Тур, ва мурод аз он Каъба мебошад.

Хоҷу бо камоли нуктапардозӣ вожаи «аринӣ»-ро, ки вожаи қуръонист, аз ояти 143-юми сураи «Аъроф» иқтибос овардааст, ки дар он аз қиссаи роз гуфтани Мӯсои паёмбар бо Офаридгори худ мебошад. Хоҷу дар ин байт аз талмеҳоти исломӣ низ суд ҷустааст.

Ё дар байти зер аз қиссаи муъҷизаи Мӯсо ва асои ӯёд оварда, мегӯяд:

Асо то дар кафат суъбон нагардад,

Зи чӯбе муъҷизи Мӯсо наёбӣ[23; 93].

Ин байт ишора ба оятҳои 105, 106 ва 107-уми сураи «Аъроф» мебошад, ки Офаридгор аз қиссаи Мӯсо паёмбар ёд карда, фармудааст: *«Шоиста аст, ки дар бораи Худо ҷуз ба ростӣ сухан нагӯям. Ман ҳамроҳ бо муъҷизае аз ҷониби Парвардгоратон омадаам. Банӣ-Исроилро бо ман бифирист». Гуфт: «Агар рост мегӯӣ ва муъҷизае ба ҳамроҳ дорӣ, онро биёвар». Асояшро андохт, аждаҳое ростин шуд»* [158; 214].

Инчунин, ишора аст ба ояти 76-уми сураи «Юнус», ки чунин омадааст: *«Ва чун ҳақ (муъҷизаҳои Мӯсо, ки иборат аз асо ва яди байзо аст) аз назди мо ба сӯйи онҳо омад, гуфтанд, ки ин ҷодуе ошкор аст»*[158; 88].

Ё дар байти зер:

Ҳар кӣ нӯшид майи бехудӣ аз ҷоми аласт,

Масту мадҳуш сар аз хок барорад ба нушур [112; 93].

Дигаре аз шахсиятҳои қуръонӣ Хизр мебошад, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣаз ҷумла, Хоҷуи Кирмонӣ бо ташбеҳҳои гуногун истифода намудаанд.

Орифон Хизрро чунин баён намудаанд: «Хизр рамзе аз машияти азалии илоҳист, ки дониши ӯ берун аз ҳавсалаи идрокоти оммаи инсонҳост» [24; 440].

Номи Хизр ба таври сареҳ дар Қуръон ёд нашудааст, аммо дар Қуръон қиссаи ҳамсуҳбат шудани Мӯсои паёмбар бо шахси доно ва донишманд зикр шудааст, аз ҷумла, дар оятҳои 65 ва 66-уми сураи «Каҳф» омадааст: *«Дар он ҷо бандае аз бандагони моро, ки раҳмати худ ба ӯ арзонӣ дошта будемвахуд ба ӯ дониш омӯхтабудем, биёфтанд. Мӯсо гуфташ; «Оёботу биёям, то аз он ҳидояте ки ба ту омӯхтаанд, ба ман биёмӯзӣ?»,* ки муфассирон онро Хизр тафсир намудаанд [25; 496]. Дар оятҳои 65 то 82-и сураи мазкур оид ба мулоқоти Мӯсои паёмбар бо он марди доно - Хизр мебошад.

Гарчанде ки номи Хизр ба таври сареҳ дар Қуръон наёмадааст, аммо ҳамроҳи Илёс ва Мӯсо достони ӯ матраҳ шудааст. Хизр яке аз бандагони солеҳи Худо дар аҳди Мӯсо паёмбар буда, бино бар ривоятҳо, ӯ аз оби ҳаёт нӯшидааст ва то ҳол дар қайди ҳаёт мебошад ва ин образ дар адабиёти форс-тоҷик ба таври васеъ истифода шудааст. Хоҷу низ дар ғазалиёти худ аз номи Хизристифода намудааст.

Дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣқариб шоире нест, ки номи Хизрро дар шеъру ғазали хеш ба кор набурда бошад. Хоҷу низ аз зумраи он шоироне мебошад, ки аз симои Хизр ба навъҳои гуногун истифода намудааст.

Симои Хизр дар ғазалиёти Хоҷу васеъ истифода шуда, бо ташбеҳҳои гуногун ба кор рафтааст.

Аз ҷумла, дар байти зер мегӯяд:

Эй ки гуфтӣ, гирди лаълаш хатти мушкин аз чӣ руст?

Хизр набвад бар канори чашмаи ҳайвон ғариб [23; 151].

Ё дар байти дигар:

Чашмаи оби ҳаёте, ки Хизир ташнаи ӯст,

Камтарин қатрае аз табъи чу дарёи ман аст [23;151].

Дигаре аз симоҳои қуръонӣ Сулаймон паёмбар мебошад. Ҷалол ва шукӯҳи Сулаймони паёмбар, ҳукмронии ӯ ба бод ва инсу ҷин ва ифрит, ирсоли нома ба воситаи ҳудҳуд ба маликаи Сабо – Балқис яке аз образҳои ҷолиби

қуръонӣ буда, 14 бор дар ин китоби осмонӣ баён гардидааст. Зикр кардан бамаврид аст, ки қиссаи Сулаймони паёмбар таъсири амиқе ба шеъри классикии форсии тоҷик расонидааст. Хоҷуи Кирмонӣ низ аз зумраи он шоироне мебошад, ки дар сурудани ғазал аз он ба таври васеъ ва ба ташбеҳҳои гуногун истифода намудааст, ки ҳама он баргирифта аз Қуръон ва мазмуни он мебошад.

Масалан, дар байти зер:

Мурғон нигар боз аз ҳаво, монанди булбул дар наво,

Гӯӣ, ки Билқис аз Сабо сӯи Сулаймон мерасад [112; 94].

Оид ба ин қисса Худованд дар ояти 15 то 44-уми сураи «Намл» баён доштааст, аз ҷумла, мисраи дувум, ишора ба ояти 44-уми сураи мазкур аст, чунин мебошад: *«Гуфтандаш: «Ба саҳни қаср дарой!» Чун бидидаш (Билқис), пиндошт, ҳавзи пур аз об аст. Доман аз соқҳояш баргирифт. Сулаймон гуфт: «Ин саҳнест соф аз шиша». Гуфт: «Эй Парвардгориман, ман бар худ ситам кардаам ва инак бо Сулаймон дар баробари Парвардгориҷаҳониён таслим шудам»* [158; 515].

Гар на ҳудҳуд зи Сабо муждаи васл орад боз,

Кӣ расонад ба Сулаймон хабаре аз Билқис? [112; 94].

Хоҷу низ дар ин байт мазмуни ояти 22-юми сураи мазкурро бо забони форсии тоҷикӣ баён доштааст, ки чунин мебошад: *Дер карданаш (ҳудҳуд) ба дароз накашид. Биёмаду гуфт (ҳудҳуд): «Ба чизе даст ёфтаам, ки ту даст наёфта будӣ ва аз Сабо бароят хабаре дуруст овардаам*[158; 512].

Доир ба қадру манзилати Сулаймон (а) дар бештаре аз ояҳои қуръонӣ зикр шудааст, аз ҷумла, дар ояти 15-уми сураи «Намл» Худованд аз он ёд карда мефармояд: «*Мо ба Довуду Сулаймон дониш додем. Гуфтанд: «Сипос аз они Худост, ки моро бар бисёре аз бандагони муъмини худ бартарӣ дод!»,* дар ояти 81-уми сураи «Намл», ки Офаридгор бодро дар ихтиёри вай гузошт, чунин омадааст: «*Ва тундбодро фармонбардори Сулаймон кардем, ки ба амри ӯ дар он сарзамин, ки баракаташ дода будем, ҳаракат мекард. Ва мо ба ҳар чизе огоҳем*» ва дар ояти 12-уми сураи «Сабо» низ дар ин маънӣ баён шудааст: «*Ва*

*бодро роми Сулаймон кардем. Бомдодон якмоҳа роҳ мерафт ва шабонгоҳ якмоҳа роҳ. Ва чашмаи мисро барояш ҷорӣ сохтем ва гурӯҳе аз девҳо ба фармони мо назди ӯ кор мекардан ва агар яке аз онҳо аз фармони мо сар мепечид, ба ӯ азоби оташи сӯзонро мечашонидем*»[158; 176-141-186].

Дар байти зер низ аз мазмуни оятҳои қуръонӣ суд ҷуста, мегӯяд:

Эй ба фарру давлатат Билқисси шодурвони чарх

То абад зери нигин мулки Сулаймон ёфта [23; 529].

Ё дар байти зер аз қудрати Худованд ёд мекунад, ки чӣ гуна бошишгоҳи мӯри заиферо дар асои Сулаймон қарор дод:

Амри бечуни ту мӯре ноқиси бевақъро

Пояи тахт аз кафи дасти Сулаймон сохта [23; 531].

Ин байт талмеҳ аз достони Сулаймони пайғамбар буда, шоир бо ҳунари суханпардозӣ дар ду мисраъ онро баён кардааст. Чун Сулаймон девонро ба сохтани бинои Байтулмуқаддас амр намуд ва худ ба асо такя намуда, девҳоро назорат мекард, фариштаи мавт - Азроил барои қабзи ҷони ӯ омад. Сулаймони паёмбар гуфт: Иҷозат деҳ, то ба хона расам. Азроил гуфт: Вақт нест. Сулаймон гуфт: Иҷозат деҳ, то нишинам. Азроил гуфт: Иҷозат нест. Дар ҳамон ҳол ҷонашро гирифт ва эшон дар асо такякунон монд. Девҳо гумон мекарданд, ки онҳоро назорат дорад ва аз бим чизе намепурсиданд, то ин ки Офаридгор мӯреро фиристод, ки муддати як сол он асоро хӯрд, то ин ки асо шикасту Сулаймони паёмбар ба замин афтод. Чун девҳо ин воқеаро мушоҳида намуданд, донистанд, ки Сулаймон дерест мурдааст.

Хоҷу бо қасди истидлол дар ин байт ишора ба ояҳои қуръонӣ намудааст, ки Худованд аз ин достон дар ояти 14-уми сураи «Сабо» чунин ёд карда, мефармояд: «*Чун маргро бар ӯ муқаррар кардем, девҳоро бар маргаш наогоҳонид, магар кирми чӯбхорае, ки асояшро (наздики як сол) мехоид. Пас, вақте ки ӯ (Сулаймон) биафтод, девҳо фаҳмиданд, ки агар илми ғайбро медонистанд, дар азоби хоркунанда намемонданд*» [158; 186].

Ё дар байти зер аз достонҳои мӯр, Сулаймон (а) ва асои Мӯсо (а), ки бо муъҷизаи он ба мор табдил мешуд, бо ҳунари суханпардозӣ онҳоро дар ду мисраъ баён намуда, мегӯяд:

Гаҳ тахтгаҳи мӯр кунӣ дасти Сулаймон,

Гаҳ номзади мор кунӣ муъҷизи Мӯсо [23; 1].

Хоҷу дар ин байт бо ҳунари хеш қудрати Худоро баён намуда, мегӯяд: Он ҷою мақом ва қудрате, ки бар бандаат Сулаймон додӣ, ки аз ҳайбати он деву парӣ ва тамоми мавҷудоти рӯйи олам аз тарс мутеъ ва фармонбардораш буданд, аммо бо ҳукму қудрати бечунучарои ту мӯри заифе дасти Сулаймонро бошишгоҳ ва макони хоби худ қарор дод.

Мурод аз «дасти Сулаймон» асои Сулаймон аст, ки талмеҳ аз достони Сулаймон паёмбар буда, зикри онро дар боло баён намудем.

Партав Алавӣ дар китоби «Тафсири сад байти Ҳофиз» «дасти Сулаймон»-ро ба навохтани Сулаймон амири мӯронрова бар дасти худ нишондан баён намудааст: «Пас Сулаймон он мӯрро бинвохту ба дасти худ нишонд ва гуфт:

Чӣ гӯӣ дар ин бисоти ман?

Он мӯр, ки Манзар ном дошту амири мӯрон буд, дар ҷавоб гуфт:

Эй Сулаймон, бисоти ман аз бисоти ту беҳтар аст.

- Гуфт:

Чаро?

- Гуфт:

Зеро бисоти ту нусахи девон аст ва бисоти мандасти Сулаймон» [43; 30].

Ин байт ишора ба оятҳои 17, 18 ва 19-уми сураи «Намл» аст, ки дар он аз суҳбати амири мӯрон бо Сулаймони паёмбар чунин баён шудааст: *Сипоҳиёни Сулаймон аз ҷинну одамӣ ва паранда гирд омаданд ва онҳо саф ороста рафтанд, то ба водии мӯрчагон расиданд. Мӯрчае гуфт: «Эй мӯрчагон, ба лонаҳои худ дароед, то Сулаймону лашкариёнаш шуморо бехабар поймол накунанд». Сулаймон аз сухани ӯ лабханд заду гуфт: «Эй Парвардгориман, маро водор, то шукри неъмати туро, ки бар ман ва падару модари ман арзонӣ*

*доштаӣ, ба ҷой оварам ва корҳои шоистае кунам, ки ту хушнуд шавӣ ва маро ба раҳмати худ дар шумори бандагони шоистаат даровар!»*[158; 164].

Мисраи дувум талмеҳ аз достони Мӯсо буда, шоир бо ҳунари суханпардозӣ муъҷизаи онро зикр намуда, мегӯяд: Баҳри ҳифз ва расонидани пайғомат ба сӯи бандагон ба калимат - Мӯсо морро муъҷизаи он қарор додӣ. Офаридгор муъҷизаи Мӯсо (а) ба чӯбдасте, ки дар даст дошт, дода буд, ки агар онро ба замин мегузошт, мор мешуд ва бо ин муъҷизаи худ сеҳри соҳирони Фиръавнро ботил намуд.

Ин байт ишора ба ояҳои қуръонӣ буда, Худованд аз достони Мӯсо ва асову мор дар оятҳои 17, 18, 19, 20, 21, 22 ва 23-юми сураи «Тоҳо» баён намудааст: «*Эй Мӯсо, он чист ба дасти ростат? Гуфт: «Ин асои ман аст. Бар он такя мекунам ва барои гӯсфандонам бо он барг мерезонам. Ва маро бо (асо) он корҳои дигар аст». Гуфт: «Эй Мӯсо, онро биафкан». Бияфкандаш. Ногаҳон море шуд, ки мехазид. Гуфт: «Бигираш ва матарс. Бори дигар онро ба сурати нахустинаш бозмегардонем. Дасти хеш дар бағал кун, бе ҳеҷ айбе сафед берун ояд. Ин ҳам муъҷизаест дигар. То оятҳои бузургтари Худро ба ту бинамоёнем»* [158; 134]

Дигаре аз образҳои қуръонӣ Зулқарнайн буда, номи ӯ дар Қуръон 3 бор зикр шудааст. Дар адабиёти форсии тоҷикӣ бештар ба номи Сикандар ёд шуда, ҳамчун шоҳи одилу ҷаҳонкушо ва садди он ки қабилаҳои Яъҷуҷ ва Маъҷуҷро дар он ҳабс намудааст, истифода шудааст. Хоҷуи Кирмонӣ низ дар ғазалиёти худ аз Зулқарнайн ба ташбеҳҳои гуногун, ҳамчун шоҳи одил ва дорои ҷоҳу ҷалол истифода намудааст:

Афсари Ҷамшед бар фарқи Фаридун менихҳанд,

Тахти Зулқарнайн бар айвони Доро мезананд [23; 509].

Оид ба Зулқарнайн Худованд дар ояти 83 то 98-уми сураи «Намл» баён доштааст, аз ҷумла, дар оятҳои 83 ва 84-и сураи мазкур мефармояд: *«Ва аз ту дар бораи Зулқарнайн мепурсанд. Бигӯ: «Барои шумо аз ӯ чизе мехонам», Мо ӯро дар замин қудрат додем ва роҳи расидан ба ҳар чизеро ба ӯ нишон додем»* [158; 404].

Дигаре аз шахсиятҳои қуръонӣ симои Луқмон буда, сураи 31-уми Қуръон бо номи ӯ мебошад ва Худованд номи ӯро дар ин китоби муқаддас 2 бор зикр намуда, аз илму дониш ва ҳикмати Луқмон ёд кардааст. Аз ҷумла, дар ояти 12-уми сураи мазкур Худованд ӯро чунин ситоиш намудааст: «*Албатта, ба Луқмон ҳикмат додему гуфтем: «Худоро сипос гӯй, зеро ҳар кӣ сипос гӯяд, албатта, ба суди худ сипос гуфта ва ҳар кӣ носипосӣ кунад, ҳаройна, Худо бениёзу ситудаанист!»* [158; 279].

Исми Луқмон дар адабиёти тоҷик таъсири мусбат дошта, рамзи ҳикмат ва донишу хирад мебошад. Хоҷу низ дар ғазалиёти хеш аз симои Луқмон бо ташбеҳҳои гуногун истифода намудааст.

Масалан, дар байти зер:

То кашида табъи ҳикматпарварат хони ҳунар,

Луқмахор аз суфраи фазли ту Луқмон омада [23; 528].

Хоҷу бо ҳунари суханпардозӣ боз аз санъати таҷнис истифода намуда, калимаи «луқмахор»-ро истифода намудааст, ки якум ба маънои аслӣ буда, дуюм ишора ба номи «Луқмон» мебошад. Яъне, то Луқмон аз хони фазлу дониши ту луқма набардошт, соҳиби фазлу ҳикмат нагашт.

Ё дар байти зер низ илму ҳикмати Луқмонро истифода намуда, чунин баён доштааст:

Хоҷу ар луқмае аз суфраи Луқмон талабӣ,

Мулки Юнон зи пайи ҳикмати Юнон дарбоз [23; 142].

Дигаре аз образҳои қуръонӣ Исои паёмбар буда, дар адабиёти тоҷик таъсири амиқ расонидааст, ки шоирон, аз ҷумла, Хоҷу дар сурудани шеъру ғазал аз симои ӯ ба гунаҳои мухталиф ва ташбеҳҳои гуногун, амсоли «исодам», «исонафас», «рӯҳи Исо», «Исои Марям» ва ғайра истифода намудаанд.

Номи Исо дар Қуръон 25 бор зикр шудааст ва ӯ намуди рӯҳи Худо дар колбади инсон ва лутфу раҳмат ва насими рӯҳбаши илоҳист [24; 250].

Хоҷуи Кирмонӣиттилооти худро дар бораи Исо, чун вилодати беназири вай, ки бепадар ба дунё омадааст, сухангӯии вай дар гавҳора, нафаси ҳаётбахши

ӯ ва дигар муъҷизаҳои Исо ба суратҳои гуногун дар ғазалиёти хеш ҷилва додааст.

Масалан, дар байти зер:

То аз дами ҷонпарвари ӯ зинда шавад хок,

Дар колбади бод дамӣ рӯҳи Масеҳо [23; 2].

Дар ин байт калимаҳои «дами ҷонпарвар» истиора буда, мурод аз онҳо лутфу марҳамат ва қудрати Офаридгор аст. Шоир бо ҳунари нуктапардозӣ мегӯяд: Аз лутфу марҳамати ӯ замини мурда, яъне, замини хушкро бо раҳмати худ, ки он борон аст дубора зинда мекунад. Ин мисраъ аз мазмуни ояти 17-уми сураи «Ҳадид» гирифта шудааст. Бад-ин маънӣ Офаридгор мефармояд: *«Бидонед, ки Худо заминро пас аз мурданаш зинда мекунад. Мо оётро бароятон ба равшанӣ баён кардем,бошад, ки оқилона дарёбед!»*[158; 143].

Мисраи дувум аз қиссаи офариниши Исо (а) талмеҳ шудааст, ки чӣ гуна он зоти қодир аз боде, ки ба раҳми Марям (а) дамид бо ҳукми Худо он зани покдоман обистан шуда, ҳазрати Исоро ба дунё овард.

Шоир баҳри таъсирбахш шудани суханаш аз тарҷума истифода намуда, ояти 12-уми сураи «Таҳрим»-ро бо андак тағйири лафзӣ ба форсӣ баргардон намудааст, ки оят ин аст: *«Ва Марям духтари Имронро, ки шармгоҳи хешро аз зино нигаҳ дошт ва мо аз рӯҳи худ дар он дамидем. Ва ӯ калимоти Парвардгори худ ва китобҳояшро тасдиқ кард. Ваӯ аз фармонбурдорон буд».* Дар оятҳои 17, 18, 19, 20 ва 21-уми сураи «Марям» низ дар ин маънӣ омадааст: *«Миёни худ ва онон пардае кашид ва мо рӯҳи худро наздаш фиристодем ва чун инсоне тамом бар ӯ намудор шуд. Марям гуфт: «Аз ту ба Худои раҳмон паноҳ мебарам, агар парҳезгор бошӣ». Гуфт: «Ман фиристодаи Парвардгори ту ҳастам, то туро писаре покиза бибахшам». Гуфт: «Аз куҷо маро фарзанде бошад, ҳол он ки ҳеҷ инсоне ба ман даст назадааст ва ман бадкора ҳам набудаам». Гуфт: «Парвардгори ту инчунин гуфтааст: «Ин барои ман осон аст. Мо он писарро барои мардум оятеву бахшоише кунем ва ин корест ҳатмӣ ва поёнёфта»* [158; 130].

Офариниши ҳазрати Исо ба мисли офариниши ҳазрати Одам мебошад. Дар ҳоле ки Парвардгор Одамро бе падару модар аз як мушт хоки тира офарид, Исоро низ бе падар ба воситаи Ҷабраили амин рӯҳро бар раҳими Марям дамид ва аз он обистан шуд, ки он зоти пок дар ояти 59-уми сураи «Оли Имрон» офариниши Исо мегӯяд: *«Мисоли Исо дар назди Худо чун мисоли Одам аст, ки ӯро аз хок биёфарид ва ба ӯ гуфт: «Мавҷуд шав». Пас мавҷуд шуд»* [158; 23].

Чун Офаридгор Исоро бе падар ба дунё оварду бар вай муъҷизаи мурдаро зинда кардан ва табобати беморони дигарро дод, чун қавми Насоро инро мушоҳида карданд, дарҳол ӯро писари Худо хонда, Худои яккаву танҳоро аз се тан - падар Худо (Худои яккаву танҳо), писар Худо (Исо) ва Рӯҳулқудус (Ҷабраил) иборат донистаанд. Офаридгор инро дар ояти 171-уми сураи «Моида» чунин баён кардааст: *«Эй аҳли китоб, дар дини хеш аз ҳад нагузаред ва дар бораи Худо ҷуз сухани ҳақ магӯед. Ҳаройна Исо, писари Марям, паёмбари Худо ва калимаи ӯ буд, ки ба Марямаш афканд ва рӯҳе аз ӯ буд. Пас, ба Худо ва паёмбаронаш имон биёваред ва магӯед, ки се аст . Аз ин андешаҳо боз истед, ки хайри шумо дар он хоҳад буд. Ҷуз ин нест, ки Аллоҳ Худоест якто. Пок аст аз ин, ки соҳиби фарзанде бошад. Аз они ӯст, он чи дар осмонҳову замин аст ва Худо корсозиро кофист!»*[158; 43].

Чӣ тавре ки дар боло зикр намудем, мисраи дувуми ин байт талмеҳ аз қиссаи офариниши Исо буда, дар ояҳои 45, 46 ва 47-уми сураи «Оли Имрон» баён шудааст: *«Фариштагон гуфтанд: «Эй Марям, Худо туро ба калимаи худ башорат медиҳад; Номи ӯ Масеҳ, Исо писари Марям аст. Дар дунё ва охират обрӯманд ва аз наздикон аст. Бо мардум, дар гаҳвора ва куҳансолӣ сухан мегӯяд ва аз шоистагон аст». Марям гуфт: «Эй Парвардгориман, чӣ гуна маро фарзанде бошад, дар ҳоле ки башаре ба ман даст назадааст?» Гуфт: «Ба он сон, ки Худо ҳар чӣ бихоҳад, меофаринад. Чун иродаи чизе кунад, ба ӯ гӯяд: «Мавҷуд шав!» пас мавҷуд мешавад»* [158; 22].

Масалан, Хоҷу дар ҳар як мисраи байти зер бо ҳунари волои шоирӣ аз таркибҳои «дами Исо» ва «яди байзо» ва «пури Имрон» истифода намудааст, ки баргирифта аз мазмуни оятҳои қуръонӣ мебошанд:

Чун дами Исо надидӣ, гуфтаи Хоҷу чӣ хонӣ,

Чун яди байзо надидӣ, пури Имронро чӣ донӣ[112; 94].

Дами Исо киноя аз муъҷизаи ӯ мебошад, ки мурдаи садсола аз дами вай бо изни Худо зинда ва чашмони кӯри модарзод равшан мешуду беморон аз он шифо меёфтанд. Аз ин гуфта шоир таманнои онро дорад, ки чун дами Исо (а) даму нафаси мамдӯҳи ӯ низ дармонбахши раият мебошад. Ин таркиб баргирифта шудааст аз мазмуни ояти 49-уми сураи «Оли Имрон», ки Офаридгор дами ҳазрати Исоро чунин баён кардааст: «*Ва ба пайғамбарӣ бар банӣ Исроилаш мефиристад, ки ман ба муъҷизае аз Парвардгоратон назди шумо омадаам. Бароятон аз гил чизе чун паранда месозам ва дар он медамам, ба изни Худо парандае шавад ва кӯри модарзод ва песшударо шифо медиҳам. Ва ба фармони Худо мурдаро зинда мекунам. Ва ба шумо мегӯям, ки чӣ хӯрдаед ва дар хонаҳои худ чӣ захира кардаед. Агар аз муъминон бошед, инҳо барои шумо нишонаҳои ҳаққонияти ман аст!*»[158; 22].

Дар байти зер низ аз ояти қуръонӣ суд ҷуста, муъҷизаи Исоро ёд намуда, мегӯяд:

Ҳар куҷо лутфат чу Исо дам зи ҷонбахшӣ занад,

Мурдаи садсола аз боди ҳаво ҷон ёфта [23; 529].

Ё дар байти зер:

Исо равон физояд, чун ман нафас барорам,

Довуд маст гардад, чун ман Забур хонам [112; 94].

Дар байти мазкур дами худро ба дами Исо ва садои худро ба садои Довуд ташбеҳ намудааст. Тибқи ривоятҳо Худованд ба Довуд чунон лаҳни зебое дода буд, ки чун Забурро мехонд мурғони ҳаво аз парвоз боз меистоданд ва садои ӯро гӯш медоданд. Зикри Довуди паёмбар дар сураи «Анбиё» баён шудааст.

Дар байти зер низ аз ояти мофавқ истифода намуда, мегӯяд:

Кай дили мурдаат аз боди сабо зинда шавад,

Нафаси Исавӣ аз боди ҳаво металабӣ[112; 95].

Ин ҳам ишора ба ояти 49-уми сураи «Оли Имрон» мебошад, ки шарҳи он дар байти боло баён гардид.

Дар ҷои дигар шоир аз бепадар ва дар тарбияи модар ба воя расидани худ ёд карда,ҳаёти худро ба ҳаёти Исо ташбеҳ намуда, мегӯяд:

Нестаммамнӯи обо, з-он ки аз файзи бақо

Бе падар парвард чун Исои Марям модарам [23; 87].

Хулоса, Хоҷуи Кирмонӣ дар сурудани ашъори ирфонӣ аз талмеҳоти қуръонӣба бо истифода аз оятҳои қуръонӣ ба таври мустағим ва ё ғайримустақим васеъ истифода намудааст. Ҳангоми баррасӣ муайян намудем, ки бештари талмеҳоти қуръонӣдар ғазалиёти Хоҷу аз қиссаҳои шахсиятҳои қуръонӣ, аз қабили Одам, Нӯҳ, Иброҳим, Аюб, Юсуф, Мӯсо, Сулаймон, Иброҳим, Исо ва ғайра мебошанд, ки зикри қиссаи онҳо дар Қуръон ба таври васеъ баён шудааст.

## 1.3. КОРБУРДИ КАЛИМА ВА ТАРКИБҲОИ ҚУРЪОНӢ

Дар асри XIV дини ислом густариш ёфта, аз Африқо то Шарқдини исломбро ба сифати дини расмӣ шинохтанд. Аз ин рӯ, асри XIV-ро асри тамаддуни исломӣ меноманд, зеро бо нашри ин дин аз ҷониби ҳокимону амирони давр нуфузи дини ислом дар ҷаҳони андеша ва тафаккури шоирони форсу тоҷик нақши худро гузошт. Дар ин аср дар кишварҳои мусулмоннишин аз миёни ҳама илмҳо беш азҳама ду илм бештар равнақ дошт, ки яке илми қуръонӣ ва дигаре илми балоғат мебошанд. Шоирону нависандагоне, ки дар дохили чунин тамаддун зиндагӣ кардаанд, наметавонистанд аз овардани иқтибос аз калимаву ибораҳои қуръонӣдар ғазалиёташон сарфи назар кунанд. Хоҷуи Кирмонӣ низ аз зумраи он адибоне мебошад, ки дар ин аср ҳаёти худро сипарӣ намудааст. Чунон ки аз тарҷумаи ҳолаш маълум гардид, вай аз ҳар ду илм баҳраи тамом доштааст. Шоир чанд ҷо сареҳан номи Қуръонро ба кор мебарад. Ҳамчунин, аз номи сураҳои қуръонӣ ва мазмунҳои онҳо низ барои баёни андешаҳояш суд ҷустааст.

Аммо он чизе, ки пайванди ногусастании Хоҷуро ба Қуръон нишон медиҳад, ҳамоно таъсири ин китоби муқаддас дар муҳтаво ва сурати дохилии шеъри ӯст. Қуръон яке аз муҳимтарин ва муассиртарин сарчашмаи фикрию фарҳангӣ дар шеър, бахусус, дар шеъри ирфонист. Хоҷу чандин ҷо мазмуни Қуръонро дар абёташ ҷой карда ва гоҳе калимаву ибораҳои онро айнан ба кор мебарад ва ҳамчунин, талмеҳоти зиёде аз пайғамбарон овардааст, ки сифаташон дар Қуръон баён шудааст.

Аз ҷумла, дар байти зер аз ду чизе, ки Офаридгор барои ҳазрати Мӯсо ва ҳабибаш Муҳаммад додааст, васила оварда мегӯяд:

Бад-он асо, ки Калимат фиканда буд аз даст,

Бад-он шутур, ки Ҳабибат гирифта буд миҳор [23; 46].

Хоҷу дар мисраи якум асои Мӯсои пайғамбарро васила оварда мегӯяд, ки ба ҳурмати он асое, ки Калимат – Мӯсо аз даст андохта буд. Ин мисраъ аз мазмуни ояти 31-уми сураи «Қасас» истифода шудааст, ки шарҳи онро дар боло баён намудем.

Дар мисраи дувум талмеҳан мегӯяд: Ба ҳурмати он шутуре, ки ҳабибат Муҳаммад саворӣ ба он аз Макка ба сӯйи Мадина ҳиҷрат намуд.

Ё дар абёти зер ба Офаридгори худ муноҷот намуда, баён медорад, ки тақдири тамоми бандагон дар қудрати ӯст:

Гар нахӯрдӣ Мӯсӣ аз ҷомат майи «унзур илайк»,

Аз шароби «лан таронӣ» кай шудӣ масти мудом.

Гар Муҳаммадро намедодӣ мадад дар шаққи моҳ,

Ҳамчу моҳи чордаҳ кораш кучо гаштӣ тамом [23; 496].

Шоир дар ин ғазал Офаридгори худро ҳамду сано ва ситоиш намуда, бузургӣ ва меҳрубонии Худоро зикр мекунад, ки талмеҳ аз қиссаи роз гуфтани Мӯсо (а) бо Худо ва чӣ гуна аз Худо хостани ӯ, то ҷамолашро ба ӯ нишон диҳад, сухан мегӯяд. Нӯшидани Мӯсо аз майи «унзур илайк» ташбеҳ аз хостани Мӯсои паёмбар ҷамоли худовандиро ва маст шудан, яъне, бехуд шудани ӯ аз шароби «лан таронӣ» ташбеҳ аз ҷавоби Худо, ки ту маро дар дунё бо ин чашмони оҷизат нахоҳӣ дид, мебошад. Чун Мӯсо (а) аз Худованд хост, то ҷамолашро бинад, Худованд гуфт: Ту маро натавонӣ дид, ба он кӯҳ нигар, чун ба он назар кунам, он пойдор монад, ту маро хоҳӣ дид ва илло на. Вақте ки он зоти пок нури ҷамоли худро ба кӯҳ таҷаллӣ кард, аз ҳайбати он кӯҳ об шуд. Чун Мӯсо (а) ин воқеаро дид, аз хавфу тарс беҳуш шуд. Ин қиссаест аз қиссаҳои қуръонӣ ва баҳри ҷолибу таъсирбахш шудани шеъраш аз ояти қуръонӣ иқтибос овардааст. Ҳар ду мисраи ин байт илҳом аз ояти 143-и сураи «Аъроф», яъне: «*Ва чун омад (Мӯсо (а)) ба ваъдагоҳи мо (мурод кӯҳи Тур аст) ва сухан гуфт (бевосита) бо ӯ парвардгораш, гуфт (Мӯсо(а): Эй Парвардгори ман, нишон деҳ ба ман (ҷамолатро), то бингарам ба сӯи ту. Гуфт (Худо): Нахоҳӣ дид маро (ҷамоли маро дар дунё) валек, назар кун ба сӯи ин кӯҳ (ки зоти ман дар он таҷаллӣ мекунад), пас, агар қарор гираддар ҷояш, хоҳӣ дид (ҷамоли маро). Пас, вақте ки зуҳур кард нури парвардгораш бар он кӯҳ (кӯҳ тоб оварда натавонист), гардонид он кӯҳро ба замин яксон. (Баъди мушоҳидаи ин ҳол) афтод Мӯсо (а) беҳуш гашта, чун ба ҳуш омад, гуфт: Худоё, ба покӣ ёд мекунам туро, тавба кардам ва ман аввалини мусулмононам*» [26; 67].

Ибораи «лан таронӣ» дар китоби «Сесаду панҷоҳу шаш рӯз дар суҳбати Қуръон» чунин шарҳ ёфтааст: Орифон гуфтаанд, ки ҳазрати Мӯсо аз назари мадориҷи ирфонӣ дар мақоми гӯш буд ва аз ин ҷиҳат Худованд бо ӯ сухан гуфт ва ӯро Калимуллоҳ гуфтанд, яъне, касе ки бо Худо ҳамкалом шудааст.

Муҳаммад дидаву Мӯсо шунида,

Шунида кай бувад монанди дида [24; 262]..

Аз ин рӯ, вақте ки Мӯсо аз Худо тақозои дидор кард, аз ҷониби Офаридгор хитоби «Лан таронӣ», яъне, «ҳаргиз маро нахоҳӣ дид» расид. Устод Қумшаӣ «Лан таронӣ»-ро чунин шарҳ додаасст: *«Посухи Худованд ба Мӯсо шояд таълиме бошад Мӯсо ва ҳамагонро, ки ҳеҷ моҳиятеро тоби таҷаллии он вуҷуди мутлақ нест, чунон ки соя тоби таҷаллии офтобро надорад. Агар ин биёяд, он меравад. Пас, ту, эй Мӯсо, бингар, ки чӣ гуна вақте ман омадам, кӯҳ рафт. Он кӯҳ дар ту низ ҳаст. Акнун, ки барқе аз он таҷаллӣ бар кӯҳ тофт, туро мадҳуш кард, бингар, ки агар он таҷаллӣ тамом бар ту занад, бо ту чӣ хоҳад кард? Аз нигоҳи дигар, орифон он таҷаллиро партави ишқ донистаанд, ки кӯҳҳо ва сангҳоро бар рақс меоварад. Аммо бархе дигар аз аҳли маърифат «лан таронӣ»-ро навъе нозу саркашии маҳбуб донистаанд, киМӯсо онро дарнаёфта ва дар кӯҳ назар кардааст, дар ҳоле ки бояд бар дархости худ пофишорӣ мекард ва мегуфт: Ман ҷабалро (кӯҳро) намехоҳам, балки хоҳам, ки дар чеҳраи ту бингарам»* [24; 262].

Хоҷу дар байти дувум калимаҳои «май» ва «шароб»-ро истифода намудааст, ки он май ва шароби ирфонӣ буда, ба маънии маҷозӣ ба кор бурда шудааст, мурод аз онҳо завқ ва шавқи дидори ҷамол аст. Орифон он май ва шаробро чунин баён кардаанд: Шароб-иборат аз завқу ваҷд ва ҳолест, ки аз ҷилваи маҳбуби ҳақиқӣ ногоҳ ба дили солики ошиқ рӯй менамояд ва соликро масту бехуд месозад [140; 487].

Мисраи сеюми байти мазкур ишора ба мазмуни ояти 1-уми сураи «Қамар» аст, ки Худованд мефармояд: *«Наздик омад қиёмат ва бишкофт моҳ»* [26; 77].Хоҷу дар ин мисраъ аз муъҷизаи бузурги Паёмбар (с) талмеҳ овардааст: «Кофирон аз ҳазрати Паёмбар (с) муъҷиза талаб карданд, Худои мутаъол моҳро

ду қитъа сохт, яке бар кӯҳи Абӯқубайс ва дигар бар кӯҳи Қайқаъон Валлоҳу аълам»[26; 77].

Шоир дар ин мисраъ ба Худованд муноҷот карда мегӯяд: Агар ту қудрати пора кардани моҳро ба Муҳаммад (с) намедодӣ, пас, кори ӯ чӣ гуна ривоҷ меёфт?

Баҳри равшантар шудани ин мисраъ сабаби пора шудани моҳро зикр мекунем: *«Рӯзе Расули акрам дар Мино ҳузур доштанд ва як ҷамоате аз Қурайш низ дар атрофашон буданд. Онҳо ба Ҳазрат гуфтанд: Паёмбарони пешин баҳри исботи корашон бо худ аз ҷониби Аллоҳ муъҷиза меовардpoints, масалан, муъҷизаи Мӯсо (а) асо ва аз Исо (а) бо табобати беморону зинда кардани мурдаҳо исботи паёмбарии хешро мекарданд, ту низ воқеан паёмбар бошӣ, ба мо муъҷизае нишон деҳ. Он Ҳазрат гуфт: Чӣ мехоҳед? Дар он шаб моҳ 14 рӯза буд. Гуфтанд: Ин моҳро ба ду қисм ҷудо кун. Паёмбар гуфт: Ба моҳ нигаред. Чун бингаристанд, он Ҳазрат ба сӯйи моҳ ишорае кард, моҳ дарҳол ду пора шуд, аммо он мушриконе, ки ҳозир буданд, гуфтанд, ки Муҳаммад (с) бар мо ё бар моҳ сеҳр кардааст* [6; 256].

Ин муъҷиза дар таърихи ислом бо номи «Шаққ-ул-қамар» ёд шуда, Худованд дар ояти 1-3-уми сураи «Қамар» чунин баён намудааст: «*Қиёмат наздик шуд ва моҳ ду пора гардид. Ва агар муъҷизае бубинанд, рӯй бигардоданд ва гӯянд: «Ҷодуе бузург аст!» Ва дурӯғ мепиндоранд ва аз паи ҳавоҳои худ меравand. Ва ҳар коре дар вақти худ қарор гирифтааст»* [159; 747].

Ё дар ҷои дигар Хоҷу он ишқеро, ки ба Офаридгори худ дорад, васф карда мегӯяд:

Тоири Турам, зи бонги «лан таронӣ» гашта маст,

Сеҳри Бобил дарнагирад бо яди байзои ман [23; 526].

Хоҷу таҷаллии Худовандро бар кӯҳ таъбир бар шароб карда, ки кӯҳ дар мастии он маҳв гардид. Калимаи «Тур» дар ин байт ҳамчун макони дидори ҷамоли ошиқ баён гардида, тоир, яъне, парандаи Тур кинoя аз ҳазрати Мӯсо ва ошиқони роҳи Ҳақ мебошад.

Шоир дар ин байт таркибҳои «Тур», «лан таронӣ» «сеҳри Бобил» ва «яди байзо»-ро истифода намудааст, ки ҳамаи инҳо аз таркиботи қуръонӣ буда, бо санъати суханварии хеш аз санъати ирсоли масал истифода намудааст.

Яъне, мурод аз «Тур» макони муқаддас ва қурби илоҳӣ буда, аз «лан таронӣ» ваъдаи дидори ҷамоли Худованд дар ҷаннат аст, ки чун ҷамоли бечунучарои худро бо аҳли ҷаннат нишон медиҳад, онҳо масту аз худ бехабар мешаванд. Дар мисраи дувум таркиби «сеҳри Бобил»-ро истифода намудааст, ки Бобил номи шаҳри қадимӣ буда, дар илми сеҳр машҳур аст. Сеҳри Бобил мурод аз он чоҳест, ки Ҳорут ва Морут – соҳирон, ки дар ибтидо фаришта буданд, бо илми сеҳр машғул шуда, гуноҳ карданд ва бо фармони Худованд дар чоҳи Бобил сарозер овехта шуданд. Ибораи «яди байзо» (дасти сафед), ки муъҷизаи Мӯсо буду ба он муъҷиза сеҳри соҳиронро ботил мекард, шоир низ гуфтанист, ки бо он нури имоне, ки дар қалбам аст, доимо бо ёду зикри Худост, ҳаргиз васвасаи Шайтон ба ман таъсир накунад.

Хоҷу дар ин ду мисраъ аз ҳаёт ва муъҷизаи ҳазрати Мӯсо талмеҳ овардааст, ки агар хонанда аз қиссаи ҳазрати Мӯсо (а) бохабар бошад, ин байтро бо осонӣ дарк мекунад. Масалан, калимаи «Тур» иқтибос аз ояти 29-уми сураи «Қасас» аст, ки Офаридгор дар китоби хеш мефармояд: «*Чун Мӯсо муддатро ба сар овард ва бо занаш равон шуд, аз сӯйи Тур оташе дид. Ба аҳли худ гуфт: «Ин ҷо истед. Оташе дидам. Шояд аз он хабаре ё пораи оташе биёварам, то гарм шавед»*. Дар ояти 46-уми сураи мазкур низ омадааст: «*Ту дар канори Тур набудӣ, он гоҳ ки Мӯсоро нидо дардодем. Вале ин раҳматест аз ҷониби Парвардгорат, то мардумеро, ки пеш аз ту бимдиҳандае надоштанд, бим диҳӣ. Бошад, ки онҳо пандпазир шаванд.»*[158; 169-170]. Таркиби «лан таронӣ» иқтибос аз ояти 143-уми сураи «Аъроф» аст, ки шарҳи он дар байти боло зикр шудааст ва таркиби «сеҳри Бобил» иқтибос ва талмеҳ аз достони Ҳорут ва Морут аст. Онҳо ду фариштае буданд, ки Худованд барои озмун табъи инсонӣ ба онҳо доду пас ба сарзамини Бобил фурудашон овард ва мардум аз онҳо сеҳр омӯханд, ки иқтибос аз ояти 102-юми сураи «Бақара» мебошад, ки чунин аст: *«Ва аз афсуне, ки девҳо ба рӯзгори подшоҳии Сулаймон*

*мехонданд, пайравӣ карданд ва Сулаймон кофир набуд, вале девҳо, ки мардумро ҷодугарӣмеомӯхтанд, кофир буданд. Ва низ он афсун, ки бар он ду фаришта: Ҳорут ва Морут дар Бобил нозил шуд, дар ҳоле ки он ду ба ҳар кас, ки ҷодугарӣ меомӯхтанд, мегуфтанд: «Кори мо фитна аст, мабодо кофир шавӣ». Ва мардум аз он ду ҷодуҳое меомӯхтанд, ки метавонистанд миёни зану шӯй ҷудоӣ афкананд ва он ҷуз ба фармони Худо ба касе зиёне намерасониданд ва он чи мардум меомӯхтанд, ба онҳо зиён мерасонид, на суд. Ва худ медонистанд, ки харидорони он ҷодуро дар охират баҳрае нест. Худро ба бад чизе фурӯхтанд, агар медонистанд!»* [158; 8].

Таркиби «яди байзо», низ аз таркиботи қуръонӣ буда, он низ талмеҳ аз достони ҳазрати Мӯсо (а) аст, ки Худованд дар ояти 32-юми сураи «Қасас» баён намудааст.

Ё дар байти зер Муҳаммади паёмбарро ситуда, қадру манзилат ва илму дониши ӯро бо истифодаи оятҳои қуръонӣ дар як байт баён доштааст:

Ҳар кӣ аз ҳукмат бигардонад инон, «шарр-уд-давоб»

В-он ки ёбад номи нек аз даргаҳат, «хайр-ул-аном» [23; 496].

Яъне, онҳо, ки аз ҳукмат саркашӣ мекунанд, бадтарини ҳайвонот ҳастанд, ки ин илҳом аз ояти 22-и сураи «Инфиол», яъне: *«Ҳамоно, бадтарини ҷунбандагон (ҳайвонот) назди Худо карҳоянд (ҳақношунав) ва гунгҳоянд (ки ифшои ҳақ накунанд) ононе, ки намефаҳманд ва дарнаёбанд»* буда, дар мисраи дувуми ин байт, яъне, пайравони ту беҳтарини бандагонанд, аз таркиб ва дуоҳои исломӣ мебошад.

Ё дар байти зер бо камоли устодӣ дар як байт ҳам қиссаи шаби меъроҷ ва ҳам қиссаи шикофтани қалби ҳазрати Муҳаммадро бо истифода аз оятҳои қуръонӣ баён доштааст:

Эй ту дар бӯстонсарои «лӣ маъаллаҳ» хушназар,

Карда бар садри «алам нашраҳ» дили покат мақар [23; 112].

Мисраи якум талмеҳ аз шаби меъроҷи Расули акрам аст. Чун Муҳаммади паёмбар ҳамроҳи Ҷабраили амин то «сидрат-ул-мунтаҳо» рафтанд, Ҷабраил иҷозаи бозгашт хост ва гуфт, ки беш аз ин ба ман иҷоза нест. Боқии

роҳро Сарвари коинот танҳо рафтанд. Мурод аз «бӯстонсарой» ҳузури Ҳақ буда, шоир баҳри таъсирбахш шудани каломи хеш аз ояти қуръонӣ иқтибос овардааст, ки ибораи «лӣ маъаллоҳ» дар оятҳои 60, 61, 62, 75, 64-и сураи «Намл» зикр шудааст.

Мисраи дувуми ин байт талмеҳ аз шикофта шудани синаи муборакии Расули акрам аст, ки дар таърих бо номи «Шаққи садр» машҳур буда, ин воқеа дар синни панҷсолагии он Ҳазрат рух додааст. Аммо мавлоно Сафираҳмони Муборакпур дар китоби «Сират-ун-набӣ» мегӯяд, ки ин воқеа дар синни чаҳорсолагӣ рух додааст. Ӯ аз Имом Муслим аз Анас ривоят мекунад, ки Ҷабраил замоне ки он Ҳазрат бо кӯдакон машғули бозӣ буд, назди вай омад ва ӯро гирифта ба болои кӯҳ бурда, ба замин хобонид ва синаашро шикофту қалбашро хориҷ сохт ва хуне баста аз он баровард ва гуфт: Ин баҳраи Шайтон дар вуҷуди туст. Сипас қалбро бо оби Замзам дар тапште заррин шустушӯ доду ба ҷойи худ бозгардонд ва синаро баст. Кӯдакон саросема назди модари разоияш давида ва гуфтанд: Муҳаммад кушта шуд! Чун ба наздаш рафтанду ӯро паридаранг ёфтанд. Анас мегӯяд: Ман низ асари дӯхтро дар синаи он Ҳазрат медидам [28; 73].

Шоир поктинатӣ ва софдилии Паёмбарро ситуда, баҳри исбот ва далели суханони худ аз ояти якуми сураи «Нашраҳ» иқтибос меорад, ки Худованд мегӯяд: «*Оё синаи туро кушода (равшан) накардем (эй Муҳаммад, бо нури Қуръон)*» [26; 883].

Шарҳи садр, яъне, шикофтани синаи муборакии Муҳаммади паёмбар афзоиши зарфият ва пайдоиши вусъат дар андеша, нигоҳ ва дарку фаҳм аст, ки таассуб ва тангназариҳо ва қазоватҳои шитобзада дар он роҳ надорад.

Чунон ки мушоҳида намудем, Хоҷу бо истифода аз калимаҳои қуръонӣ таркиб месозад, мисли «лӣ маъаллоҳ» ва «алам нашраҳ» ва дар шеъри ӯ намунаҳои фаровоне аз ин навъ истифода метавон дид.

Истифода аз ибораҳои арабӣ, бавижа оёту аҳодис ҳеҷ гоҳ ба шакли ҷузъи зиёдатӣ наёмадааст ва ба санъати сухан ва зебоии он латма ворид накардааст, баръакс, бар сухани ӯҷилваи дигаре зам кардааст. Аз ҷумла, дар

байти зер нубуввати Муҳаммад (с)-ро васф намуда, аз таркиби қуръонӣ тазмин оварда, мегӯяд:

Чун расидӣ дар риёзи «қосирот-ут-тарфаайн»,

Бар фарози ҳафт манзар гар назар дорӣ, бибин [23; 537].

Ин байт киноя аз бузургмартабагӣ ва воломақомии ҳазрати Паёмбар буда, мурод аз «ҳафт манзар» ҳафт табақаи осмон аст, ки Аҳмад парчами нубуввати хешро дар болои он ҳафт манзар гузошт.

Орифон дар ин мазмун чунин мегӯянд: «Корвони Аҳмад киноя аз каломи шариф, ғуломон ва канизони бешумор низ овардааст, на он ғуломону канизон, ки худпарастон ба хидмат гиранд ва хор кунанд ва худ аз эшон хортар шаванд, балки ғуломон ва канизони сафкашида чун фариштагон, ки муштоқанд, то ба хидмати инсон дароянд» [24; 27].

Мурод аз «риёз» ибодат ва «қосирот-ут-тарфаайн» ҳамонҳурони сиёҳчашм мебошанд, ки орифон ҳурони биҳиштро чунин васф намудаанд: «Онҳо ҳамон ҳуриёни қосироти тарфаанд, ки аз шармгинӣчуз бо ҳарифи ошно наёмезанд, балки ин шармгинӣ худ ҳамон ҳурест занонро дар суҳбати хеш қадру манзилате азим мебахшад ва ҳамчун гавҳари шабчароғ аз нигоҳи латифашон медурахшанд» [24; 28].

Калимаҳое, ки Хоҷу дар шеърҳои худ бештар истифода намудааст, калимот ва таркибҳое мебошанд, ки мансуб ба достони Меъроҷ аст. Достони Меъроҷ яке аз мазмунҳое мебошад, ки борҳо дар шаклҳои гуногун дар ғазалиёти Хоҷу омада, шоир ҳунари шоиронаи худро дар ин мавқеъ нишон додааст. Воқеаи шаби меъроҷи Паёмбар шӯру ғавғое дар ҳунари адабии шоирони форсигӯ андохтааст, ки дар фарҳанги ҷаҳонӣ назир надорад.

Аз диди орифон меъроҷи Паёмбар «Огоҳии кайҳонӣ буда, уруҷи ӯ сафарест аз халқ ба ҳақ ва аз ҷузъ ба кул ва аз касрат ба ваҳдат ё ба таъбири орифони порсигӯ сафарест аз нафс то ишқ, ки ваҳдати сорӣ дар кулли коинот аст» [24; 42].

Хоҷуи Кирмонӣ низ яке аз ошиқони роҳи Ҳақ ва пайрави содиқи ҳазрати Муҳаммад мебошад, ки аз қиссаи меъроҷ дар ғазалиёти худ бисёр истифода

намудааст. Аз ҷумла, дар байти зер аз он ваҳйи Худованд, ки дар ними шаб расулашро ба сӯи худ хонд, талмеҳ оварда, бо ибораи кӯтоҳу маънии бисёр дар ду байт баён намудааст:

Дар дили шаб бонги «субҳон-ал-лазӣ асро» зада,

Бар дари қасри «фа авҳо» кӯси «мо авҳо» зада [23; 112].

Хоҷу бо ҳунари волои шоирона аз санъати тазмин истифода намуда, ибораҳои «субҳоналлазӣ асро», «фа авҳо» ва «мо авҳо»-ро аз се ояти қуръонӣ тазмин овардааст. Ин байт талмеҳ аз шаби меъроҷи Расули Худост, ки оид ба меъроҷ дар боло баён намудем. Аммо, шаби «Исро» сайри шабонгоҳӣ, яъне шабона рафтани Паёмбар (с) аз Макка ба Байтулмуқаддас аст. Ин воқеа дар 27-уми моҳи раҷаби соли даҳуми биъсат ба вуқуъ пайвастааст. Чун пушту паноҳ ва ҳимоятгар амакаш - Абӯтолиб аз олам гузашт ва ҳанӯз ҷароҳати Паёмбар (с) аз вафоти Абӯтолиб ба ҳам наёмада буд, ки ҳамсари меҳрубонаш - Хадиҷа аз дунё даргузашт. Баъди вафоти ин ду ёри бовафо ва ҳомиёнаш зулму ситами мушрикон нисбат ба он Ҳазрат дучанд шуд. Дар ин соли пурандӯҳ Худованд ба ҳабиби худ марҳамат намуда, баҳри дур шудани ғаму андӯҳаш ӯро ба ҳузури хеш даъват намуд. Шоир дар мисраи аввал аз ин қисса ёд карда, мегӯяд, ки ту он зоте ҳастӣ, ки дар ними шаб нидо ва ваҳйи худовандӣ ба ту омад. Шоир дар ин мисраъ аз ояти 1-уми сураи «Исро» иқтибос овардааст, ки Худованд дар он шаб ҳабиби худро ба назди худ хонда буд: «*Пок аст он зоте, ки бурд бандаи худро (яъне, Муҳаммадро) шабе аз Масҷиди Ҳаром ба сӯйи Масҷиди Ақсо, ки баракат ниҳодем дар атрофи он, то нишон диҳемаш баъзе муъҷизаҳои худро. Ҳамоно Худованд шунавову биност.*» [158; 118].

Дар ин сура Худованд доир ба яке аз бузургтарин муъҷизаҳои Паёмбари охирзамон Муҳаммад ба номи «Исро», яъне сайри шабонгоҳ хабар додааст, ки сабаби ном гирифтани сура ба «Исро» ҳам дар ҳамин аст.

Дар мисраи дувум шоир воломақомии мавсуфашро баён намуда, баҳри истидлол ва зебоии сухани хеш аз ибораҳои қуръонӣ тазмин овардааст. «Фа авҳо» ибораи қуръонӣ буда, амри Худованд ба банда аст ва аз «қаср» даргоҳи Худованд буда, аз «*мо авҳо*» қабули амри Ҳақ ва расонидани он ба маъмураш,

яъне, бо воситаи Ҷабраил ба Паёмбар. Чун Худованд ба фариштагон амр кард, то ҳабибашро ба ҳузури ӯ биёранд, фариштагон низ ба амри Худованд Расулуллоҳро дар як лаҳза ба олами малакут, ба ҳузури Ҳақ овarданд. Ин байт аз ояти 10-уми сураи «Наҷм» манша гирифтааст, ки Худованд мефармояд: «*Пас, пайғоми Ҳақро расонид ба Муҳаммад (с)*» [158; 235].

Соликони роҳи Ҳақ мақоми «ав адно»-ро чунин баён мекунанд: «Мақоми «ав адно» бозгашти одамӣ ба Парвардгори хеш ва маҳв шудани ҳама мартабаҳои инсонӣ дар мартабаи илоҳист, ки ин камоли наздикшавии Паёмбар ба Офаридгор мебошад» [28; 42].

Дар байти зер низ аз ин қиссаи исломӣ илҳом гирифта, мамдӯҳашро ба моҳрӯйи шабафрӯз ташбеҳ дода мегӯяд:

Ба моҳрӯйи шабафрӯзи «аллазӣ асро»

Ки ёфт Муштарӣ аз меҳри ӯ «улуввубиҳо» [23; 537].

Шоир бо ҳунари нуктапардозӣқофияи ҳар ду мисраъро бо тазмини қуръонӣ хотима додааст. Хоҷу дар мисраи аввал ибораи «моҳрӯйи шабафрӯз»-ро истифода намудааст, ки он истиора аз Паёмбар (с) аст, яъне, он моҳрӯйи шабгард, ки бо ҳусни рухаш шаби зулмониро мунаввар намуда, Муштарӣ аз меҳри ҳусни ӯ бартарӣ пайдо кард.

Шоир бо камоли ҳунармандӣ ва нуктапардозӣ ба ҷойи калимаи «шабгардӣ ё сайри шабонгоҳӣ» бо қасди зебопарастии сухан таркиби «аллазӣ асро»-ро истифода намудааст, ки он аз таркиботи қуръонӣ буда, тазмин аз қисмати ояти якуми сураи «Исро» мебошад, ки шарҳи онро дар байти боло зикр намудем.

Дар байти зер сайри шабонгоҳии он ошиқи содиқро ба сӯйи маҳбубаш ба тарзи дигар баён намуда, чунин мегӯяд:

Ақсохирому бодияпаймои «лав данавт»,

Гетифурӯзу мамлакаторои «ва-з-зуҳо» [23; 498].

Хоҷу бо ҳунари шоирона ба ҷуз аз тазмини ояҳои қуръонӣ боз аз мазмуни оятҳои форсишудаи Қуръонро кор бурдааст. Таркибҳои «ақсохиром» ва «бодияпаймо» истиора аз Муҳаммади паёмбар буда, «лав данавту», яъне

(агар як қадам гузорам, ҳароина сӯхта мешавам) иқтибос аз каломи ҳазрати Ҷабраил аст, дар шаби меъроҷ дар он олами ғайб ба ҳамсафараш Расули акрам (с) гуфтааст. Муроди шоир ин аст: Эй Расули Худо, ту он зоте мебошӣ, ки дар як шаб хиромон масҷиди Ҳарому (воқеъ дар Маккаи мукаррама) масҷиди Ақсоро (воқеъ дар Шом, яъне Фаластини кунунӣ) тай намуда, аз сарҳади «лав данавту», ки аз он касе қудрати убурро надошт, гузашта ба макони муқаддас расидӣ. Мисраи аввал ба ҷуз аз тазмини ҳадиси қудсӣ боз аз мазмуни форсии тоҷикии ояти аввали сураи «Исро» гирифта шудааст.

Дар мисраи дувум шоир аз ояти 1-уми сураи «Зуҳо» иқтибос овардааст, ки Худованд мефармояд: «*Савганд ба вақти чошт*» [50; 882], яъне, Офаридгор дар ин сура бо вақти чошт савганд ёд кардааст, ки мурод аз чошт чошти ҳамин дунё мебошад ва мурод аз «зуҳо»-и шоир Худованд мебошад, зеро соҳиби гетӣ ва мамлакат танҳо Офаридгор аст. Аз ин рӯ, Хоҷу Паёмбарро бо сифатҳои «гетифурӯз» ва «мамлакаторои ва-з-зуҳо», васф мекунад, зеро Расулуллоҳ дар мулки Худованд, яъне, замин мисли офтобе буд, ки ба шарофати он башарият, бахусус, қавми араб аз зулмати ҷаҳлу нодонӣ ва ваҳшоният наҷот ёфт.

Чунон ки аз ашъори Хоҷу маълум гардид, шоир бо таркибҳои «мо зоғ-ал-басар», «қоба қавсайн», «дано фатадалло» ва дигар калимаву ибораҳои ин китоби осмонӣ, ки ба Паёмбари Худо (а) нисбат дода шудаанд, зиёд истифода намуда, аз онҳо ибораҳои зебое сохтааст. Масалан, дар байти зер баён мекунад, ки пеш аз офариниши Одам нури Муҳаммад дар олами малакут сайр мекард:

Одам дам аз гил нозада, к-ӯ кӯси «мо авҳо» зада,
Бар авҷи «ав адно» зада манҷуқи роёти «дано» [23; 496].

Ин байт низ талмеҳ аз шаби меъроҷи Паёмбар (с) буда, шоир дар он аз ду ояти қуръонӣ ва аз мазмуни ҳадиси набавӣ тазмин овардааст.

Баъзе аз орифон мақоми уфуқи аъло, яъне «ав адно»-ро мартабаи камоли инсонӣ дониста, чунин шарҳ додаанд, ки:«Паёмбар дар шаби меъроҷ ба он сууд кард, ки он уфуқи баланд аз олами малакут буд, ки он малаки муқарраб ба ӯ наздик шуд. Он малаки муқаррабро ҳақиқати таҷаллии маърифати зоти илоҳӣ донистаанд. Дар ин меъроҷ Паёмбар (с) ҳар дам ба ҳақиқати Парвардгори хеш

наздиктар мешуд, то ба мақоми «қоба қавсайн» расид, ки он тахти хирад ва доноист ва аз он наздиктар ишқ ва висол аст, ки ӯро бо Парвардгори хеш ҳосил омад. Ин хилвати «ав адно» аст. Дар ин хилват ишқ буд, ки навои ошиқонаи ваҳй дар гӯши дили ӯ танин афканд. Ваҳй, ки аз гуфт, сурат, калима, калом, оят ва сура берун аст, ба ҳамин ҷиҳат ба иллати азамати он ваҳй аз он ба иҳоми латиф ёд шудааст, ки таъбир чунин аст: «*Ба ӯ ваҳй шуд, ҳамон чи ки ба ӯ ваҳй шуд*» [24; 725].

Хилқати Одам ҳанӯз дар даруни гил буд, ки ба рӯҳи Муҳаммад (с) башорат ва муждаи паёмбарӣ расонида шуд. Шоир баҳри ҷозибу таъсирбахш шудани сухани худ аз мазмуни ҳадиси набавӣ, ки шарҳи он дертар баён хоҳад шуд, аз ояти 9 ва 10-уми сураи «Наҷм» иқтибос овардааст, ки Худованд мефармояд: *«Ӯ Расулро он қадар боло бурд, ки беш аз ду камон ва ё камтар фосила монд. Дар он ҷо буд, ки Ҷабраил ба бандаи Худо ваҳй кард, он чиро ки кард»* [158; 235].

Муфассирон дар тафсири ин оят ихтилофи назар доранд. Бархе бовар доранд, ки ин оят марбут ба нузули Ҷабраил бар Паёмбар ва фосилаи ӯ бо Паёмбар дар ҳангоми нузули ваҳй мебошад, яъне, ҳангоме ки Ҷабраили амин нахустин бор бар Паёмбар нозил шуд, фосилаи ӯ бо Паёмбар ба андозаи ду камон ва ё камтар буд.

Бархе дигар ақида доранд, ки ин оят марбут ба шаби меъроҷи Муҳаммади паёмбар буда, нозир ба қурби маънавии ӯ ба Худованд аст. Яъне, ҳангоме ки Паёмбар ба меъроҷ бурда шуд, фосилаи ӯ аз соҳати муқаддаси Парвардгораш ба андозаи қавсайн (яъне, миқдори ду камон) ё камтар буда ва ҳиҷоб аз баробари дидгони ӯ бардошта шуд. Ин таъбир киноя аз шиддати қурби маънавист, вагарна ӯ бо бандагонаш фосилаи маконӣ надорад, то ба қавс (яъне, камон) санҷида шавад [138; 12].

Шайх Тусӣ аз ибни Аббос ва аз Паёмбар (с) ривоят мекунад, ки гуфт Расули Худо: «*Ҳангоме ки ба осмон уруҷ кардам, ончунон ба соҳоти муқаддаси Парвардгорам наздик шудам, ки миёни ман ва ӯ фосилаи қавсайн ё камтар буд.»* [138; 123].

Дар байти зер низ шоир Расулуллоҳро ситуда, бо тазмини вожагон ба шеъри худ ҳусн бахшидааст:

Эй алам бар тахтгоҳи олами боло зада,

Навбати субҳи «дано» бар боми «ав адно» зада [23;112].

Дар мисраи якум мурод аз «алам» калимаи «тайййба» ва аз «олами боло» олами малакут аст, ки шоир Расулуллоҳро васф карда, мегӯяд, ки ном ва парчами ту, яъне, калимаи «тайййба» дар олами малакут дар паҳлуи номи он зоте, ки офаридгори замину осмонҳост, навишта шудааст.

Алам ба маънии парчам буда, калимаи «тайййба» парчами Паёмбар мебошад ва дар Арши олами болост. Хоҷу дар ин мисраъ ишора дорад ба ҳадиси набавие, ки Имом Тирмизӣ аз Абисаид ривоят мекунад, ки гуфт: «Гуфт Паёмбари Худо (с): *«Ман дар рӯзи қиёмат пешвои авлоди Одамам ва бо ин фахр намекунам ва дар дастам парчами ҳамд (сано) аст, ки бо он фахр намекунам, дар ин рӯз тамоми паёмбарон, Одам ва дигарон дар зери парчами ман қарор мегиранд ва ман нахустин касонам, ки аз қабр аввал хезонда мешавам ва бо ин фахр намекунам»*[10; 442].

Мисраи дувум низ талмеҳ аз шаби меъроҷ ва мушарраф шудани Муҳаммади паёмбар ба ҳузури Ҳақ аст. Шоир баҳри таъсирбахш шудани каломи хеш аз ояти 9-уми сураи «Наҷм», ки дар боло баён намудем, иқтибос овардааст.

Ё дар байти зер ба ҷуз аз ибораи ҳадиси набавӣ боз аз се ибораи қуръонӣ иқтибос оварда, мегӯяд:

Кушода дидаи «мо зоға» дар ҷаҳони «абийт»,

Фиканда тахти «дано» дар макони «ав адно» [23; 537].

Ё дар байти зер низ бо истифода аз оятҳои қуръонӣ мегӯяд:

Рахти «ав адно» ба девони «дано» меоваранд,

Гӯи «мо авҳо» ба чавгони «фа авҳо» мезананд [23; 508]

Шарҳи ин вожаву иборахо дар байтҳои боло зикр шудааст.

Чунон ки шоир дар боло аз рухсору гесу ва чашмони Муҳаммади паёмбар васф кард, дар байти зер абрӯ ва ғамзаи ӯро бо истифода аз ибораҳои қуръонӣ ситуда, чунин мегӯяд:

Абруят бикшуда тири «қоба қавсайн» аз камон,

Ғамзаат бинмуда теғи «қум фа анзир» аз камин [23; 524].

«Қоба қавсайн», яъне ба андозаи ду камон. Орифон ин ду камонро ду нимаи доираи инсони комил таниста, баён намудаанд, ки: «Як нимаи қавс нузул ва ҳубут ва як нимаи қавс суъуд ва меъроҷ аст. Дар ин таъбир ишоратест ба ин ки ҳамаи мадориҷи ҳастӣ мадори вуҷуди инсон аст ва ӯст, ки аз аълои иллиййин то асфал-ас-софилинро таҷриба мекунад» [24; 726].

Шоир дар мисраи якум абрувони мамдӯҳашро ба ду тири камон ташбеҳ намуда, аз ояти 9-уми сураи «Наҷм» иқтибос овардааст.Ҷурҷонӣ ибораи «қоба қавсайн»-ро чунин шарҳ додааст: «Қоба қавсайн мақомест баланд ва он мақоми қурби исмоилист, ки муқобила миёни асмои илоҳӣ ва дугонагии онҳо муътабар ва муҳарраз аст дар доираи амри илоҳӣ, ки иборат аст аз доираи вуҷуд чун ибдоъ ва иода, нузул ва уруҷ, фоилият ва қобилият. Болотар аз он мақоми «ав адно»-ст ва он мақоми аҳадияти айн ва ҷамъи он аст, ки таъйин ва тамйиз низ бардошта шавад ва дугонагии эътиборӣ ба канор равад ва ин ҷо марҳалаи фанои маҳз ва ҳамаи русум аст» [24; 18].

Дар мисраи дувуми ин байт шоир асарпазирии тасвирӣ аз Қуръон намудааст. «Гӯянд, ки асарпазирии тасвирӣ он аст, ки шоир оят ё ҳадис ва ё моя ва мазмуни онҳоро мушаббаҳ ба ташбеҳ ва тамсил месозад» [94; 46].

Ибораи «қум фа анзир» иқтибос аз ояти 2-юми сураи «Мудассир» мебошад, ки Офаридгор мефармояд: *«Бархезу бим деҳ»* [155; 96].

Ё дар байти дигар шоир мавсуфашро ба муаллиме ёд мекунад, ки устоди он Холиқи яктост:

Муфтии дарси илоҳӣ, сӯфии саффи сафо,

Маънии гесӯйи ӯ «ва-л-лайл»-у ораз «ва-з-зуҳо» [23; 111].

Дар мисраи якум шоир калимаҳои «муфтӣ» ва «сӯфӣ»-ро зикр кардааст, ки мурод аз «муфтӣ» ва «суфӣ» Паёмбар (с) буда, аз «дарси илоҳӣ» калом ва

пайғоми Худованд аст. Яъне, шоир Расулуллоҳро ба муфтӣ ташбеҳ мекунад, ки маънии муфтӣ «фатводиҳанда», «қонуншинос» аст, зеро Муҳаммади паёмбар аз каломи илоҳӣ ба асҳоби худ фатво медоданд ва ҳукм мебароварданд ва дар дини ислом аввалин муфтӣ буданд, ки дарси илоҳиро бе ҳеҷ муаллиму мадраса омӯхтаанд, зеро устод ва муаллими ӯ худи Парвардгор буд, ки аз болои Арши аъло ҳабиби худро омӯзонд ва шарҳи он дар сураи «Алақ» батафсил зикр шудааст.

Мурод аз «сӯфӣ» Аҳмад-паёмбар буда, «саффи сафо» киноя аз роҳи Ҳақ мебошад, чунки Аҳмад аз беҳтарин сӯфиҳои роҳи Ҳақ буда, пайваста номи поки Худованд бар забони Аҳмад ва ишқи поки Аҳад дар ҷараёни хуну рагу қалби Аҳмад ҷорӣ буда, чи ошкору чи ниҳон, амри Аҳадро иҷро мекард.

Дар мисраи дувум Хоҷу гесӯисиёҳи Расули Худоро ба «лайл», яъне, торикии шаб ва рӯйи муборакашро ба «зуҳо», яъне, ба равшанӣ ва сапедии рӯз ташбеҳ додааст. Ин иқтибос аз ояти якуми сураи «Лайл» аст, ки Худованд мефармояд: *«Савганд ба шаб, он гоҳ ки ҷаҳонро бо торикияш бипӯшад»* [26; 880] ва рӯйи муборакашро ба сураи «аз-Зуҳо», ки дар боло баён гардид, ташбеҳ кардааст.

Истифодаи Хоҷу аз калимаҳои «лайл» ва «зуҳо» ба маънии маҷозӣ буда, шоир дар ин ду калима диққати хонандаро ба ин ду сураи қуръонӣҷалб мекунад, ки чӣ гуна Худованд бандаи худ – Муҳаммадродарин сураҳо адаб омӯзондааст. Аз ҷумла, Офаридгор дар сураи «Лайл» бандаи маҳбубашро ба хидмат ба халқ ва адои ҳаққи одамиён аз адолат, эҳсон ва хубӣ, парҳез аз шаҳодати дурӯғ ва озори мардумон ва поймол намудани ҳуқуқи инсонҳо амр намудааст. Боз дар сураи «Зуҳо» ба Паёмбараш мегӯяд, ки ҳаргиз ятимеро бо қаҳр аз дар марон, зеро дарди ятимиро худ таҷриба кардаӣ. Ҳаргиз соил ва гадоеро маҳрум нагардон, ки ту худ солҳо боз бар даргоҳи мо соил ва талбанда мебошӣ.

Хоҷу, ки бештар дар ашъори хеш аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ суҳбат мекунад, аз сураҳои «Лайл» ва «Зуҳо» тазмин овардааст, ки ҳар замон касеро навмедии сахте пеш ояд, бо хондани ин байт ва таъсир гирифтан аз

мазмуни сураҳои қуръонӣҷони тоза мегирад ва сояи лутфи илоҳиро бар сари худ эҳсос менамояд.

Дар байти боло шоир аз илму дониш ва ҳусну ҷамоли Паёмбар ёд карда, дар байти зер мақому мартабаи он ҳазратро илова намуда, чунин мегӯяд:

Хусрави аршостон, курсинишини кибриё,

Маҳбити Номуси акбар, «раҳматан-лил-оламин»[23; 111].

Яъне, «хусрави арш» ҳамон арши аъло ё ҷаннат ва мақоми «Сидрат-ул-мунтаҳо»-ст, зеро он ҳазрат подшоҳу тахтнишини ин дунёи фониро интихоб накардааст, ки шоир ба он васф кунад. Иборай «курсинишини кибриё», яъне, тахтнишини олами малакутӣ буда, талмеҳ аз шаби меъроҷи Паёмбар ва расидани ӯ ба мақоми «Сидрат-ул-мунтаҳо» (маконест, ки берун аз илми махлуқот, чи аз тоифаи ҷин бошад ё инс ва чи малоик) мебошад. Чун Паёмбар дар шаби меъроҷ ба волотарин мақомҳои олами малакут мушарраф шуданд, ки ҳатто фариштаи муқарраби Худованд - Ҷабраил қудрати дидани он ҷойро надошт.

Калимаи «маҳбит- مهبط» дар «Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ» ба маънии «сарчашма», «макон (ҷой, маҳал)», «ҷойи фуруд омадан» аст. Маънии «ҷойи фуруд омадан» ба мақсад наздик буда, «Номуси акбар», ки мурод аз он Ҷабраил аст, бори нахуст дар ғори Ҳиро (воқеъ дар шаҳри Макка) сурати худро ба Расули Худо ошкор намуд, ки ин чанд бор сурат гирифт. Аз ҳайбати дидани сурати фаришта Муҳаммади паёмбар тарсону ларзон ба хонаи хеш омаданд ва ин воқеаро ба ҳамсарашон - Хадиҷа нақл карданд. Бо шунидани ин ҳодиса Хадиҷа ҳамроҳи Паёмбар ба назди амаки Хадиҷа - Варқа ибни Навфал рафтанд. Ӯ шахси яктопараст ва пайрави дини Иброҳим буда, хатти ибриро медонист ва китобҳои Тавроту Инҷилро хонда, аз саргузашти ҳазрати Исо, Мӯсо ва таърихи банӣ Исроил бохабар буд. Чун ин воқеаро ба ӯ нақл карданд, Варқа гуфт: *«Ҳозо Номусун яъти бика камо яъти мин қаблик»,* яъне, ин ҳамон Номуси бузург аст, ки ба Мӯсо меомад, ба ӯ фуруд омадааст. Ӯ пайғамбари ин уммат аст. Ба ӯ бигӯ, пойдор бошад [13; 25].

Мурод аз ин мисраъ, ин аст, ки: Эй фиристодаи Худо, ту шахсияте ҳастӣ, ки Ҷабраил, он фариштаи амин, ба назди ту меомад ва ту он зоте ҳастӣ, ки Худованд туро раҳмате барои оламиён офарид. Мисраи аввал илҳом аз ояти 107-уми сураи «Анбиё» буда, Худованд Пайғамбарашро ба раҳмат ёд карда, мефармояд: «*Ва фиристодем туро (эй Муҳаммад «с») раҳмати оламиён*» [158; 142].

Орифони роҳи Ҳақ подшоҳии Расули Худоро ситуда, чунин гуфтаанд: «Ин хусрави пуршукӯҳу ҷалол Аҳмад аст, ки бар баландии шаҳри ҳастӣ хайма задааст. Ӯ шоҳи гавҳарфурӯшони олам аст, ки чандин ҳазор гавҳари рахшону лаъли Бадахшон дар остин дорад, то ба ройгон ба домани ҳамагон бияфшонад. Ин подшоҳ аз роҳи абрешими ишқ омада ва мушки Хутан овардааст. Оре, қофилаи Аҳмад мушк овардааст, на он мушки Хутан, ки аз хуни оҳувони бегуноҳ аст, балки мушке аз Хутани ғайб, ки атри диловезаш ҳазор хотираи азалиро дар дил зинда мекунад». [24; 25].

Ё дар байти зер сухан аз хулқи муҳаммадист, ки аз он ба бузургӣ ёд шудааст:

Эй магасрони височат шаҳпари Рӯҳуламин,

Нақши тавқеъи ҷалолат «раҳматан-лил-оламин» [23; 524].

Хоҷу дар ин байт воломақомии Муҳаммад (с)-ро васф мекунад. Мурод аз «магасронӣ» ҳифз ва ҳимояи он аз ҷониби Парвардгор ва аз «соқити шаҳпар» ва «Рӯҳуламин», ҳазрати Ҷабраил аст, ки ваҳйи илоҳӣ ба воситаи ӯ сурат мегирифт. Шоир дар мисраи аввал мамдӯҳи худро васф намуда, мегӯяд: Рӯҳуламин, яъне, Ҷабраили Амин, ки яке аз чаҳор фариштаи муқарраб аст, бо он бузургмартабагӣ пайку расули ту аз ҷониби Холиқи якто буда, пайғоми Аллоҳро ба ту мерасонид. Шоир баҳри исботи сухани худ аз ояти 193-и сураи «Шуаро» иқтибос меорад, ки Худованд гуфт: *«Онро Рӯҳуламин (Ҷабраил) нозил кардааст»* [25; 506].Дар мисраи дувум шоир аз азамату бузургмартабагии Расули Худо ёд карда, бо қасди истишҳоду истидлол аз санъати тазмин истифода намуда, аз ояти 107-уми сураи «Анбиё» суд ҷустааст, ки мазмуни онро дар боло баён намудем.

Хоҷу дар ин байт аз раҳму меҳрубонӣ ва шафқати Паёмбар ёд намуда, барои таъсирбахш намудани сухани худ аз ояти Қуръон тазмин овардааст. Дарин оят Худованд паёмбарашро ва дар парда ҳамаи бандагонро, ки дорои хулқи ҳамида ва нармхӯй мешаванд огоҳ мекунад, ки ин хулқи ҳамида ин неъматест аз неъматҳои илоҳӣ, ки барои бандагони маҳбубаш насиб гаштааст, бояд шукрона кард.

Шоир бо ҳунари суханпардозӣ дар парда тамоми инсонҳоро ба раҳмату шафқат ва меҳрубонию хидмат ба халқи Худо даъват намуда, ин амалҳоро яке аз сифатҳои беҳтарини инсонӣ донистааст.

Дар байти зер баландмартабагии он Ҳазратро васф карда, аз ояти Қуръон тазмин оварда, мегӯяд:

Тоқи айвони нубувватро зи фарти кибриё

Бурда бар кайвону Одам дар миёни «моу тин» [23; 524].

Дар ин байт Хоҷу мегӯяд, дар ҳоле ки қолаби бобои Одам дар миёни хоку гил буд, ту аз ҳадди бузургият тахти айвони пайғамбариятро бар болои Кайвон (ситораи Зуҳал), ки мурод аз он Арши маҷид аст, гузоштӣ. Яъне, вақте Худованд нури нубуввати туро офарид, хилқати Абулбашар Одам (а) ба вуҷуд наомада, ҷисмаш дар байни хоку об буд. Ин байт ба илҳом аз ояти 12-уми сураи «ал-Муъминун» аст, ки Худованд мефармояд: «*Қасам, ки офаридем Одамро аз хулосаи (мағзи гилу) лой*»[25; 220].

Шоир дар ин байт байти болоро тақвият дода, баҳри таъсирбахш шудани сухани хеш аз ояти қуръонӣ иқтибос оварда, мегӯяд:

Одами хокӣҳанӯз аз обу гил дам нозада,

Хоки поят буд куҳли «қосирот-ут-тарфа айн» [23; 112].

Хоҷу дар ин ҷо Расулуллоҳро васф намуда, ҳам аз Қуръон ва ҳам аз ҳадиси набавӣ истифода намудааст. Яъне, шоир мегӯяд, ки рӯҳи Паёмбар аз аввалин махлуқотест, ки Худованд офарид, ҳатто аз Абулбашар бобои Одам ки падари башарият буд, пештар офарида шудааст. Ё Расулуллоҳ, аз ҳазрати Одам ҳанӯз асаре набуд, фариштагон ва ҳурони биҳиштӣ, ки аз ҳусну ҷамоли эшон

офтоб равшании худро гум мекунад, хоки қадамҳои туро сурмаи чашмони хеш мекарданд.

Хоҷу баҳри исботи сухани хеш дар мисраи аввал аз ҳадиси набавӣ талмеҳ меорад, ки Расули акрам гуфтаанд: «*Ман паёмбар шудам, Одам ҳанӯз дар байни хоку гил буд»*. Дар мисраи дувум иқтибос аз ояти 48-уми сураи «Соффот» аст, ки Офаридгор мефармояд: «*Барои ҷаннатиҳост занони дарпешгиранда чашми худро (аз назари бегона) занони фарохчашм*» [158; 195]. Ба таври дигар, эй Расулуллоҳ, чун Офаридгор туро Пайғамбар интихоб намуд ва ҳурони зебочашми ҷаннат хоки пойи туро сурмаи чашмони худ мекарданд, дар ҳоле ки колбади Абӯлбашар ҳанӯз дар байни обу лой буд.

Ҳакимон ва орифони исломӣ Аҳмад-Паёмбари исломро чунин баён намудаанд: «Аҳмадро мазҳари тамомияти инсон ва инсонро мазҳари ҷомеъияти авсофи илоҳӣ медонанд. Аҳмад нахустин зуҳури ваҳдат дар касратаст» [24; 40].

Дар байти зер шоир Масъудшоҳро васф намуда, аз таркиботи қуръонӣ иқтибос овардааст:

Эй ки Ризвонат фиристад равзаи «дор-ус-салом»,

Саҷдагардонони гардун карда дар саҳнат мақом [23; 41].

Хоҷу бо ҳунари тасвиророй дар мисраи якум аз калимаҳои «Ризвон» - номи дарбони биҳишт, «равза» - боғ, бӯстон ва «дор-ус-салом» номи биҳишт, истифода намудааст, ки онҳо калимаҳои қуръонӣ мебошанд. Шоир мегӯяд: Шаъни ту он қадар бузург аст, ки дарбони биҳишт - Ризвон бӯстоне аз бӯстонҳои ҷаннатро бароят мефиристад. Дар мисраи дувум таркиби «саҷдагардонони гардун» истиора буда, киноя аз фармонравоёну фармондеҳони замин аст ва мурод аз он тамоми сарварони олам дар саҳни дарбори ту хидматгузоранд.

Шоир дар ин байт ба қасди истишҳоду зинати суханаш ва таъсирбахш шудани он аз асарпазирии вожагон истифода намуда, калимаи «Ризвон» ва таркиби «дор-ус-салом»-ро ба кор бурдааст, ки онҳо аз вожагони қуръонӣ буда, калимаи «Ризвон» дар сенздаҳҷои ин китоб зикр шудааст. Аз ҷумла, дар ояти 15-уми сураи «Оли Имрон», ки Худованд мефармояд: «*Бигӯ: «Оё шуморо ба*

*чизҳое беҳтар аз инҳо огоҳ кунам?». Барои онон, ки парҳезгорӣ пеша кунанд, дар назди Парвардгорашон биҳиштҳоест, ки наҳрҳо дар онҳо равон аст. Инҳо бо занони покиза дар айни хушнудии Худо, ҷовидона дар он ҷо хоҳанд буд. Ва Худо аз ҳоли бандагон огоҳ аст*» [158; 21].

Таркиби «дор-ус-салом» низ таркиби қуръонӣ буда, дар Қуръон 11 бор ёд шудааст. Аз ҷумла, дар ояти 25-уми сураи «Юнус» чунин омадааст: «*Худованд ба сарои саломат (ҷаннат) даъват менамояд ва ҳар киро бихоҳад, ба роҳи рост ҳидоят мекунад!*» ва дар ояти 35-уми сураи «Фотир» низ ба ин маънӣ омадааст: «*Он Худое, ки моро аз фазли хеш ба ин саройи ҷовидон даровард, ки дар он ҷо на ранҷе (ҷисмонӣ) бар мо мерасад ва на хастагӣ (рӯҳонӣ)»*[158; 86, 190].

Ё дар байти зер шоир яке аз шайхони асри худро васф карда, аз таркиботи қуръонӣ иқтибос оварда, мегӯяд:

Он ки Ризвон вассаломаш мефиристад бар равон

Ҳури фирдавс аз қусури равзаи «дор-ус-салом» [23; 84].

Хоҷу дар ин байт низ баҳри таъсирбахш шудани суханаш аз асарпазирии вожагон истифода намуда, бо қасди истишҳод аз такрибҳои қуръонӣ иқтибос оварда, мавсуфашро васф намудааст.

Шоир мегӯяд: Ман чӣ гӯям дар васфи он шахсе, ки ҳар дам Ризвони ҷаннату ҳури фирдавс аз қасрҳои бӯстони ҷаннат барои ӯ салому дуруд мефиристанд.

Хоҷу аз калимаҳои «Ризвон», «ҳур», «фирдавс», «равза» ва таркиби «дор-ус-салом» истифода намудааст, ки онҳо иқтибос аз оятҳои қуръонӣ мебошанд. Дар байти зер шоир аз лутфу марҳамат ва қудрати Офаридгор ёд карда, аз оятҳои Қуръон илҳом гирифтааст:

Ҷуз ҳавои саҳни дилҷӯи ту «мо яфна-л-ҳумум»,

Ҷуз насими боди ҷонбахши ту «ман юҳйи-л-ъизом» [23; 106].

Шоир дар мисраи аввал аз таркиби «мо яфна-л-ҳумум»-ро, ки маънояш «чист, ки ғаму андӯҳро дур кунад» аст, иқтибос оварда,маҳбуби худро бо он васф карда, мегӯяд, ба ҷуз суҳбати дилнишини ту дигар чизе ғамро аз дили мо

дур карда наметавонад. Дар мисраи дувум шоир ба мамдӯҳи хеш мегӯяд, танҳо насиме, ки аз ҷониби ту мевазад, ба ҷисмҳо марҳаму ҷони тоза мебахшад ва ҷуз ту касе ба устухонҳои пӯсида ҷон намебахшад. Шоир баҳри таъсирбахш шудани суханаш аз Қуръон иқтибос овардааст, ки Офаридгор дар ояти 78-и сураи «Ёсин» мефармояд: «*Ва ӯ офариниши худро фаромӯш кардааст, ки барои мо достоне падид меоварад ва мегӯяд: «Ин устухонҳоро, ки пӯсида бошад, кӣ зинда мекунад?»* [158; 194].

Сабаби нозил шудани ин оят дар он буд, ки кофирон аз дубора зинда шудани инсон дар рӯзи маҳшар ба тааҷҷуб меомаданд: *«Гӯё он Қодири мутлақро низ махлуқи оҷиз фикр кардаанд, ки мегӯянд, ки чун билохира бадан билкул пошида ва ба хок биёмезад, сирф устухони куҳна ва пӯсида мемонад. Онро дубора кӣ зинда хоҳад кард?»*18; 295/2135].

Дар байти зер Хоҷу чорумин халифаи ислом, домод ва писарамуи Муҳаммад паёмбар - Алӣ ибни Абитолибро васф карда, ба ҷойи «бод» калимаи «лутф»-ро истифода намуда, чунин мегӯяд:

Куштаи теғи фаноро бар сари майдони қаҳр

Ҷуз насими лутфи ҷонбахши ту «ман юҳйи-л-ъизом» [23; 495].

Яъне, шоир далерию шуҷоати Алиро ситуда, шамшери ӯро ба теғе, ки сабаби нобудии душманон мешавад, ташбеҳ кардааст. Дар мисраи дувум аз ҷавонмардӣ ва меҳрубонии мамдӯҳаш ёд намуда, аз ояти мазкур иқтибос овардааст.

Ё дар ҷои дигар султон Абӯсаидро васф карда, таркибҳои «хайр-ул-аном» ва «шарр-уд-давоб»-ро истифода намуда, мегӯяд:

Сокинони содаи даргоҳи ӯ «хайр-ул-аном»,

Ҳосидони ҳазрати аълои ӯ «шарр-уд-давоб» [23; 6].

Дар байти боло ин таркибҳо дар пайравӣ аз ҳукм ва саркашӣ аз он зикр намудааст, аммо дар байти зер ин таркибҳоро ба дигар равиш истифода намудааст, яъне сокинони сода (хона)-и ӯ беҳтарини мардумонанд ва ҳосидони мартабаи вай бадтарини ҳайвонҳост.

Хоҷу дар байти дигар аз дигари таркибҳои қуръонӣ суд ҷуста, дар ин мазмун чунин гуфтааст:

Мулозимони ҷаноби ту «холидан фи-л-хулд»,

Мухолифони ризои ту «доиман фи-н-нор» [23; 42].

Шоир дар ин байт низ мазмуни байти болоро оварда, дар мисраи аввали он мамдӯҳашро ситуда, мегӯяд: Мулозимони дарбори ту дар ҷаннат ҷовидонаанд ва мухолифони ризои ту ҳамеша дар оташи дӯзаханд.

Калимаи «хулд» дар Қуръон зиёд зикр шуда, бештар дар васфи биҳишт ва боғҳои он омадааст. Таркиби «холидан фи-л-хулд» бо тағйир додани лафзи он, маънояш талмеҳ аст аз ояти 15-уми сураи «Фурқон» аст, ки Офаридгор мефармояд: *«Бигӯ: «Оё ин беҳтар аст ё он биҳишти ҷовидон, ки ба парҳезгорон ваъда шудааст, ки мукофоту саранҷоми онон хоҳад буд?»*[25; 481].

Чунон ки дар боло қайд намудем, вомгирӣ ё иқтибос аз оятҳои қуръонӣ баъзан бо андак тағйири лафзӣ ё маънавӣ низ ба кор меравад. Масалан, Хоҷу дар мисраи дувуми ин байт калимаи «доиман»-ро ба ҷойи «холидан» истифода намудааст, ки тазмин аз ояҳои 116, 217 ва 275-и сураи «Бақара» ва ояти 17-уми сураи «Тавба» аст. Аз ҷумла, дар ояти 116-и сураи «Бақара» Худованд мефармояд: «*Кофиронро амволу авлодашон ҳеҷ аз азоби Худо нараҳонад ва онон аҳли оташанд, ҷовидона дар ҷаҳаннам бошанд*!» ва дар ояти 217-и ҳамин сура омадааст: «*Аз миёни шумо онҳо, ки аз дини худ бозгарданд ва кофир бимиранд, аъмолашон дар дунё ва охират табоҳ шуда ва ҷовидона дар ҷаҳаннам бошанд!»* ва дар ояти 275-и сураи мазкур чунин омадааст: «*Ва онон, ки ба он кор бозгарданд, аҳли ҷаҳаннаманд ва ҷовидона дар он хоҳанд буд!»* [25; 48-63] ва дар ояти 17-уми сураи «Тавба» омадааст: «*Мушриконро лоиқ нест, ки дар ҳоле ки ба куфри худ иқрор мекунанд, масҷидҳои Худоро иморат кунанд. Аъмоли онҳо ночиз шуда ва дар оташ ҷовидонанд!»* [158; 76].

Дар байти зер низ шоир аз таркиби «Рӯҳулқудус» истифода намуда, мегӯяд:

Ало, эй луъбати қудсӣ, биёр он роҳи райҳонӣ,

Ки бо Рӯҳулқудус моро самоъе ҳаст рӯҳонӣ[23; 108].

Хоҷу дар мисраи аввал аз мазмуни ду ибораи қуръонӣ истифода намудааст. Шоир маҳбуби худро ба «луъбати қудсӣ» ёд кардааст, ки «луъбат» ба маънии лухтак буда, калимаи «қудсӣ» киноя аз олами малакутӣ мебошад. Пас ибораи «луъбати қудсӣ» ба маънии маҷозӣ истифода шуда, киноя аз ҳурони биҳиштӣ мебошад. Ибораи «роҳи райҳонӣ», яъне, «шароби рӯҳонӣ», киноя аз шароби олами ғайб, ки шароби тоҳир буда, зикраш дар Қуръон баён шудааст.

Мисраи дуюм низ аз Қуръон бетаъсир нест, зеро шоир дар ин байт аз асарпазирии вожагон суд ҷуста, калимаи «Рӯҳулқудус»-ро истифода намудааст, ки он аз вожагони қуръонӣ буда, зикри он дар байти боло баён шуд.

Шоир дар ин мисраъ ҳусну малакаи суханварии хешро нишон дода, бо ҳунари суханпардозӣ мегӯяд: Эй ҳури биҳиштӣ, ба мо азон шаробипок биёр, ки моро бо Рӯҳуламин самоъи рӯҳонист. Калимаи «самоъ» дар ин ҷо ба маънии маҷозӣ буда, самоъи ирфонӣ мебошад.

Дар байти зер ибораи «қуррат-ул-айн»-ро, ки таркиби қуръонист, иқтибос овардааст:

«Қуррат-ул-айн»-и сипеҳре, к-офтобаш мениҳад

Чашми оламбин зи гарди наъли гулгунат зарир [23; 39].

Калимаи «қуррат-ул-айн», яъне, он ки мӯҷиби рӯшноии чашм гардад, нури дида, киноя аз фарзанд аст [138; 603]. Хоҷу дар мисраи аввали ин байт шукӯҳу азамати мамдӯҳашро васф намуда, аз таркиби қуръонӣ истифода намудааст.

Таркиби «қуррат-ул-айн» аз тазминҳои қуръонӣ буда, дар оятҳои 74-уми сураи «Фурқон», ояти 9-уми сураи «Қасас» ва ояти 17-уми сураи «Саҷда» зикр гардидааст. Хоҷу бо камоли ҳунармандӣ дар мисраи якум баҳри таъсирбахш шудани шеъри худ ин таркиброй истифода намудааст. Аз ҷумла, дар ояти 9-уми сураи «Қасас» чунин омадааст: *«Зани Фиръавн гуфт: «Ин сабаби шодмонии ману туст. Ӯро накушед, шояд ба мо нафъе бирасонад, ё ӯро ба фарзандӣ гирем». Ва намедонистанд, ки чӣ мекунанд»* [25; 524].Яъне, шоир мамдӯҳашро васф карда, мегӯяд, ки офтоб, ки равшании чашм аст, аз гарди наъли аспи ту нопадид шуду чашми оламиён нобино шуд.

Ё дар байти зер аз қиссаи шаҳодати Ҳусайн фарзанди Алӣ ёд карда, аз асарпазирии вожагон кор бурда, ибораи «қуррат-ул-айн»-роистифода намудааст:

Чун равон карданд хун аз «қуррат-ул-айн»-и набӣ,

Чашми Исо хун бибориду дили тарсо бисӯхт[23; 118].

Калимаи «қуррат-ул-айн» истиора буда, киноя аз Ҳусайн ибни Алӣ – набераи Паёмбар (с) аст. Хоҷу мегӯяд: Чун хуни он нури чашмони Паёмбарро резонданд, бахри вай Исо гирён шуду дили тарсо бисӯхт. Мурод аз тарсо қосиди Рум буд, ки чун сари муборакӣ он нури чашми Паёмбарро ба ҳузури Язид ибни Муовия оварданд, дар он маҷлис ҳузур дошт ва ин ҳодисаро мушоҳада кард ва аз яке пурсид, ки ин сари кист? Гуфтанд: Сари Ҳусайн ибни Алӣ - набераи Паёмбари акрам. Тарсо гуфт: Вой бар ҳоли шумо, ки ба набераи паёмбаратон чунин муомила мекунед, дар ҳоле ки ба мо аз суми хари Исо як мушт хок боқӣ мондааст, ки онро мисли гавҳараки чашм нигоҳ медорем. Хоҷу низ тарсоро аз он қисса талмеҳ овардааст.

Ё дар байти дигар мегӯяд:

Чун маҳи Канъон насимаш роҳати ҷони Азиз,

В-з азизӣ нақши рӯяш «қуррат-ул-айн»-и падар [23; 55].

«Маҳи Канъон» истиора буда, мурод аз он ҳазрати Юсуф ва аз «ҷони Азиз» Зулайхо мебошад.

Дар байти зер Хоҷу Офаридгори худро ситоиш намуда, аз оятҳои қуръонӣ суд ҷуста, мегӯяд:

Нағмаи мурғони бӯстони ту «Рабби зулҷалол»,

Вирди шабхезони даргоҳи ту «Ҳаййи лояном» [23;495].

Яъне, мурод аз мурғ ошиқони роҳи Ҳақ ва пайравони дини яктопарастист. Шоир мегӯяд: Пайравони роҳи ту ва муштоқони ҷамолат доимо туро бо зикри «Парвардгоро, танҳо ту соҳиби бузургӣ ва азамат ҳастӣ» ва шабзиндадорони даргоҳат доимо туро бо сифати «Худое, ки зинда ва хоб намеравад», ёд мекунанд.

Хоҷу дар ин байт аз ду ояти қуръонӣ иқтибос овардааст, ки онҳо аз сифатҳои азамату бузургӣ ва ҳамешагию ҷовидонагии он Зот хабар медиҳанд.

Дар мисраи якуми байти нахуст иқтибос аз ояти 27-уми сураи «Раҳмон» аст, ки Худованд мефармояд: *«Ва боқӣ мемонад рӯйи Парвардгори ту, ки соҳиби бузургӣ ва азамат аст»* [27; 755].Дар мисраи дувум шоир ибораи «Ҳаййи лояном», ки таркиби қуръонист, истифода намудааст, ки иқтибос аз ояти 255-и сураи «Бақара» аст, ки Худованд мефармояд: *«Аллоҳ Худоест, ки ҳеҷ маъбуде барҳақҷуз ӯ нест. Зиндаву тадбиркунандаи ҳама чиз аст. На хоби сабук (пинак) ӯро фаро мегирад ва на хоби сангин. Аз они ӯст, ҳар чӣ дар осмонҳо ва замин аст. Чӣ касе ҷуз ба иҷозати ӯ дар назди ӯ шафоат кунад? Ончиро, ки пеши рӯ ва ончиро, ки пушти сарашон аст, медонад ва ба илми ӯҷуз он чи худ хоҳад, иҳота натавонанд ёфт. Курсии ӯ осмонҳо ва заминро дар бар дорад. Нигаҳдории онҳо бар ӯ душвор нест. Ӯ баландпояву бузург аст!»* [159;27].

Шоир дар байти дигар ин таркибҳои қуръониро дар шакли дигар истифода намуда, чунин мегӯяд:

Тасбеҳи булбули саҳарӣ «ҳаййи лояном»,

Вирди забони кабки дарӣ «Рабби зулҷалол» [23;496].

Дар ин байт таркибҳои «булбули саҳарӣ» ва «кабки дарӣ» истиора буда, мурод аз онҳо ошиқон ва муштоқони ҷамоли он зот аст, ки ба ёди ӯ шабзиндадорӣ мекунанд ва субҳ, ки маҳалли қабули дуо ва башорату пайғоми дӯстро ёфтан аст, бино бар ин, шоир аз «булбули саҳарӣ» ёд кардааст, яъне, ӯ зотест, ки булбулони саҳарӣӯро бо зикри «ҳаййи лояном» ёд мекунанд ва кабкони саҳроӣ доимо вирди забонашон «Рабби зулҷалол» аст.

Чунон ки дар байти боло баён намудем, Хоҷу ба тарзи шоирона ва риояи шеър дар қофияҳои ин байт аз тазминҳои қуръонӣ истифода намудааст.

Шоир на танҳо дар ҳамди Худо ва наъти Паёмбар аз Қуръон суд ҷустааст, балки дар мадҳи шоҳон ва амирони даври худ низ истифода намудааст. Масалан, вай дар байти зер, ки дар мадҳи малик Ҳусайн сурудааст, аз ду ояти Қуръон иқтибос овардааст:

«Лайлат-ул- қадр»-аш бувад тасбеҳ дар рӯзи барот,

«Юлиҷ-ул-лайл»-аш бувад аврод дар шабҳои тир [23;38].

Ин байт аз талмеҳоти исломӣ сарчашма гирифтааст, зеро шоир дар он аз ду истилоҳи динӣ, яъне, «барот» ва «аврод» истифода намудааст, ки шаби Барот понздаҳуми моҳи шаввол буда, дар ин шаб фазилатҳои зиёде ҳаст, ки орифони роҳи Ҳақ шаби онро бо тоату ибодат ва рӯзашро бо рӯзадорӣ мегузаронанд. «Аврод» ба маънии дуост ва дар назди шайхони тариқат вазифаи махсусест ва китобе бо номи «Аврод» низ мавҷуд буда, иборат аз дуо ва муноҷот аст, ки пайравони аҳли тасаввуф дар вақти муайян авродхонӣ мекунанд.

Шоир мамдӯҳи худро васф карда мегӯяд, ки тасбеҳи ӯ дар шаби Барот зикри «лайлат-ул-қадр» аст, то ки Худованд ин шабро мисли шаби Қадр беҳтар аз ҳазор моҳ кунад ва дар шабҳои тираву зулмонӣ дуояш ба Офаридгор «лайлат-ул-қадр» аст, то ки шабҳои тираву сахти ӯро ба рӯз мубаддал гардонад.

Мисраи аввали ин байт илҳом аз ояти якуми сураи «Қадр» аст, ки Худованд мефармояд: «*Ҳар оина нозил кардем мо Қуръонро дар шаби Қадр*» [26; 887].

Дар мисраи дувум шоир ибораи «юлиҷ-ул-лайл»-ро истифода намудааст, ки он дар асл «тулиҷ-ул-лайл» буда, аз ояти 27-уми сураи «Оли Имрон» иқтибос шудааст, ки Офаридгор мефармояд: *«Аз шаб кам мекунӣ ва ба рӯз меафзоӣ ва аз рӯз кам мекунӣ ва ба шаб меафзоӣ! Зиндаро аз мурда (ҳамчунон ки муъминонро аз кофир ва чӯҷаро аз тухм) берун меоварӣ ва мурдаро аз зинда (кофирро аз муъмин ва тухмро аз мург). Ва ба ҳар кӣ бихоҳӣ, беҳисоб ризқ медиҳӣ!»* [158;33].

Байтулмуқаддас кӯи ӯ, меҳроби Хизр абрӯи ӯ

В-аз зулмати гесӯи ӯ толеъ шуда «бадри дуҷо» [23; 496].

Шоир дар ин байт меҳроби Хизрро ба абрӯйи мамдӯҳаш ташбеҳ кардааст, ки киноя аз воломақомӣ ва зебоии пешвои оламиён мебошад.

Мисраи аввали ин байт талмеҳ аз шаби меърoҷи Паёмбар ва чӣ гуна ба Байтулмуқаддас рафтани он мебошад, ки қиссаи он дар байти боло баён гардид.

Дар мисраи дувум шоир аз гесӯион ҷаноб ёд карда, сиёҳии гесӯиӯро ба зулмати шаб ташбеҳ карда, мегӯяд, ки аз сиёҳии мӯйҳои ӯ рӯз ё хуршед ба моҳи нав мубаддал шуд.

Паёмбар гесӯ доштаанд, бино бар ин, шоирон дар сурудаҳои хеш аз гесӯи Расулуллоҳ ёд намуда, сиёҳии мӯйи он ҳазратро ба торикии шаб ташбеҳ мекарданд, зеро мӯйи эшон чунон сиёҳ буд, ки ҳатто дар вақти пирӣ низ ба миқдори каме аз сафедӣ дошт. Тамоми шоирони классикии мо дар васфи Паёмбар шеър гуфта, дар он аз зебоии рухсору сиёҳии гесӯи он ҷаноб ёд кардаанд. Хоҷу низ аз зумраи он шоироне буд, ки шеъри ӯ саршор аз ишқу муҳаббат ба Худову Расул аст. Паёмбараз ҷамол ва зебоии офариниш ва камоли ахлоқӣ бархурдор буданд. Дар ҳақиқат, дар ин маврид ҳадис ва ривоятҳо хеле зиёд омадааст.

Чеҳраи Расули Худо сапеди малеҳ, гирду гулгун ва моил ба сурхӣ буд, ки чун моҳи шаби чаҳордаҳ медурахшид ва ҳар гоҳ он ҷаноб шод мешуданд, чеҳраашон мешукуфт, ки гӯйӣ пораи моҳест ва низ хатҳои чеҳрааш чун абри рахшон барқ мезад, гӯйӣ хуршед бар он равон аст, балки ӯро медидӣ, гумон мекардӣ, ки офтоб тулӯъ кардааст [28; 258].

Диҳад ду дидаи ман шарҳи «маҷмаъ-ул-баҳрайн»,

Кунад ҷамоли ту тақрири «фолиқ-ул-асбоҳ» [23; 196].

Шоир дар мисраи якуми ин байт ашки чашмони худро ба ҷамъшавии ду баҳр ташбеҳ кардааст ва дар мисраи дувум ба мамдӯҳи хеш хитоб карда мегӯяд, ки зебоии ҷамоли ту шаби зулмониро ба субҳ мубаддал мекунад.

Мисраи аввали ин байт аз ояти 60-уми сураи «Ҳашр» иқтибос шудааст, ки Офаридгор мефармояд: «*Ёд кун (эй Муҳаммад «с») чун гуфт Мӯсо (а) (ба хидматгораш): Ҳамеша роҳ меравем, то он ки бирасем ба ҷойи ҷамъшудани ду дарё ё биравам муддатҳои дуру дароз*» [158; 247].

Дар мисраи дувум шоир ҷамоли мамдӯҳашро васф карда мегӯяд, ки зебоии рӯю ҷамоли ту шаби торику сиёҳро ба субҳи мусаффо табдил медиҳад. Баргардонидани шаб ба субҳ илҳом аз ояти 96-и сураи «Анъом» аст. Чунончи Худованд мегӯяд: *«Дамонандаи субҳ аст зоте, ки гардонид шабро оромгоҳ ва*

*сохт офтобу моҳро меъёри ҳисоб, ин аст тақдиру андозава қудратнамои Худое, ки ғолибу доност»* [158; 56].

Баҳрагирӣ ва иқтибос аз оят ва ҳадисҳо бештар дар як ё ду байт зоҳир мешавад, аммо гоҳе шоир ҳамаи байтҳои сурудаи хешро бо оёт ё ҳадис зинат мебахшад. Ин ҳунарнамоӣ он гоҳҷолибтар ва шево мегарданд, ки шоир оят ва ҳадисҳои иқтибосшударо дар ҷойгоҳи қофия биёрад. Масалан, Хоҷу дар байти зер таркибҳои қуръониро дар қофияи ҳар як мисраъ хеле устодона ва моҳирона овардааст:

Мудоми васлати ӯ мақсади «улул-албоб»,
Муқими сиккаи ӯ манзари «улул-абсор».
Кунанд фикрати ӯ «бил-хафиййи вал-иълон»,
Шаванд толиби ӯ «бил-ъашиййи вал-ибкор» [23; 41-42].

Шоир бо истифода аз таркибҳои қуръонӣ дар ин абёт мамдӯҳи хешро васф карда мегӯяд, ки соҳибилмону соҳибхирадон пайравони ту буда, дар ошкору ниҳон бо ёди ту ва дар субҳу шом толиби дидори туанд.

Чунон ки маълум аст, шоир дар қофияи ҳар як мисраъ аз Қуръон иқтибос оварда, онро дар мавқеи худ зикр кардааст. Нахуст мисраи ин байт аз ояти 7-уми сураи «Оли Имрон» маншаъ гирифтааст, ки Офаридгор мефармояд: «*Ва собитқадамон дар илм мегӯянд, имон овардаем ба ин оёти муташобеҳ, ки ин ҳама сухани Худост ва пандпазир»* [158; 20].

Мисраи дувуми ин байт иқтибос аз ояти 2-и сураи «Ҳашр» шудааст, ки Худованд мефармояд: *«Ӯст он Худое, ки нахустин бор касоне аз аҳли Китобро, ки кофирон буданд, аз хонаҳояшон берун ронд ва шумо намепиндоштед, ки берун раванд. Онҳо низ пиндоштанд, ки қалъаҳояшонро тавони он ҳаст, ки дар баробари (азоби) Худо нигаҳбонашон бошад. Худо аз сӯе, ки гумонашро намекарданд, бар онҳо азоб овард ва дар дилашон ваҳшат афканд, чунон ки хонаҳои худро бо дасти худ ва бо дасти муъминон хароб мекарданд. Пас, эй соҳибақлон, ибрат бигиред!»* [158; 247].

Дар мисраи аввали байти дувум шоир баҳри ҳифозати вазни шеър бо тағйири андак аз ояти 7-уми сураи «Аъло» иқтибос овардааст, ки Офаридгор

мефармояд: *«Магар он чи Худо бихоҳад, ҳаройна, ӯст, ки ошкору ниҳонро медонад»*[158; 274].

Мисраи охирини ин байт иқтибос аз ду сураи қуръонӣ, яъне, аз ояти 55-уми сураи «Ғофир», ки Холиқи якто амр мекунад: *«Сабр кун, ки албатта, ваъдаи Худо ҳақ аст. Барои гуноҳат омурзиш бихоҳ ва ҳар шомгоҳу бомдод ба ситоиши Парвардгоратон тасбеҳ бигӯй»* ва аз ояти 11-уми сураи «Марям», ки Худованд дар китоби худ аз қиссаи Закариё ёд карда, мефармояд: *«Пас, берун шуд (Закариё) назди қавмаш аз меҳроби ибодат, пас ишора кард ба сӯяшон, ки субҳу шом ба покӣ ёд кунед Худоро»* [158; 130].

Мисли ин маънӣ дар Қуръон дар бисёр ҷо зикр шуда бандагонро ба ёди Худо ва аз ӯ дар субҳу шом ғофил набудан амр ва огоҳ мекунад, Хоҷу низ айнан мазмуни ин ояҳоро зикр карда мегӯяд: «Шаванд толиби ӯ бил-ъашйийи вал-ибкор», яъне, толибони вай ӯро дар субҳу шом ҷӯёнд.

Шоир дар байти дигар таркиби қуръонии «улулабсор»-ро истифода намуда, чунин мегӯяд:

Субҳхезон ба мили меҳр кашанд

Сурма дар дидаи «улулабсор» [23; 55].

Ё дар байти зер шоир таркиби «улулабсор»-ро истифода намуда чунин мегӯяд:

Агар намунаи боғи биҳишт металабед,

Назар кунед дар ин равза «ё улулабсор» [23; 120].

Шоир дар ин байт мегӯяд, ки агар шумо орзуи биҳиштро дошта бошед, пас, ба ин боғ бингаред, эй соҳибхирадон. Дар ин байт таркиби «улулабсор» таркиби қуръонӣ буда, истиора аз соҳибхирадон аст.

Хоҷу дар ин байт бо як тарзи шоирона ибораи «боғи биҳишт»-ро истифода намудааст, ки киноя аз олами ғайб ва неъматҳои Парвардгор буда, калимаи «равза», ки дар асл ба маънии «боғча» аст, киноя аз неъмат ва қудратҳои Худованд дар ин дунё мебошад. Мурод аз ин байт ин аст, ки чун ҳақиқати неъматҳои биҳиштро донистан мехоҳед, дар ин боғчаҳои дунё

бингаред, ки дар он Офаридгор заррае аз нишонаҳои неъмати биҳиштро ба шумо нишон додааст.

Дар байти зер Хоҷу аз ояти қуръонӣ иқтибос оварда, онро дар ғайри қофия ба кор бурдааст:

Зафар карда хайли туро фатҳу нусрат,

Бар амволи «инно фатаҳно» вазифа [23; 123].

Шоир мамдӯҳи худро васф карда мегӯяд, ки зафар фатҳу нусратро асп ва сипоҳи ту гардонид.

Ин байт аз ду ояти Қуръон ибтидо гирифтааст. Дар мисраи якум аз ояти аввали сураи «Наср», ки дар ин мазмун аст «*Вақте ки ёрии Худо ва фатҳ биёмад*» ва дар мисраи дувуми ин байт аз ояти аввали сураи «Фатҳ» иқтибос меорад, ки чунин аст: *«Ҳароина, мо файсала кардем барои ту файсалаи равшан».* Сабаби нузули ин сура дар он буд, ки Расули акрам дар Мадина хоб диданд, ки дар Макка бо амну амонӣ дохил шуда, умра ба ҷой оварда, ҳалқ ва қаср (яъне, кӯтоҳ ва тарошидани мӯйи сар) карданд. Паёмбари ислом хобро бо асҳоби худ баён фармуданд. Агарчи Паёмбар вақтро муайян накарда буд, магар аз шиддати иштиёқ аксар чунон гумон карданд, ки умра имсол муяссар мешавад ва тасодуфан Расули Худо низ қасди умра намуд [28; 500].

Дар байти зер низ ин таркиби қуръониро иқтибос овардааст:

Лашкаророёни майдондори дини аҳмадӣ

Хайма бар лашкаргаҳи «инно фатаҳно» мезананд [23; 508].

Ё дар байти зер бо ҳунари суханварӣ ба ҷойи калимаҳои «шабу рӯз» вожаҳои «бил-ъашиййи вал-ибкор»-ро аз Қуръон тазмин овардааст:

Муҷовирони завоёи олами малакут

Нидо диҳанд туро «бил-ъашиййи вал-ибкор» [23; 48].

Дар ин байт шоир Офаридгори худро ситуда, мегӯяд, ки тамоми махлуқоти олами малакут туро дар субҳу шом ёд мекунанду ба ту тасбеҳ мегӯянд. Дар ин таркиби «бил-ъашиййи вал-ибкор»-ро истифода намудааст, ки шарҳи онро дар боло зикр намудем.

Ё дар байти дигар таркибҳои лайлу наҳорро истифода намуда, чунин мегӯяд:

Камоли қудрати Ҳақ бин, ки мекунад таҳрир

Бар ин саҳифа саводу баёзи лайлу наҳор [23; 48].

Хоҷу дар ин байт Худоро васф карда мегӯяд, ки дар ин олам ҳар чӣ дар торикии шабу равшании рӯз дар ҳаракат аст, он зот бо қудрати хеш аз он бохабар аст ва чизе беиҷозати ӯ ҳаракат намекунад.

Ё дар байти зер шоир дар охири ҳар як байт аз таркиботи қуръонӣ истифода намудааст:

Орази туркон нигар дар чини ҷаъди мушкфом,

То ҷамоли «ҳуру мақсурот» бинӣ «фӣ-л-хиём».

Бода пеш овар, ки ҳар дам боди анбарбӯйи субҳ

Медиҳад ҷонро паём аз равзаи Доруссалом.

Иззати дайри муғон аз сокини масҷид маҷӯй,

Кофири маккӣ чӣ донад ҳурмати Байтулҳаром [23; 407].

Хоҷу дар байти аввал рухсори турконро ба ҳурони биҳиштӣ ташбеҳ карда, мегӯяд: Рухсори зебои турконро, ки дар он мӯйҳои печида ба гесӯи мушкфом ороста аст, бингар, гӯё ҷамоли ҳурони сиёҳчашмро дар хаймаҳо дидаӣ.

Шоир дар ин байт аз таркибҳои «ҳуру мақсурот» ва «фӣ-л-хиём», истифода намудааст, ки он иқтибос аз ояти 72-уми сураи «Раҳмон» буда, Офаридгор мефармояд: «*Ҳуроне мастур дар хаймаҳо*» [26; 759]. Хоҷу дар ин мисраъ ин ояти қуръониро бе ҳеч тағйир аз арабӣ истифода намудааст.

Дар ашъори худ шоирон бодаро баҳри фаромӯш кардани ғаму андӯҳ ва ё шоду хурсанд шудан истифода мекунанд. Дар байти дувум низ шоир баҳри хушбахтӣ хитоб карда мегӯяд, ки бода биёр баҳри шодӣ бинӯшем, зеро боди хушбӯйи субҳгоҳон ҷонро пайғом аз боғи Доруссалом медиҳад. Шоир дар ин байт таркиби «Доруссалом»-ро истифода намудааст, ки он иқтибос аз ояти 25-уми сураи «Юнус» аст, ки дар боло зикр намудем. Муфассирон ва муҳаддисон

дар тафсири он ихтилоф доранд. Дар тафсири Ибни Касир омада, ки мурод аз «салом» Аллоҳ буда ва аз «дор» ҷаннат аст, [161].

Аммо Қатода мегӯяд: «Мурод аз «салом» саломат будан ва эмин мондан аст ва ҷаннатро «Доруссалом» номидан аз он аст, ки касе дохили он шавад, аз ҷамъи офату бало дар амон монад». Баъзе дигар аз муфассирон дар ин ақидаанд, ки мурод ба «салом» дуруду шодбошӣ буда, ҷаннатро ба «Доруссалом» ёд кардан низ дар он аст, ки аҳли он ба якдигар ва малоик дуруду салом мегӯянд [164].

Боди субҳ боди раҳмат буда, дарсубҳгоҳон дӯстони Худо ба мақсуди хеш мерасанд, зеро субҳгоҳон маҳалли иҷобати дуо ва қабули тавба аст. Орифон низ дар субҳгоҳӣ аз даргоҳи Ҳақ файз мегиранд. Бода, май, шароб ғалаботи ишқ буда, майкада олами лоҳут аст ва ҳама ба маънии ирфонӣ ба кор рафтаанд. Хоҷу, ки худ аз зумраи он орифони роҳи Ҳақ буд, мегӯяд. Насими субҳгоҳон ба ман аз ҷониби ғайб муждаи биҳиштро расонид, бода деҳ, то ба шодии он бода нӯшам.

Хоҷу чун овардан ва нӯшидани бодаро талаб намуд, дар байти охирин ба сухани хеш тақвият дода, мақоми аҳли майкадаро, ки қалби онҳо саршор аз ишқу муҳаббати Парвардгор аст, аз риёкорони аҳли масҷид баланд дониста, мегӯяд, ки ҳурмат ва манзилати аҳли майкадаро аз сокинони масҷид мапурсед, зеро онҳо танҳо зоҳири эшонро мебинанд ва аз ботини онҳо чизеро намедонанд, ҳамон тавре ки мушрикони Макка ҳурмати Байтулҳаромро надонанд ва чӣ будани маънии онро дарк накунанд.

Каъбаро Байтулҳаром ном гирифтан аз он аст, ки он маконест, ки дар он куштан ҳаром аст, агарчи қотили падарат бошад ҳам. Аз шайх Усаймин дар хусуси фазилати Байтулҳаром пурсиданд, гуфт: Худованд Каъбаро ба «Байтуллоҳи ҳаром» ёд карданаш он аст, ки он маҳалли таъзими худовандист. Аз ин рӯ, мардум аз ҳар гӯшаи дунё азми зиёрати онро доранд, то фаризае, ки Худо барояшон фарз гардонидаст, онро адо кунанд ва он фариза тавофи хонааш аст. Бино бар ин, мардум дар намоз рӯ ба сӯйи он меоранд ва яке аз шартҳои қабули намозашон низ дар ҳамин аст, ки Офаридгор фазилати ин хонаро дар

ояти 150-уми сураи «Бақара» ёд кардааст: «*Аз ҳар ҷое, ки берун шавӣ, рӯи хеш ба ҷониби Масҷидулҳаром кун. Ва ҳар ҷо, ки бошед, рӯй ба он суй кунед, то ҳеҷ касро, ҷуз ситамкорон, бо шумо баҳсу муҷодалае набошад. Аз онҳо матарсед, аз ман битарсед, то неъмати хеш бар шумо тамом кунам, то ки ҳидоят шавед»* [158; 15].

Пас, Офаридгор баҳри таъзиму бузургӣ ва эҳтироми хона онро ба исмаш изофа кард. Ин изофа кардан ба номи Аллоҳ ба ду қисм ҷудо мешавад, ё изофа ба сифати Парвардгор, мисли илми Аллоҳ, қудрати Аллоҳ ва чашми Аллоҳ ё ба махлуқоташ, мисли хонаи Худо, ки худ дар ояти 25 ва 26-уми сураи «Ҳаҷ» зикр кардааст: «*Онҳое, ки кофир шудаанд ва мардумро аз роҳи Худо ва Масҷидулҳаром, ки барои мардуми чи муқиму чи ғариб яксон аст, бозмедоранд ва низ ҳар киро дар он ҷо қасди каҷравӣ ё ситамкорӣ дошта бошад, азоби дардовар мечашонем. Ва макони хонаро барои Иброҳим ошкор кардем ва гуфтем: «Ҳеҷ чизро шарики ман масоз ва хонаи маро барои тавофкунандагон ва ба намоз истодагон ва рукуъкунандаву саҷдакунандагон покиза бидор»* [158; 144].

Ё дар байти зер низ бодаро истифода намуда, мегӯяд:

Ҳар дам орад боди субҳ аз равзаи Ризвон ба бом,
К-охир, эй дилмурдагон, ҷуз боди «ман юҳйии-л-ъизом»
Моҳу соқӣҳурийну ҷоми софи кавсар аст,
Хоса ин соат, ки саҳни боғ шуд Доруссалом [23; 408].

Корвони Аҳмад аз майхонаи «аласту» бодаҳои муҳанно овардааст ва шаробҳои гиро ва гуворо, ки онҳоро бо нуқле ва нақле аз лаби соқӣ нӯшанд [24;28].

Шоир дар байти аввал мегӯяд: Ҳар лаҳза боди субҳгоҳӣ аз равзаи Ризвон, ки мурод аз он биҳишт аст, нидо меорад: Эй дилмурдагон, ба ҷуз бодаи «ман юҳйии-ал-ъизом» дигарро манӯшед ва мурод аз ин бода шароби таҳур аст, ки Худованд аз он дар китоби муқаддаси худ ояти 15-уми сураи «Муҳаммад» чунин васф карда мегӯяд: *«Васфи биҳиште, ки ба парҳезгорон ваъда дода шуда, ин аст, ки дар он наҳрҳоест аз обҳое тағйирнопазир ва наҳрҳое аз шире,*

*ки таъмаш дигаргун намешавад ва наҳрҳое аз шароб, ки ошомандагон аз он лаззат мебаранд ва наҳрҳое аз асали мусаффо. Ва дар он ҷо ҳар гуна мева, ки бихоҳанд, ҳаст ва низ омурзиши Парвардгорашон. (Оё биҳиштиён) монанди касоне ҳастанд, ки дар оташи ҷовидонаанд ва ононро аз обе ҷӯшон меошомонанд, чунон ки рӯдаҳояшон тикка-тикка мешавад?»* [158; 225].

Дар байти дувум шоир он бодаро чунин васф мекунад: Он бодаест, ки соқии он ҳурони сиёҳчашм буда, ҷоми он аз оби софи Кавсар аст ва хулоса саҳни боғ, ки мурод аз он ҷаннат аст, доруссалом, яъне ҷои амну амонст.

Хоҷу дар мисраи дувуми байти аввал аз ояти 78-уми сураи «Ёсин» иқтибос овардааст, ки зикри он дар боло баён шуд ва дар мисраи аввали байти дувум таркибҳои «ҳури ин» ва «Кавсар»-ро истифода намудааст, ки онҳо аз таркиботи қуръонӣ буда, васфи «ҳури ин» дар панҷ сураи ин китоби муқаддас зикр шудааст: Худованд дар ояҳои 22, 23, 35, 36, 37 ва 38-и сураи «Воқеа» онро васф кардааст, аз ҷумла, дар ояҳои 22 ва 23-и сураи мазкур мегӯяд: «*Ва ҳурони фарохчашм. Ҳамонанди марворидҳое дар садаф»* [26; 761]. Инчунин, дар ояҳои 44,32 ва 33-и сураи «Набо», ояти 52-юми сураи «Сод» ва ояти 56-уми сураи «Раҳмон» низ зикр шудааст.

Калимаи «Кавсар» низ таркиби қуръонист, ки Худованд дар ояти 1-уми сураи «Кавсар» зикр кардааст: «*Албатта, мо Кавсарро ба ту ато кардем»* [158; 283].

«Кавсар» номи ҳавзест дар биҳишт, ки Худованд онро танҳо ба паёмбари ислом Ҳазрати Муҳаммад ато кардааст ва дар сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, ки баъди ҳисобу китоб Расулуллоҳ умматони худро аз оби он сероб мекунад. Сабаби нузули ин сура дар он буд, ки замоне Паёмбари акрам ду тан аз фарзандони худ ба номҳои Абдуллоҳ ва Қосимро аз даст дод, душманони он ҳазрат ба ӯ забони таъна кушоданд. Яке аз онҳо Ос ибни Воил наздаш омада, ӯро «абтар» хонд, ки маънояш «наслбурида, думбурида» мебошад. Пас, Офаридгор ба ҳабибаш ин сураро нозил карда, дар ояти 3-юми сураи мазкур ба ҳабибаш мегӯяд: «*Ки албатта, бадхоҳи ту худ абтар аст»* [158; 283].

«Кавсар» аз решаи касрат аст ва бар чизе итлоқ мешавад, ки шаънияти касрат дар ӯ бошад, мурод аз Кавсар хайри фаровон аст. Албатта он хайри фаровоне, ки Паёмбар дар натиҷаи атои Худованд ёфт, касе аз паёмбарони дигар наёфтааст [140; 14].

Сухан дар ин байт аз бода меравад, ки онро бодаи тоҳир ё бода ишқ гӯянд орифон ин бодаро чунин ситудаанд: Шароби «Раҳиқ-ул-махтум», ки бӯи мушк медиҳад ва шароби софи бедурд, ки бар обгинаи он навиштаанд: Ин шароби мушкин ва муаттар шоиста аст, ки асҳоби завқ бар сари он бо якдигар ба рақобат бархезанд [24; 29].

Ё дар байти зер шоир Расулуллоҳро васф намуда, таркибҳои форсишудаи «сирри азал», «лам язал» ва «кибриё»-ро истифода намуда, мегӯяд:

Эй носихи кеши Ҳубал, в-эй маҳрами «сирри азал»,

Товуси боғи «лам язал», анқои Қофи «кибриё» [23; 497].

Киноя аз шаъну мартаба ва беҳтарини мавҷудоти олам. Хоҷу дар мисраи якум мамдӯҳашро васф карда мегӯяд: Ту носих, яъне, ботилкунандаи дини Ҳубал (номи бузургтарин ва сардори бутҳо дар назди Каъба) ва маҳраму ҳамроз ва ҳамсуҳбати Офаридгор мебошӣ. Хоҷу дар ин мисраъ аз қиссаи шаби меъроҷ ва рӯҳану ҷисман баромадани Паёмбар ба олами малакут ва расидани вай ба «сидратулмунтаҳо» ва ҳамроз шудан бо Офаридгори хеш, талмеҳ овардааст.

Дар мисраи дувум Расули Худоро ба товус ташбеҳ кардааст, зеро товус дар байни парандаҳо зеботарин ва дар байни инсонҳо Паёмбар (с) маҳбубтарини онҳост, зеро Расулуллоҳ низ дар байни башарият бо он хилқати фитрие, ки Худованд офарида буд, мисли товус намудор аст. Шоир мавсуфашро ба товус васф карда, мегӯяд: Ту товуси он боғе ҳастӣ, ки ҳастии он азалию абадӣ буда, соҳиби он боғ Худованд аст ва анқои кӯҳи кибриёӣ, яъне, ту анқои кӯҳи бузурге мебошӣ, ки касе қудрати ба ту даст ёфтанро надорад ва мурод аз кибриё ин Офаридгор мебошад.

Дар ин байт калимаҳои «азал», «лам язал» «кибриё» аз вожагони қуръонӣ буда, Хоҷу бо камоли ҳунарнамоӣ аз онҳо истифода намудааст, аз ҷумла, вожаи «азал» дар ояти 36-уми сураи «Бақара», ки Худованд аз қиссаи

Одам (а) ёд мекунад, ин вожа зикр шудааст: *«Пас, шайтон он дуро ба хато водошт ва аз биҳиште, ки дар он буданд, берун ронд. Гуфтем: «Пойин равед, баъзе душмани баъзеи дигар ва қароргоҳу ҷойи бархӯрдории шумо то рӯзи қиёмат дар замин бошад»*[158; 4].

Калимаи «кибриё», ба маънии «бузургвор», «азамат» ва «соҳиби мулк» буда, яке аз сифатҳои худовандист, ки дар ин китоби муқаддас бисёр зикр шудааст, аз ҷумла, дар ояти 37-уми сураи «Ҷосия» Худованд чунин мефармояд: «*Бузургворӣ (шукӯҳу бақову пойдориву камол) дар осмонҳову замин (дар ҳама умур) хоси ӯст ва ӯст пирӯзманду ҳаким, (ки дар сунъ ва амал соҳибтадбир аст)!*» [158; 222].

Дар байти зер шоир яке аз саҳобагони бузург ва аввалин марде, ки бедиранг пайрави дини ислом шуд, яке аз даҳ ёри биҳиштӣ, дӯсти наздик ва падарарӯси Паёмбар, аввалин халифаи ислом, ки баъди Паёмбар (с) афзали мусулмонон ба шумор меравад, Абӯбакри Сиддиқро, ки номаш – Абдуллоҳ ибни Абӯқаҳофа ибни Омир (тав. 571, ваф. 634) васф мекунад. Хоҷу тамоми фазилату адолат ва вафодории он ҷонобро ба Паёмбар (с) дар ин ду байт зикр намуда, аз ояте, ки Худованд дар Қуръони азим ӯро ситудааст, дар ашъори худ ҳамчун табаррук истифода намудааст:

Сиддиқ чу айни содиқи асрораш,
Бигзид Ҳақ аз муҳоҷиру ансораш.
Он рӯз, ки кӯси «сони иснайн» заданд,
Доданд мисоли «из ҳумо фи-л-ғор»-аш [23; 522].

«Ёри ғор» киноя аз ёри содиқ аст, чаро ки Паёмбар (с) вақте аз Макка ба иродаи ҳиҷрат баромаданд, ба роҳ дар миёни ғоре се рӯз мутаворӣ буданд, Абӯбакри Сиддиқҳамроҳбуд, аз ин ҷиҳат «ёри ғор» киноя аз ёри содиқ аст [140; 781].

Паёмбари акрам (с)мегӯяд: Ман ба касе, ки имонро арза доштам, ӯ маро сарзаниш мекард ё рад мекард ва ё дар ин хусус андеша мекард, ба ҷуз Абӯбакр, ки бе ҳеч дудилӣ ва андеша қабул кард ва гуфт: Рост мегӯйӣ, эй

Расули Худо. Ҳар сухане, ки аз забони муборакн Паёмбар ҷорӣ мешуд, Абӯбакр мегуфт: Рост мегӯӣ, эй Расули Худо [140; 40].

Дар ин абёт Хоҷу Абӯбакри Сиддиқро васф карда, аз оятҳои қуръонӣ истифода намудааст. Дар байти аввал шоир садоқат Абӯбакрро тасдиқ карда мегӯяд, ки он сиддиқе, ки аз сирри Расулуллоҳ бо хабар буду ва онро тасдиқ мекард. Ӯ шахсияте буд, ки Офаридгор аз байни саҳобагони муҳоҷиру (аҳли Макка) ансор (аҳли Мадина) ӯро баргузид.

Дар таърихи ислом ҳиҷрати Паёмбар (с) аз Макка ба Мадина аз муҳимтарин ҳодисаҳои таърихӣ ба шумор меравад. Бино бар ин, солшумории ҳиҷрӣ-қамарӣ низ аз ҳамин сол оғоз шудааст. Ҳазрати Паёмбарро дар ин сафар Абӯбакри Сиддиқҳамроҳӣ мекард. Воқеаҳое, ки дар ин роҳ рух дода буд ва он муҳаббату ғамхорӣ ва вафодорию садоқати Абӯбакр, ки нисбат ба Паёмбар нишон дода буд, Хоҷу онҳоро дар ду мисраъ қайд карда, баҳри исботи фазилати мамдӯҳаш аз оятҳои қуръонӣ иқтибос меорад

Байти дувум талмеҳ аз қиссаи ҳиҷрати Паёмбар ҳамроҳи Абӯбакр мебошад, ки шоир дар мисраи якуми ин байт таркиби «сони иснайн» ва дар мисраи дувум ибораи «из ҳумо фи-л-ғор»-ро истифода намудааст, ки Офаридгор аз ин ҳодиса дар ояти 40-уми сураи «Тавба» ёд кардааст: *«Агар шумо ёрияш накунед, он гоҳ, ки кофирон берунаш карданд, Худо ёрияш кард. Яке аз он ду ба ҳангоме ки дар ғор буданд, ба рафиқаш мегуфт: «Андӯҳгин мабош, Худо бо мост!». Худо ба дилаш оромиш бахшид ва бо лашкарҳое, ки шумо онро намедидед, қувваташ дод. Ва каломи кофиронро паст гардонид, зеро каломи Худо болост ва Худо пирӯзманду ҳаким аст!»*[158; 78].

Яъне, Паёмбар дар шаби 27-уми сафари соли чаҳордаҳуми биъсат мутобиқ ба 12 ё 13-уми сентябри соли 622-и милодӣ хонаро тарк карду ба хонаи дӯсташ Абӯбакр рафт, ки дар базли моли хеш ва дар ҳамнишинӣ бо Паёмбари ислом аз ҳама кас содиқтару аминтар буд. Он гоҳҳамроҳи вай пеш аз дамидани субҳ аз хона берун шуданд.

Аҳли Қурайш ба ҷустуҷӯи онҳо баромада, аз ҳар ҷониб роҳҳои Мадинаро бастанд ва тамоми кӯҳу саҳроро беист меҷустанд, то ки ба назди ғор

расиданд. Аммо Худованд бар кори хеш доност. Бухорӣ аз Анас аз Абӯбакр ривоят намуда, ки гуфт: *«Бо Паёмбар дар ғор будам ва сарамро боло овардам ва ногоҳ пойи мушриконро дидам ва гуфтам: Эй Паёмбари Худо, агар яке аз эшон нигоҳе ба зер андозад, моро хоҳад дид. Фармуд: Хомӯш бош, Абӯбакр, ду тан, ки Худованд севумини онҳост. Ва дар ривояте чунин омада, ки: «Абӯбакр, дар бораи ду тан, ки Худованд севумини онҳост, чӣ мепиндорӣ?»*[28; 242].

Дар ривояти дигар омада, ки чун он ду ёр ба дари ғор расиданд, Абӯбакр (р) гуфт: *Ба Худо, ки дохили ғор намешавӣ, то ин ки пеш аз ту ман дохил шавам, то агар чизе дар он бошад, маро осеб расонад. Вай вориди ғор шуд ва сатҳи онро пок карду дар гӯшае аз ғор сӯрохе дид, шалвори худро даронду он сӯрохро маҳкам кард, ду сӯрохи дигаре боқӣ монд, ки ду пойи худро бар онҳо монд, он гоҳ ба Расулуллоҳ гуфт: Дохил шав! Паёмбар ворид шуд ва сар бар домани вай ниҳоду ба хоб рафт. Ногоҳ пойи Абӯбакрро аз он сӯрох море газид, лекин ӯ аз бими он ки мабодо Расулуллоҳ аз он огоҳ шавад, аз ҷой наҷунбид. Лекин ашки чашмаш бар гунаи Паёмбар чакид ва ӯ фармуд: Абӯбакр, туро чӣ шуд? Гуфт: Падару модарам фидоят бод, газида шудаам. Паёмбар оби даҳони хешро бар маҳалли газидагӣ ниҳод ва дардаш ором гирифт*» [92; 240].

Аз ин рӯ, Абӯбакрро бо «ёри ғор» ва «сиддиқ» ёд мекунанд ва дар байти дигар низ инро тасдиқ намуда, мегӯяд:

Буда дар ҳиҷрат туро Сиддиқи акбар ёри ғор,
Гашта ислом аз Умарбаъд аз вафотат ошкор [23; 112].

Ё дар байти зер мадҳи султонро ба гавҳари шаҳвор ташбеҳ намуда, мегӯяд:

Гавҳари шаҳвори баҳрат ҳеҷ медонӣ, ки чист?
Мадҳи султони ҷаҳон «валлоҳу аълам би-с-савоб» [23; 6].

Шоир дар ин байт васфи султон Абӯсаидро аз гавҳари шаҳворе, ки аз қаъри баҳр мегиранд, хубтар мешуморад. Дар замони пеш одамон ҳамроҳи худ гавҳари шоҳмуҳра мегардонданд ва будани онро бо худ фоли нек донистанд. Хоҷу мегӯяд, ки мадҳи султон ба ту аз он гавҳари шаҳвор беҳтар аст. Хоҷу баҳри зинати суханаш аз ибораи арабии «валлоҳу аълам би-с-савоб» истифода

намудааст, ки маънияш «Худо ба ҳақ ва савоб донотар аст» ва ин лафзро дар мавриди тардид истифода менамоянд. Таркиби «валлоҳу аълам» аз таркиботи қуръонӣ буда, дар сездаҳҷойи Қуръон зикр шудааст, аз ҷумла дар ояҳои 36 ва 167-уми сураи «Оли Имрон», «Нисо», ояҳои 25 ва 45, «Моида», ояти 61, сураи «Анъом», оятҳои 58 ва 124, сураи «Ҳуд» ояти 44,сураи «Юсуф» ояти 77, сураи «Наҳл» ояти 101, сураи «Каҳф», ояти 26, сураи «Ҳаҷ», ояти 68 ва сураи «Иншиқоқ», ояти 23-юм.

Дар байтҳои зер низ мазмуни байти болоро тақвият бахшида, бо истифода аз оёти қуръонӣ мегӯяд:

Ҳирзи бозуи малик донӣ, ки чист?

Шеъри ӯ «валлоҳу аълам би-с-савоб».

Бод як соат зи соли умри ӯ

Аз азал то охири «явм-ул-ҳисоб» [23; 12].

Хоҷу дар байти аввал подшоҳро васф карда мегӯяд: Дасту бозуи малик танҳо ба шеърнависист. Инчунин, дар мисраи дуюм таркиби «валлоҳу аълам би-с-савоб»-ро низ ба кор бурдааст.

Дар байти дувум мегӯяд: Як соат аз умри ӯ мисли аз рӯзи нахуст то рӯзи қиёмат бошад. Яъне, шоир гуфтанист, ки Худованд ба умри малик чунон баракат диҳад, ки як соате аз солҳои умри ӯ баробари умри дунё бошад.

Хоҷу дар ин мисраъ аз таркиби «явм-ул-ҳисоб» истифода намудааст, ки маънояш «рӯзи ҳисобу китоб» мурод аз он рӯзи қиёмат буда, шоир бо андак тағйири лафзии он аз ояҳои Қуръон баҳра гирифтааст, ки Офаридгор дар ояти 24-уми сураи «Нур» мефармояд: «*Рӯзе, ки забонашон ва дастҳояшону пойҳояшон ба зиёнашон бар корҳое, ки мекардаанд, шаҳодат диҳанд»* ва дар ояҳои 8 ва 9-и сураи «Аъроф» низ ин маънӣ омадааст.

Дар байти зер шоир илму дониши султон Абӯсаидро ситуда, мегӯяд:

З-ин сафина дам занад «ман индаҳу илм-ул-китоб»,

К-оби ҳайвон ҳаст пеши баҳри ӯ аз хиҷлат об [23; 5].

Хоҷу дар мисраи якум аз ояти 40-уми сураи «Намл» истифода намудааст, ки Офаридгор мефармояд: «*Ва он кас, ки аз илми китоб баҳрае*

*дошт, гуфт: «Албатта, ман пеш аз он, ки чашм бар ҳам занӣ (мижа занӣ), онро назди ту меоварам». Чун онро назди худ дид, гуфт: «Ин бахшиши Парвардгориман аст, то маро биёзмояд, ки сипосгузорам ё кофири неъмат. Пас, ҳар кӣсипос гӯяд, барои худ гуфтааст ва ҳар кӣношукрӣ кунад, ҳаройина, Парвардгориман бениёзу карим аст»* [158; 165].

Муфассирон дар мазмуни «ман индаҳу илм-ул-китоб» ихтилофи назар доранд. Баъзе бар ин ақидаанд, ки мурод аз он мард Сулаймон аст, зеро вай пайғамбар ва писари пайғамбар буд. Баъзе ақида доранд, ки мурод аз он Осаф - вазири Сулаймон аст. Аммо сухани аввал ба мақсад наздик аст, зеро Худованд барои паёмбаронаш муъҷиза додаст. Агар ин кор аз ғайри паёмбар сурат мегирифт, дар он вақт мартабаии он дар назди халқ аз паёмбар болотар мешуд ва оҷизии паёмбарро нишон медод. Модоме ки Худованд тамоми ҳукмро ба дасти паёмбари хеш дод, ҳароина ӯ ба ин кор қодир аст.

Дар ин оят Офаридгор аз қиссаи ҳазрати Сулаймон ва Билқис ёд кардааст. Хоҷу низ онро дар як мисраъ шарҳ додааст. Доир ба ин қисса дар китобҳои бадеӣ ривоятҳои зиёде мавҷуд аст. Аз ин рӯ, ҳоҷат ба баёни он нест. Яъне, шоир гуфтанист: Аз он илми худодод, ки султон дорад, киштӣ аз рафтан мемонад. Дар мисраи дувум шоир таркиби «оби ҳайвон»-ро истифода намудааст, ки ин таркиб дар ашъори аксари шоирони классик ба назар мерасад. Деҳхудо мегӯяд, ки мурод аз «оби ҳайвон» «оби ҳаёт» аст, ки Хизри Пайғамбар аз он нӯшидааст. Яъне, «оби ҳаёт» дар назди саховат ва карами султон мисли як қатра аст.

Таркиби «ман индаҳу илм-ул-китоб» дар ояти 43-уми сураи «Раъд» доир ба Паёмбар (с) ва Қуръони карим низ баён шудааст. Сабаби нузули ин оят дар он буд, ки чун мушрикони Макка ба пеши ҳазрати Паёмбар (с) омада, гуфтанд: *«Эй Муҳаммад (с), ту паёмбар нестӣ. Расули акрам гуфтанд: Агар тамоми олам паёмбарии маро инкор кунанд, барои ман ҳамин басанда аст, ки Офаридгори замину осмонҳо ва тамоми мавҷудоти олам он зоти пок ба паёмбариям гувоҳ аст»*[18; 532].

Дар байти зер низ Хоҷу аз таркиби «лоязолӣ» истифода намуда, мегӯяд:

Зотат зи бисоти «лоязолӣ»

Овард мисоли бемисолӣ[23; 124].

Дар мисраи аввали ин байт Хоҷу аз асарпазирии вожагонӣ истифода бурда, ибораи «ло язолӣ»-ро истифода намудааст.

Дар ин навъи санъат шоир бо порае аз вожа ё таркиби оятҳои қуръонӣ ё ҳадисҳои набавӣ суханпардозӣ намуда, бо ин ҳунари суханварӣ ба шеъри худ маънии дигареро зам мекунад.

Ё дар байти зер Хоҷу ба ҷойи таркиби «монанди чорпоён» таркиби қуръонии «ка-л-анъом»-ро истифода намуда мегӯяд:

Омони ка-л-анъомро дар кунҷи хилват раҳ мадеҳ,

Илло ба базми ошиқон хубони шӯху шангро [23; 156].

Хоҷу дар ин байт аз санъати ирсолулмасал ва асарпазирии вомгирӣ истифода намудааст. Масалан, шоир таркиби «ка-л-анъом»-ро ба одамони камфаҳм масал меорад ва санъати дувум он ки ин таркиб аз таркиботи қуръонӣ буда, шоир онро ҳамчун истиора ба кор бурдааст, мурод аз он одамони пасту камфаҳм мебошад. Хоҷу бо ҳунари шоирона дар ин мисраъ ба ҷойи таркиби «одамони камфаҳму ҷоҳил» таркиби «ка-л-анъом»-ро истифода намудааст, ки маънии он «монанди чорпоён» буда, иқтибос аз оят 179-уми сураи «Аъроф» аст: «*Барои ҷаҳаннам бисёре аз ҷинну инсро биёфаридем. Онҳоро дилҳоест, ки ба он намефаҳманд (ҳақро) ва чашмҳоест, ки ба он намебинанд (ҳақро) ва гӯшҳоест, ки ба он намешунаванд (ҳақро). Инҳо монанди чорпоёнанд, ҳатто гумроҳтар аз онҳоянд. Инҳо худ ғофилонанд»*[158; 258].

Ё дар байти зер Хоҷу ба маҳбуби хеш аз нодидани ҷамолаш шикоят ва дарди дил намуда, ба қасди истишҳод дар қофияи мисраи дувум аз таркиби қуръонӣ истифода бурда, мегӯяд:

Чу ҳеҷ гуна надорам ба ҳазрати ту маҷол,

Шавам муқими дарат «би-л-ғудувви ва-л-осол» [23; 258].

Шоир дар мисраи якум калимаи «ҳазраташ»-ро истифода намудааст, ки он ба маъниҳои «мавҷуд будан», «ҳузур доштан», «ҷаноб» ва «ҳазрат» омада, маънии «ҷаноб» ба мақсад наздик аст. Яъне, Хоҷу гуфтанист, ки дидори ҷаноби

туро, ки мурод аз он худи мавсуф ва рӯйи ӯст, ҳеҷ имконе нест. Аз ин рӯ, ба умеди дидори ҳазратат мушарраф шудан бояд субҳу шом дар остонаи дарат нишинам.

Шоир дар мисраи дувум аз қисмати оят иқтибос овардааст, ки Худованд дар ояти 205-уми сураи «Аъроф» мефармояд: «*Парвардгоратро дар дили худ ба зориву тарс, бе он, ки садои худ баланд кунӣ, ҳар субҳу шом ёд кун ва аз ғофилон мабош!»* [158; 70].

Ё дар байти зер, таркиби қуръониеро истифода намудааст, ки бандагон онро дар ҳолати шукрона ба забон меоранд:

Таъолаллаҳ, чунон зебо нигоре,

Бараш чун симу дил чун санги хоро [23; 314].

Хоҷу дар ин байт зебоии маҳбубашро васф карда, бо қасди истишҳод аз он ҳусну ҷамоле, ки Офаридгор ба ӯ ато кардааст, ситуда, мегӯяд: Бартар аст он зоти пок, ки чунин нигори зебо офаридаст, ки бараш мисли симу дил чун санги хор мебошад, яъне, бо ҳама он ҳусну ҷамол ва латофате, ки он нигор дорад, дилаш мисли санги хоро сахт аст.

Шоир дар ин байт таркиби «таъолаллоҳ»-ро истифода намудааст, ки он таркиби қуръонӣ буда, дар ояти 114-уми сураи «Тоҳо» омадааст: *«Пас, бартар аст Худои барҳақ, он подшоҳи ростин! Ва пеш аз он ки ваҳй ба поён расад, дар хондани Қуръон шитоб макун. Ва бигӯ: «Эй Парвардгориман, ба илми ман бияфзой»»* ва дар ояти 116-уми сураи «Муъминун» омадааст: *«Пас, бартар аст, Худои якто, он фармонравои ростин. Ҳеч Худое барҳақҷуз ӯ нест! ПарвардгориАрши гаронқадр аст.»*[158;137-221].

Ё дар байти зер, бақасди истишҳод аз қисмати ояи қуръонӣ тазмин оварда, мегӯяд:

Зи ҷоми бодаи дӯшина масту лояъқил,

Фитода бар тарафи сарву норван чӣ хуш аст [23; 186].

Шоир дар мисраи аввал бо нуктапардозӣ ва суханбозии хеш ба ҷойи калимаи «бехуд шудан» таркиби арабии онро, ки «лояъқилу» аст, истифода намудааст. Хоҷу баҳри таъсирбахш шудани сухани хеш таркиби «лояъқилу»-ро

иқтибос овардааст, ки он аз таркиботи қуръонӣ буда, дар чанде аз ояҳои Қуръони карим зикр шудааст, аз ҷумла, дар ояти 44-уми сураи «Фурқон» омадааст: «*Ё гумон кардаӣ, ки бештаринашон мешунаванду мефаҳманд? Инҳо чорпоёне беш нестанд, балки аз чорпоён ҳам гумроҳтаранд*» [158; 156].

Ё дар қофияи мисраҳои байтҳои зер бо камоли ҳунарнамоӣ ва нуктапардозӣ аз таркиботи қуръонӣ иқтибос овардааст:

Ту аз ҷароҳати дилҳои хаста нандешӣ,

Ки дар замир наёрӣ, ки «ал-ҷуруҳу қисос».

Муҳибби рӯйи ту рӯям наметавонад дид,

Ки гуфтаанд, ки «ал-қосу ло юҳибб-ул-қос».

Зи қайди ишқи ту мехостам, ки бигрезам,

Гирифт пеши раҳ ашкам, ки «ло таҳину манос» [23; 253].

Хоҷу дар мисраи якуми байти аввал аз номеҳрубонии маҳбубаш ба танг омада, барояш арзи дил карда мегӯяд: ту аз ҷароҳати дилҳои хаста боре ҳам меандешӣ? Дар мисраи дувум баҳри таъсирбахш шудани сухани худ ва ба қасди истишҳоду истидлол аз ояти қуръонӣ иқтибос оварда, ба мавсуфаш хитоб карда, мегӯяд: Оё боре ҳам ба худ наандешидаӣ, ки ба дилҳои ҷароҳатрасонида қисос медиҳӣ? Хоҷу дар ин байт аз ояти 45-уми сураи «Моида» иқтибос овардааст, ки Худованд мефармояд: «*Ва дар Таврот бар онон муқаррар доштем, ки шахс дар баробари шахс ва чашм дар баробари чашм ва бинӣ дар баробари бинӣ ва гӯш дар баробари гӯш ва дандон дар баробари дандон ва ҳар захмеро қисосест. Ва ҳар кӣ аз қисос даргузарад, гуноҳашро каффорае (товоне) хоҳад буд. Ва ҳар кӣ ба он чи Худо нозил кардааст, ҳукм накунад, аз ситамкорон аст»* [25; 45].

Шоир дар охир аз ишқи ёри номеҳрубон дилгир шуда, мехоҳад тарки он кунад, аммо ашки чашмонаш садди роҳи ӯ шуда, мегӯянд: «ло таҳину манос» (ин вақт вақти гурез аз марг нест). Яъне, ту бо ин тарк карданат халос намешавӣ, ту ки даъвои муҳаббат мекунӣ, бояд дар роҳи ишқи худ содиқу сабур бошӣ.

Хоҷу дар ин байт аз санъати иқтибос истифода намуда, аз таркиби қуръонӣ суд ҷустааст, ки ин таркиб дар ояти 3-юми сураи «Сод» чунин омадааст: «*Чӣ басо мардумеро, ки пеш аз онҳо ба ҳалокат расонидем. Онҳо фарёд баровларданд, вале гурезгоҳе набуд*» [158; 199].

Дар байти зер шоир аҳли байт, яъне, аз авлоди Паёмбари ислом ёд карда, аз таркиби қуръонӣ иқтибос оварда, мегӯяд:

Донарезони кабутархонаи рӯҳониён

Номи аҳлулбайт бар боли кабутар бастаанд [23; 117].

Хоҷу дар ин байт аз санъати тазмин истифода бурда, бо ҳунари нуктапардозӣ аз таркиботи қуръонӣ суд ҷустааст, ки ин таркиб дар чанде аз ояҳои Қуръон зикр шудааст, ки шоир тазмини баъзе аз онро иқтибос овардааст. Аз ҷумла, ин байт талмеҳ ва иқтибос аст аз ояти 33-юми сураи «Аҳзоб» ва 73-юми сураи «Ҳуд» аст. Ишора ба ояти 73-юми сураи «Ҳуд»: «*Гуфтанд: «Оё аз қудрати Худо тааҷҷуб мекунӣ? Раҳмату баракати Худо бар шумо, аҳли ин хона, арзонӣ бод!Ҳаройна, ӯ ситуданитар ва воломақомтараст*!» [158; 94-183].

Ё дар байти зер шоир яке аз султонони он замонро васф карда, аз таркиби қуръонӣ иқтибос оварда, мегӯяд:

Ҷуди оламбахши ӯ арзоқро ниъма-л-кафил,

Ҳукми оламгири ӯ офоқро ниъма-н-насир [23; 132].

Хоҷу дар мисраи якум мавсуфашро ба саховатмандӣ ва олиҳимматӣ васф карда, мегӯяд: Ҷавонмардиву саховатпешагияш арзоқро, киноя аз махлуқот, ниъма-л-кафил, яъне, расонидани некуӣ мебошад. Мурод аз ин ӯ султоне мебошад, ки аз адлу доди ӯ раият рӯзии хешро ба осонӣ ба даст меоранд. Шоир баҳри таъсирбахш шудани суханаш аз асарпазирии вожагон истифода намуда, калимаи «кафил (зомин, мавло)»-ро кор бурдааст, ки он аз вожагони қуръонӣ буда, исме аз асмои илоҳӣ мебошад, ки Худованд дар ояти 91-уми сураи «Наҳл» мефармояд: «*Чун бо Худо паймон бастед, ба он вафо кунед ва чун савганд хӯрдед, онро машканед, ки Худоро зомини хеш кардаед ва ӯ медонад, ки чӣ мекунед!*» [158; 116].

Дар мисраи дуюм ҳукму фармонравоӣ ва оламгирии ӯро васф карда, мегӯяд: Ҳукми ӯ ки фарогири олам аст, ба аҳли олам чи некӯ мавло ва ёридиҳандае мебошад. Шоир дар қофияи ин мисраъ низ аз асарпазирии вожагон истифода намуда, ба қасди истишҳод таркиби «ниъма-н-насир (яъне, неку ёридиҳандае)»-ро ба кор бурдааст, ки он аз таркиботи қуръонӣ буда, иқтибос аз ояти 40-уми сураи «Анфол» мебошад: «*Ва агар сарпечӣ кунанд, бидонед, ки Худо мавлои шумост, ӯ мавло ва ёридиҳандаи некуст!*». Дар ояти 78-уми сураи «Ҳаҷ» низ ин таркиб зикр шудааст: *«Пас, намоз бигузоред ва закот бидиҳед ва ба Худо ибодат кунед! Ӯст мавлои шумо. Чӣ мавлое неку ва чӣ ёваре некӯ!»*[158; 73-178]. Калимаи «Насир» низ исме аз исмҳои Худованд мебошад.

Ё дар байти зер дар мадҳи яке аз султонони замон аз таркиби қуръонӣ баҳра ҷуста мегӯяд:

Дили ту «арши маҷид» асту оламин зарра,

Кафи ту «баҳри муҳит» асту «хофиқин» шабнам [23; 79].

Дар куллиёти Хоҷу пешванди «чу» истифода шуда, «чу зарра» ва «чу шабнам» омадааст, ки шояд хато бошад.

Ин байт киноя аз бузургҳимматӣ ва фароҳдастӣ мебошад.

Хоҷу дар ин байт дили мавсуфашро ба «арши маҷид» ташбеҳ мекунад, ки киноя аз бузургҳимматӣ ва каффи (яъне, дасти) ӯро ба «баҳри муҳит» (баҳри ахзар, ки аз чор се ҳиссаи оламро иҳота мекунад) ташбеҳ медиҳад, мурод аз каф дороӣ мебошад ва «хофиқин», яъне ду соҳили онро ба шабнам ташбеҳ мекунад, ки он киноя аз халқ аст. Яъне, ту чунон қавииродае ҳастӣ, ки оламиён дар пеши ту чун заррае мебошанд ва дороии ту аз баҳри муҳит ҳам беш буда, ҳамчунон ки соҳили он аз дарё баҳра мебаранд, раият низ аз неъмати ту баҳраманданд.

Хоҷу баҳри таъсирбахш шудани сухани хеш бо ҳунари шоирона аз ин вожагон истифода намуда, таркиби «Арши маҷид»-ро корбурд намудааст. Таркиби мазкур иқтибос аз ояти 15-уми сураи «Буруҷ» буда, Офаридгор мефармояд: «*Ӯст соҳибиАрши бузург»* [158;273].

Ё дар байти зер омадааст:

Муддате гашта ба таҳсили фазоил машғул,

В-аз муаллим ҳама таълими «фаламмо» карда[23; 144].

Хоҷу дар мисраи дувуми ин байт таркиби «фаламмо»-ро, ки ба маънии «ҳар вақте ки» мебошад, истифода намудааст.

Ё дар байти зер мегӯяд:

Шарори оташи қаҳри ту «муҳриқ-ул-арвоҳ»,

Фурӯғи партави раъйи ту «мушриқ-ул-анвор» [23; 41].

Хоҷу дар ин байт султони Ироқиро васф карда, ҳолати ғазаби ӯро чунин баён карда, мегӯяд: Чун ғазаби ту ояд шуълаи оташи он «муҳриқ-ул-арвоҳ», яъне сӯзонандаи арвоҳ аст ва шоир бо ин гуфтанист, ки чун қаҳру ғазаби султон ояд, чунон аст, ки аз шуълаи он арвоҳ месӯзад. Дар баробари ғазаби он, шоир раъю андешаи ӯро васф карда, мегӯяд, ки фурӯғу равшании андеша ва раъйи ту аз равшании нур равшантар аст.

Шоир дар ин байт бо камоли ҳунармандию суханпардозӣқофияи ҳар ду мисраъро бо таркиби арабӣ дар як вазн хотима бахшидааст.

Ё дар байти дигар шоир яке аз султонони он замонро васф карда, сабзии фалак ва Байтулмаъмурро мақоме аз ҳурмату бузургии ӯ дониста, мегӯяд:

Эй фалак сабзае аз саҳни риёзи карамат,

Байти маъмур мақоме зи ҳарими ҳарамат [23; 533].

Хоҷу дар ин байт мавсуфи худро васф карда, мегӯяд: Ин сабзии фалак аз рӯйи караму ҷавонмардии туст. Дар мисраи дувум таркиби «Байт-ул-маъмур» зикр шудааст, ки он: «Масҷидест бар осмони чаҳорум аз зумуррад ва ёқут, муқобили Каъба, ба тавре ки агар аз он ҷо чизе бияфтад, бар боми Каъба ояд ва қабл аз тӯфон бар замини Каъба буд. Ва «Маъмур» аз он ном шуд, ки ҳар вақт аз зиёрати малоик обод аст» [28; 150].

Шоир дар ин байт таркиби форсишудаи «Байт-ул-маъмур»-ро истифода намудааст, ки он иқтибос аз ояти 4-уми сураи «Тур» буда, Худованд бо ҳурмати ин хона савганд ёд карда мегӯяд: *«Ва қасам ба Байтулмаъмур»* [158; 233].

Ё дар байти зер шоир яке аз султонҳои замонаш Дилшодхотунро васф карда, мегӯяд:

Эй дарат «дор-ус-салом»-у «қудсиён мин кулли боб»,

Теғиҳукмат дар ҷаҳони салтанат «молики риқоб» [23, 535].

Хоҷу дар мисраи аввал бо ҳунари суханпардозӣ аз ибораҳои қуръонӣ тазмин оварда, дарбори султонро ба дор-ус-салом, яъне, макони амну осоиш ва орӣ аз ранҷу машаққат ёд карда, хидматгорон ва мулозимони дарборро ба фариштагон ташбеҳ дода, мегӯяд: Дарбори ту баҳри бечорагону дармондагон макони амну осоиш буда, мулозимонат ба мисли фаршитагон дар ҳар дари боргоҳат омодаи фармонат мебошанд. Дар мисраи дувум аз шаҳомату мардонагӣ ва шуҷоати мамдӯҳаш ёд карда, мегӯяд: Шамшери ҳукми ту ба ҳама ғолиб буда, молики риқоб, яъне соҳибихтиёр аст ва касе дар муқобили шамшери ту истодагарӣ карда наметавонад.

Шоир дар мисраи якум аз ду ояти қуръонӣ суд ҷустааст. Таркиби «Дор-ус-салом» дар Қуръони маҷид номи биҳишт ва хонаи Каъба зикр шудааст, ки шарҳи онро дар байтҳои боло зикр намудем. Дар қисмати дувуми мисраи мазкур шоир мулозимони дарбори султонро ба фариштагон ташбеҳ дода, аз қисмати ояти 23-юми сураи «Раъд» иқтибос овардааст, ки чунин мебошад: *«Биҳиштҳои ҷовидон; онҳо ва ҳар кӣ некукор будааст аз падарону ҳамсарон ва фарзандонашон, ба он дохил шаванд ва фариштагон аз ҳар дар ба наздашон оянд»* [158; 105].

Ё дар мисраи дувуми байти зер қисмате аз ояти қуръониро истифода намуда, мегӯяд:

З-орзуи хокбӯсаш вирди чарх

Доиман «ё лайтанӣ кунту туроб» [23; 34].

Шоир дар мисраи дуюм аз ояти 40 сураи «Набо» иқтибос овардааст, ки Худованд мефармояд: «*Ва гӯяд кофир: Кошкӣ ман хок мебудам*», яъне кошкӣ хок мебудаму хилқати инсонӣ намеёфтам ва ба ин ҳисобу китоб ба азобу итоб гирифтор намешудам. Агарчи ин оят аз аҳволи кофарон хабар медиҳад, ки чун азоби Худоро диданд, орзу мекарданд, ки кош мо хок мешудем, то ин азобро намедидем. Аммо дар ин байт Хоҷу санъати тазодро ба кор бурда, ба маънии

эҳтиром омадааст, яъне чун ҳамагон ба хокбӯсии ту меоянд, кош ман хок мешудем, то маро бӯса мекарданд.

Хоҷу дар абёти зер аз чаҳор ояти Қуръон баҳра бардошта, мегӯяд:

Эй бар маҳи орази ту «ваҷҳӣ»

Дар маънии «ваз-зуҳо» навишта.

Бар ҳошияи баёзи рӯят

«Ва-л-лайли изо саҷо» навишта.

Бар сафҳаи рӯям оби дида

«Ва-н-наҷми изо ҳаво» навишта [23; 122].

Шоир дар байти аввал рӯйи мамдӯҳашро ба моҳ ташбеҳ карда мегӯяд, ки рӯйи ман ба он рухсори чун моҳат, ки дар он маънии «ва-з-зуҳо» навишта шудааст. Дар ин ду мисраъ шоир аз ду сураи қуръонӣ суд ҷустааст, ки онҳо дар васфи Паёмбар нозил шудаанд. Дар мисраи аввал аз калимаи «ваҷҳӣ» истифода намудааст, ки он ба маънии «рӯи ман» буда, иқтибос аз ояти 79-уми сураи «Анъом» аст, ки Худованд мефармояд*: «Ман аз рӯйи ихлос рӯй ба сӯи касе овардам, ки осмонҳову заминро офаридааст ва ман аз мушрикон нестам»* мебошад. Мисраи дувуми он иқтибос аз ояти 1-уми сураи «Зуҳо», ки Худованд баҳри Ҳабиби худ ба вақти чошт савганд мехӯрад: «*Савганд ба вақти чошт*». Ин сура дар Макка нозил шуда, хос ба Расули Худост. Сабаби нузулаш дар он буд, ки чун муддате омадани ваҳй ба Паёмбар қатъ шуд, мушрикони Макка гуфтанд, ки Муҳаммадро Худояш тарк кард. Пас ин сура нозил шуд, ки дар он Худованд ба Расули худ мегӯяд: *«Парвардгорат туро тарк накарда ва душман ҳам нагирифтааст»*[158; 278].

Дар байти аввал шоир рӯйи мамдӯҳашро ба моҳ ташбеҳ карда, дар байти дувум мегӯяд, ки дар ҳошияи баёз (сафед)-ии рӯйи ту ояти қуръонӣ навишта шудааст. Дар ин байт калимаи «ҳошия» истиора аз мӯйи мамдӯҳ аст, ки атрофи рӯйро мепӯшонад, шоир низ сиёҳии мӯйи мавсуфашро васф карда, мегӯяд, ки аз сиёҳии мӯят рӯйи сафеди ту пӯшида мешавад, мисли шаб, ки бо торикии худ оламро мепӯшонад. Шоир барои таъсирбахш шудани суханаш ояти 2-юми

сураи «Зуҳо»-ро иқтибос овардааст, ки дар он Офаридгор мефармояд: «*Ва савганд ба шаб, чун бипӯшад (бо торикии худ атрофро*» [158; 278].

Шоир баъди васфи рӯйи сафеду мӯйи сиёҳи мамдӯҳаш, ки бо сиёҳии худ рӯйи онро мепӯшонад, ғамгин шуда мегӯяд, ки дар рӯйи ман бо оби дидаам ин оят навишта шудааст, ки Офаридгор дар ояти 1-уми сураи «Наҷм» мефармояд: «*Қасам ба он ситора, ки чун пинҳон шуд*». Шоир ин оятро хеле устодона дар мавқеи худаш оварда, мавсуфашро ба он ситорае, ки ҳангоми субҳ пинҳон ва аз назар нопадид мешавад, ташбеҳ кардааст.

Дар байти зер Хоҷу аз санъати муламмаъ истифода намуда, як мисраъ ба форсӣ, мисраи дигарро бе тағйири лафзу маъно аз ояти қуръонӣ истифода намудааст:

Масти ишқем, айби мо макунед,

«Фаттақуллоҳа ё улил-албоб».

Ақл чун дид аҳли майкадаро,

Гуфт: «Тубо лаҳум ва ҳусну маоб» [23; 332].

Хоҷу дар ин байт ба ононе, ки аз мастии ҳоли эшон айбҷӯӣ мекунанд, мегӯяд: Чун моро маст дидед, айби мо макуненд, зеро ин мастии мо аз мастии ишқу дидори ҷамоли маъшуқ аст, пас, аз Худо битарсед, эй соҳибхирадон. Шоир дар мисраи дувуми байти аввал баҳри боз ҳам пуртаъсир шудани каломаш аз ояти 100-уми сураи «Моида» иқтибос овардааст, ки Офаридгор амр мекунад: «*Бигӯ: «Нопоку пок баробар нестанд, ҳарчанд фаровонии нопок туро ба ҳайрат афканад». Пас, эй хирадмандон, аз Худо битарсед, бошад, ки растагор гардед!»* [158; 49].

Сабаби нузули ин оят дар он буд, ки чун Расули акрам аз ҳаром будани шароб суҳбат мекард, аъробие аз ҷой хесту ба он Сарвар гуфт: *«Эй Расулуллоҳ, ман шахсе ҳастам, ки ин касб ва тиҷорати ман аст. Аз фурӯши он пули зиёде ҷамъ овардаам, пас мумкин аст, ки ин молро ман дар роҳи Худо садақа кунам. Паёмбари ислом ҷавоб доданд, ки Худованд садақаро қабул намекунад, магар аз роҳи ҳалол. Пас Худованд баҳри тасдиқи сухани расулаш ин оятро нозил кард»*[164].

Шоир гуфтанист, ки чун ақл аҳли майкадаро дар он шодиву беғамӣ ва бехудӣ дид, гуфт: Айши хуш ба онҳо ва оқибаташон ба хайр бошад. Шоир дар ин мисраъ аз ояти 29-уми сураи «Раъд» иқтибос овардааст, ки он зот мефармояд: «*Зиндагии хуш ва бозгаштангоҳи неку аз они касонест, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд*» [158; 105].

Муфассирон дар маънии калимаи «Тӯбо» ихтилофи назар доранд. Масалан, Шаҳр ибни Ҳушаб аз Абӯҳурайра чунин ривоят мекунад: *«Дар ҷаннат дарахтест, ки ӯро «Тӯбо» ном мебаранд ва Ваҳб азШаҳр ибни Ҳушаб ва он аз Абӯамомаи Боҳулӣ ривоят мекунад, ки «Тӯбо» дарахтест дар ҷаннат, ки шохҳои он дар тамоми хонаҳои ҷаннат даромадааст, ҳеч парандаи зебо нест, магар дар он дарахт аст ва чӣ меваи бомаза аст дар он дарахт аст ва асли он дар зери қасри Паёмбари акрам дар ҷаннат аст, сипас, шохҳои он ба манзили аҳли ҷаннат тақсим мешавад, чӣ гунае ки аз он зот илму имон ба оламиён паҳн шуд»*. Ибни Аббос «Тӯбо»-ро хушбахтӣ ва фараҳ арзёбӣ намуда, мегӯяд: «*Тӯбо - ба забони ҳабашӣ номи биҳишт аст*» ва Саъид ибни Ҷубайр аз Рабеъ ибни Анас ривоят мекунад, ки *«Тӯбо» ба ҳиндӣ номи бӯстон аст»* [164].

Дар байти зер Хоҷу яке аз ҳокимони он даврро мазаммат карда, баҳри таъсирбахш шудани суханаш аз қисмати ояти қуръонӣ иқтибос овардааст:

Ояти «куллу ман алайҳо фон»

Гӯиё нозил аст дар шаънаш [23; 140].

Ин байт киноя аз зулму ситам ва бедодист.

Чӣ гунае ки аз байтҳои боло бар меояд, шоир дар мадҳҳунарнамоӣ намуда, аз таркиб ва ё қисмати оёти қуръонӣ суд меҷуст. Аммо дар ин байт на васф мекунад, балки мазаммат карда, дар он низ аз ояҳои қуръонӣ кор бурдааст. Дар ин байт шоир зулму ситами яке аз ҳокимони замонашро баён карда, барои таъсирбахш шудани суханаш аз қисмати оят истифода намуда, мегӯяд: Зулму ситами ӯ ба андозае расид, ки аз дасти ӯҳама чиз рӯ ба нобудӣ заданд, гӯӣ, ки ояти «*Ҳар чӣ ба рӯйи замин аст, фано (тамом) шуданист*», яъне тамоми мавҷудоти олам аз зулму ситами ҳамин шахс нобудшуданист.

Дар байти зер низ аз асарпазирии вожагон истифода намуда, мегӯяд:

Гардуни рафиъ гоҳи мадҳат

Ҳам «азрақӣ» асту ҳам «алоӣ» [23; 123].

Шоир дар ин байт Ҷалолиддини Хофиро васф карда, мегӯяд: Бузургию баландмартабагии мадҳи ту ҳам «азрақӣ (кабуд)» асту ҳам «алоӣ» (баланмартабагӣ) мебошад. Шоир дар ин мисраъ аз ду таркиби арабӣ «азрақӣ» ва «алоӣ» истифода намудааст, ки онҳо истиора аз «осмон» ва «баландӣ» буда, шоир бо ҳунари суханварӣ ба ҷойи он ки гӯяд мадҳи ту мисли осмони кабуд баланд аст, калимаи «азрақӣ» ва «аълоӣ»-ро истифода намудааст.

Дар байти дигар шоир Маҳмуди қозиро васф намуда, бо ҳунари суханпардозӣ, дар қофияи онҳо таркибҳои арабиро бо ҳунари устодӣ ба кор бурдааст:

Нидо аз осмон хезад адуввашро, ки «ло тафраҳ»,

Навид аз ахтарон ояд валияшро, ки «ло таҳзан» [23; 89].

Яъне, баҳри ҳурмати ту аз осмон ба душманат нидо меояд, ки шодӣ макун ва баҳри таскин бахшидани дӯстонат навид, яъне, хабари хуш меояд, ки ғамгин мабош.

Зотат зи бисоти лоязолӣ

Овард мисоли бемисолӣ[23; 124].

Мисраи дувуми ин байт баргирифта шудааст аз мазмуни ояти 4-уми сураи «Ихлос», ки чунин аст: «*Ва на ҳеҷ кас ҳамтои ӯст!*»[158; 284].

Дар байти зер шоири ориф ба бандагон хитоб карда, мегӯяд, ки лутфу раҳмати Офаридгор мисли ресмонест ногусастанӣ, биё, ҳама ба он чанг занем:

Эй бародар, гар ту мустамсик ба чизи дигарӣ,

Ҳаст лутфи лоязолӣ «урват - ул - вусқо»-и ман [55; 526].

Шоир дар ин байт ба ҷуз аз истифодаи санъати бароати истеҳсол боз санъати тамсилро истифода намудааст. Тамсил дар луғат монанд сохтан ва дар истилоҳи адибон иборат аз ташбеҳи чизе ба чизе ё шахсе ба шахсест. Бархе тамсилро ба маънии омтар гирифта, гуфтаанд: «Тамсил иборат аз таърифест, ки зоҳиран ҳақиқат надорад вале, ботини он аз ҳикматҳои шофӣ оганда аст» [54; 65].

Тамсил дар дохили худ маъонии олӣ ва таълими нуҳуфта дорад, ки шунаванда аз он ҳикмате меомӯзад ё фоидае ба даст меорад. Дар ин байти шоир ибораи «урват-ул-вусқо» яъне, дастовези муҳкам ва ресмони ногусастанӣ буда, шоири ориф аз ояти қуръонӣ тамсил овардааст. Хоҷу дар ин байт хитоб карда, мегӯяд: Эй бародар, агар ту пайрави дигар касию ба чизи дигар чанг задаӣ, дониста бош, ки лутфу марҳамати ҳамешагии Парвардгорат дастовези муҳкамест, ки касе ба он чанг занад, ҳаргиз гусаста нашавад, яъне, гумроҳ нагардад.

Яъне, мурод аз чизи дигар пайравии ғайри Худо буда, шоир дар ин байт ба бандагони Худо ва соликони роҳи Ҳақ хитоб мекунад, ки рӯ ба тоату амри ӯ биёранд ва ба фармони ӯ исён наварзанд, касе ки пайравӣ аз амру фармони он зот кард, ба дастовези муҳкаму ногусастание ноил шудааст. Хоҷу бо санъати тазмин аз ояти 256-уми сураи «Бақара» иқтибос овардааст, ки Худованд мефармояд: «*Дар дин маҷбурӣ нест. Ҳидоят аз гумроҳӣ мушаххас шудааст. Пас, ҳар кас, ки ба тоғут куфр варзад ва ба Худо имон оварад, ба чунон риштаи устуворе чанг зада, ки гусастанаш набошад. Худо шунаво ва доност!*» [158; 17].

Дар ояти 22-юми сураи «Луқмон» низ зикр шудааает: «*Ҳар кӣ рӯи хеш ба Худо кунад ва некукор бошад, албатта, ба дастгираи устуворе чанг задааст ва поёни ҳамаи корҳо ба сӯйи Худост!*» [158; 179].

Таркиби «лоязолу» низ аз таркибҳои қуръонӣ буда, дар шаклҳои «ло язолуна», «ло тазолу» ва «ло зилна» дар Қуръон баён шудааст, ки маънияш «ҳамеша, ҷовидон» аст. Хоҷу дар мисраи дувум таркиби «лоязолӣ»-ро, ки асли он «ло язолу» аст, истифода намудааст, ки ин навъи суханпардозиро асарпазирии вомгирӣ меноманд. Чӣ гунае, ки дар боло қайд намудем, шоир баҳри ҳифозати вазн онро каме тағйир дода, аз ояти 110-и сураи «Тавба» истифода намудааст, ки Худованд мефармояд: «*Он бино, ки баровардаанд, ҳамвора мояи ташвиш дар дилашон хоҳад буд, то он ҳангом, ки дилашон пора-пора гардад (яъне, бимиранд). Ва Худо донову ҳаким аст!*» [158; 82].

Ё дар байти зер санъати муламмаъро истифода намуда, мисраи дувуми онро аз ояти Қуръон иқтибос овардааст:

Оташи дил бисӯхт Хоҷуро,

«Ва қино, раббано, азобан-нор» [23; 234].

Оташи дил, киноя аз сӯзи ишқи ҳақиқист, ки дар дили Хоҷу таъсир кардааст. Хоҷу дар ин байт ба ҷуз аз санъати муламмаъ боз вомгирӣ ва иқтибосро истифода намудааст.

Шоир дар мисраи аввал аз номеҳрубонӣ ва дарди ҷудоӣ шикоят карда, мегӯяд: Ин оташи ишқу дарди ҷудоӣ дили Хоҷуро бисӯхт. Дар мисраи дувум аз ин азобу аз сӯхтани ҷудоӣ ба Парвардгорихуд паноҳ мебарад ва баҳри табаррук бо истифодаи санъатҳои бадеӣ ва риояи вазни шеър аз таркиботе, ки дар ояти 201-уми сураи «Бақара» зикр шудааст, иқтибос кардааст: *«Ва бархе аз мардум мегӯянд: «Эй Парвардгоримо, моро ҳам дар дунё хайре бахш ва ҳам дар охират ва моро аз азоби оташ нигаҳ дор»*» [158; 13].

Хулоса, Хоҷуи Кирмонӣ он улфат ва муҳаббати беназире, ки ба Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ доштааст, бо ҳунармандӣ теъдоде аз оёт ва ҳадисҳоро дар шеъри худ ба кор бурда, баҳри расонидани мақсади хеш аз тамоми имконот истифода намудааст. Вай кӯшидааст, то дар камтарин сухан бештари маъниро биёварад.

## 1.4.ТАҲМИДИЯ ДАР АШЪОРИ ХОҶУИ КИРМОНӢ

Таъсири забони арабӣ дар шеъри Хоҷу хеле зиёд аст. Шоир илова бар ин ки дар ашъори форсӣ-тоҷикии худ мисраъу байтҳои арабӣ меоварад, рубоиёте низ ба арабӣ сурудааст. Хоҷу дар ғалаҳои хеш баҳри расонидани мақсади худ аз тамоми имконот истифода намудааст. Вай мекӯшид, ки дар камтарин сухан бештари маъниро биёварад. Масалан, байти зери таҳмидияро ба забони арабӣ эҷод намуда, мазмуни ояҳои қуръониро ба кор бурдааст:

Субҳона ман тақаддаса бил-ъиззи вал-ҷалол,

Субҳона ман тафаррада бил-ҷуди вал-ҷамол [23; 326].

Тарҷума:

Пок аст он Зоте, ки дар бузургию ҷалол бемисл аст,

Пок аст он Зоте, ки дар каримиву зебоӣ ягона аст.

Шоир дар ин байт ба Худо муноҷот карда, байтро бо калимаи «Субҳона» шурӯъ намудааст, зеро он вожаест, ки дар ҳолати дуо Худоро дорои беҳтарини шоистагиҳо, тавоноиҳо медонанд ва ин ки танҳо ӯ сазовори парастиш аст, истифода мекунанд. Тасбеҳи «Субҳоналлоҳ», яъне, пок аст он зот аз тамоми айбу нуқсон ва шубҳаҳои фосиду гумонҳои бад ва решаи он аз «сабҳ» гирифта шуда, маънияш «дур будан» аст. Шоир низ ин калимаро истифода намуда, мегӯяд: Пок аст он зоте, ки дар бузургию ҷалол бемисл аст ва пок аст он зоте, ки дар каримиву зебоӣ ягона аст.

Таркиби «Субҳона» дар бисёре аз оятҳои Қуръон зикр шудааст, аз ҷумла, дар ояти 91-уми сураи «Муъминун», ки он Зоти Пок мефармояд: «*Худо ҳеҷ фарзанде надорад ва ҳеҷ худоебо ӯ нест. Агар чунин мебуд, ҳар худое бо офаридагони худ ба як сӯ мекашид ва бар якдигар бартарӣ меҷустанд. Худо аз он гуна, ки ӯро васф мекунанд, пок аст.»,* ояти 158-159-уми сураи «Соффот», ки Худованд мефармояд; «*Ва миёни Худову ҷинниён хешовандӣқоил шуданд ва ҷинниён медонанд, ки ҳозиркардашудагонанд. Аз он васф, ки меоваранд (мушрикон), Худо пок аст.»* ва дар оятҳои 22, 23 ва 24-уми сураи «Ҳашр» чунин омадааст: «*Ӯст Худои ягона, ки ҳеҷ худои барҳақҷуз ӯ нест. Донои ниҳону ошкор ва бахшояндаву меҳрубон аст.Ӯст Худои ягона, ки ҳеҷ худои дигаре*

*барҳақҷуз ӯ нест, фармонравост, пок аст, саломат аст (аз ҳар айбу нақс), эминибахш аст, нигаҳбон аст, пирӯзманд аст, ғолибу худихтиёру бузургвор аст. Ва аз ҳар чӣ барои ӯ шарик қарор медиҳанд, пок аст! Ӯст Худое, ки офаридгор аст, эҷодкунанда ва суратбахш аст, номҳои некӯӯрост. Ҳар чӣ дар осмонҳо ва замин аст, тасбеҳгӯйи ӯҳастанд ва ӯ пирӯзманду ҳаким аст!*» [158, 246].

Ё дар байти зер низ аз ин вожа истифода намуда, мегӯяд:

Субҳона ман сабаҳҳаҳу-р-рамлу фи-л-қифор,

Субҳона ман тақаддасаҳу-л-ҳуту фи-л-биҳор [23; 153].

Тарҷума:

Пок аст он зоте, ки ӯро регҳо дар биёбон ситоиш мекунанд,

Пок аст он зоте, ки бузург медоранд ӯро моҳиҳо дар баҳр.

Хоҷу оғози ин байтро низ бо тасбеҳи «субҳона» шурӯъ намудааст, зеро, дар оғози ҳар кори хайр ва дуо бандагон ин сифати Офаридгорро ёд карда, онро ҳамчун табаррук истифода мекунанд. Хоҷу низ ин тасбеҳотро истифода намуда, мегӯяд: Пок аст он зоте, ки ӯро регҳо дар биёбон ситоиш мекунанд ва пок аст он зоте, ки бузург медоранд ӯро моҳиён дар баҳр.

Хоҷу бо ҳунари волои шоирона ду мисраи аввали ин байтро бо суд ҷустан аз мазмуни ояҳои қуръонӣ истифода намудааст, ки Худованд бо ин мазмун дар чанде аз сураҳои ин китоби осмонӣ ёд кардааст, хусусан сураҳои «Ҳадид», «Ҳашр», «Саф», «Ҷумъа» ва «Тағобун» бо ин маънӣ оғоз мешаванд, ки Офаридгор дар ояҳои 1 то 3-юми сураи «Ҳадид» мефармояд: «*Худовандро тасбеҳ мегӯянд (ва бо парастиш ризои ӯро меҷӯянд), ҳар чӣ дар осмонҳову замин аст(аз қабили инсону ҳайвон ва гиёҳ) ва ӯ пирӯзманду ҳаким аст! Фармонравоии осмонҳову замин аз они ӯст. Зинда мекунад ва мемиронад ва бар ҳар чиз тавоност.Ӯст аввалу охир ва зоҳиру ботин ва Ӯ ба ҳар чизе доност!*». Ё оғози сураи «Ҳашр»: «*Худовандро тасбеҳ гӯянд, ҳар чӣ дар осмонҳову ҳар чӣ дар заминаст. Ва ӯст пирӯзманду ҳаким!*», дар сураи «Саф»: «*Худоро тасбеҳ гӯянд, ҳар чӣ дар осмонҳовудар замин аст ва ӯст пирӯзманду ҳаким!*» дар сураи «Ҷумъа»: *«Худоро тасбеҳ гӯянд, ҳар чӣ дар осмонҳову ҳар чӣ дар замин аст, он*

*фармонравои пок аз айбро, он пирӯзманди ҳакимро!»* ва сураи «Тағобун»: *«Худоро тасбеҳ мегӯянд, ҳарчӣ дар осмонҳову ҳар чӣ дар замин аст. Фармонравоӣ аз они ӯст ва ҳамд сазовори ӯст ва ӯ ба ҳар чизе тавоност!»*[158; 242-246-248-249-251].

Дар байти зер аз чор сифати бечунучарои Офаридгор ёд карда, мегӯяд:

Ё бория-л-бароё, ё зория-з-зарорӣ,

Ё роъия-р-раъоё, ё муҷрия-л-ҷаворӣ[23; 305].

Тарҷума:

Эй Офаринандаи офаридагон, эй халқкунандаи наслҳо,

Эй нигоҳдоранда(пуштибон)-и фармонбардорон (бандагон, раият), эй ҷорикунандаи ҷоришавандаҳо (киштиҳо).

Шоир барои таъсирбахш шудани сухани хеш аз вомгирии вожагон истифода намуда, аз қисмати ояти қуръонӣ тазмин овардааст, ки Худованд дар ояти 41-уми сураи «Ёсин» фармудааст: «*Ибрате дигар барои онҳо, ин ки ҳаройна, Мо ниёконашонро дар он киштии пуркардашуда савор кардем*» [25; 193].

Шоир дар ин мисраъҳо калимаҳоеро истифода намудааст, ки воизон дар хутбаҳои хеш аз сифатҳои он зот ёд мекунанд. Дар қисмати дуюми мисраи дуюм низ аз ояти 41-уми сураи «Ҳуд»-ро кор бурдааст: «*Гуфт: «Бар он (киштӣ) савор шавед, ки ба номи Худо ба роҳ афтад ва ба номи Худо лангар бияндозад, зеро Парвардгориман омурзандаву меҳрубон аст!»* [25; 91].

Ё дар байти дигар мефармояд:

Ё воҳиба-л-атоё, ё дофиа-л-балоё,

Ё ғофира-л-хатоё, ё мусрия-с-саворӣ[23; 306].

Тарҷума:

Эй беҳтарин бахшояндагон ва эй дуркунандаи балоҳо,

Эй бахшандаи хатоҳо ва эй зоте, ки бандагонатро ба сайри шабонгоҳ мебарӣ.

Шоир дар ин байт Парвардгори оламиёнро васф кнамуда, бо камоли устодӣ ва ҳунари волои суханпардозӣ ба қасди истишҳод ҳунару истеъдоди

худро нишон дода, дар ҳар таркиби он ояте аз ояҳои қуръонӣ ва ё аз талмеҳоти исломӣ истифода кардааст. Масалан, таркиби якуми мисраи аввал аз таркиботи қуръонӣ буда,дар аксари оятҳои Қуръони карим ёд шудааст, аз ҷумла, дар ояти 8-уми сураи «Оли Имрон», ки чунин омадааст: «*Эй Парвардгори мо, аз он пас, ки моро ҳидоят кардаӣ, дилҳои моро ба ботил моил масоз ва раҳмати худро бар мо арзонӣ дор, ки ту бисёр бахшояндаӣ!*» ва дар ояти 9-уми сураи «Сод» низ омадааст: «*Оёхазинаҳои раҳмати Парвардгорипирӯзманди бахшандаат дар назди онҳост?»* ва дар ояти 35-уми сураи мазкур низ ин таркиб зикр шудааст: «*Гуфт: «Эй Парвардгориман, маро бибахш ва маро мулке ато кун ва пас аз ман касе сазовори он набошад, ки ҳаройна, ту бахшояндаӣ»*[25; 20-199-200].

Таркиби дувуми мисраи аввал, низ аз таркиботи қуръонӣ буда, ба дуркунандаи балоҳо ва ҳомии бандагон будани он зоти яктодалолат мекунад. Аз ҷумла, дар ояти 251-уми сураи «Бақара», ки он зоти пок фармудааст: «*Пас ба хости Худо онҳоро шикаст доданд ва Довуд Ҷолутро бикушт ва Худо ба ӯ подшоҳиву ҳикмат дод ва он чи мехост, ба ӯ биёмӯхт. Ва агар Худо баъзе аз мардумро (куффорро) ба василаи баъзе дигар (муъминон) дафъ намекард, замин табоҳ мешуд, валеХудо бар ҷаҳониён фазлу карами хешро арзонӣмедорад».* Дар ояти 38-уми сураи «Ҳаҷ» низ омадааст, ки Худованд мефармояд: «*Худо аз касоне, ки имон овардаанд, дифоъ мекунад ва Худо хиёнаткорони носипосро дӯст надорад!*» [158; 17-145].

Қисмати охири мисраи дувум, яъне, таркиби «ё мусрия-с-саворӣ» (эй зоте, ки бандагонатро ба сайри шабонгаҳ мебарӣ) низ аз таркиботи қуръонӣ буда, талмеҳ аз шаби Меъроҷи он Паёмбар мебошад, ки Худованд дар шабонгоҳ аз Масҷиди Ҳаром ба Масҷиди Ақсо овард, сипас ҷисман ва рӯҳан ба олами малакут рафт. Хоҷу ин қиссаро дар ду таркиб боқасди истишҳод аз мазмуни ояти қуръонӣ корбурд намудааст, ки Офаридгор дар ояти 1-уми сураи «Исро» мефармояд: «*Пок аст он Худое, ки бандаи худро шабе аз Масҷиди Ҳаром ба Масҷиди Ақсо, ки гирдогирдашро баракат додаем, сайр дод, то баъзе аз оёти худро ба ӯ бинамоем, албатта, ӯ шунавою биност!»*[158; 118].

Шоир дар ғазалиёти хеш на танҳо аз ҳадису Қуръон баҳра бардоштааст, балки аз дуоҳо ва хутбаҳои динӣ, ки дар адабиёти араб бо номи «хитоба» машҳур аст, хеле ҳунармандона истифода намудааст. Масалан, дар ин байти ғазале, ки ба Паёмбари акрам (с) бахшида шудааст, чунин омадааст:

Алҳамду лиллоҳи-л-лазӣ халқа-с-самовоти-л-ъуло,

Авҳо ило ман лоҳа мин оётиҳи нур-ул-ҳудо [23; 496].

Тарҷума:

Ҳамду ситоиш мар Худойро, ки офарид осмонҳои аландро,

Фиристод ба сӯи шахсе, ки менигарист аз нишонаҳо (оёт)-и худ нури ҳидоятро.

Хоҷу дар байти мазкур ба Худо ҳамду сано гуфта, аз азамату бузургии он зоти кибриё ёд намуда, калимаи «самовот» (осмонҳо)-ро ёд кардааст, ки ин басанда аст бо қудрати Офаридгор, зеро осмон аз ҳама мавҷудоти ба чашм аён баланду бузург аст, Худованде, ки бо қудрати хеш он осмони баландро офарид, мавҷудоти дигар ҳеҷ аст. Шоир дар ин мисраъ аз ояти якуми сураи «Анъом» иқтибос овардааст, ки Худованд мефармояд: «*Ҳамду сано Худоеро, ки офарид осмонҳо ва заминро ва пайдо кард торикиҳо ва равшаниро (баъди дидани ин далоил, ки ҳама далолатгар ба тавҳиданд) боз кофирон баробар кунанд (маъбудони ботилро) ба Худои худ*» [25; 51].

Дар ин сура оид ба эътиқод ва ҳақиқату моҳияти имон сухан меравад, бино бар ин, шоир ин сураро интихоб намудааст.

Хоҷу дар мисраи дувум Расулуллоҳро васф намуда бо қасди истишҳод дар мисраи дувуми ин байт аз мазмуни ояти 9-уми сураи «Ҳадид» истифода кардааст, ки Худованд мефармояд: «*Ӯст он Худое, ки бар бандаи худ оёти равшанро нозил мекунад, то шуморо аз торикӣ ба рӯшноӣ оварад. Ва ҳаройна,Худо ба шумо, ҳатман мушфиқу меҳрубон аст»*[158; 243].

Дар байти зер низ аз санъати тансиқи сифот (сифатчинӣ) истифода намуда, сифатҳои «розиқ», «холиқ», «зоҳир» ва «ботин»-и Худовандро бо забони форсии тоҷикӣ ситуда, мегӯяд:

Ҳам розиқи берайбиву ҳам холиқи беайб,

Ҳам зоҳири пинҳонию ҳам ботини пайдо [23; 1].

Ҳамаи ин сифатҳо баргирифта шудааст аз мазмуни ояҳои қуръонӣ, ки шарҳи онҳо дар байтҳои боло баён гардидаанд.

Дар байти дигар низ Офаридгорро ба сифатҳои «аввал», «охир», «молик» ва «воҳид», ки сифатҳои бечунучарои он зоти пок мебошанд, сано мегӯяд:

Аввали беинтиҳову охири беибтидо,

Молики беиштироку воҳиди беинъидом [23; 495].

Шарҳ ва баёни ин сифатҳоро дар боло зикр намудем.

Аз ин бармеояд, ки заминаи фарҳангии Хоҷу аз чандин сарчашма маншаъ мегирад: Аввалан, Хоҷу ҳам ба сифати шоири баландовоза ва ҳам орифи ворастабешак аз куллияи осори адабию ирфонии гузаштагону муосирони худ огоҳии комил доштааст. Бавижа, аз осори ирфонии шоирони сӯфимашраб чун Саноию Аттор, Мавлавию Ироқӣ, Рӯзбеҳони Буқлию Ибни Арабӣ, Низомӣ ва чанд тани дигар пайвастамавриди мутолиаи ӯқарор доштаанд. Ин нукта низ мусаллам аст, ки Хоҷу гарчанде як шоири ориф аст, аммо осори шоирони ғайрисӯфӣ, чун «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва ашъори Унсурию Фаррухӣ, Асҷадию Манучеҳрӣ, Анварию Заҳир, Муиззию Адиб Собир ва дигаронро мутолиа мекард ва аз эшон дар эҷодиёти худ иқтибосҳо овардааст. Аз муосирон шоироне чун Салмони Соваҷӣ, Убайди Зоконӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ аз ашъор ва ғазалиёти вай баҳра гирифтаанд.

Хоҷу дар қасидаҳояш донишмандӣ ва суханпардозии худро хеле равшан ошкор намудааст. Аз мутолиаи ашъораш бармеояд, ки ӯ чи аз мавзӯъҳои фалсафии ирфонӣ ва мазҳабӣ ва чи аз илми Қуръону ҳадис ва чи аз илми фалаку кавокиб ба андозаи пояи баланди замонаш хуб бохабар будааст.

**Хулоса,** шоири тавонои асри XIV Хоҷуи Кирмонӣ донишманди тавоно, адиби намоёни ин аҳд бо ашъори пурбори худ тавонист муҳтавиёти қуръониро дар ашъори худ мавриди назар қарор дода, онро бо равишҳои гуногун дар сухани худ ҷой диҳад. Агар мо ба ашъори шоирон назар андозем, баҳси шоирон доир ба мавзӯъҳои гуногуни илмӣ бепоён боқӣ мемонад, вале сувари хаёл ва

маъниофаринии Хоҷуи Кирмонӣ ниҳоят баланд ва арзишманд буда, бо як маҳорати баланди шоирона тавонистааст пеш аз ҳама мавқеияти каломи Худовандро нишон дода, андешаҳои худро бо он исбот намудааст. Зикр кардан бамаврид аст, ки Хоҷу дар ғазалҳои хеш Қуръон ва ҳадисҳои набавиро бо роҳҳо ва самтҳои гуногун баён намуда, онҳоро таҳлил намудааст.

# БОБИ II. ИСТИФОДАИ ХОҶУИ КИРМОНӢ АЗ ҲАДИСҲОИ НАБАВӢ

## 2.1.ИҚТИБОСИ ХОҶУИ КИРМОНӢ АЗ ҲАДИСҲОИ НАБАВӢ

Чунон ки дар боби аввал қайд намудем, ашъори тамоми бузургони классикии мо аз ду манбаи бузург: Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ баҳра мегиранд ва мо дар боби якум оид ба ин мавзӯъ суҳбат намудем. Бахши дигари ин диссертатсия оид ба таъсири ҳадис дар ашъори Хоҷу мебошад. Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, ки пеш аз он ки ба мавзӯи асосӣ пардозем, нуктае чанд дар боби ҳадису мақоми он дар ислом ва дар атрофи муҳаддисону ровиён ва китобҳои марбут ба он мухтасаран маълумот диҳем.

Ҳадис ё суннат ба маънии «хабар», «сухан» ва чизи нав аст ва дар истилоҳ «гуфтор, кирдор ва рафторҳоест, ки аз Паёмбари акрам нақл шудааст ва онро «суннат» низ гӯянд» [93; 19]. Дар назди мусулмонон аз дувумин сарчашмаи маорифи исломӣ буда, аз каломи Худо фурӯтар шумурда шавад ҳам, аз каломи махлуқ баланд дониста мешавад, зеро, суханони он бузургвор яксара ҳикмату маърифат буда, бо зарофати балоғат ва зебоии сухан ороста шуда, саропо нуктапардозиву нодирагӯӣ мебошад. Дар баробари ин ҳама фасоҳату балоғати суханаш, ки суханварони шарқ аз фасоҳати он таълим мегирифтанд, боз шарҳу баёни бисёре аз аҳком ва маърифатҳои динӣ буд, ки дар Қуръон танҳо бо иҷоз ва ишора ёд шудааст.

Пас аз асри ҳазрати Паёмбар низ он чи аз саҳобагон нақл шудааст, замимаи ҳадис гашт, зеро саҳоба бо Паёмбари акрам муоширати доштанд ва суханҳои ӯро мешуниданду кирдорашро медиданд ва он чизеро аз он бузургвор дида ва ё шунида буданд, ҳадис мекарданду боз мегуфтанд. Тобеин (касоне, ки баъди саҳобагон омадаанд) низ пас аз Паёмбари акрам бо саҳоба муоширати мекарданд ва он чизеро, ки он ҷамоат мегуфтанд, мешуниданд ва он чиро анҷом медоданд, медиданд. Пас, дар ҳадис он чизе, ки мустақим аз худи Паёмбар, ба воситаи саҳобагон ё тобеон нақл шудааст, мавриди баррасӣқарор мегирифт. Савол ба миён меояд, ки оё дар аҳди Паёмбар омӯзиш ва ҳифзи ҳадис низ мисли ҳифзи ояҳои қуръонӣҳатмӣ буд, оё Расулуллоҳ ба ҳифзу

таълими он асҳоби худро амр мекарданд? Агарчанде дар аҳди расули Худо омӯзиш, таълим ва ҳифзи ҳадис мисли ояҳои қуръонӣҳатмӣ набуд ва он ҳазрат агарчи асҳоби худро барои ҳифзи он амр намекарданд, аммо баҳри онҳо танҳо ҳадисе, ки он ҷаноб фармудаанд: «*Ҳар кас барои уммати ман чиҳил ҳадис дар бораи амри динияшон ҳифз кунад, рӯзи қиёмат Худо ӯро дар зумраи фақеҳон ва олимон бармеангезад*» дар ривояти дигар бар ин мазмун омадааст: «*Ҳар кӣ аз умматонам чиҳил ҳадис аз суннатҳои ман ҳифз кунад, фардо рӯзи қиёмат шафоати ман бар вай воҷиб шавад*» [93; 32]. Ҳадиси дигар, ки мефармоянд: «*Ду чизи гаронбаҳоро пас аз худам барои шумо боқӣ мегузорам, ки бад-онҳо руҷӯъ кунедва модом ки бар ин ду руҷӯъ кунед, ҳаргиз гумроҳ намешавед: китоби Худо ва ҳадисҳои ман*» [93; 32].

Ҳамин ду ҳадис барои ҳатмӣ будани омӯзиш ва таълими ҳадисҳои Паёмбар (с) басанда мебошад. Аз ин рӯ, баъди реҳлати ҳазрати Муҳаммад саҳобагон баҳри омӯзишу гирдоварӣ ва таълими он шурӯъ намуданд, зеро ҳадис низ мисли ояҳои қуръонӣ далел ва ҳуҷҷати асосӣ буда, дар ҳуҷҷат будани он ихтилофе вуҷуд надорад. Дар баробари ин, ҳадис барои мусулмонон як ганҷинаи гаронбаҳое пур аз фасоҳату балоғат, ҳикмату маърифат, фиқҳу мантиқ ба шумор мерафт. Бино бар ин, барои гирдоварию ҳифзи он, танзим ва тартиби он, шинохти ровиёни он ва шарҳу баёнаш кӯшиш намуданд. Аз ин ҷо буд, ки дар баробари қуръоншиносӣ илми ҳадисшиносӣ низ равнақ ва густариш ёфт. Шахсони зиёде ба ҳифз ва ҷамъоварии ҳадис пардохта, аз даҳҳазор то сад ҳазор ҳадисро аз ёд медонистанд ва касоне ки сад ҳазор ҳадисро бо санадаш (донистани ровии он) азёд медонистанд, «ҳофиз» номида мешуданд. Барои шунидани як ҳадис аз забони нахустин ранҷи сафарҳои дуру дароз мекашиданд ва барои шинохтани ҳадиси саҳеҳ (дуруст) аз заиф (нодуруст) меъёрҳо таъйин намуда, барои ҷамъоварӣ ва тартиби муайян намудани он китобҳои ҳадис таълиф намудаанд, ки дар натиҷа дар баробари илми ҳадисшиносӣ илми риҷол (одамшиносӣ оид ба шинохти ровиёни ҳадис) ба вуҷуд омад [94, 5].

Чунон ки дар боло қайд намудем, шахсони зиёд барои гирдоварии ҳадис шурӯъ намуданд, аз машҳуртарин ва муътабартарини онҳо дар назди аҳли суннат «Сиҳоҳи ситта» (Саҳеҳҳои шашгона) мебошад, ки онҳо:

1. Саҳеҳи Бухорӣ.
2. Саҳеҳи Муслим.
3. Сунани Ибни Довуд.
4. Сунани Ибни Моҷа.
5. Сунани Насоӣ.
6. Ҷомеи Тирмизӣ.

Алиасғари Ҳалабӣ дар китоби «Таъсири Қуръон ва ҳадиси набавӣ» дар бораи «Саҳеҳҳои шашгона» чунин мегӯяд: «Ба дурустӣ маълум нест, ки ин шаш китоб чӣ замоне ин эътибор ва вусуқро касб кардаанд, вале он чи маълум аст, ин аст ки «Саҳеҳи Бухорӣ» ва «Саҳеҳи Муслим» ҳамвора мавриди эътибор ва мувассақ будааст. Ҳаминро медонем, ки дар нимаи аввали асри чаҳорум ҳанӯз таъбири «Сиҳоҳи ситта» мавҷуд набуда, зоҳиран, танҳо аз авохири садаи шашум ин унвон ба чашм мехӯрад» [94; 34].

Дар дини мубини ислом ҳадис ё суннат эътибори бузургу аҳаммияти хос ва арзиши бисёр бузург дошта, баъди каломи Худо дар ҷойи дувум қарор дорад, зеро бисёре аз ояҳои қуръонӣ муҷмал, мутлақ ё ом буда, ин қавл ва феълу тақрири Паёмбари акрам аст, ки онҳоро баён мекунад ва муайяну хос месозад ва мубҳамҳои онҳоро равшан мегардонад [94; 31].

Масалан, Қуръони маҷид намозро батафсил баён накарда, ба таври номуайян ба анҷом додани он амр кардааст. Ё Худованд дар Қуръон бандагонро ба намозхонӣ, додани закот, доштани рӯза, вузӯ гирифтан, таяммум доштан ва ғайра амр намудааст, аммо чӣ гуна хондани намоз ва чӣ миқдор додани закот, чӣ гуна доштани рӯза, чӣ тарз вузӯ гирифтан ва таяммум доштан номуайян омадааст ва ин амали Расули Худо буд, ки ба чӣ гуна анҷом додани онҳо равшанӣ андохтааст. Ҳамаи инҳо матлабҳое мебошанд, ки танҳо ҳадис онҳоро баён намуда, ба пайравони ислом муайян месозад. Дар баробари ин ҳадис ба замимаи Қуръони маҷид, иҷмоъ ва қиёс усули чоргонаи фиқҳро

ташкил мекунад. Мазҳаби аҳли суннат, хосатан мазҳаби Имоми Аъзам аз Қуръон, ҳадис, иҷмоъ ва қиёс иборат мебошад. Яъне, мазҳаби аҳли суннат мазҳаби чаҳоргона дар ҳар кор ё амале аз ояти қуръонӣ далел меҷӯянд, чун аз оят ёфт нашуд, ба ҳадисҳои набавӣ такя мекунанд, чун аз ҳадис ҳам мақсад пайдо нашуд, ба қиёс такя мекунанд. Қиёс он аст, ки чун барои ҳукм кардани амале аз оят ё ҳадис далил наёбанд, ин амалро бар замони саҳобагон муқоиса мекунанд ва мебинанд, ки дар замони асҳоб ба ин навъи амал чӣҳукм карда шуда буд. Чун онро ёбанд, ба он амал мекунанд ва чун аз замони онҳо ҳам чизе ёфта нашуд, дар охирба «иҷмоъ» такя мекунанд. Яъне, олимон гирди ҳам нишаста, машварат мекунанд ва бар ҳамин наздик оят, ҳадис ё қиёс пайдо мекунанд ва дар кадом самти он хайр бештар бошад, онро интихоб мекунанд.

Навиштан ва аз бар кардани ҳадису ривояти он ғайр аз фоидаҳои шаръии дунявӣ, назди мусулмонон боз подош ва аҷри ухравӣ низ дорад, ки дар ин мавзӯъ гуфтори Расули Худоро дар боло баён намудем.

Бино бар ин, тамоми бузургони мо дар баробари Қуръон аз ҳадис, чи айнан ва чи мазмунан истифода намудаанд. Масалан, шоири бузург Камоли Хуҷандӣ ба шеъри худ чунин баҳо дода, аз таркиби ҳадиси набавӣ истифода намуда, бо тафохур мегӯяд:

Ин такаллуфҳои ман дар шеъри ман
«Каллимунӣ ё ҳумайроӣ» ман аст [54; 39].

ки иқтибос аз ҳадиси набавие мебошад, ки ҳазрати Паёмбар (с) завҷаи меҳрубони худ Оиша (р)-ро навозишкунон гуфтааст: «*Бо ман сухан бигӯ, эй сурхчаи ман*». Яъне, шоир мегӯяд: Чӣ гунае ки Паёмбар (с) завҷаи худро навозишкунон «Каллимунӣ ё ҳумайроӣ» мегуфт, ман низ бо шеъри худ чунин муомила мекунам. Шоир дар ин мисраъ бо ҳунари нуктапардозӣ бе ҳеч тағйири лафзӣ ба қасди истишҳод ва истидлол аз ҳадиси набавӣ иқтибос овардааст. Хоҷуи Кирмонӣ низ аз зумраи он нобиғагон ва суханварони машҳуре мебошад, ки дар баробари истифода аз ояҳои қуръонӣ аз ин сарчашма низ истифода намудааст. Вай дар ашъори хеш аз ҳадисҳои набавӣ бо қасд ва ҳадафҳои гуногун истифода намудааст, мисли: «табаррук», «таяммун», «табйин ва

тавзеҳ», «ташбеҳ ва тамсил», «таҳзир ва таҳриз», «тазйин ва таҷмил», «истишҳод ва истидлол», «нуктапардозӣ», «ҳунарнамоӣ» ва ғайра.

Хоҷу дар ғазалиёти хеш дар баъзе мавридҳо худи ҳадисро хоҳ дар мисраи дуюм бошад, хоҳ дар сеюм, айнан дар шакли арабии он истифода намудааст. Ё бо камоли нуктапардозӣ баъзе аз ибораи ҳадисро дар мисраи аввал ва боқии онро дар мисраи дувум истифода намудааст. Масалан, дар байти шоир аз ҳадиси набавие, ки дар фазилати Алӣ гуфта шудааст, истифода бурда, қисмати аввали онро дар мисраи якум ва қисмати дигари онро дар мисраи дувум бо камоли ҳунармандӣ истифода намудааст:

Меҳри ӯ аз осмони «ло фато илло Алӣ»,

Теғи ӯ аз гавҳари«ло сайфа илло Зулфиқор» [23; 118].

Хоҷу дар ин байт Алӣ ибни Абӯтолибро ситуда, дар ҳар ду мисраи он аз тазмини ривоят истифода намудааст, яъне, меҳри Алӣ дар дили фариштагон ҷойгир буда, ӯро ситуда гуфтаанд: *«Ҳеҷҷавонмарде бартар аз Алӣ нест» ва* шамшери ӯ Зулфиқорро (соҳиби ду фиқор) низ ситуда, гуфтаанд: *«Ҳеҷ шамшере бартар аз Зулфиқор нест».*

Хоҷу дар ин байт аз ҳадисе, ки дар гӯяндаи он ихтилоф аст, яъне, баъзе ривоят мекунанд, ки инро ҳазрати Ҷабраил дар вақти ҷанги Уҳуд дар бобати далериву шуҷоат ва мардонагии Алӣ гуфтааст ва баъзе онро ба ҷаноби Паёмбар нисбат додаанд ва баъзе дигар онро ба саҳобаи машҳур ва шоири асри РасулуллоҳҲассон ибни Собит нисбат додаанд, ки дар рӯзи ҷанги Хайбар, ки Алӣ бо як шуҷоату мардонагӣқалъаи Хайбарро фатҳ намуд, гуфтааст. Аммо, аз мазмуни шеър бармеояд, ки Хоҷу гӯяндаи ҳадисро ба Ҷабраил нисбат медиҳад, зеро шоир калимаи «осмон»-ро истифода намудааст, ки он далолат ба аҳли осмон мекунад. Зулфиқор номи шамшери ҳазрати Алӣ аст, ки онро Паёмбар (с) дар ҷанги Уҳуд ба вай дода буд. Сабаби ин номро гирифтани шамшер дар он аст, ки нӯги он ба ду қисм ҷудо шудааст.

Шоир муътақид аст, ки он шуҷоату мардонагие, ки Алӣдар рӯзи ҷанги Уҳуд нишон дод, Ҷабраил аз осмон онро ситудааст. Хоҷу дар мисраи якум аз маҳорати ҷавонмардӣ ва далерии Алӣ ёд карда, бо истишҳоду истидлол

қисмати аввали ҳадисро иқтибос овардааст, ки: «ҳеҷҷавоне бартар аз Алӣ нест» ва зинати шамшери ӯро ситуда, аз қисмати дигари ҳадис, ки «ҳеҷ шамшере беҳтар аз Зулфиқор нест» нуктапардозӣ намудааст.

Илова бар ин, дар байти зер низ Алиро ситуда, аз ибораҳои ояти якуми сураи «Даҳр» ва ҳадиси набавиро, ки зикраш дар боло қайд шудаст, аз санъати вомгирӣ истифода намуда, мегӯяд:

Он дастабанди лолаи бӯстони «ҳал ато»,

В-он қалъагири арсаи майдони «ло фато» [23; 114].

Хоҷу барои васфи мамдӯҳаш дар ин байт бо камоли устодию ҳунарнамоӣ аз санъати тазмин истифода намуда, аз се манбаъ: Қуръон, қиссаҳои динӣ ва ҳадиси набавӣ суд ҷуста, ҳар як мисраи онро ба сифате аз сифатҳои шоистаи Алӣҷудо намудааст. Масалан, мисраи аввали онро ба саховатмандӣ ва ҷавонмардии мавсуфаш бахшида, мегӯяд: Ӯ бо аҳли худ як даста гули лолаи бӯстони «ҳал ато (яъне, оё омад)» аст. Таркиби «ҳал ато» истиора буда, аз таркиботи қуръонист ва мурод аз он Худованд аст, зеро шоир мавсуфашро ба гуле аз гулҳои бӯстони «ҳал ато» васф кардааст, ки соҳиби он Худованд мебошад. Шоир дар ин мисраъ аз ояти аввали сураи «Инсон» истифода намудааст. Хоҷу аз ин таркиби қуръонӣ дар ашъораш зиёд истифода бурдааст. Бино бар ақидаи аҳли тасаннун ва ташайюъ, ин сура оид ба саховатпешагии Алӣ ва хонаводаи ӯ нозил шудааст. Муфассирон сабаби нузули сураи мазкурро чунин шарҳ додаанд: Алӣ ва ҳамсараш - Фотима ва фарзандонаш - Ҳасану Ҳусайн ғизои худро ба ниёзмандон нисор карда, муддати се рӯз гурусна нишастанд, дар ин ҳангом аз ҷониби Офаридгор ин сура нозил шуд, ки дар ояти 8-уми он ишора ба онҳост, ки Худованд фармудааст: «*Ва таомеро дар ҳоле худ дӯсташ доранд, ба мискину ятим ва асир меҳӯронанд»* [93; 56].

Вожаи «қалъагир» талмеҳ аз қиссаи ҷанги Хайбар мебошад, ки фотеҳи он Алӣ буд. Шоир баҳри ҳуҷҷати васфи мавсуфаш таркиби «ло фато»-ро, ки тазмини бахше аз ҳадиси набавӣ мебошад, вомгирӣ намудааст. Дар ин мисраъ

шоир шуҷоату мардонагии мавсуфашро баён намуда, мегӯяд: Танҳо ӯ дар байни ҷанговарон қалъагиру қалъашикан буд.

Қалъагир васф кардани шоир Алӣ ибни Абтолибро талмеҳ аз қиссаи ҷанги Хайбар мебошад, ки чунин аст: *«Шабе, ки фардояш неруҳои исломӣ тавонистанд вориди Хайбар шаванд, Паёмбари ислом фармуд: «Фардо парчамро, албатта, ба марде хоҳам дод, киХудову паёмбарашро дӯст медорад ва Худову паёмбараш низ ӯро дӯст медоранд ва Худо ба дасти ӯ ин пирӯзиро насиби мо мекунад». Чун субҳ шуд, мардум назди Паёмбар омаданд ва ҳар як умедвор буданд, ки парчам ба ӯ супурда шавад. Паёмбар (с) Алӣ ибни Абӯтолибро талаб карда, парчамро ба ӯ супурд. Алӣ (р) гуфт: Ё Расулаллоҳ, бо онон меҷангам, то ин ки монанди мо мусулмон шаванд. Паёмбар (с) фармуд: Роҳи хеш дар пеш гир, то ин ки бар ҳаримашон ворид шавӣ, он гоҳ ононро ба ислом фаро хон ва аз ҳуқуқи илоҳӣ, ки бар уҳдаи эшон аст, огоҳашон соз»* [28; 527].

Ин буд, ки Алӣ (р) бо бардоштани парчам қалъаи Хайбарро фатҳ намуд ва он ғаниматҳое, ки дар он ҷо буд, ба дасти мусулмонон гузашт. Аз ин рӯ, ӯро боз бо сифати «фотеҳи Хайбар» низ ёд мекунанд. Дар мисраи сеюм Хоҷу мавсуфашро бо ду сифати беҳтарин «Шери Худо» ва «лав кушифа» ёд кардааст.

Шери Худову махзани асрори «лав кушиф»,

Ҷуфти Батулу нуқтаи паргори иҷтибо [23; 114].

Шоир мамдӯҳи хешро ба унвони «Шери Худо» ёд мекунад, зеро ҳазрати Алӣ дар муқобили душманони дини ҳақ мисли шер истодагарӣ намуда, бо тамоми ҳастияш дини Худоро дифоъ мекард. Лафзи «шери Худо» дар забони арабӣ «асадуллоҳ» буда, лақаби Ҳамза ва Алӣ буд. Илова бар ин, дар хутбаи намозҳои ид ва ҷумъа Алиро бо сифатҳои «Ҳайдар (шер)», «Ғазанфар (шер)», «Асадуллоҳ», «Каррор» ва «Шоҳимардон» ёд мекунанд.

Сифати дигаре, ки шоир ёд кардааст, «лав кушифа» буда, ба ақидаи аҳли ташайюъ, инибораро ба суханҳои Алӣ (р) нисбат медиҳанд, ки ӯ эътимод ва бовари худро ба Худои ягона, паёмбар ва дини ислом устувор донистагуфтааст:

«Лав кушифа ли-л-ғитоӣ мо зодадту яқинан», яъне, агар парда аз болои чизҳои ғайб бардошта шавад ҳам, чизе аз яқини ман зиёд намешавад [114; 22].

Ин сидқу ихлоси мустаҳкам ва ақидаи дуруст ва имони комили он ҷанобро нишон медиҳад, ки агар Худованд пардаҳои ғайбиро бар рӯйи ӯ боз намояд ҳам, чизе аз имонаш зоид намешавад, зеро имони вай ба сатҳи баланди худ расида, чизе онро кам намекунад.

Лақабҳои «Асадуллоҳ», (шери Худо), «Ҳайдар» ва «Ғазанфар» дар байни мусулмонон, машҳур буда, дар китобҳои таърих ба чашм мехӯрад.

Дар мисраи охир Хоҷу мавсуфашро ба«ҷуфти Батул» ва «паргори иҷтибо» васф мекунад. «Батул» сифатест, ки ба занҳо тааллуқ дошта, аҳли насоро бо ин сифат ҳазрати Марямро мешиносанд ва дар назди мусулмонон ин сифати Фотима духтари Муҳаммад мебошад. Яъне, мавсуфаш ҷуфти Батул нури чашмони Паёмбар (с), давомдиҳандаи насли Паёмбар, сайийидаи занҳои ҷаннат ва маҳбубтарин шахси Паёмбар (с) – Фотима, мебошад.

Ё дар байти зер таркибҳои «ло фато» ва «қалъагир»-ро шарҳ дода, мегӯяд:

Шердили «ло фато» шери Худо Муртазо,

Ҳайдари хайбаркушо, сафдари антарфикан [23; 91].

Дар мисраи якум таркиби «ло фато»-ро тазмин кардааст, ки шарҳи онро дар боло ёд кардем. Мисраи дувум низ талмеҳ аз қиссаи ҷанги Хайбар ва кушода шудани он ба дасти Алӣ мебошад. Шоир мамдӯҳашро бо сифати «ҳайдар», ки маънии «шер»-ро дорад, ёд карда мегӯяд, ки ӯ шери хайбаркушост, ки қиссаи чӣ гуна кушода шудани қалъаи Хайбарро дар боло қайд намудем. Қисмати дигари онро бо таркиби «сафдари антарфикан» ёд кардааст, ки таркиби «антар» истиора буда, далолат ба шуҷоат ва мардонагии Алӣ мекунад, зеро ин таркиб ба маънии «шуҷоъ шудан дар ҷанг» ва «найза задан» омадааст.

Дар байти зер таркиби «хайбаркушо»-роба таркиби «қалъагир» васф карда, мегӯяд:

Қалъагири кишвари дин, Ҳайдари даррандаҳай,

Дастабанди лолаи исмат, васии Мустафо [23; 118].

Дар байти зер Алиро ба такягоҳи сарварон, ҳамсари Фотима, пешвои зоҳидону орифон ва шерри Худо ёд намудааст:

Муқтадои сарварони мулки дин, ҷуфти Батул,

Пешвои раҳравони роҳи Ҳақ, Шери Худо [23; 118].

Хоҷу дар ин байт бо истифода аз ҳунари тарҷума дар васфи мавсуфаш мегӯяд: Тавонотарини сарварони мулки дин, яъне, онҳое, ки дар роҳи дин ва пешравии он кӯшидаанд, ту аз ҳамаи онҳо тавонотар ва дар густариши он саҳми бисёртар дорӣ ва дигар муқтадои ту ин аст, ки ту ҷуфти Батул, яъне, Фотимаи Заҳро, пешвои мусулмонон ва шери Худо мебошӣ.

Ё дар байти зер таркибҳои «лав кушифа» ва «ҳал ато»-ро дар дигар шакл истифода намуда, мегӯяд:

Кошифи сирри хилофат, роздори «лав кушиф»,

Қозии дини набӣ, маснаднишини «ҳал ато» [23; 118].

Дар мисраи якум таркиби «лав кушиф» истиора буда, мурод аз он Офаридгор аст, зеро дуркунандаи ашёи ғайб танҳо он зот аст. Аз ин рӯ, Хоҷу мавсуфашро бо роздори «лав кушиф» ёд кардааст.

Дар мисраи дувум шоир ҳазрати Алиро бо қозии (ҳукмкунандаи) дини Паёмбар ёд мекунад. Калимаи «қозӣ» низ дар ин мисраъ истиора буда, далолат ба донишмандӣ ва бузургмартабагии илми он ҷаноб мекунад, зеро касе аз халифаҳои чоргона ба маснади қозигӣ таъйин нашудааст. Ин таркиб маҷозӣ буда, ба маънии иҷрокунанда ва супоришдиҳандаи амри Худованд ба мардум мебошад.

Чунон ки дар боло қайд намудем, ба таркиби «маснаднишини ҳал ато» васф кардани шоир он аст, ки сураи «Инсон» доир ба фазилат ва саховатмандии Алӣ нозил шуда буд. Аз ин рӯ, шоир мамдӯҳашро ба «маснаднишини ҳал ато» ёд кардааст.

Хоҷу дар ин байт аз санъати тазмин истифода намуда, ба қасди истишҳоду истидлол бо ҳунари нуктапардозӣ дар қофияи ҳар ду мисраъ аз таркибҳои арабӣ истифода намудааст.

Ё дар байти зер ба ин маънӣ гуфтааст:

Маънии дарси илоҳӣ, хотами дасти карам,

Гавҳари ҷоми футувват, рӯҳи шахси «ло фато» [23; 118].

Хоҷу дар мисраи якуми байт аз мазмуни оят ва ҳадис суд ҷуста, аз ҳунари асарпазирии гузоришӣ истифода намудааст. Асарпазирии гузоришӣ: «Он санъати бадеиро мегӯянд, ки дар он гӯянда мазмуни оят ё ҳадисро ба ду тарз: тарҷума ё тафсир шарҳ медиҳад. Гоҳ ба шеваи нақли қавл ва бо ёд кардани номи гӯянда ва гоҳ бе он ва аз забони худ нақл мекунад» [93; 38].

Хоҷу дар мисраи аввал мавсуфашро ситуда, мегӯяд, ки аз дарсҳои илоҳӣ, ки мурод аз он илми қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ мебошад, бархурдор аст. Ин таркиб далолат ба ҳадисе мекунад, ки Паёмбар дар васфи Алӣ гуфтааст: «Ман шаҳри илмам ва Алӣ дари он, пас, касе ба он шаҳр ворид шудан хоҳад, аз дари он дарояд» [11; 11].

Таркиби дувуми мисраи аввал илҳом аз ояти 7-уми сураи «Инсон» мебошад, ки дар боло зикр намудем.

Дар мисраи дувум хоксории мамдӯҳашро ба гавҳар ташбеҳ кардааст, яъне, ӯ беҳтарини фурӯтанҳо буда, ба рӯҳу шахсияти касе монанд нест. Шоир баҳри зебоии сухани хеш аз ҳадиси набавӣ таркиби «ло фато»-ро иқтибос намудааст.

Ё дар дар байти зер, низ маънии ҳадиси боло ва аз таркибҳои ду сухани машҳури Алӣ баҳра ҷуста, мегӯяд:

Молики мулки «салунӣ», боби шаҳристони илм,

Солики атвори «лам аъбуд», шаҳи тахти ризо [23; 118].

Хоҷу дар мисраи якум аз санъати иқтибос кор бурда, аз таркиби «салунӣ», ки бино бар ақидаи аҳли ташайюъ, Алӣ гуфтааст: «Салунӣ, қабла ан тафқадунӣ», яъне, «Аз ман бипурсед, пеш аз он ки маро аз даст бидиҳед» иқтибос овардааст [93; 136].

Вожаи «салунӣ» дар ин ҷо истиора буда, далолат ба донишмандии Алӣ мебошад. Ибораи «боби шаҳристони илм» тазмини қисмате аз ҳадиси Паёмбар, ки мефармояд: «Ман шаҳри илмам ва Алӣ дари он, пас, касе ба он шаҳр

воридшудан хоҳад, аз дари он дарояд» буда, шоир онро бе тағйири маънӣ тазмин намудааст [11; 252].

Дар мисраи дувум шоир мамдӯҳашро бо «солики атвор», ки «пайрави беҳтарин» мебошад, ёд карда, бо қасди зебоӣ аз таркиби арабии «лам аъбуд- (намепарастам)» истифода намудааст, яъне шоир мегӯяд: Ӯ банда ва пайрави беҳтарини Парвардгор аст, ки ҳаргиз бутро напарастидааст. Ин таркиб баргирифта шудааст аз ояти 2-юми сураи «Кофирун», ки чунин аст: «Ман ҳаргиз чизеро, ки шумо мепарастед, напарастидаам ва намепарастам» [159; 466].

Дар байтҳои зер Хоҷу аз ҳунари асарпазирии вожагон истифода намуда, барои зебоии сухани хеш аз таркибҳои «салунӣ», «ҳал ато», «лав кушифа» ва «ло фато» истифода намудааст:

Фармонравои мулки «салунӣ», амири наҳл,
Дорои додгустари иқлими «ҳал ато».
Ё Раб, ба ҳаққи он чаманорои «лав кушиф»,
Ки буд сарви хушназари боғи «ло фато» [23; 498].

Хоҷу дар мисраи аввали байти якум мамдӯҳашро бо ду сифат- фармонравои мулки «салунӣ», ва «амири наҳл» ёд кардааст. Бино бар ақидаи аҳли ташайюъ ин яке аз сифатҳои ҷаноби Алӣ мебошад, ки ба маънии «амири занбурон» буда, маҷозан ба маънии «пешво ва саркардаи қавм» омадааст [24;498].

Таркиби «амири наҳл» дар назди аҳли ташайюъ сифате аз сифатҳои Алӣ буда, дар ривоятҳои аҳли тасаннун ба чашм нахӯрд. Дар ривоятҳои аҳли ташайюъ чунин омадааст: «Ривоят мекунанд, ки дар замони ҷоҳилият қабилаи банӣ Салим занбӯри зиёде доштанд. Чун душман бар онҳо хуҷум мекард, онҳо ба хонаҳои занбӯрон дуд мекарданд ва занбӯрон баромада, ба аспони эшон часпида мегазиданд, дар ин сурат аспони онҳо аз пеши соҳибонашон мегурехтанд ва банӣ Салим ба ин васила ба душманонашон ғолиб мешуданд. Қабилаи банӣ Салим то зуҳури дини ислом душманони худро бо ин роҳ мағлуб мекарданд. Чун дини ислом зуҳур кард, Паёмбар ҳамроҳи асҳоби худ барои

даъвати ин қабила равон шуданд. Банӣ Салим чӣ гунае ки ба пешиниён ҳила карда буданд, ба лашкари ислом низ чунин амалро анҷом доштанд. Чун селаи занбӯрон ба сӯйи лашкари ислом омад, Паёмбари Худо нидо карданд: Дар куҷост Яъсубуддин?» Касе ҷавоб надод. Боз садо кард: Дар куҷост амири занбӯрон? Касе ҷавоб надод. Боз нидо кард: Дар куҷост Алӣ ибни Абӯтолиб. Чун Алӣ садои Паёмбарро шунид, шамшери худро кашиду ба сӯи занбӯрон ҳамла намуд, ки дар натиҷа занбӯрон рӯй ба гурез ниҳоданд. Банӣ Салим ҳамроҳи занбӯрон ба кӯҳу пушти теппаҳо паноҳ бурданд. Пас Худованд кӯҳи банӣ Салимро бо дасти Алӣ кушод ва то ҳол аз ин кӯҳ асал мегиранд ва ба ҳоҷиёну аҳли Ҳиҷоз мефурӯшанд [147].

Дар мисраи дувуми байти аввал аз адолату додгустарии мамдӯҳаш ёд карда, таркиби қуръонии «ҳал ато»-ро истифода намуда, мегӯяд: Ӯ нисбат ба мавҷудоти иқлими «ҳал ато», ки истиора буда, мурод аз он худи Офаридгор аст, додгустару додрас мебошад.

Дар байти дувум Хоҷу ҳангоми муноҷот ба Худованд мамдӯҳи хеш – Алиро васила қарор дода, онро ба сифатҳои «чаманоро» киноя аз ҳусни зебову хулқи хуб, «лав кушифа» киноя аз яқину иродаи мустаҳкам ва «сарви устувор» киноя аз шуҷоату далерӣ мебошад, ёдовар шуда, мегӯяд:

К-ин хастаро, ки бастаи банди табиат аст,

Озод кун зи меҳнати ин чор аждаҳо [23; 498].

Дар байти зер низ таркиби «салунӣ»-ро истифода намудааст:

Мурғи салунисафир, баҳри халилигуҳар,

Тозии Дулдулсавор, Маккии қудсисинон [23; 91].

Шоир дар мисраи якум мамдӯҳашро васф карда, калимаи «мурғ»-ро истифода намудааст, ки он истиора буда, мурод аз он пайки худовандӣ мебошад. Дар ин ҷо шоир мамдӯҳашро ба мурғ ташбеҳ карда, мегӯяд, ки ӯ гӯяндаи «салунӣ» (аз ман бипурсед) аст. Дар мисраи дувум аз аспу найзаи мавсуфаш ёд карда мегӯяд: Ӯ араби дулдулсавор, (номи аспи Алӣ) ки найзаи ӯ найзаи илоҳист.

Дар байти зер низ Хоҷу таркиби «салунӣ»-ро истифода намуда, мегӯяд:

Султони тахтгоҳи «салунӣ», шаҳи Наҷаф,

Сибти Халилу сафшикани хайли асфиё [23; 114].

Ё дар байти зер мефармояд:

Шоҳи мардон чун Халилуллаҳ ба сурат бутшикан,

Шери Яздон аз Расулуллаҳ ба маънӣ ёдгор [23; 117].

Хоҷу дар мисраи аввал сифатҳои «шоҳи мардон» ва «халилуллоҳ»-ро истифода намудааст, ки онҳо истиора аз Алӣ ва Иброҳим паёмбар мебошанд. Шоир дар мисраи аввал аз қиссаи Иброҳим ва шикастани бутҳои намрудиён талмеҳ овардааст, ки чунин аст: Озар - падари Иброҳим, ки буттарош буд, барои подшоҳи он аср - Намруд ва раияти он буттарошӣ мекард. Иброҳим, ки ҳанӯз кӯдак буд, ҳар лаҳза омада, бутҳоро мешикаст. Шоир низ Алиро дар ҳимояти дин ва яктопарастӣ ба Иброҳим паёмбар ташбеҳ намудааст.

Дар мисраи дувум таркиби «асадуллоҳ», яъне «шери Яздон» ёд карда, мегӯяд: Ӯ шери Худо буда, ёдгоре аз Паёмбар мебошад. Таркиби «аз Паёмбар ёдгор» ишора ба ҳадисҳои Паёмбар аст, ки доир ба фазилат ва қурби Алӣ ба Паёмбар мебошад. Аз ҷумла, Имом Тирмизӣ аз Ҳубшия ибни Ҷунодата ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) гуфт: *«Алӣ аз ман ва ман аз Алӣҳастам».* Имом Бухорӣ ва Муслим аз Саъд ибни Абуваққос ривоят мекунанд, ки Расули Худо ба Алӣ гуфт: *«Ту ба ман ба манзилати Ҳорун ба Мӯсо ҳастӣ, фақат ин ки баъди ман Паёмбар нест»*[2; 350].

Наргиси макҳулат аз бӯстони «мо зоғ-ал-басар»

В-аз ақиқат дурҷи «ло аҳсо» санои пургуҳар[23; 112].

Хоҷу дар ин байт чашмони мавсуфашро ба наргис ташбеҳ карда, мегӯяд, ки ба чашмони ту аз сурмаи бӯстони «мо зоғ-ал-басар» (яъне, чашмоне, ки ҳаргиз каҷравӣ накарданд) истифода шудааст. Мурод аз ин, яъне, Муҳаммади паёмбар ҳаргиз ба манъкардаҳои Худованд нанигаристааст.

Дар мисраи дувум калимаи «ақиқ» истиора аз сухани мавсуф ва «дурҷи ло аҳсо» истиора аз даҳони мавсуф мебошад. Хоҷу дар ин байт аз чашмоне, ки ҳаргиз ба соҳиби худ хиёнат накардасту намекунад ва аз ҳамду санои

мавсуфаш, ки забони ӯ доимо Офаридгорашро бо санои «*Шуморо натавонам сифат кард, оне ки худ сифат кардаӣ зоти худро»* ёд мекунад.

Шоир баҳри исбот ва таъсирбахш шудани суханаш аз асарпазирии вожагон истифода бурда, таркиби ҳадиси набавиро иқтибос овардааст.

Дар байти зер Хоҷу Бохарзӣ ном яке аз олимони он замонро васф карда, аз ҳадиси набавӣ истифода намудааст:

Дар ҳадис ар хондаӣ «ас-сайфу маҳоо-уз-зунуб»

Аз паи маҳви гунаҳ номи бузурги ӯ бихон [23; 523].

Ибораи «ас-сайфу маҳоо-уз-зунуб» аз ибораҳои ҳадиси набавӣ буда, яъне, шамшер гуноҳонро пок мекунад, мебошад. Хоҷу дар ин ҷо мегӯяд: Ту ҳадиси Паёмбарро, ки «Шамшер поккунандаи хатоиҳост», хондаӣ, пас, хонда бошӣ, зикри номи бузурги ин шайх низ ба мисли шамшер маҳвкундаи гуноҳ аст. Хоҷу дар ин байт аз санъати ирсоли масал истифода намуда, ба қасди истишҳод аз қисмати ҳадиси набавӣ тазмин овардаанд, ки ҳадис чунин аст: «Шамшер покунандаи хатоҳост» [165].

Дар байти дигар бузургмартабагии паёмбари Худоро ёд карда, ҳадиси қудсиро, ки Худованд оид ба азамату фазилати ӯ гуфтааст, иқтибос меорад:

Атласи гардун набуд, он дам ки мепардохтанд

Кисвати «лав лок» баҳри қомати раънои ман [23; 526].

Дар мисраи аввал мурод аз таркиби «атласи гардун» олам буда, дар мисраи дуюм вожаи «кисват» ба маънии «пӯшонидан» ва «либос» ва таркиби «лав лока» аз таркиботи ҳадиси қудсӣ мебошад. Яъне, дар замоне, ки олам ё матоъ набуд, либоси «лав лок»-ро баҳри қомати ӯ дӯхтаанд.Ибораи «лав лок» иқтибос аз ҳадиси қудсии «*лав лока ламмо халақтул-афлок»,* яъне, «*Агар туро эй Муҳаммад, намеофаридам, ҳар оина ин оламро намеофаридам*» мебошад [165].

Дар мавриди ин ҳадис ривоятҳои зиёд аст, аммо саҳеҳтари онҳо ин аст: «Аз ҳазрати Умар ибни Хаттоб нақл шудааст, ки Расули Худо гуфтаанд: Вақте ки Одам (а) муртакиби гуноҳ шуд, гуфт: Худоё, туро ба ҳаққи Муҳаммад қасам медиҳам, ки маро бибахшӣ. Худованд фармуд: Чӣ гуна Муҳаммадро шинохтӣ

бо ин ки ҳанӯз ӯро наофаридаам? Посух дод: Вақте маро бо дасти хеш офаридӣ ва дар ман аз рӯҳи хеш дамидӣ, сари хешро боло гирифтам, пас дар пояҳои Арш дидам, ки навиштааст: «Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммад-ур-расулуллоҳ», пас, донистам, ки ту номи ӯро дар канори номи хеш овардаӣ, магар бар ин иллат, ки ӯ аз маҳбубтарини бандагон дар назди туст. Худованд фармуд: Рост гуфтӣ, эй Одам, ӯ маҳбубтарини махлуқоти ман аст. Манро ба ҳаққи ӯ бихон, ба таҳқиқ, ки туро омурзидам ва агар Муҳаммад набуд, туро намеофаридам» [164].

Ҳорун ибни Аббоси Ҳошимӣ аз Ҷандал ибни Волиқва ӯ аз Амр ибни Авси Ансорӣ ва ӯ аз Саъд ибни Абиурва ва ӯ аз Қатода ва ӯ аз Саид ибни Мусайяб ва ӯ аз ибни Аббос (р) нақл мекунад: «Худованд бар Исо ваҳй кард, ки эй Исо, ба Муҳаммад имон биёвар ва дастур бидеҳ, ки ҳар кас аз уммати ту дар даврони ӯҳузур ёфт, ба ӯ имон оварад. Пас, ба дурустӣ, ки агар Муҳаммад набуд, Одамро намеофаридам ва агар Муҳаммад набуд, биҳишту дӯзахро намеофаридам ва ба дурустӣ, ки Аршро ба рӯйи об офаридам, пас, ба ларзиш афтод, сипас, бар рӯи он навиштам «Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммад-ур-расулуллоҳ» пас ором гирифт. Ин ривоят санадаш саҳеҳ аст, вале Бухорӣ ва Муслим онро наёвардаанд»[165].

Дар байти зер низ шоир ба ҷуз аз истифодаи таркиботи қуръонӣ таркиби «лав лока»-ро истифода намуда, мегӯяд:

Кашида рахти «лаумрук» ба хаймаи «лав лок»

Чашида нузли «фаавҳо» зи хони «мо авҳо» [23; 537].

Хоҷу дар як мисраъ ҳам аз қисмати ояти қуръонӣ ва ҳадиси қудсӣ, ки дар фазилати Паёмбари ислом нозил шудаанд, тазмин овардааст. Шоир дар ин байт таркиботи «лаумрук», «фаавҳо» ва «мо авҳо»-ро иқтибос овардааст, ки шарҳи онҳо дар боби якум зикр шудааст ва таркиби «лав лока», ки аз таркиби ҳадиси қудсист, ки шарҳи онро дар байти боло зикр намудем.

Дар байти зер низ бо истифода аз ин ибораҳо, мегӯяд:

Хайёти корхонаи«лав лок» дӯхта

Дурроаи «абийт» ба болои Мустафо [23; 519].

Хоҷу дар ин байт аз санъати истиора низ истифода намудааст, ки калимаи «хайёт» истиора буда, мурод аз он Офаридгор, «дурроа» болопӯш ва «абийту» иқтибос аз ҳадиси набавӣ мебошад.

Ё дар қофияи байти зер таркиби ҳадисро истифода намуда, мегӯяд:

Сити Хоҷу бод ҳамчун номи ӯ офоқгир,

З-он ки дар қалби сухан чун сайф шуд ратбуллисон [23; 524].

Вожаи «сийт» ба маъниҳои «садо», «нидо» ва «овоза» буда, дар мисраи дувум ибораи «ратбуллисон» иқтибос аз ҳадиси набавӣ мебошад. Яъне, шуҳрати Хоҷу мисли номаш фарогири олам шавад, зеро вай мисли шамшер дар қалби сухан ҷой гирифтааст. Ин таркиб аз қисмати ҳадиси Паёмбар (с) аст, ки аз Абдуллоҳ ибни Буср аз Паёмбар (с) ривоят мекунад, ки гуфт: «*Аъробие ба пеши Паёмбар (с) омад ва гуфт: Кадом мардум беҳтаранд? Паёмбар (с) гуфтанд: Хушо ба ҳоли он кас, ки умридароз диду амали нек анҷом дод. Гуфт: Эй Расули Худо, кадом амал хубтар аст?*

*Паёмбар (с) гуфтанд: Дунёро падруд кунӣ дар ҳоле, ки забони ту аз зикри Худо тар бошад*» [5; 154].

Эй бародар, гар ту мустамсик ба чизи дигарӣ,

Ҳаст лутфи лоязолӣурват-ул-вусқои ман [23; 526].

Хоҷу дар ин байт ба солик хитоб карда, мегӯяд, ки агар ту пайрави дигар касию ба чизи дигар чанг задаӣ, дониста бош, ки лутфу марҳамати ҳамешагии Парвардгорат чун риштаи устуворест, ки ман ба он чанг задаам.

Шоир дар ин байт аз санъати ҳал (таҳлил) истифода намудааст. Санъати ҳал ё таҳлил дар луғат аз ҳам боз кардан ва кушодан ва дар истилоҳи адибон гирифтани алфози ояте аз ояҳои қуръонӣ ё ҳадисе аз ҳадисҳои набавӣ буда, бо хориҷ кардани иборати он аз вазн ё бар сурати аслии он каме тағйир ворид кардан аст [93; 53].

Хоҷу бо ҳунари суханварии худ баҳри таъсирбахш шудани шеъраш дар мисраи дувуми он аз таркиби ҳадис иқтибос овардааast. Шоир бо санъати таҳлил таркиби «урват-ул-вусқо»-ро иқтибос овардааст, ки ин таркиби ҳадис байти шоирро комилан шарҳ дода, мақсади онро муайян мекунад. Таркиби

«урват-ул-вусқо» таркиби ҳадисест, ки Имом Бухорӣ онро ва Имом Муслим аз Қайс ибни Ибод ривоят кардаанд, ки чунин аст: «Дар шаҳри Мадина ҳамроҳи мардум нишаста будем, ки дар байни онҳо аз асҳоби Расулулоҳ низ буд. Марде даромад. Дар рухсори ӯ асари хоксорӣ зоҳир буд. Баъзе аз мардум гуфтанд: Ин аз аҳли ҷаннат аст. Пас ду ракъат намоз гузошт, сипас, баромад, ман ӯро таъқиб кардам, то ки вай ба манзилаш даромад, ман низ аз қафояш даромадам. Вақте бо ҳам унс гирифтем, ба ӯ гуфтам: Вақте ки ту вориди мо шудӣ, мардум нисбат ба ту чунин суханҳоро гуфтанд. Гуфт: Субҳоналлоҳ, лозим нест барои шахсе, ки чизеро ки намедонад, гӯяд. Ба ту он чизе ки гузашт, нақл мекунам. Гуфт: Дар замони Расулуллоҳ хобе дидам, пас ба Паёмбар нақл кардам, ки худро дар бӯстоне дидам (аз васеӣ ва гиёҳи сабзи бӯстон васф кардам), гуфтам дар байни бӯстон амуде аз оҳан, ки таҳти он дар замин ва фавқи он дар осмон буда, дар нӯги он риштае буд. Ба ман гуфта шуд: Баро. Гуфтам: Баромада наметавонам. Пас, ба пеши ман минсаф омад (минсаф-ёрирасон, ходим) ва аз пушт маро бо дастонаш бардошт. Пас ба нӯги он амуд баромадам ва аз он ресмон доштам. Ба ман гуфтанд: Он ресмонро гир. Дар ин вақт бедор шудам ва он ресмонро дар дастам дидам. Сипас, ба Паёмбар нақл кардам. Расулуллоҳ (с) гуфтанд: Он бӯстон ислом аст ва он амуд амуди ислом аст ва он ресмон ресмони ногусастанист ва мурод аз он калимаи «Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммад-ур-расулуллоҳ» аст ва ту дар ислом боқӣ мемонӣ, то вақти маргат (мегӯянд он мард Абдуллоҳ ибни Салом буд)»[164].

Ин хитоби Хоҷу низ талмеҳ аз ин ҳадиси набавӣ буда, шоир бо ҳунаришоирона қисмате аз онро тазмин намудааст.

Шоир дар байти зер бо истифода аз вожаҳои қуръонӣ мавсуфашро ситуда, мегӯяд:

Кушуда дидаи «мо зоға» дар ҷаҳони «абийт»

Фиканда тахти «дано» дар макони «ав адно»[23; 537].

Хоҷу дар ин байт ба ҷуз аз таркибҳои қуръонии «мо зоға», «дано» ва «ав адно», таркиби «абайту»-ро, ки аз таркиби ҳадиси набавӣ мебошад, истифоданамудааст. Ин ибораҳо истиора буда, мурод аз «мо зоға» он қудрати

биноие, киХудованд ба паёмбараш ато кардааст ва калимаи «абийт», ки ба маънии «шабросаҳар мекунам» низ истиора буда, мурод аз он қудрат ва тавоноии Паёмбар азҷониби Худованд мебошад.

Таркиби «абийту» иқтибос аз ҳадисест, ки онро Имом Бухорӣ даркитоби сеҳеҳи худ аз Анас ибни Молик, Абӯсаиди Худурӣ, Абӯҳурайра ваАбдуллоҳ ибни Умар чунин ривоят кардааст: «*Ман шабро дар наздиПарвардгорам саҳар мекунам, дар ҳоле ки ӯ маро мехӯронад ва менӯшонад*»[166].

Байти зер аз ду муъҷизаи бузурги Расули акрам талмеҳ аст:

Дар шабистони «абийт» афканда хони моҳазар

В-аз сарангушти ту муншақ моҳи зарринро сипар [23; 112].

Хоҷу дар мисраи якум баҳри истидлол аз қисмати ҳадиси набавӣ суд ҷуста, калимаи «абийт»-ро истифода намудааст, ки киноя аз хоби Паёмбари ислом аст.

Шоир мавсуфи худро васф карда, мегӯяд: Ту он зоте мебошӣ, киҳангоми хобат дар рахти ту аз ҷониби Парвардгорат хон гузошта мешуд. Хоҷу дар ин мисраъ аз ҳадиси набавӣ иқтибос меорад, ки шарҳи онро дар байти боло баён намудем.

Дар мисраи дувум мавсуфашро васф карда, мегӯяд: Бо як ишораи ту моҳи заррин (киноя аз мунаввар, сипар, киноя аз гирд ва тамом) муншақ шуд, яъне, бо як ишорае, ки ба сӯи моҳи тамоми мунаввар кардӣ, ду қисмат шуд.

Мисраи дувум аз муъҷизаи дигари он ҷаноб, ки чун аҳли Қурайш баҳри исботи паёмбарии он ҷаноб муъҷиза хостанд ва аз ӯ талаб карданд, ки агар воқеан ту фиристодаи Худо бошӣ, ин моҳи тамомро ба ду тақсим кун, талмеҳ аст ва шарҳу баёни ин муъҷиза дар боби якум зикр шудааст.

Ё дар байти зер шоир мавсуфашро ба шамъ ва ахтар васф карда, аз ҳадисҳои набавӣ иқтибос оварда, мегӯяд:

Шамъи сарочаи «абийт», ахтари бурҷи «лав данавт»,

Торики дунйии данӣ, молики мулкати «дано» [23; 2].

Хоҷу дар ин байт дар қисмати аввали мисраи якум аз ҳадиси набавӣ суд ҷуста, таркиби «абийту»-ро иқтибос оварда, мавсуфашро ба шамъи саройи

абийту васф кардааст. Калимаи «шамъ» ташбеҳ буда, мурод аз он Расулуллоҳ ва калимаи «сароча» киноя аз рахти хоби Паёмбар аст ва таркиби «абийту» истиора буда, мурод аз он хоби он ҷаноб аст, ки дар он Офаридгораш ӯро мехӯронаду менӯшонад.

Дар ин қисмат шоир аз вомгирии вожагон истифода намуда, таркиби «абийту»-ро аз ҳадисе, ки имом Бухорӣ дар китоби «Сеҳеҳ»-и худ аз Анас ибни Молик, Абӯсаиди Худурӣ, Абӯҳурайра ва Абдуллоҳ ибни Умар ривоят кардааст, иқтибос овардааст, ки шарҳи он дар байти боло зикр шуд.

Дар қисмати дувум мавсуфашро ба ахтари бурҷи «лав данавту» ташбеҳ кардааст. Таркиби «лав данавту» сухани Ҷабраил (а) буда, мурод аз он баландтарин маконе, ки берун аз ақл ва дарку қудрати махлуқот аст, мебошад. Ин мисраъ талмеҳ аз қиссаи шаби Меъроҷ буда, «лав данавту» иқтибос аз сухани Ҷабраил аст, ки чун Паёмбарро то «Сидратулмунтаҳо» ҳамроҳӣ намуд, сипас гуфт: «Агар як қадами дигар гузорам ҳароина сӯхта мешавам», зеро дигар ҳаққи рафтан надошт. Хоҷу инро асос оварда, мавсуфашро ба ахтари бурҷи «Сидратулмунтаҳо» васф кардааст.

Дар мисраи дувум мурод аз «дунйии данӣ» талмеҳ аз рӯзи вилодати Муҳаммад паёмбар буда, бино бар ривоятҳои исломӣ ва ҳадисҳои худи Паёмбар (с) вақти вилодаташ оташкадаи Порс хомӯш шуд ва нуре аз осмон ба замин фаромаду тамоми оламро мунаввар сохт, мебошад.

Дар қисмати ниҳоӣ шоир аз вожаҳои қуръонӣ баҳра ҷуста, вожаи «дано»-ро, ки калимаҳои қуръонӣ мебошад, истифода намудааст ва мурод аз он Офаридгор мебошад, зеро шоир мавсуфашро мегӯяд, ки молики мулкати «дано», яъне Худованд аст, зеро он ҳазрат аз ҷониби Офаридгораш муҳофизат ва нигоҳбонӣ мешуд.

Дар байти зер низ ин маъниро ёд карда, мефармояд:

Эй зи мазиҷи «кун фа кон», сӯи макони «ло макон»

Рондаву боғи сидраро дида ба дида мунтаҳо [23; 2].

Хоҷу дар ин байт ба ҷуз истифода аз таркибҳои қуръонӣ боз аз қиссаи шаби Меъроҷи Паёмбар талмеҳ овардааст, ки шарҳи онро дар байти боло баён намудем.

Дар байти зер шоир аз ҳадисе, ки Паёмбар дар ҳаққи аҳли худ гуфтааст, иқтибос оварда, мегӯяд:

Донарезони кабӯтархонаи рӯҳониён

Номи «аҳл-ул-байт» бар боли кабӯтар бастаанд [23; 142].

Хоҷу дар ин байт бо ҳунари нуктапардозӣ таркиби «аҳл-ул-байт»-ро, ки аз тазмини ҳадиси набавӣ мебошад, истифода намуда, санъати тазминро кор бурдааст, ки он иқтибос аз ҳадиси Паёмбар мебошад, он ҳадисро Имом Муслим аз Саъд ибни Абӯлваққос ривоят мекунад: *«Вақте ки ин оят нозил шуд: «Аз он пас, ки ба огоҳӣ расидаӣ, ҳар кас, ки дар бораи ӯ бо ту ҷидол кунад, бигӯ: «Биёед, то ҳозир оварем мо фарзандони худро ва шумо фарзандони худро, мо занони худро ва шумо занони худро, мо худро ва шумо ҳам худро (омода созед). Он гоҳ дуову тазарруъ кунем ва лаънати Худоро бар дурӯғгӯён бифиристем!»». Расулуллоҳ (с) Алӣ, Фотима, Ҳасан ва Ҳусайн (Худо аз эшон розӣ бошад)-ро даъват намуд, пас гуфт: Бор Худоё, инҳо аҳли хонаводаи ман ҳастанд»* [11; 286].

Ё дар байти зер, шоир дар хоб дидани ҷамоли Паёмбарро васф карда, аз санъати ширу шакар ё муламмаъ истифода намуда, мегӯяд:

Фархундарӯз он ки шабе бинадаш ба хоб,

«Ка-л-варди фи-л-ҳадиқа, ва-ш-шамсу фи-с-само» [23; 498].

Хоҷу дар ин байт мегӯяд: Хушо он рӯз, ки дар шаби он ҷамоли Расулуллоҳро бибинӣ. Шоир мисраи дувуми онро бо забони арабӣ зикр баён карда, мегӯяд: «Мисли гул дар бӯстону мисли офтоб дар осмон». Калимаҳои «вард (гул)», «ҳадиқа (бӯстон)», «шамс (офтоб)» ва «само (осмон)» истиора буда, мурод аз «гул» ва «офтоб» Паёмбар ва аз «бӯстон» ва «осмон» ин дори дунёст, ки Хоҷу ҳусну ҷамоли Паёмбарро ба гул ва нуру ҳидояти он ҷанобро ба офтоб ташбеҳ кардааст.

Дар ин байт санъати ширу шакар истифода шуда, мазмуни ҳадиси набавие, ки Абӯҳурайра аз Паёмбари акрам ривоят мекунанд, ки гуфт: «*Касе маро дар хоб бинад, гӯё дар бедорӣ дидааст, зеро Шайтон бар сурати ман даромада наметавонад*» ва ё дар ҳадиси дигаре, ки Абӯқатода ривоят мекунад, ки гуфт Расули Худо: «*Касе маро дар хоб бинад, воқеан маро дар бедорӣдидааст*» [11; 424].

Ё дар байти зер шоир рӯҳи Паёмбарро аз аввалин махлуқоте, ки Худованд офаридаст, баён намуда, мегӯяд:

Одами хокӣҳанӯз аз обу гил дам нозада,

Хоки поят буд кухли «қосирот-ут-тарфи айн» [23; 112].

Хоҷу дар ин байт мегӯяд: Падари башарият- Одам ҳанӯз дар байни обу лой буд, аммо ҳурони сиёҳчашми биҳиштӣ хоки қадамҳои туро сурмаи чашмони хеш мекарданд.

Шоир дар ин байт ба ҷуз аз иқтибоси таркиб ва мазмуни ояти қуръонӣ аз мазмуни ҳадиси набавие, ки Имом Тирмизӣ аз Абӯҳурайра ривоят мекунад, истифода намудааст: «*Абӯҳурайра гуфт: Гуфтанд: Ё Расулаллоҳ, аз кадом замон рисолати паёмбарӣ ба шумо воҷиб шуд? Гуфт Паёмбар (с): Аз замоне, ки Одам (а) дар байни ҷону тан буд*»[11; 439].

Дар байти зер низ ба ин маънӣ далолат карда, аз бузургмартабагию воломақомии Паёмбар (с) ёд карда мегӯяд:

Тоқи айвони нубувватро зи фарти кибриё

Бурда бар кайвону Одам дар миёни «моу тин» [23; 524].

Хоҷу дар ин байт аз мазмуни ҳадиси набавӣ суд ҷуста, мегӯяд: Ту он шахсияте мебошӣ, ки ҳанӯз падари башарият - Одам (а) дар байни «моу тин», яъне, обу гил буд, ту бо он воломақомият тоқи айвони нубувватро, ки мурод аз он парчами паёмбарӣ мебошад, бар осмон, яъне дар пояи Арши бузург барафрохтӣ.

Шоир дар ин байт аз мазмуни ҳадиси набавиеро, ки Имом Тирмизӣ аз Абӯсаид ривоят мекунад, иқтибос овардааст, ки чунин мебошад: *«Аз Абӯсаид ривоят аст, ки гуфт: Гуфт Расулуллоҳ (с): Ман дар рӯзи қиёмат саййид ва*

*пешвои фарзандони Одам мебошам ва ба ин фахр намекунам, дар дасти ман парчами ҳамд (шукр) аст ва ба ин фахр намекунам. Дар ин рӯз тамоми паёмбарон, аз ҷумла, Одам (а) ва дигарон дар зери парчами ман меистанд ва ман аз аввалин касоне мебошам, ки аз қабр хезонда мешавам*» [11; 440].

Дар аввали мисраъҳои байти зер аз таркиби ҳадиси набавӣ иқтибос оварда, мегӯяд:

«Қоим-ул-лайл»-е, ки шаб то субҳ бошад дар қиём,

«Соим-уд-даҳр»-е, ки бошад бениёз аз хобу хӯр [23; 139].

Хоҷу дар ин байт яке аз шайхони замон, шайх Абулаббосро васф карда, бо санъати муламмаъ қисмати аввали мисраъро арабӣ ва қисмати дувумро бо форсии тоҷикӣ эҷод кардааст, ки ҳар ду як маъниянд. Масалан, дар мисраи аввал аз шабзиндадории шайхро ситуда, мегӯяд, ки шабзиндадор буда, то субҳ дар намоз аст ва пайваста рӯзадор буда, аз хобу хӯр бениёз аст.

Шоир дар ин байт баҳри табаррук аз таркиботи ҳадиси набавӣ суд ҷустааст. Аз ҷумла, аз ҳадисе, ки Аҳмад ибни Қосим ва Абдулворис ибни Суфён ривоят мекунанд, ки гуфт бар мо Қосим ибни Асбағ,ӯ аз Ҳорис ибни Усома, вай аз Абӯназр, ӯ аз Лайс ибни Саъд, ӯ аз Язид ибни Абдуллоҳ, ӯ аз Абиусома, ӯ аз Амр мавлои Муталлиб, ӯ аз Муталлиб ва ӯ аз Оиша (р) ривоят мекунад, ки гуфт Оиша (р): *Шунидам паёмбари Худоро (с), ки мегуфт: Ҳароина муъмин бо ахлоқи ҳамидаи худ дараҷаи шабзиндадор ва рӯзагирандаи рӯзро меёбад»*[164].

Ё дар байти зер шоир бо ҳунари шоирона рӯи маҳбубашро ба Каъба ва холи лабашро ба Ҳаҷар-ул-асваду лабонашро ба оби Замзам ташбеҳ карда, мегӯяд:

Эй каъбаи рӯи чу маҳат қиблаи олам,

Холат Ҳаҷар-ул-асваду лаб чашмаи Замзам [23; 73].

Хоҷу дар ин байт аз ҳусну ҷамоли рухи маҳбубаш, ки ҳама муштоқи дидори ӯянд, васф карда, онро ба Каъба ташбеҳ карда, ба қиблаи оламиён нисбат медиҳад. Яъне, шоир гуфтанист, чӣ гунае ки Каъба қиблаи оламиён асту

аҳли замин аз ҳар гӯша ба сӯи он менигаранд, ту ҳам бо ҳусни рухат рӯи халқро ба сӯи худат мегардонӣ.

Дар мисраи дувум шоир сиёҳии холи маҳбубашро ба Ҳаҷар-ул-асвад, яъне, ба санги сиёҳ ташбеҳ кардааст. Ҳаҷар-ул-асвад сангест, ки ҳазрати Паёмбар бо дастони муборакашон дар рукни шарқии қариби дари хонаи Каъба гузоштаанд ва ҳоҷиён ҳангоми давр задани Каъба он сангро бӯса мекунанд.

Дар қисмати дигари мисраи дувум ширинии лабони онро ба чашмаи Замзам ташбеҳ кардааст.Замзам чоҳест бист метр дуртар аз бинои хонаи Каъба ва нӯшидани оби он дар назди мусалмонон яке аз корҳои муқаддас ба шумор меравад.

Хоҷу баҳри таъсирбахш шудани суханаш дар ин байт аз таркиб ва вожаҳои қуръонӣ судҷустааст.

Дар мисраи якум калимаи «Каъба»-ро истифода намудааст, ки иқтибос аз ояти 97-уми сураи «Моида» мебошад: «*Худо Каъба, Байтулҳаромро бо моҳи ҳаром (моҳи зулҳиҷҷа) ва қурбонии беқилода (бегарданбанд) ва қурбонии боқилода сабаби интизоми кори дин ва дунё гардонид, то бидонед, ки Худо ҳар чиро ки дар осмонҳову замин аст, медонад ва ӯ бар ҳар чизе огоҳ аст*» [158; 49].

Хоҷу аз таркибҳои ҳадиси набавӣ суд ҷустааст. Аз ҷумла, дар мисраи дувум таркиби «Ҳаҷар-ул-асвад»-ро ба кор бурдааст, ки он иқтибос аз ҳадиси набавӣ буда, Имом Тирмизӣ аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят мекунад, ки гуфт Паёмбари Худо: «*Ҳаҷар-ул-асвад аз биҳишт фуроварда шудааст ва он беҳад сафед буд, ҳатто аз шир ҳам сафедтар, пас, ҷурму хатоҳои фарзандони Одам ӯро сиёҳ кард*» [166].

Дар қисмати дувуми ин мисраъ аз калимаи «Замзам» истифода намудааст, ки он низ аз вожагони исломӣ буда, иқтибос аз ҳадиси набавӣ мебошад. Табаронӣ аз ибни Ҷареҳ ривоят чунин ривоят мекунад: *«Шунидам Расули Худоро, ки мегуфт: «Беҳтарин об дар рӯи замин оби Замзам аст»* ва Имом Муслим аз Абӯзар ривоят мекунад, гуфт: Паёмбар (с) оби чоҳи Замзамро

васф карда, гуфт: «*Дар вай баракат ва ғизо барои солимии ақл ва шифо барои беморӣ мебошад*»[11; 23].

Ё дар байти зер сифатҳои Абӯбакрро ситуда, аз қиссаи рӯзи ҳиҷрати Паёмбар истифода намуда, мегӯяд:

Он рӯз, ки кӯси «сони иснайн» заданд,

Доданд мисол «из ҳумо фи-л-ғор»-аш [23; 522].

Ин байт сарчашма гирифтааст аз ҳиҷрати Расули Худо бо ҳамроҳии Абӯбакр ва вафодорию ҷоннисории Абӯбакр нисбат ба Паёмбар дар он рӯзи мушкил.

Таркибҳои «сони иснайн» ва «из ҳумо фи-л-ғор» аз таркиботи қуръонӣ буда, мурод аз онҳо фазилату бузургмартабагии Абӯбакр (р) мебошад. Калимаи «кӯс» (ба маънии нағора) истиора буда, мурод аз он амру фармони Парвардгор ба Паёмбар мебошад. Шоир инро далел оварда, ба мамдӯҳаш мегӯяд, ки аз он рӯз ин ҷониб туро ба номи «соҳиби ғор» мешиносанд.

Хоҷу ба ҷуз истифода аз таркибҳои қуръонӣ аз ҳадисҳои набавӣ низ баҳра бурдааст. Аз ҷумла, аз ҳадисе, ки имом Бухорӣ ва Муслим аз Анас ибни Молик ривоят мекунанд, ки Абӯбакри Сиддиқ (р)гуфт: «*Ҳангоме ки дар ғор будем, ба қадамҳои мушрикон менигаристем, пас гуфтам: Эй Расули Худо, агар яке аз эшон ба қадами худ бинигарад, ҳароина моро хоҳад дид. Паёмбар гуфт: Эй Абӯбакр, чӣ мегӯйӣ дар ҳаққи он ду нафар, ки сеюми эшон Аллоҳ аст*»[11; 3].

## 2.2.МАЗМУНИ ҲАДИСҲОИ НАБАВӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ХОҶУИ КИРМОНӢ

Хоҷуи Кирмонӣ ба ҷуз аз иқтибоси ояҳои қуръонӣ ва ё ҳадисҳои набавӣ дар сурудаҳои хеш, боз аз мазмуни ҳадисҳои набавӣ низ истифода намудааст. Дар фасли дувуми боби мазкур таҳлили ғазалҳои шоир, ки дар онҳо аз мазмунҳои ҳадисҳои набавӣ истифода ва ишора намудааст, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ҷумла,қайд шуда, киХоҷу бо истифода аз санъатҳои бадеӣ дар ғазалиёти худ аз мазмуни ҳадисҳои набавӣниз ба таври васеъ истифода намудааст. Масалан, дар байтизер шоир бо истифода аз тарҷума мазмуни ҳадиси набавиро ба тоҷикӣ баён намуда, мегӯяд:

Ҳар кас, ки хори туст, надорад касаш азиз

В-он ки азизи туст, нагӯяд касеш хор [23; 154].

Хоҷу дар ин байт ба Офаридгор ҳамду сано гуфта, сипас ба Худованд илтиҷо намуда, талаб мекунад, ки ҳеҷ гоҳ бадбини дигарон магардон, зеро қадру мартаба ва қудрати ту то он ҷоест, ки ҳар ки дар назди ту хор ва номаҳбуб бошад, ӯ дар назди касе азизу маҳбуб шуда наметавонад ва касе онро дӯст надорад ва онро ки дар назди даргоҳи ту қадру манзилат дорад ва маҳбубу азизи туст, касе онро хор карда наметавонад ва ӯ бе чуну чаро писанд ва мақбули ҳамагон мегардад.

Ин байт иқтибос аз ҳадиси набавӣ мебошад, ки Абӯҳурайра ривоят мекунад, ки гуфт Расули Худо: *«Чун Худованд бандаеро дӯст дорад, ба Ҷабраил мегӯяд: Ман фалониро дӯст доштам, пас, ту ҳам онро дӯст дор. Гуфт: Пас, Ҷабраил ӯро дӯст медорад, сипас, ба аҳли осмон нидо мекунад, ки Худованд фалониро дӯст дошт, пас, шумо ҳам дӯсташ доред, пас, аҳли осмон ӯро дӯст медоранд, сипас, вай дар пеши аҳли замин мақбули ҳамагон мегардад. Ва чун он зот бандаеро бад бинад, ба Ҷабраил хитоб мекунад, ки ман фалониро бад дидам, ту ҳам бад бин. Паёмбар гуфт: Пас, Ҷабраил низ ӯро бад мебинад. Сипас ба аҳли осмон нидо мекунад, ки Худованд фалониро бад дид, шумо низ бад бинед. Гуфт: Пас, аҳли осмон ӯро бад мебинанд. Сипас вай дар назди аҳли замин низ бадбин мегардад»* [11; 210].Инчунин, аз мазмуни дуои форсишудаи

Расулуллоҳ, ки дар муноҷоти худ мегӯяд: *«Касеро, ки ту ҳидоят кунӣ, ӯро гумроҳкунандае нест ва онеро, ки ту гумроҳ кунӣ, ӯро ҳидоятгаре нест»* [11; 211].

Ё дар байти зер, Дайлами Исфаҳониро васф карда, таркиби «Рӯҳулқудус»-ро, ки сифати дигари Ҷабраили амин мебошад, истифода намуда, мегӯяд:

То ба ойини малоик мустаҷоб ояд дуо,

Бар фалак «Рӯҳуламин» доим санохони ту бод [23; 133].

Ин байт киноя аз орзу буда, Хоҷу бо ҳунари нуктапардозӣ дар ҳаққи мавсуфи худ ин орзуҳоро таманно карда мегӯяд: Ҳароина дар оини фариштаҳо дуо қабул аст, аз ин рӯ, аз даргоҳи Худованд талаб мекунам, ки «Рӯҳуламин» (яъне, Ҷабраили амин) дар осмон доимо санохони ту бод.

Шоир аз мазмуни ҳадисе, ки аз Абуҳурайра ривоят шудааст, истифода намуда, мегӯяд, ки чун Рӯҳуламин дар осмон туро ба некӣ ёд кунад, ту маҳбуби тамоми фариштагон ва мавҷудот рӯи замин мегардӣ.

Ин байт сарчашма мегирад аз мазмуни ҳадиси набавӣ, ки Абӯҳурайра ривоят мекунанд, ва шарҳи он дар байти боло зикр баён шудааст.

Ё дар байти зер аз қиссаи хабар додани Паёмбар ҷаноби Абӯбакр ва Умарро аз шаклу симои Увайси Қаранӣ ва мулоқоти онҳо бо ӯ талмеҳ оварда, мегӯяд:

Солики дил ёфта накҳати «Рӯҳуламин»,

Чун набии Ясрибӣ бӯи Увайси Қаран [23; 90].

Шоир дар ин байт мавсуфи худро ба солике, ки аз бӯйи Ҷабраили амин бархурдор аст, васф карда, мегӯяд: мавсуфи ман он солик ва пайраве мебошад аз накҳати хуши Ҷабраил баҳра бурдааст. Хоҷу дар мисраи дувум аз талмеҳоти исломӣ суд ҷуста, аз муъҷиза ва пешгӯии он Ҳазрат ки асҳоби худро аз аҳволи Увайси Қаранӣ хабардоркарда буд, истифода намудааст.

Ин ҳадисро Имом Муслим аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят мекунад, ки гуфт: «*Гуфт Паёмбар (с): Ҳароина, марде аз Яман ба назди шумо меояд, ки ӯро Увайс мегӯянд, вай ба ҷуз модараш дигар касе надорад. Вай бемори барас*

*(сафедпӯстӣ) буд. Пас, ба Худо дуо кард, Худо он бемориро аз ӯ дур кард, танҳо ба миқдори як динор ё дирҳам боқӣ монд. Пас, касе аз шумо бо ӯ мулоқот кунад, аз вай талаби дуои мағфират кунад.* Дар ривояти дигаре гуфт: *Шунидам Расулуллоҳро (с), мегуфт: Ҳароина, беҳтарини тобеин шахсест, ки ӯро Увайс мегӯянд. Вай модари танҳо дорад, ӯ бемории барас дошт. Пас, аз пеши ӯ бигзаред ва талаби дуои мағфират кунед*» [11; 398].

Дар ривояти дигаре аз Паёмбар (с) чунин омадааст: «*Ман бӯи Худованди меҳрубонро аз ҷониби Яман истишмом мекунам. Аз Салмони Форс ривоят аст, ки аз ҳазрати Расул (с) бипурсид, ки ин шахс кист? Он ҳазрат фармуд: «Дар Яман шахсест, ки ба ӯ Увайси Қаранӣ мегӯянд ва ӯ дар рӯзи қиёмат ба унвони як уммати мустақил ва воҳиде маҳшур хоҳад шуд*» [93; 39].

Ё дар байти зер тарҷумаи ҳадиси набавиро, ки дар васфи Алӣ гуфта шудааст, бетағйири маънӣ истифода намуда, мегӯяд:

Ба ҳукми қотиъи кишваркушои мустафавӣ

Набӣ мадинаи илм омаду Алӣ дари ӯ[23; 538].

Хоҷу дар ин байт мавсуфашро ситуда, дар мисраи якум ӯро ба кишваркушои дини аҳмадӣ мансуб мекунад. Дар мисраи дувум сухани худро тақвият дода, ҳадиси набавии «Ман шаҳри илмам ва Алӣ дари он, пас касе ба он шаҳр ворид шудан хоҳад аз дари он дарояд»-ро бе тағйири маънои он тарҷума намудааст [24; 252].

Дар байти зер дар тамҷиди Худо аз мазмуни ҳадиси қудсӣ илҳом гирифта, мегӯяд:

Айвони ваҳдати ту мубарро аз инҳитот

В-аркони қудрати ту муарро аз ихтилот [23; 327].

Хоҷу дар ин байт Офаридгори хешро бо сифатҳои «мубарро (пок, муназаҳ)» ва «муарро (орӣ)» ёд карда, мегӯяд: даргоҳи ваҳдати ту аз фурӯ рафтан пок аст ва сохтори бинои қудрати ту орӣ аз омехтагиҳост. Яъне, кас наметавонад ки дар мулки ту дахолат кунад ё халале дар он ворид намояд.

Ин байт, бешубҳа, талмеҳ шудааст аз мазмуни ҳадиси қудсӣ, ки Паёмбар (с) гуфт: «*Гуфт Офаридгор: Кибриёӣ ридои ман аст ва бузургӣшалвори ман*

*аст ва касе, ки яке аз инҳоро аз ман гирифтан хоҳад, ӯро дохили оташи дӯзах мекунам»* [30; 23].

Ё дар байти зер шоир ҳазрати Паёмбарро васф намуда, ба номаш дуруд фиристоданро сабаби наҷот мешуморад:

Савмаае, ки несташ замзамаи дуруд аз ӯ,

Ҳаст чу дайри мӯбадон лоиқи нафту буриё [23; 3].

Хоҷу дар мисраи якум вожаи «савмаа» (маконе, ки дар он обидон барои тоату ибодати Ҳақ машғуланд)-ро истифода намуда, мефармояд: Савмаае, ки дар он номи Паёмбар зикр нашаваду ба рӯҳи ӯ дуруд фиристода нашавад, ба мисли дайри мӯбадон буда, сазовори сӯзонидан аст.

Шоир калимаи «савмаа»-ро истифода намудааст, ки он истиора буда, киноя аз дилу забони банда мебошад ва ҳар қалбу забоне, ки аз он ба номи Расулуллоҳ дуруд фиристода нашавад, ӯ ба мисли қалби кофирон аст.

Шоир баҳри исбот ва таъсирбахш шудани суханаш аз мазмуни он ҳадисҳои набавие, ки Паёмбар доир ба мазамматы касе, ки ҳангоми шунидани номи шарифаш дуруд намефиристад, баҳра ҷустааст. Аз ҷумла, аз ҳадисе, ки Имом Тирмизӣ аз Умар ибни Хаттоб ривоят мекунад, ки гуфт Расули Худо: «*Ҳароина, дуо дар байни осмонҳову замин мавқуф мемонад ва аз он чизе боло намеравад, то он ки ба паёмбаратон дуруду салом нафиристед*» ва ҳадиси дигаре, ки Имом Тирмизӣ ва имом Аҳмад аз Ҳусайн ибни Алӣ ривоят мекунанд, ки гуфт Паёмбари Худо: «*Бахил шахсест, ки чун дар пеши вай номи ман зикр карда шавад, ба ман дуруду салом намефиристад*». Имом Тирмизӣ аз ибни Масъуд ривоят мекунад, ки он ҳазрат фармуданд: «*Беҳтарин ва авлотарин шахс дар назди ман рӯзи қиёмат ҳамон бандаест, ки ба ман бештар дуруду салом мефиристад*» [3; 8-17-19-77].

Ё дар байти дигар низ аз мазмуни ҳадиси боло суд ҷуста, маънии байти мазкурро дар дигар шаклу қолаб истифода намуда, мегӯяд:

Дар ҳавои хокбӯсат қомати гурдон дутост,

Бе дурудат савмаа дархурди нафту буриёст [23; 112].

Шоир дар ин байт ба ҷаноби Паёмбар дуруд фиристоданро як амри муҳим диниста, мегӯяд: Тамоми гурдону саркашон дар орзуи хокбӯси даргаҳат бо қомати хам меистанд.

Дар мисраи дувум таъкид намуда, мефармояд: Савмаае, ки дар он зикри номи Паёмбарва дуруду салом ба номи поки ӯ гуфта нашавад, он лоиқи нафту буриё, яъне, сӯзондан мебошад.

Ё дар байти зер Хоҷу аз ҳадисҳое, ки доир ба пешвои расулону хотам ва хатми паёмбарон будани Муҳаммад аст, истифода намуда, мегӯяд:

Саййиди аввалин русул, мурсали охирин замон,

Соҳиби ҳафтумин Қурон, хоҷаи ҳаштумин саро [23; 2].

Хоҷу дар ин байт аз мазмуни ҳадисҳои набавӣ истифода намуда, Паёмбарро бо он бартарӣ ва афзалиятҳое, ки Худованд танҳо насиби вай кардааст, васф намуда, мегӯяд: Ӯ саййид, яъне, пешвои расулон ва мурсали охирзамон аст. Мурсал паёмбаронеро мегӯянд, ки барояшон аз осмон китоб ва шариати хос нозил шудааст. Расули акрам низ аз ҷумлаи он мурсалонест, ки соҳиби китоб ва шариати ислом мебошад. Дар ин мисраъ шоир аз мазмуни ҳадиси набавие, ки Имом Муслим аз Абӯҳурайра ривоят мекунад, ки гуфт Расули Худо (с): «Ман дар рӯзи қиёмат саййид ва пешвои фарзандони Одам (а) ва аз аввалин касоне мебошам, ки аз қабр хезонида мешаванд ва аввалин шафоаткунанда ва аввалинмушаффеъ мебошам» ва мурод аз «хоҷаи ҳаштумин саро» Паёмбари ислом мебошад. [10; 422].

Дар мисраи дувум шоир мавсуфашро ба соҳиби беҳтарин китоб ёд карда, мегӯяд: Ту соҳиби ҳафтумин Қуръонӣ, мурод аз Қуръон китобҳое мебошанд, ки аз ҷониби Худованд ба паёмбаронашон нозил шудаанд, аз инҳо саҳифае ба Одам (а), саҳифае ба Шис (а), саҳифае ба Иброҳим (а), китоби Забур ба Довуд (а), Таврот ба Мӯсо (с), Инҷил ба Исо (а) ва ҳафтумини онҳо китоби Қуръон мебошад, ки ба Муҳаммади Мустафо (с) нозил шудааст ва дар маҷмӯъ ҳафтто мебошанд.

Шоир дар ин мисраъ баҳри истидлол аз мазмуни ояҳои қуръонӣ суд ҷустааст, ки зикри ин саҳифа ва китобҳо дар Қуръон ёд шудааст. Аз ҷумла, дар

оятҳои 18 ва 19-уми сураи «Аъло» Худованд аз онҳо ёд карда, мефармояд:«Ҳаройна, ин сухан дар саҳифаҳои нахустин аст. Саҳифаҳои Иброҳиму Мӯсо!» [158; 275].

Дар ҷои дигар, шоир ҷурму гуноҳи хешро ёд карда, ба Офаридгор муноҷот намуда, мегӯяд:

Ҷурме, ки кардаам, агар орӣ ба рӯи ман,

Монанди абр об шавам гардам аз ҳаё [23; 116].

Баъди ин, Хоҷу ба ҳадиси қудсие, ки Абӯҳурайра аз Расули Худо (с) ривоят мекунад, ки гуфт Паёмбар (с)? «Худованд пеш аз офариниши махлуқот дар китоби хеш навиштааст, ки «ҳароина, раҳмати ман аз ғазабам пеш аст» ва ин китоб дар болои Арш аст» такя намуда, мегӯяд:

Гар ман гунаҳ кунам, карамат бениҳоят аст,

Шабро умед ҳаст, ки рӯз ояд аз қафо [23; 116].

Пас орзуи «суффанишинони кибриё»-ро, ки киноя аз дӯстон ва наздикони Худо мебошанд, намуда, мегӯяд:

Охир, чӣ бошад, ар бирасонӣ зи роҳи лутф

Ӯро ба садри суффанишинони кибриё [23; 116].

Вақти субҳ, ки ба ориф расидани мужда ва илҳом аз ҷониби маъшуқ аст, Хоҷу низ илтиҷо намуда, мегӯяд:

Як раҳ навозише куну бар дасти боди субҳ

Бӯи «тафаззал»-е ба мани бенаво фирист [23; 116].

Яъне, ҳангоми субҳгоҳӣ бо бӯйи боди сабоҳ муждаи «тафаззал», яъне, марҳаматро ба машоми мани зор расон, зеро:

Берун зи раҳмати ту надорем дастгир,

Аз по фитодаем, ба фазлат, ки даст гир [23; 116].

Ё дар байти зер аз аҷзу бечорагии худ ёд карда, аз мазмуни ҳадиси мазкур суд ҷуста, мегӯяд:

Дасти иноятe, ки мо муфтақирему тангдаст,

Хони шафоате, ки мо муштаҳиему ношто [23; 3].

Яъне, шоир дар ин байт ба Расули Худо илтиҷо намуда, мегӯяд: Эй Паёмбар (с), дасти карам ба сӯи мои бечора бикун ва дар мисраи дувум аз шафоати Паёмбар умед карда, мегӯяд: Дар рӯзи ҳисоб шафоати худро насиби мо-хатокорон бигардон.

Хоҷу дар ин байт мазмуни ҳадиси набавиро, ки Имом Муслим аз Абуҳурайра ривоят намудааст, истифода намудааст, ки шарҳи онҳо дар боло баён гардидааст.

Шафоати ҳазрати Паёмбар ҳамон пазируфтани даъвати ӯст ба имон ва тарки ҳаво ва нафси ҳайвонӣ буда, дӯстӣ бо некукорон мебошад. Ва қудсиён ҳамчун машшотаанд, ки мероянд рӯи моро ва мепардозанд мӯи моро ва хӯи моро то хушу дилпазир ва шоиста шавем. Дар ин маънӣ Саъдии бузург фармудааст:

Гар Хоҷа шафоат накунад рӯзи қиёмат,

Шояд, ки зи машшота наранҷем, ки зиштем [23; 117].

Ё дар байти дигар баҷурму гуноҳи хеш иқрор карда, аз лутфу марҳамати Парвардгор ёд намуда, ба шафоати Муҳаммад (с) худро таскин дода, мегӯяд:

Гар ҷурми мо чу раҳмату фазли ту беҳад аст,

Охир, шафеи мо на ба маҳшар Муҳаммад аст!? [23; 113].

Шоир дар мисраи якум ба холиқи худ муноҷот карда, мегӯяд: Чӣ гунае ки фазлу раҳмати туро ҳадду канор нест, ҷурму гуноҳи маро низ ҳад нест. Аммо, дар мисраи дувум аз мазмуни ҳадиси набавӣ баҳра бардошта, худро таскин бахшида, аз Офаридгори хеш мепурсад, ки охир, Муҳаммад он ҳабиби ту дар рӯзи маҳшар шафоаткунандаи умматони гунаҳгор нест магар!?

Хоҷу дар ин мисраъ низ аз мазмуни ҳадисе, ки Имом Муслим аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, истифода намудааст.

Ё дар байти дигар низ бо истифода аз мазмуни ҳадиси фавқ, аз ҷурму исёни худ шиква намуда, ба Расули Худо муроҷиат намуда, мегӯяд:

Ё шафеъ-ал-музнибин, узри гуноҳи мо бихоҳ,

З-он ки берун аз ту набвад осиёнро узрхоҳ [23; 112].

Дар мисраи аввал таркиби таркиби «шафеъ-ал-музнибин», яъне «шафоаткунандаи гунаҳкорон»-ро истифода намудааст, ки он истиора буда, мурод аз он Паёмбар мебошанд, зеро бино ба ҳадиси дар боло зикргардида, шафоатгари умматонаш дар рӯзи қиёмат буда, он сифате аз сифатҳои хосси Расули Худо мебошад.

Яъне, эй шафоаткунандаи гунаҳкорон аз даргоҳи Парвардигор, узри гуноҳони моро бихоҳ, зеро дар ин рӯз ба ҷуз ту касе ғамгусори мо нест. Ин ҳадис низ баргирифта аз мазмуни ҳадисест, ки Имом Муслим аз Абӯҳурайра ривоят кардааст.

Ё дар байти зер ба ҷуз аз истифодаи таркиби қуръонӣ боз аз мазмуни ҳадиси набавӣ суд ҷуста, бузургии Худовандро ситуда, мегӯяд:

Нӯги қалами сунъи ту дар мабдаи фитрат

Ангехта бар сафҳаи «кун» сурати ашё [23; 1].

Ин байт аз талмеҳоти исломӣ буда, Хоҷу дар он сарнавишти мавҷудотро, ки Худованд бо илми қадими худ тақдири онҳоро қабл аз офаринияшон, яъне, дар фитрати эшон навиштааст, васф намуда, мегӯяд: Бо як амри «кун (бишав)», ки ба қалам фармудӣ, қалам тақдири онҳоро дар Лавҳ-ул-маҳфуз (китобест, ки сарнавишти бандагон дар он қайд шудааст) навишт.

Ин байт баргирифтааз мазмуни ҳадисҳои набавист, аз ҷумла, аз ҳадисе, ки Имом Муслим аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунад, ки гуфт Расули Худо: «Худованд тақдири махлуқотро панҷоҳҳазор сол пеш аз офариниши замину осмонҳо навишт, ки Арши ӯ дар болои об қарор дошт» [2; 240].

Ё дар байти зер қиссаи паноҳ бурдани ҳазрати Паёмбар дар ғори Саврро бо ҳунари суханпардозӣ дар ду мисраъ баён намуда, мегӯяд:

Ба шоҳи тахти рисолат, ки анкабутеро

Ба пардадорӣ ташриф дод бар дари ғор [23; 46].

Ибораи «шоҳи тахти рисолат» истиора буда, мурод аз он Паёмбар мебошад, ки ӯ пешвои анбиё ва авлиё буд. Дар мисраи дувум калимаи «пардадор» киноя аз муҳофиз ва дарбон мебошад. Шоир мегӯяд: Барои ҳифзи ҳабибат, ки султони паёмбарон аст, анкабутеро амр намудӣ, ки бар дари ғор тор

танад, то ки душман вориди он нагардад. Ин байт талмеҳ аз як муъҷизаи бузурги Расули Худост, ки ҳангоми ҳиҷрат дар ғори Савр рух дода буд ва он дар аксари китобҳои сират ёд шудааст.

Ибни Аббос ин қиссаро чунин ривоят мекунад: «Чун ҳазрати Паёмбар ҳамроҳи Абӯбакр вориди ғори Савр шуданд, дар ҳол анкабуте омад ва бар дари ғор тор танид ва баъди он ду кафтар омаданду дар болои он лона сохта, тухм гузоштанд. Чун мушрикон ба дари ғор расиданд, яке гуфт: Шояд дар дохили ғор пинҳон шуда бошанд. Хостанд, ки ба ғор дохил шаванд, чун тори анкабут ва лонаи кафтарро диданд, яқин карданд, ки дар инҷо нестанд ва ноумед баргаштанд» [11; 70].

Ё дар байтҳои зер, ба Офаридгор муноҷот карда, баҳри қабули дуои хеш чаҳор ёри он ҳазратро василаи дуои хеш қарор дода, мегӯяд:

Ба мақдаму қадами сидқи ёри ғори набӣ,
Ба адли муҳтасиби дини Аҳмади Мухтор,
Ба оби абри ҳаёбори чашми «Зиннурайн»,
Ба тоби теғи ҷаҳонсӯзи Ҳайдари Каррор,
Ба хуни ҳалқи Ҳусайну ба ҳусну хулқи Ҳасан,
Ба ҷидду ҷаҳду ҷиҳоди муҳоҷиру ансор [23; 46].

Дар ин абёт шоир чаҳор ёри он Паёмбар – Абӯбакр, Умар, Усмон, Алӣ ва наберагонаш - Ҳасан ва Ҳусайн ва саҳобагони муҳоҷиру ансорро ёд намуда, аз ҳадисҳои набавӣ суд ҷуста, он сифатҳеро, ки Паёмбари ислом дар ҳаққи онҳо гуфта буд, истифода намудааст.

Аз ҷумла, дар мисраи якуми байти аввал вожаҳои «Сидқ» ва «Ёри ғор»-ро истифода намудааст, ки он ду истиора буда, мурод аз онҳо ҷаноби Абӯбакр мебошад, зеро ин ду сифат аз сифатҳои хосси ӯст. Сифати «Сиддиқ»-ро дар ибтидои ислом ҳазрати Паёмбар барояш гуфта буд. Чун Паёмбари ислом аҳли Қурайшро ба ин дин даъват мекарду онҳоро аз амри Худованд хабар медод, эшон ӯро дурӯғгӯй мегуфтанд, танҳо Абӯбакр онро тасдиқ мекард ва ҳар чизеро, ки он ҳазрат мегуфтанд, Абӯбакр «рост мегӯӣ, эй Расули Худо»-гӯён ҷавоб медод. Дар ҳадисе Имом Бухорӣ аз Анас ибни Молик чунин ривоят

мекунад: «Ҳазрати Паёмбар ҳамроҳи Абӯбакр, Умар ва Усмон ба кӯҳи Уҳуд баромаданд. Баногоҳ кӯҳ ларзид. Ҳазрати Паёмбар гуфтанд: Ором бош, эй Уҳуд, ҳароина, дар болои ту Набӣ, Сиддиқ ва ду шаҳид (мурод Умар ва Усмон) аст». Ин буд, ки Расули Худо ӯро ба сифати «Сиддиқ» ёд кардааст [11; 80].

Дар ҳадиси дигаре, Имом Тирмизӣ аз ибни Умар ривоят мекунад, ки ҳазрати Паёмбар ба Абӯбакр гуфт: «Ту дӯсти ман дар ғорва дар ҳавз мебошӣ» ва мурод аз «ғор» ин дунё ва аз «ҳавз» рӯзи қиёмат мебошад [11; 172].

Дар мисраи дувум калимаи «муҳтасиб»-ро истифода намудааст, яъне, назораткунандаи қонуну қоидаҳои шариати ислом буда, киноя аз Умар аст. «Аҳмади мухтор» аз сифатҳои Паёмбар мебошанд. Шоир дар муноҷоти худ адли Умарро васила оварда, мегӯяд: Ба ҳурмати адли муҳтасиби дини Муҳаммад, яъне Умар, зеро вай дар замони хилофати худ бо адлу дод машҳур буда, аз ӯқиссаву ривояти зиёде зикр шудааст. Дар мисраи аввали байти дувум сифатҳои «ҳаё» ва «зиннурайн»-ро ёд кардааст, ки киноя аз ин сифатҳо халифаи сеюми ислом- Усмон мебошад.

Дар мавриди ба «ҳаё» ёд шудани Усмон дар он аст, ки чунон боҳаё буд, ки ҳатто дар дохили хона худаш танҳо бошад ҳам, бараҳна намешуд. Чунон боҳаё буд, ки ҳатто фариштагон аз вай шарм мекарданд. Шоир баҳри исботи сухани хеш сифати «ҳаё»-ро аз ҳадисе, ки Имом Муслим аз Оиша ривоят мекунад, ки гуфт Расули Худо: «Оё шарм накунам аз шахсе, ки аз он фариштагон шарм мекунанд?», мурод аз «шахс» Усмон мебошад ва дар ривояти дигар омадааст, ки гуфт Паёмбар (с): «Усмон шахси боҳаё мебошад» [11; 217]. Усмонро ба лақаби «Зиннурайн», яъне соҳиби ду нур ёд мекунанд, ки киноя аз ду духтари Паёмбари ислом –Руқия ва умми Кулсум мебошад. Вақте ки Паёмбари Худо духтараш -Руқияро ба акди ӯ даровард, чун ӯ аз олам даргузашт, духтари дигараш бо номи умми Кулсумро низ ба никоҳи вай даровард. Аз ин рӯ, Усмонро бо лақаби «зиннурайн», яъне соҳиби ду нур ёд мекунанд. Чун Умми Кулсум дар моҳи шаъбони соли нуҳуми ҳиҷрат вафот кард, Усмон дар фироқи ӯ сахт андӯҳгин шуд. Расули Худо чун Усмонро мубталои ғаму дард ва дилшикастагӣ дид, ӯро даъват намуда, гуфт: «Агар

духтари сеюм боз медоштам, ҳароина, ӯро дар никоҳи ту медаровардам, эй Усмон».

Дар мисраи якуми байти сеюм хуни ҳалқи Ҳусайн ва ҳусну хулқи накуи Ҳасанро ёд карда, шафеъ овардааст. Шоир баҳри таъсирбахш шудани сухани хеш аз мазмуни ҳадисҳое, ки оид ба шаҳодати Ҳусайн ва ҳусну атвори ҳамидаи Ҳасан гуфта шудааст, истифода намудааст. Қисмати аввали ин мисраъ аз қиссаҳои исломӣ, ки доир ба шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ дар Карбало мебошанд, баргирифта шудааст. Дар қисмати дувум аз ҳусну хулқи Ҳасан ибни Алӣ ёд кардааст, ки роҷеъ ба он ҳадис ва ривоятҳои зиёде мавҷуд аст.

Хулоса, Хоҷуи Кирмонӣ дар истифода аз аҳодиси набавӣ низ дар сурудани ғазал дастболо буда, ҳатто, дар ҳар мисраи байт аз ҳадисҳои набавӣ иқтибос овардааст, ки он ҳусни ғазали шоирро боз ҳам зеботар намудааст.Инчунин, шоир аз мазмун ва тарҷумаҳои ҳадисҳои набавӣ низ ба таври васеъ ва ба тарзу усули гуногун истифода намудааст.

# БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕӢ ВА МУШАХХАСОТИ ҲУНАРИ ХОҶУ ДАР КОРБУРДИ НИКОТИ ҚУРЪОНӢ ВА АҲОДИСИ НАБАВӢ

## 3.1.ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕӢ ВА МУШАХХАСОТИ ШЕВАИ СУХАНИ ХОҶУ ДАР КОРБУРДИ НИКОТИ ҚУРЪОНӢ

Лозим ба ёдоварист, ки истифода аз мафҳум ва таркибҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣқариб дар ашъори тамоми шоирони форсу тоҷик ба таври васеъ ба назар мерасад ва осори ин абармардони суханро бе истифодаи оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ тасаввур намудан амри муҳол аст. Ҳар яки ин бузургони сухан ин сарчашмаҳои нодирро дар ашъорашон истифода намудаанд, ки маҳорати суханофаринии онҳоро аён месозад.

Аз баррасии оёт ва аҳодисе, ки дар ашъори шоирон ва орифони форсу тоҷик мавриди истифода қарор гирифтааст, ба ин натиҷа омадан мумкин аст, ки бархе аз ин оятҳо ва аҳодиси набавӣ бештар мавриди таваҷҷуҳи шоирони ориф буда, борҳо дар эҷодиёти хеш истифода намудаанд, ки онҳо ба андешаву эътиқоди ин шоирон мутобиқ ва мувофиқ буда, эшон усули аслии мактаб ва машраби ирфонии хешро аз ин оятҳо ва ҳадисҳо баргирифтаанд. Ҳар як тоифа ё гурӯҳе барои худ алфоз ва истилоҳоте доранд, ки дар байни онҳо маъмул ва машҳур аст, ки аз он дар муомила ва иртибот бо якдигар истифода мебаранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шоирон ва адибони классик низ дар байни худ аз алфоз ва истилоҳоти хосе, ки дорои маъниҳои бузургест, истифода мекунанд ва ин алфоз ва истилоҳот баргирифтааз Қуръон ё ҳадисҳои набавӣ ва ё иқтибосшуда аз он ду мебошанд, ки тамоми он бузургон ҳунару малакаи шоирии худро дар истифодаи онҳо нишон додаанд. Аз ҷумла, истилоҳ ва вожаҳои «ризо», «фано», «бақо», «хавф», «раҷо», «маломат», «каромат» ва монанди ин садҳо истилоҳу вожаи дигар, ки шоирон кӯшиш мекарданд, то ин алфоз ва истилоҳотро аз Қуръон ва ҳадис баргиранд ва ба ин васила афкор ва ақидаи худро решадор ва асил ҷилва диҳанд, то ба ин васила ба сухани худ зинат ва табаррук бахшанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки таҷаллии истилоҳоти қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти тамоми шоирони классик ба назар мерасад. Аммо, дар ғазалиёти орифони шоир, амсоли Саноӣ, Аттор, Мавлоно ва шоирони ориф, амсоли Хоҷу, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофиз ва дигарон бештар мушоҳида мешавад.

**Таҷаллии истилоҳоти қуръонӣ**навъи санъати адабӣ буда, шоир дар ашъори худ вожаеро истифода мекунад, ки решаи қуръонӣ дошта бошанд ва бо истифода аз ояҳои қуръонӣфасоҳату балоғат ва зебоии шеъри худро меафзояд.

Таҷаллии ин истифодаи истилоҳотро адабиётшиносон ба ду гурӯҳҷудо кардаанд:

а) *таҷаллии истилоҳоти мустақим,*

б) *таҷаллии истилоҳоти ғайримустақим.*[93,87].

Таҷаллии истилоҳоти мустақим он аст, ки шоир бе ҳеч тағйири лафзӣ ё маънавӣ истилоҳоти қуръониро дар эҷодиёти худ истифода менамоянд. Хоҷу аз ин навъи истилоҳот дар ғазалиёти худ хеле моҳирона ва ҳунармандона истифода намудааст. Аз ҷумла, дар байти зер мефармояд:

Ба сӯзи синаи ман «би-л-хафои ва-л-аълон»,

Ба оби дидаи ман «би-л-ъашиййи ва-л-ибкор» [23; 47].

Ҳамин маъниро Ҳотифи Исфаҳонӣ низ дар дигар шакли зайл баён сохта, мегӯяд:

Ёр гӯ «би-л-ғудуви ва-л-осол»,

Ёр ҷӯ «би-л-ъашиййи ва-л-ибкор» [24; 278].

Хоҷу истилоҳоти қуръониро дар ин байт баҳри афви гуноҳҳо дар муноҷот ба Офаридгор, ҳамчун тазмин овардааст, аммо Ҳотифи Исфаҳонӣҳамеша бо ёду зикри Худо буданд ва ба мардум хитоб намуда, ба тарзи сода истифода намудааст.

Ҳар ду шоир роҷеъ ба ишқу муҳаббат ва итоати амри маҳбуби хеш ибрози ақида намуда, ишора мекунанд, ки онҳо дар субҳу шом ва дар ошкору ниҳон бо ёди маъшуқи худ мебошанд, зеро агар одамӣ бихуспад ва дар он хоб дар руъёи маъшуқ бошад, беҳтар аз он аст, ки бедор бошад ва дар ғафлат ба сар барад. Ин байт инчунин, ишора ва талмеҳ аст аз қавли Расули Худо, ки

фармудаанд: «*Ман агар ба хоб равам, ин чашми ман аст, ки дар хоб аст, аммо қалби ман ба ёди маҳбубам бедор аст*» [24; 278].

Ё дар ҷойи дигар Хоҷу аз бодаву шароби ирфонӣ ёд карда, мефармояд:

Ҳар дам орад боди субҳ аз равзаи ризвон ба бом,

К-охир, эй дилмурдагон, ҷуз бод «ман юҳйи-л-ъизом».

Моҳи соқӣҳури ину ҷоми софи Кавсар аст,

Хоса ин соат, ки саҳни боғ шуд доруссалом» [23; 408].

Хоҷа Ҳофиз дар шабеҳ ба ин маънӣ мегӯяд:

Фардо шароби Кавсару ҳур аз барои мост,

В-имрӯз низ соқии маҳрӯю ҷоми май [24; 767].

Ҳар ду шоир дар ин абёт як чизро ба назар доранд. Хоҷу дар эҷодиёти хеш аз оятҳои муносиби қуръонӣ тазмин овардааст. Манзури вай аз овардани истилоҳи қуръонии «ман юҳйи-л-ъизом, яъне, кӣ ба устухонҳои пӯсида ҷон мебахшад?»ин аст, ки набояд аз рӯзи бозхост ғофил буд, зеро ҳар аъмолеро подошест ва шахси подошдиҳанда соқӣ, Офаридгор аст.

Ба ҳамин хотир, Хоҷу аз ҷониби Офаридгор будани он чизеро ки бар одамӣ мерасад, баён намуда, хотиб мекунад:

Нӯги қалами сунъи ту дар мабдаи фитрат

Ангехта бар саҳфаи «кун» сурати ашё [23; 1].

Хоҷа Ҳофиз ба ғазалиёти Хоҷу дилбастагӣ дошта, аз дар сурудани ғазали хеш аз онҳо илҳом мегирифт. Масалан, Хоҷа Ҳофиз ин маъниро дар ин шакл обу ранг додааст:

Гар ранҷ пешат ояду гар роҳат, эй ҳаким,

Нисбат мадеҳ ба ғайр, ки инҳо Худо кунад [24; 180].

Хоҷу дар ин байт баҳри исботи сухани худ аз ояти қуръонӣ иқтибос овардааст, аммо Хоҷа Ҳофиз танҳо ба мазмуни оят ишора намуда, ба мухотаб баён намудааст, яъне, бо ангехтани нӯги қалам бар мабдаи фитрат сурати ашё ҳосил гардида, бо ибрози калимаи «кун» олам халқ гардидааст.

Хоҷу дар байти зер бо корбурди иборам «урват-ул-восқо» хитоб мекунад, ки «эй бародар, ту агар пойбанди чизи дигаре бошӣ ва аз он баромада

натавонӣ, рӯй бар лутфу иноятии худовандӣ кун, ки ба ҷуз «урват-ул-вусқо» чизе туро наҷот намедиҳад:

Эй бародар, гар ту мустамсак ба чизи дигарӣ,

Ҳаст лутфи лоязолӣ урватулвусқои ман [23; 526].

Ин маънӣ дар «Маснавии Маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ ба тарзи дигар омадааст:

«Урват-ул-вусқост» ин тарки ҳаво,

Баркашад ин шох ҷонро бар само [24; 95].

Дар ҳар ду байт истилоҳи қуръонии «урват-ул-вусқо» ба як маънӣ истифода шудааст. Аммо, тафовут дар шакли истифодаи он мебошад, ки Хоҷу дар корбурди он санъати иҳомро истифода намуда, иброз медорад, ки ман танҳо пойбанди «урватулвусқо», яъне,Қуръон мебошам ва Мавлоно ба он ишора намуда, хитоб мекунад, ки «урватулвусқо» чангзанандаи худро ба мартабаи боло мерасонад.

Хоҷуи Кирмонӣ дар ибрози андешаҳои гуногун ба Қуръон мурочиат кардааст. Дар абёти фавқ калимот ва ибороти қуръониро барои исботи сухани хеш оварда ва бо он андешаи худро ҷамъбаст менамояд.

Чунонки ишора намудем, самти дигари истифодаи андешаҳои қуръонии шоир ишора ба мазмунҳои оятҳои қуръонист. Шоир бо дар ашъори худ дар айни баёни андешаҳояш ба мазомини оятҳои қуръонӣ ишора мекунад. Аз ҷумла, дар байти зер Хоҷуи Кирмонӣ абадият ва афзалияти Офаридгорро ситуда, қудрати лоязолии ӯро аз ҳама чиз бениёз медонад:

Будӣ, ки набудему набошад, ки набошӣ,

Бо мо найӣ, аз мо наву мустағнӣ аз мо [23; 1].

Бино ба ишораи шоир, мавҷудияти махлуқот ба хост ва иноятии Худованд вобаста буда, танҳо бо хост ва ризояти ӯҳосил мешавад.

Низомии Ганҷавӣ ин маъниро ба шакли дигар ишора намуда, фармудааст:

Буду набуд он чи баланд асту паст,

Бошаду ин низ набошад, ки ҳаст [78; 228].

Хоҷу дар байти зер аз чаҳор сифати бечунучарои Худованд ёд карда, мефармояд:

Гӯёи беталаффузу бинои бебасар,

Донои бетафаккуру дорои бемалол [23; 327].

Устоди ғазал-Шайх Саъдӣ низ аз ин сифатҳои Худованд илҳом гирифта, мегӯяд:

Бар аҳволи нобуда илмаш басир,

Бар асрори ногуфта лутфаш хабир [24; 218].

Ҳаким Саноӣ низ бо истифода аз асмои худовандӣ дар байти зер ҳафт сифати Офаридгорро ситуда, мефармояд:

Ҳайюқайюму олиму қодир,

Розиқи халқу қоҳиру ғофир [78; 598].

Носири Хусрав низ дар ин бора гуфтааст:

Ҳува-л-аввал,ҳувва-л-охир,ҳува-з-зоҳир,ҳува-л-ботин,

Муназзаҳ молики мулке, ки бепоён ҳашар дорад [78; 40].

Ҳаким Саноӣ аз сифатҳои Худовандӣ иқтибос оварда, мегӯяд:

Холиқи мо, ки фарду қаҳҳор аст,

Аз ҳуқуду ҳусуд безор аст [140; 611].

Ҳофизи Шерозӣ низ илми Худовандро ситуда, дар ин маънӣ чунин мефармояд:

Ҳоли мо дар фурқати ҷонону иброми рақиб

Ҷумла медонад Худои ҳолгардон, ғам махӯр [56; 219].

Ё дар байти зер Хоҷу аз сифатҳои Офаридгор ва аз ҷумла оид ба ҷовидонӣ ва пойдории ӯ дар олам ёд карда, ишора мекунад:

Аввали беинтиҳову охири беибтидо,

Молики беиштироку воҳиди беинъидом [23; 495].

Ҳаким Саноӣ низ бо ин мазмун аз қиссаи пазируфтани тавбаи Одам аз ҷониби Худованд баҳра ҷуста, мегӯяд:

Одамро «ассо Одам» зи по афтонда буд,

Гар на аз «сумма иҷтибоҳ»-аш додӣ ёварӣ[140; 104].

Бартарии Хоҷу дар байни абёти Салмон ва Мавлоно дар он аст, ки мазмуни байти ӯ осонфаҳм буда, бахшандагӣ ва меҳрубонии Офаридгорро бо иҷобати он ҳангоми суоли банда нишон додааст.

Хоҷу дар ҷои дигар паёмбарон Нӯҳ ва Иброҳимро, ки аз образҳои қуръонӣ мебошанд, чунин корбурдааст:

Бад-он ҳазира, ки буд Ибни Озараш тайён,

Бад-он сафина, ки шуд Нӯҳи мурсалаш наҷҷор[23; 46].

Аммо, Носири Бухороӣ мазмуни мисраи дувумро дар як байт чунин баён намудааст:

Чӣ иттифоқ бувад бар сафинаи Носир,

Туро, ки Нӯҳи паямбар дурудгар бошад [19; 4].

Хоҷу дар байти зер низ аз ин маънӣ суд ҷуста, таркиби «Нӯҳи дурудгар», яъне наҷҷорро ба корбурдааст:

Хӯрда ба оби рӯйи ӯ Нӯҳи дурудгар қасам,

Карда ба хоки кӯйи ӯ Одами хокӣ илтиҷо[23; 3].

Ҳаким Саноӣ мегӯяд, ки бо шарофати санои ту Идрис мартабаи волоро сазовор гардида, Ҷабраил қадам ба сидратулмунтаҳо гузошт:

Рафъат Идрис аз санои ту ёфт,

Сидра Ҷибрил аз барои ту ёфт [140; 441].

Ё дар байти дигар мегӯяд:

Бас ки хондам «ло тазар» бар хешу гаштам навҳагар,

Хештанро Нӯҳу оби дида тӯфон ёфтам [23; 639].

Роз гуфтани Парвардгор бо Мӯсо дар ояти 164-и сураи «Нисо»«Парвардгор бо Мӯсо сухан гуфт, сухангуфтане» мушаххас гардида, ӯро бо лақаби «Калимуллоҳ» ёд кардаанд. Ин достони роз гуфтани Мӯсо бо Худованд дар сурудаҳои шоирони форсу тоҷик, бахусус, дар ашъори ирфонӣ таъсири амиқ расонида, аз он дар сурудаҳои хеш ба таври васеъ истифода намудаанд. Хоҷуи Кирмонӣ низ аз зумраи он шоирони ориф мебошад, ки дар истифодаи образи Мӯсо дар ғазалиёти хеш аз тарзҳои гуногун ва ташбеҳоти мухталиф истифода намудааст.

Маслан, дар байти зер:

Гар нахӯрдӣ Мӯсӣ аз ҷомат майи «унзур илайк»,

Аз шароби «лан таронӣ» кай шудӣ масти мудом [23; 496].

Дар ин ҷо «Мӯсо аз хеш раста ва ба Ҳақ пайвастааст, дар худ фано шуда ва аз вуҷуди хокӣ ва сифоти башарӣ холӣ аст. Нури Ҳақ Тури қалбашро дар ҳам шикаста ва дили ӯро оинаи хонаи ғайб кардааст» [78; 387].

Мавлоно низ дар ин маънӣ гуфтааст:

Кӯҳи Тур андар таҷаллӣҳалқ ёфт,

То ки майро хӯрду вайро барнатофт [78; 365].

Достони кӯҳи Тур ва Мӯсоро тафсиргарон бо равишҳои гуногун таҳлилу тафсир намудаанд. Аз ҷумла, бехуд шудани Мӯсо ҳангоми таҷаллии Парвардгорро чунин маънидод карданд: «Аз кушта шудан ба шикастани оина тафсир шудааст ва аз ташнагӣ ба шӯри ишқ ва хостану инҳо ҳама ҳикоят дорад. Аз ин ки асли кушта шудан дар роҳи Худо кушта шудани нафсу деви дарунист, ки ҳиҷоби ҷамоли маъшуқ аст ва марги ҷисмонӣ низ чизе ҷуз канор рафтани ҳиҷоб аз чеҳраи ҷон нест [24; 163]. Аммо, он тафсире, ки Хоҷу ба он додааст, аз дигар тафсиргарон бартарӣ дорад. Бартарии Хоҷу дар он аст, ки танҳо бо ишора ва иҳомгарой аз қиссаи роз гуфтани Мӯсо бо Худованд талмеҳ овардааст.

Дар вуҷуди Хоҷу ишқу муҳаббат ба муршидаш беандоза буда, вай ҳарорати он ишқро бо равишҳои гуногун баён месозад. Дар байти зер Хоҷу худро ба парандае, ки аз ишқи илоҳӣ масту бехуд аст, ташбеҳ намуда, мегӯяд:

Тоири Турам, зи бонги «лан таронӣ» гашта маст,

Сеҳри Бобил дарнагирад бо «яди байзо»-и ман [23; 526].

Дар мисраи аввал вожаи «тоир» ба маънии паранда буда, киноя аз он Мӯсои паёмбар мебошад ва «лан таронӣ» амри бечунучарои Офаридгор мебошад. «Яди байзо» муъҷизаи Мӯсо буда, Хоҷу дар ин байт аз санъати иҳом истифода намуда, худро ба Мӯсо ва қудрати суханварияшро ба «яди байзо» ташбеҳ намудааст.

Мисраи дувуми байти Хоҷуро Давлатшоҳи Самарқандӣ ба дигар тартиб истифода намуда, мегӯяд:

Аз уфуқ то шуд «яди байзо»-и Мӯсо ошкор,

Булъаҷабкорони шабро рафт сеҳри Сомирӣ [24; 179].

Дар ин абёт ҳамон мазмуни Хоҷу истифода шудааст, аммо, Хоҷу бо обуранги бадеӣ ороста, худро ба Мӯсо ва қудрати суханварияшро ба «яди байзо» ташбеҳ мекунад. Аммо, Давлатшоҳи Самарқандӣ субҳро бо «яди байзо» ва торикии шабро ба «сеҳри Сомирӣ» ташбеҳ намудааст.

Ё дар байти дигар Хоҷу ин қиссаро дар шакли дигар баён намудааст:

Бикшуда аз рух парда ёри моҳманзар,

Гаҳ «лан таронӣ» гӯию гаҳ «ман раоно» [23; 246].

Ҳаким Саноӣ ин мазмунро дар шакли дигар чунин баён доштааст:

«Раббӣ арнӣ» бар забон рондан чу Мӯсӣ вақти шавқ,

Пас ба дил гуфтан «ана-л-аъло» чу Ҳомон шарт нест [93; 43].

Хоҷуи Кирмонӣ бо истифода аз қиссаи мазкур мефармояд:

Аз пайи партави анвори таҷаллии ҷамол

Ҳамчу Мӯсӣ «аринӣ»-гӯй рух орем ба Тур [23; 236].

Ин маъниро Носири Бухороӣ дар шакли дигар мегӯяд:

Наёварад дили ҳар кас маҷоли партави рӯят,

Ки зарра-зарра кунад кӯҳро шуои таҷаллӣ [57; 126].

Инчунин, Шайх Саъдӣ менависад:

Чу расӣ ба Тури Сино, «аринӣ» магӯю бигзар,

Ки наярзад ин таманно ба ҷавоби «лан таронӣ» [24; 263].

Аммо Хоҷу дар ин мазмун мегӯяд, ки агар нидои «лан таронӣ» низ ояд, ман ҳаргиз аз ин роҳ барнахоҳам гашт:

Сад «лан таронӣ» гӯйӣ, аз раҳ барнагардем,

Мову висолат, дигар аз ҳар кор тавба [23; 263].

Мурод аз ҷисми хок, Одам аст, ки ба воситаи ишқ ба ин мартаба расидааст.

Камоли Хуҷандӣ аз ин достони исломӣ илҳом гирифта, мазмуни байти Хоҷуро бо андак тағйири лафзӣ чунин баён доштааст:

Мӯсӣ аз нури таҷаллӣ «аринӣ» гуфту гузашт,

Ҳамчунон аҳли назар мунтазири дидоранд [144; 624].

Мурод аз аҳли назар соликони роҳи Ҳаққанд, ки интизори висоли дӯст мебошанд.

Мусаллам аст, ки ин маънӣ, яъне, достони кӯҳи Тур ва мулоқоти Мӯсо бо Худованд қариб дар ҳамаи осори шоирон дар мавридҳои гуногун омадааст. Аз ҷумла, Мавлои Рум кӯҳи Турро, ки аз ишқи ошиқон ба рақс омадааст, чунин баён мекунад:

Кӯҳи Тур андар таҷаллӣҳалқ ёфт,

То ки май нӯшиду майро бар натофт [24; 262].

Кӯҳи Тур кӯҳест, ки мувофиқи ахбори Қуръон дар он Офаридгор бо Мӯсо сухан гуфт ва орифони роҳи Ҳақ низ онро ба маконе, ки ошиқон ҷамоли маъшуқи худро меҷӯянд, таъбир мекунанд, чунон ки Хоҷуи Кирмонӣ баён намудааст:

Баски сармастони роҳаш наъраи «унзур илайк»

Ҳамчу Мӯсӣ бар фарози Тури Сино мезананд [23; 508].

Орифон таҷаллии ҷамоли Ҳақро чунин баён намудаанд: «Аз он ҷо ки ҳазрати аҳадият нури осмону замин аст ва аз он ҷо ки ҳар чӣғайри ӯст, ҳама дар ҳукми сояанд ва соя тоби таҳаммули нурро надорад. Аз ин рӯ, агар Худованди ҳастӣ бар ҳар чӣ таҷаллӣ кунад, он чиз аз он таҷаллӣҳамчун кӯҳи Тур маҳв мешавад, чунонки офтоби осмон дар пеши офтоби аҳадият равшании худро гум мекунад» [24; 263].

Носири Бухороӣ дар ин маънӣ мегӯяд:

Толибон Тури таҷаллии ҷамолат дидаанд,

Чун Калим аз баҳри он дар кӯҳи Тур афтодаанд [56; 126].

Хоҷу низ дар ин маънӣ мегӯяд:

Тоири Турему хоки остонат Тури мост,

Партави нури таҷаллӣ дар дили пурнури мост [23; 559].

Мавлонои Рум ин маъниро чунин баён менамояд:

Нози ҳуснаш бо калиме «лан таронӣ» гуфт, гуфт,

Подшоҳеро итобе бо гадое рафт, рафт [24; 266].

Камоли Хуҷандӣ ин маъниро дар шакл ва услуби дигар чунин баён менамояд:

Бо Мӯсии дидорталаб ваъда ҳамин буд,

Гар маҳв шавӣ, давлати дидор биёбӣ [144; 624].

Мавридҳое ба назар мерасанд, ки дар абёти Хоҷу истифодаи ҳадис оварда шудааст. Ибораи «ман раонӣ» ишора аст ба ҳадисе, ки Паёмбар (с) фармуд: «Ман раонӣ, фақад раа-л-ҳаққа», яъне, касе маро дар хоб бинад, ҳақиқатро дидааст [2; 266].

Мавлои Рум ин мазмунро ба шакли дигар, яъне ба воситаи ишқ таъбир намуда, мефармояд.

Ҷисми хок аз ишқ бар афлок шуд,

Кӯҳ дар рақс омаду чолок шуд [24; 262].

Ё дар байти зер Хоҷу хомаву табъи шоирии худро ба муъҷизаҳои Мӯсои паёмбар «мор ва яди байзо» ташбеҳ кардааст:

Соҳирон гоҳи мадиҳат хомаву табъи маро,

Шакли суъбону кафи Мӯсои Имрон ёфта [23; 530].

Аммо Носир худро ба Мӯсо ва хомаашро ба мор ташбеҳ кардааст:

Ҳамчун хаёли соҳирон маҳв аст шеъри дигарон,

Ман Мӯсии Имрон шудам, ин хома суъбони ман аст [57; 109].

Хоҷу қалами худро ба Хизр ташбеҳ намуда, мегӯяд:

Килки ман ҳамчун Хизир дар зулмати искандарӣ

Ронда номат бар забону оби ҳайвон ёфта [23; 530].

Аммо, Носир қалами худро як нишонае аз мори Мӯсо медонад:

Килки Носир, ки аз суъбони Мӯсо оятест,

Вақти иншои саноят сеҳргустар кардаанд [57; 109].

Аммо, Камоли Хуҷандӣ бо истифода аз ин достони қуръонӣ ба ҳамаи онҳо ҷавоб додааст, ки:

Каффи Хизиру асои Мӯсо

Шоистаи пою дасти шал нест [144; 624].

Достони шаби меъроҷи Расули Худо яке аз он достонҳоест, ки дар ашъори шоирони ориф ғулғулае барпо намудааст. Шоире нест, ки дар сурудаҳои худ аз достони меъроҷи Паёмбар иқтибос ва ё илҳом нагирифта бошад. Аз ҷумла, шоирони орифи форсигӯ дар сурудаҳои хеш аз ин достон илҳом гирифта, баҳри таъсирбахш намудани сухани хеш ва табаррук ҷустан аз он, бо ҳунари волои шоирона, ин қиссаро дар ашъори хеш бо тарзу гунаҳо ва маънии мухталиф баён намудаанд.

Аз ҷумла, Хоҷуи Кирмонӣ сайри шабонгоҳии Паёмбарро ба ҳузури Ҳақ таолоситуда, чунин баён кардааст:

Дар дили шаб бонги «субҳоналлазӣ асро» зада,

Бар дари қасри «фа авҳо» кӯси «мо авҳо» зада [23; 112].

Хоҷу дар ин ду мисраъ бо ҳунарнамоии хеш аз ояҳои қуръонӣ тазмин оварда, маънии тамоми достонро дар як байт ҷой додааст, ки хонанда бе донистани достони шаби меъроҷ онро дарк карда наметавонад.

Хоҷу бо истифода аз оятҳои қуръонӣ ба сурудаи хеш ҳусни дигаре зам кардааст. Ояти мисраи аввал ишора ба достони шаби меъроҷ буда, нақл мекунад, ки мувофиқи баёни тафсиргарони Қуръон илҳом гирифта, аз шаҳри Макка ба шаҳри Байтулмуқаддас рафтани Паёмбарро баён мекунад ва таркиби «фа авҳо» аз Масҷидулақсо ба осмон уруҷ кардан ва таркиби «мо авҳо» ба ҳузури Ҳақ расидани ҳазрати Муҳаммад (с) аст.

Салмони Совачӣ низ аз ин қиссаи шаби меъроҷ суд ҷуста, бо истифода аз ояти мазкур чунин баён намудааст:

Нидо омад зи султони атодеҳ,

Ки «субҳоналлазӣ асро» би абдиҳ.

Чу тири ғамза дар як «тарфат-ул-айн»

Расид аз хобгаҳ то «қоба қавсайн» [21; 188].

Саноӣ низ бо истифода аз ояти мазкур баён намудааст:

Гуфтсубҳонаш: «аллазӣ асро»,

Шуда з-он ҷо ба масҷиди Ақсо [140; 708].

Инчунин, Носири Бухороӣ низ аз он қисса баҳра ҷуста, ҳазрати Паёмбарро дар он шаб ба султони меъроҷ ёд намуда, мегӯяд:

Дар он шаб, ки султони меъроҷ буд,

Фурӯғи «лаумрук» бар ӯ тоҷ буд [19; 107].

Саноӣ аз қиссаи меъроҷ чунин баён намудааст:

Шуда аз сахра то сӯи рафраф,

«Қоба қавсайн»лутф карда ба каф [140; 596].

Аммо Камоли Хуҷандӣ дар байти зер сиёҳии зулфи ёрро ба «сайри меъроҷ», ки сайри шабонгоҳӣ буд ва абрувони ӯро ба «қоба қавсайн» ташбеҳ намудааст:

Чун сияр аз лайлат-ул-меъроҷизулфат баргузашт,

Дар макони «қоба қавсайн»-ат расонанд абрувонат[144; 499].

Хоҷу дар ҷойи дигар аз шаби меъроҷи ҳазрати Паёмбар илҳом гирифта, мавсуфи худро ақсохирому бодияпаймои олами малакут ва гелифурӯзи оламаи башарӣ ёд кардааст:

Ақсохирому бодияпаймои «лав данавт»,

Гетифурӯзу мамлакаторои «ва-з-зуҳо» [23; 498].

Ба ин маънӣ Салмони Соваҷӣ ишора намуда, менигорад, ки:

Чунин рафт то «сидратулмунтаҳо»,

Ба миле гузар кард бе мунтаҳо [21; 635].

Таркиби «лав данавту» сухани Ҷабраил аст, ки Носири Бухороӣ дар байти дигар мафҳуми ин таркиброро баён намуда, мегӯяд:

Чун магас аз сӯхтан тарсиду н-омад Ҷабраил,

Ту чу парвона ба шамъи васл гаштӣҳамнишин [19; 44].

Салмони Соваҷӣ дар ин маънӣ мегӯяд:

Қадам бар боми ҳафтум осмон зад,

В-аз он ҷо шуд, алам бар ломакон зад [21; 188].

Маълум аст, ки Хоҷу на танҳо ба қиссаҳои қуръонӣ ва достонҳои он ишора мекунад, балки мавридҳое ба назар мерасанд, ки шоир ба мавзӯи васф низ диққат дода, онро дар абёти худ меоварад ва дар ин маврид низ ба

истилоҳоти қуръонӣ ишора мекунад. Дар байти зер дар васфи Расулуллоҳ ибораи «кун факон»-ро истифода намуда, чунин хитоб мекунад:

Ӯ мурғу гулшан ломакон, ӯ ганҷу вайрон «кун факон»,

Ӯ шамъу партав инсу ҷон, ӯ шамсу анҷум анбиё [23; 497].

Орифон дар ин маънӣ Паёмбарро чунин васф кардаанд: Аввал Ҳақ таъоло «кун» гуфт, қалам пайдо гардид, баъди қалам ба ҳукми илоҳӣҳамаи ашё вуҷуд пайдо кард.Қалам иборат аз ақл ва ҳақиқати муҳаммадист [26; 618].

Шамъи шабистони фалак, сарви гулистони малак,

Мардуди роҳаш «қад ҳалак», мақбули роҳаш «қад наҷо» [23; 496].

Дар мисраи аввал сухан аз хулқи муҳаммадӣ меравад, ки аз он ба бузургӣ ёд шудааст, чунон ки Худованд фармудааст: «Эй Муҳаммад, ҳароина мо туро дар беҳтарин сират офаридем [168].

Ҳофизи Шерозӣ низ ба ашъори Хоҷуи Кирмонӣ пайравӣ намуда, дар ин мазмун мефармояд:

Ба ҳусни хулқу вафо кас ба ёри мо нарасад,

Туро дар ин сухан инкори кори мо нарасад [58; 157].

Ё Хоҷу дар ҷойи дигар мефармояд:

Ва-ш-шамс васфи рӯйи ӯ, ва-л-лайл наъти мӯйи ӯ,

В-аз хулқи анбарбӯйи ӯ пурмушки чин ҷайби ҳаво [23; 497].

Шоир дар ин ду мисраъ аз Қуръон суд ҷуста, аз сураҳои «Шамс» ва «Лайл» истифода намудааст. Дар ин байт сухан аз зебоии рӯй ва сиёҳии мӯй ва хушбӯйии он ҳазрат меравад, ки талмеҳ аз сурат ва шамоили Паёмбар мебошад.

Носири Бухороӣ ба ин мазмун мегӯяд:

Мушк аз оҳу бувад, бо бӯят ар лофе занад,

Чин туро дар мушку оҳу мушк месозад ба Чин [56; 141].

Хоҷаи Шероз низ аз хулқу атвор ва ҳусни ҳазрати Паёмбар ёдоварӣ намуда, гулҳои чаманро ба рӯю сарвҳои лаби ҷӯйро бар қомати зебои мавсуфаш нисор мекунад:

Нисори рӯйи ту ҳар барги гул, ки дар чаман аст,

Фидои қадди ту ҳар сарвбун, ки бар лаби ҷӯст [24; 248].

Чунон ки дар боло қайд намудем, тамоми шоирон аз истилоҳоти қуръонӣ истифода намудаанд, аммо Хоҷу дар истифодаи он хеле моҳирона ва тасвироти балеғ дорад ва онро ба кор бурдааст. Масалан, дар мисраи аввали байти зер рӯйи Паёмбарро ба моҳ ва дар мисраи дувум қоматашро ба сарв ташбеҳ намуда, бо истифода аз оятҳои қуръонӣ мегӯяд:

Бар сипеҳри «лӣ маъаллаҳ» оразат моҳи тамом,

Дар риёзи «фастақим» қадди ту сарви ростин [23; 524].

Дар ин байт Хоҷу калимаҳои «лӣ маъаллаҳ» ва «фастақим»-ро истифода намудааст, ки мурод аз «сипеҳри лӣ маъаллаҳ» олами худовандӣ буда ва аз «фастақим» итоат ва фармонбурдории амри Офаридгор мебошад. Хоҷуи Кирмонӣ ин ду истилоҳро бо ҳунари шоирона истифода намуда, мавсуфашро васф карда мегӯяд, ки дар олами Худованд рухсораи ту ба мисли моҳи шаби чаҳордаҳ тобон буда, дар иҷрои амри Офардигор қоматат ба мисли сарв рост мебошад.

Аммо, Носири Бухороӣ таркиби «лӣ маъаллаҳ»-ро дар шакли дигар, чунин баён намудааст:

Дар миёни шаръи Яздон бо саҳоба гуфта роз,

Дар мақоми «лӣ маъаллаҳ» бо Худо буда қарин [19; 141].

Ё дар байти зер низ аз ин таркиб суд ҷустааст:

Рақиб агарчи фариштаст, дарнамегунҷад

Миёни мову ту дар вақти «лӣ маъаллоҳӣ» [19; 399].

Хоҷу бо ҳунари шоирии худ байти зерро бо санъати зуқофиятайн эҷод намуда, калимаи «фастақим»-ро, ки тазмини қуръонӣ мебошад, ба кор бурда, мегӯяд:

З-ӯ кохи бидъат мунҳадим, субҳи рисолат мубтасим,

Шамшодқадди «фастақим», хуршедрӯйи «ва-з-зуҳо» [23; 496].

Дар байти дигар низ устуворӣ ва побандии мавсуфашро ба амри илоҳӣ ситуда, мегӯяд:

Эй бағалтоқи «лаумрук» бар қади қадри ту рост,

Чун ту шамшоде зи боғи «қум фаанзир» барнахост [23; 112].

Шоир на танҳо ба васфи Пайғамбар пайваста таваҷҷуҳ дорад, балки хоксорӣ ва фурӯтании ӯро, ки ҳамеша барои кулли башарият намунаи ибрат аст, ишора намуда, вайро барои ҷаҳониён ойинаи ибрат мешуморад. Чунон ки мушоҳида менамоем, мисраи аввали байти зер аз азамату бузургии Паёмбари ислом башорат дода, дар мисраи дувум аз хоксорӣ ва лутфу меҳрубонии вай баён намуда, бо ҳунармандӣ ва баҳри исбот ва таъсирбахш шудани суханаш, қисмате аз ояҳои қуръониро дар ҷойи муносиб тазмин оварда, мефармояд:

Ҳарфе аз оёти таъзимат «расулун қад халат»,

Лафзе аз унвони тавқират «шафиъ-ул-музнибин» [23; 524].

Ё дар байти зер Хоҷу бо ҳунари суханпардозӣ аз рахти хоб, хона, хӯрок ва хони мавсуфашро васф намуда, мегӯяд:

Кашида рахти «лаумрук» ба хаймаи «лавлок»,

Чашида нузли «фаавҳо» зи хони «мо авҳо» [23; 537].

Хоҷу бо ҳунари волои шоирона дар мисраи якум таркибҳои «лаумрук» ва «лавлок»-ро истифода намудааст, ки Офаридгор ба умру ҳаёти ҳабибаш - Муҳаммад (с) савганд мехӯрад ва ин ишора ба азамату бузургмартабагии Паёмбари ислом мебошад. Яъне, ҳаёти мамдӯҳашро ба рахти хоб ва ҳастии оламро, ки бо туфайли ӯ пойдор аст, ба хайма ва бозхондани Худованд Паёмбарро ба сӯйи худ ба хӯрок ва ҳузур дар боргоҳи Офаридгорро ба хон ташбеҳ кардааст, ки бо туфайли онҳо Расули Худо ин мақоми бузургро сазовор шуд.

Аммо ҳаким Санойӣ дар ситоиши Паёмбар аз дигар оятҳои қуръонӣ иқтибос оварда, мефармояд:

Садри ӯ садри мулки истиғно,

«Қоба қавсайн»-уқалбаш «ав адно» [140; 596].

Хоҷуи Кирмонӣҳангоми васфи мамдӯҳаш - Ҷабраилро, ки яке аз чор фариштаи муқарраби Парвардгор мебошад, магасрони висоқаш ёд карда, бо истифода аз ояти қуръонӣ мегӯяд:

Эй магасрони висоқат шаҳпари Рӯҳуламин,

Нақши тавқеи ҷалолат «раҳматанли-л-оламин» [23; 524].

Салмон низ бо истифода аз ин таркиби қуръонӣ, мегӯяд:

Муҳаммад олими илми яқин аст,

Муҳаммад «раҳаматанли-л-оламин» аст [21; 655].

Дар байти зер Хоҷу дар мисоли барафрохта шудани парчами Паёмбар сухан ронда, онро ситуда, мегӯяд:

Эй алам бар тахтгоҳи олами боло зада,

Навбати субҳи «дано» бар боми «авадно» зада [23; 112].

Салмони Соварҷӣ низ дар ин маънӣ бо истифода аз таркиби «ав адно» мегӯяд:

Тоқи меҳроби ту рашки «қоба қавсайн» омада,

Нури моҳи қуббаат то қурби «ав адно» шуда [21; 544].

Носири Бухорой ин маъниро бо андак тағйири лафзӣ чунин баён намудааст:

Эй ливои меҳтарӣ бар ломакон афрохта,

Ғулғули «лавлок» бар ҳафт осмон андохта [57; 97].

Салмони Соваҷӣ ин маъниро дар шакли дигар мегӯяд:

Қадам бар боми ҳафтум осмон зад,

В-аз он он ҷо шуд, алам бар «ломакон» зад [21; 141].

Хоҷу дар байти зер аз ояти қуръонӣ иқтибос овардааст:

Гавҳари шаҳвори баҳрат ҳеч медонӣ, ки чист,

Мадҳи султони ҷаҳон «валлоҳу аълам би-с-савоб» [23; 6].

Салмони Соваҷӣ низ дар мадҳи яке аз султонони даври хеш бо андак тағйири лафзӣ чунин баён намудааст:

Дар амони теғи ҳукмат хиттаи Эронзамин

Бод то хат хиттаи «валлоҳу аълам би-с-савоб» [21; 147].

Камоли Хуҷандӣ низ бо иқтибос аз ин таркиби қуръонӣ мефармояд:

Қиссаи парвона фардо боз пурсанд аз чароғ,

Гуфт: «Не, эй равшанӣ, «валлоҳу аълам би-с-савоб» [144; 191].

Салмон низ бо иқтибос аз ин оят мегӯяд:

Дар ҷаҳон расми қадим аст аз бузургон марҳамат,

В-аз фурӯдастон хато, «валлоҳу аълам би-с-савоб»[21; 147].

Хоҷу дар ҷойи дигар лутфу раҳмати Офаридгорашро ситуда, мефармояд:

Хоҷу гар илтимос аз ин дар кунад, равост,

Аз подшаҳ иҷобату ваз бандагон суол [23; 327].

Дар мисраи дувуми байти мазкур шоир бо ҳунари суханварӣ тарҷумаи ояти 186-уми сураи «Бақара»-ро баён намудааст, ки Худованд мефармояд: «Ва чун истифсор кунанд туро бандагони ман аз ҳоли ман, пас,ҳар оина ман наздикам, қабул мекунам дуои дуокунандаро, вақте ки дуо кунад маро, пас, бояд ки фармонбардории ман кунад ва бояд ки бигараванд бар ман то бошад, ки роҳ ёбанд»[25; 41].

Аммо, Салмон ин маъниро дар мазмуни дигар бо ниёиши забони арабӣ баён намудааст:

Ба бӯи раҳмату ғуфрон ба даргаҳ омадаам,

Гуноҳкору хиҷил «фағфирлано, ё Раб, фарҳамно» [21; 125].

Ҷалолиддини Румӣ низ дар дар ин мазмун фармудааст:

Гар равад андар адам ё сад адам,

Чун бихониш,ӯ кунад аз сар қадам [62; 218].

Ё дар байти зер Хоҷу дар мадҳи яке аз султонони замонаш бо овардани қисмате аз ояти қуръонӣ мегӯяд:

З-орзуи хокбӯсаш вирди чарх

Доиман «ё лайтанӣ кунту туроб» [23; 34].

Салмони Соваҷӣ низ дар мадҳи яке аз салотин ин маъниро чунин корбурд намудааст:

Соқии базмат агар бар хок резад ҷуръае,

Заҳр гӯяд бо фалак: «ё лайтанӣ кунту туроб» [21; 147].

Яъне, эй кош, ман хок мешудаму он ҷуръа насиби ман мегашт.

Ё дар байти зер Хоҷу дар мадҳи Алӣ бо истифода аз таркиби «ло фато» ва «ҳал ато» чунин мегӯяд:

Он дастабанди лолаи бӯстони «ҳал ато»,

В-он қалъагири арсаи майдони «ло фато» [23; 114].

Ҳаким Саноӣ бо истифода аз ин талмеҳи динӣ мегӯяд:

Саййиду сарфарози оли або

Ёфт ташрифи сураи «ҳал ато»[140; 471].

Носири Бухороӣ дар мадҳи он ҳазрат бо пайравӣ аз ин байт мегӯяд:

Дурҷи дари «ло фато», бурҷи маҳи «ҳал ато»,

Ҳисни ҳасини футур, дори имоми фитан [19; 102].

Салмони Соваҷӣ низ аз ин бебаҳра намонда, ин ду таркибро дар қофияи ду мисраъ чунин баён намудааст:

Офтоби кибриё, дарёи дурри «ло фато»,

Фахри Оли Мустафо, махсуси насси «ҳал ато» [21; 544].

Салмони Соварҷӣ ин маъниро дар дигар мазмун корбурд намудааст:

Баёзи дидаи наргис нигар, «таъолаллоҳ»,

Ки хира гашт дар ӯ дидаи «улу-л-абсор» [21; 227].

Маломатия яке аз равияҳои тасаввуф буда, иборат аз гумномию бадномӣ назди мардум ё беэътиноӣ ба назари онҳо мебошад ва аҳли он ба ин васила аз шуҳрату зоҳирпарастӣ худдорӣ мекунанд [56; 131]. Аммо Хоҷуи Кирмонӣ дар қабули маломат такя бар Қуръон дорад ва барои расидан ба матлаб дар сайру сулуки хеш бархе шеваи аҳли маломатро қабул кардааст. Дар девони шоир ғазалу абёти фаровоне метавон дарёфт, ки усулу андешаҳои маломатӣ зиёд ба назар мерасад. Аз ҷумла, байти зер баёнгари андешаҳои маломатии Хоҷу буда, шоир бо ҳунари суханварӣ бо овардани далил аз оятҳои Қуръон маломатгаронро бим медиҳад, ки:

Масти ишқем, айби мо макунед,

«Фаттақуллоҳа ё улу-л-албоб» [23; 332].

Носири Бухороӣ дар ин маънӣ мегӯяд:

Айби риндон натавон кард, ки дар мазҳаби ишқ

Шоҳид аз мустаҳабу бода зи суннат бошад [57; 101].

Аммо Хоҷу ин мазмунро дар шакли дигар чунин баён намудааст:

Айби Хоҷу натавон кард, ки дар маҷлиси мо

Сӯфиён низ чу риндон ҳама дурдинӯшанд [23; 576].

Хоҷу дар байти дигар бо истифода аз вожаи «байтулҳаром» мегӯяд:

Иззати дайри муғон аз сокини масҷид маҷӯй,

Кофири маккӣ чӣ донад ҳурмати Байтулҳаром [23; 407].

Хулоса, чун ба эҷодиёти шоирон назар андозем, баҳси шоирон роҷеъ ба мавзӯъҳои гуногуни илмӣ бепоён боқӣ мемонад. Вале сувари хаёл ва маъниофаринии Хоҷуи Кирмонӣ ниҳоят баланд ва арзишманд буда, шоир бо як маҳорати баланди шоирӣ тавонистааст, пеш аз ҳама, мақому манзилати каломи Худовандро нишон дода, ҳар як сухан ва фикру мулоҳизаи хешро бо он исбот намудааст.

Илова бар ин, Хоҷу тавонистааст, дар як байт ҳам аз ояти қуръонӣ ва ҳам аз ҳадисҳои набавӣ иқтибос оварад, ки ин тарзи истифода дар ашъори дигар шоирони ориф кам ба назар мерасад.

## 3.2.ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕЙ ВА МУШХАССОТИ ҲУНАРИ ХОҶУ ДАР КОРБУРДИНИКОТ ВА МАЗМУНҲОИ ҲАДИСҲОИ НАБАВӢ

Дар ин фасл тарзи сухани шоир дар корбурди никот ва мазомини ҳадисҳои пайғамбар мавриди таҳқиққарор гирифтааст. Дар ин боб дар баробари ғазалҳои форсӣ ашъори арабии шоир низ таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Аз ҷумла, таъкид шуда, ки баъд аз Қуръони маҷидаҳодиси набавӣ дувумин сарчашмаи фикрию фарҳангии Хоҷу ба шумор меравад. Симои Расули акрам дар тасвири шоири ориф на танҳо ба сифати пешвои рӯҳонии мусулмонон, балки ба унвони пиру раҳнамо ва инсони комил дар тариқати ишқ низ ба қалам омадааст. Аз ин рӯ, Хоҷу аз ҳадисҳои Пайғамбар суд ҷуставу дар наъту ситоиши он ҳазрат ашъори ғарро сурудааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар ғазалиёти шоир абётеба назар мерасанд, ки дар мисраи аввал агар калимоти қуръонӣ ба кор рафта бошанд, дар мисраи дувум ба таркибот ва ё мазомини аҳодиси набавӣ ишора шудаааст, ки ин тарзи истифода бартарии Хоҷуро дар таъсирпазирӣ аз ояҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ ба дигар шоирон нишон медиҳад.Масалан, дар байти зер:

Бар сипеҳри «лӣ маъаллаҳ» оразат моҳи тамом,

Дар риёзи «фастақим» қадди ту сарви ростин [23; 524].

Дар мисраи аввал ибораи «лӣ маъаллаҳ» иқтибос аз ҳадиси набавӣ мебошад, ки Расули Худо фармудаанд: « لی مع الله وقت لا یسعنی فیه ملک مقرّب ولا نبیّ مُرسل»,яъне, маро бо Худо вақтест, ки дар он ҳеч паёмбари мурсал ё фариштаи муқаррабе бо ман набошад ва нагунҷад [93; 62].

Хоҷу дар ин байт аз мазмуни ҳадиси набавӣ, ки аз Ҷубайр ривоят аст, ки Абӯтуфайл гуфт: *«Расули Худоро дидаам ва бар рӯи замин ҳеч мардеро ба монанди эшон надидаам». Ровӣ гуфт: «Эшонро чӣ гуна дидаӣ?». Гуфт: «Сурати дилпазир ва миёнаандом дошт»*[10; 87].

Хоҷу натанҳо дар ситоиши Паёмбар ва ё дигар бузургони дин аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ иқтибос меорад, балки дар дигар ҳолатҳо низ баҳри исботи суханаш аз ин манбаъ иқтибос овардааст.

Масалан, дар байти зер худро ситуда мегӯяд:

Сити Хоҷу бод ҳамчун номи ӯ офоқгир,

З-он ки дар қалби сухан чун сайф шуд «ратб-ул-лисон»[23; 524].

Дар ин байт шоир ибораи «ратб-ул-лисон»-ро аз ҳадиси набавӣ иқтибос овардааст, ки шарҳи он дар боло баён гардид. Яъне, чунон ки забон аз зикри Худо тар мешавад, овозаи ман низ вирди забонҳо гардад.

Хоҷуи Кирмонӣ дар ситоиши ҳазрати Паёмбар аз ҳадисе, ки Имом Тирмизӣ азАбӯҳурайра ривоят мекунад, дар байти зер истифода намудааст, ки шарҳи он дар боло баён гардид.

Тоқи айвони нубувватро зи фарти кибриё

Бурда бар кайвону Одам дар миёни «моу тин» [23; 524].

Камоли Хуҷандӣ низ дар ситоиши ҳазрати Паёмбар аз мазмуни ин ҳадиси набавӣ истифода намудааст:

Маро вақте дар он кӯ по ба гил рафт,

Ки Одам буд байни «моу тин» [144; 337].

Ё дар байти зер Хоҷу бо истифода аз санъати сифатчинӣ Расули Худоро ситоиш намуда, ҳар як сифати ӯро бо иқтибос аз ҳадисҳои набавӣ баён намудааст, ки он ҳусни дигаре ба мазмуни байти Хоҷу зам намудааст:

Саййиди аввалин русул, мурсали охирин замон,

Соҳиби ҳафтумин Қурон, хоҷаи ҳаштумин саро [23; 2].

Ин байт баргирифта аз мазмунҳои ҳадисҳои набавӣ мебошад. Аз ҷумла, ҳадисе, ки Дорумӣ аз Ҷобир ривоят мекунад, ки гуфт Паёмбари Худо: *«Ман пешвои расулонам, бо он фахр намекунам ва хотами паёмбаронам, бо он фахр намекунам»* [10; 445],инчунин,ҳадисе, ки Абӯҳурайра аз ҳазрати Паёмбар ривоят намудааст, ки шарҳи он дар боло баён гардидааст, мебошад.

Аммо Носири Бухороӣ бо истифода аз ҳадисҳои набавие, ки Хоҷу дар байти хеш ба корбурдааст, мазмуни байти ӯро дар ду байт баён менамояд:

Содиқи аъзам Муҳаммад, соҳиби теғу китоб,

Сарвари аҳли ҳудо, сархайли асҳоби ямин.

Аҳмади мурсал Абулқосим, ки Ризвон дар биҳишт

Мекунад аз хоки поят тӯтиёиҳуру ин[19; 124].

Ҳар ду шоир хонандаро ба як мақсад ва маънӣ ишорат мекунанд, аммо, Хоҷуи Кирмонӣ бо ҳунари суханварӣ мақсадро дар як байт баён намудааст.

Гаҳе Хоҷу бо ҳунари суханварии хеш дар як байт беш аз як оят ё ҳадис ва ё аз ҳарду кор бурдааст, ки байти зер баёнгари он мебошад:

Кашида рахти «лаумрук» ба хаймаи «лавлок»,

Чашида нузли «фаавҳо» зи хони «мо авҳо» [23; 537].

Шоир дар мисраи аввал аз ду ҳадиси набавӣ ва дар мисраи баъдӣ аз ду ояти қуръонӣ иқтибос овардааст, ки шарҳи онҳо дар боло зикр гардидааст. Ҳол он ки дар дигар шоирон ин навъи истифода ва таъсирпазирӣ кам ба назар намерасанд. Масалан, Носири Бухороӣ низ дар пайравӣ аз ҳадисҳои набавӣ дар ситоиши ҳазрати Паёмбар вожаи «лавлок» истифода намудааст:

Ҳазор офарин садри «лавлок»-ро,

Ки Ҳақ баҳри ӯ офарид афлокро [19; 410].

Мурод аз садри «лавлок» ҳазрати Паёмбар буда, баргирифтааз ҳадиси қудсист, ки Офаридгор дар ситоиши ҳазрати Муҳаммад фармудааст: *«Эй Муҳамммад, агар туро намеофаридем, афлокро намеофаридем»*.

Амммо, Салмони Совачӣ мавсуфи худро бо шаҳаншоҳи мулки лавлок ситуда, мегӯяд:

Шаҳаншоҳи сарири мулки «лавлок»,

Савори арсаи майдони афлок [21; 655].

Носири Бухороӣ ин маъниро бо андак тағйири лафзӣ чунин баён намудааст:

Эй ливои меҳтарӣ бар ломакон афрохта,

Ғулғули «лавлок» бар ҳафт осмон андохта [57; 97].

Чашмони зебои ҳазрати Муҳаммад шӯре дар вуҷуди шоирони ориф адохтааст. Тамоми шоирони ориф дар сурудаҳои хеш аз чашмони зебои Паёмбар ташбеҳ овардаанд.

Аз ҷумла, Имом Тирмизӣ аз Ҷобир ибни Самура чунин ривоят мекунад: *«Ҳазрати Паёмбар ханда намекарданд, балки табассум мекарданд, ҳаргоҳ, ки*

*ба ӯ менигаристам, гумон мекардам, ки дар чашмонаш сурма кашидааст, аммо сурма набуд»*[10; 474].

Хоҷуи Кирмонӣ низ бо ҳунари суханофариинияш ба зебоии зоҳирии Пайғамбар ишора намуда, чашмони ӯро ба наргиси сиёҳ ташбеҳ намудааст:

Наргиси макҳулат аз бӯстони «мо зоғ-ал-басар»

В-аз ақиқат дурҷи «лоаҳсо» санои пургуҳар[23; 112].

Ибораи «наргиси макҳул», яъне чашмони сурмаосо ташбеҳаз чашмони Паёмбар ва мурод аз боғи «мо зоғ-ал-басар» хилқати Худовандӣ аст. Дар қисмати аввали мисраи якум ишора ба мазмуни ҳадиси набавие, ки Имом Тирмизӣ дар васфи чашмони Паёмбар аз Ҷобир ибни Самура ривоят кардааст ва қисмати дувуми мисраи мазкур иқтибоси ояти қуръонӣ мебошад, ки шарҳи он ду дар байтҳои боло баён гардидааст.

Дар мисраи дувум шоир дандонҳои мавсуфашро ба «ақиқ» ташбеҳ намудааст, ки он ишора ба ҳадисе, ки Дорумӣ аз Ибни Аббос ривоят мекунад, ки гуфт: *«Сӯрохи байни дандонҳои Паёмбар (с) васеъ буданд, чун ҳар гоҳе ки сухан мегуфт, рӯшноие медидӣ ба мисли нур, ки аз байни дандонҳояш мебаромад»*[10; 475].

Чунон ки дар боло ҳунари истифодаи шоир аз Қуръон ва аҳодиси набавиро зикр намудем, Хоҷу дар мисраи аввали байти мазкур ҳам аз мазмуни ҳадиси набавӣ ва ҳам аз ояти қуръонӣ иқтибос овардааст ва дар мисраи дувум низ аз ҳадиси набавӣ иқтибос кардааст, ки ин навъи корбарӣ дар дигар шоирон кам ба назар мерасад.

Масалан, Носири Бухороӣ низ чашмони Паёмбарро ситуда, дар мисраи дувум ояти мазкурро иқтибос овардааст:

Куҷо назар суйи зоғошёни даҳр бувад,

Туро, ки сурмаи «мо зоғ-ал-басар» бошад [57; 102].

Хоҷу дар ситоиши чашмони мавсуфи хеш ва исботи суханаш аз он оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ иқтибос овардааст, ки дар он сухан аз васфи чашмони Паёмбар меравад, мавриди истифода қарор додааст:

Чун чашмат, эй «хайр-ул-башар», дар боғи «мо зоғ-ал-басар»

Наргис набошад хушназар, бодом набвад дилкушо [23; 497].

Сифати дигари Паёмбар, ки «шафоаткунанда» мебошад, дар ашъори шоирони классикии тоҷику форс, бахусус, шоирони ориф бештар ба назар мерасад. Хоҷу, ки худ шоири ориф буда, сарсупурдаи роҳи дини Муҳаммад (с) мебошад, дар ин маънӣ мегӯяд:

Ҳарфе аз оёти таъзимат «расулун қад халат»,

Лафзе аз унвони тавқират «шафиъ-ул-музнибин» [23; 524].

Хоҷу баҳри исботи сухани хеш дар мисраи аввал аз ояти қуръонӣ ва дар мисраи дувум аз ҳадиси набавие, ки аз Анас ибни Молик нақл аст, ки Расули Худо фармуд: *«Нахустин касе, ки дар биҳишт шафоат мекунад, ман ҳастам ва ман дар миёни паёмбарон дорои бештарин пайравон ҳастам»* [12; 253],

Хоҷу, ки Паёмбарро шофии умматон медонист, дар байти зер аз аҳволи умматон шиква намуда, мегӯяд:

Сар барор аз марқаду мастони ғафлатро нигар,

Дида бикшою гунаҳкорони умматро бибин [23; 112].

Аммо Носири Бухороӣ байти Хоҷуро бо андак тағйири лафзӣ дар дигар шакл баён намудааст:

Ё Ҳабибаллаҳ, зи хоби мағфират бардор сар,

Наргиси раъно кушову ҳоли муштоқон бибин 19; 5].

Хоҷу бо Носири Бухорӣ як маъниро ифода мекунанд, аммо дар байтҳои онҳо тазод мавҷуд аст. Хоҷу хитоб мекунад, ки гунаҳкорони умматашро бибинад, аммо Носир баракс ба ҷои умматони гунаҳкор муштоқони Паёмбарро баён доштааст.

Хоҷу аз аҳодиси набавӣ, ки оид ба шафоати Расули Худо дар рӯзи қиёмат аз умматони худ суд ҷуста, бо ҳунари волои шоирона аз мазмуни ҳадиси набавӣ истифода намуда, мефармояд:

Гар ҷурми мо чу раҳмату фазли ту беҳад аст,

Охир, шафеи мо на ба маҳшар Муҳаммад аст !? [23; 113]

Шоир дар ин байт аз мазмуни ҳадисҳои набавӣ суд ҷустааст, аз ҷумла, аз ҳадисе, ки Абӯҳурайра ривоят намудааст, истифода бурдааст, ки онро дар боло зикр намудем.

Ё дар байти зер Хоҷу худро ва дар парда ҳамаро ба итоат ва фармонбардорӣ аз амри Паёмбар намуда, мегӯяд:

Хоҷу гадои даргаҳи ӯ шав, ки Ҷабраил

Шуд бо камоли мартаба мавлои Мустафо [23; 549].

Носири Бухороӣ низ дар ин маънӣ мегӯяд:

Ҷуз гадои остонат нест Носир, з-он ки ҳаст

Остонатро калиди давлат андар остин [19; 30].

Камоли Хуҷандӣ низ бо истифода аз сифатҳои ҳамидаи ҳазрати Паёмбар шунаванда ва хонандаро ҳушдор медиҳад, ки:

Мард то рӯй наёрад зи ду олам ба Худой,

Мустафовор гузини ҳама олам нашавад [144; 625].

Хоҷу бо истифода аз мазмуни ҳадисҳои набавӣ, ки дар сифати хулафои рошидин - чаҳор ёри ҳазрати Паёмбар баён гардидааст, дар ситоиши онҳо истифоданамудаст:

Ба мақдаму қадами Сидқ ёри ғори набӣ,

Ба адли муҳтасиби дини Аҳмади мухтор,

Ба оби абри ҳаёбори чашми Зиннурайн,

Ба тоби теғи ҷаҳонсӯзи Ҳайдари Каррор [23; 46].

Аммо Носири Бухороӣ бо истифода аз санъати сифатчинӣ сифатҳои онҳоро барои мамдӯҳи худ чун ташбеҳ истифода намудааст:

Ба сидқҳамчу Абӯбакру дар ҳаё Усмон,

Ба илм ҳамчу Алию ба адл ҳамчу Умар [57; 100].

Ҳарду шоир аз мазмуни ҳадисҳои набавие, ки дар шаъни ёрони Паёмбар гуфта шудааст, ки шарҳи онҳо дар боло баён гардидаанд, истифода намудаанд, аммо фарқи байти Хоҷу аз Носир дар он аст, ки Хоҷу аз онҳо ҳамчун васила истифода намудааст ва Носир ҳамчунташбеҳ ба кор бурдааст.

Хоҷу дар байти зер аз қиссаи Увайси Қаранӣ ташбеҳ овардааст

Солики дилёфта накҳати Рӯҳуламин,

Чун Набии Ясрибӣ бӯи Увайси Қаран [23; 90].

Мурод аз «солик» Хоҷуст, гарчи ҷамоли набии ясрибиро надидааст, бӯйи хуши он ба мисли Увайси Қаранӣ ба машоми вай низ расида, шӯру шавқ ва муҳаббати ӯро дар дили шоир шуълавар гардонидааст.

Шоир дар ин байт аз ҳадиси Паёмбар талмеҳ овардааст, ки зикри он дар боло қайд гардидааст.

Носири Бухороӣ низ аз ҳадисҳои набавӣ суд ҷуста, мегӯяд:

Гул ба рисолат расид, ҷомаи худро дарид,

К-омадаш аз боди субҳ бӯи Увайси Қаран [19; 112].

Ҳангоми истифодаи никоти муҳимми тарбиявӣ ва ахлоқиии ҳадисҳои паёмбар низ Хоҷу тарзи сухани хосси худро дорад, ки аз ашъори дигарон то андозае фарқ дорад. Муҳимтарин хусусияти он ҳамано пурмаъноӣ ва мӯҷазии тарзи баён аст. Инчунин, дар байти зер қомати Паёмбарро ситуда, бо иқтибос аз оятҳои қуръонӣ аз мазмуни ҳадисҳои набавӣ низ баҳра ҷустааст:

Эй бағалтоқи «лаумрук» бар қади қадри ту рост,

Чун ту шамшоде зи боғи «қум фаанзир» барнахост [23; 112].

Вожаҳои «лаумрук» ва «қум фаанзир» аз вожаҳои қуръонӣ буда, шарҳи он дар боло зикр гардидааст. Инчунин, дар байти мазкур аз мазмунҳои ҳадисҳои набавӣ, ки доир ба васфи шамоил ва қомати Паёмбар ривоят шудаанд, истифода намудааст, ки дар боло баён намудем.

Хоҷуи Кирмонӣаз муъҷизаҳои Паёмбари ислом бохабар буд. Ин буд, ки дар байти зер баён мекунад, ки муъҷизаи Мӯсо ва каромату саховатмандии Иброҳим қатрае аз муъҷизаҳои Муҳаммад мебошад.

Зи нури муъҷизи ӯ иқтибос карда Калим,

Зи хони даъвати ӯ чошт хӯрда Иброҳим [23; 538].

Шоир дар мисраи дувуми байти мазкур аз саховатмандӣ ва бахшандагии Паёмбар ёд кардааст, ки он ишора ба ҳадиси набавие, ки аз Ибни Аббос ривоят аст, ки гуфт: *«Паёмбар саховатмандтарини мардум дар кори хайр буд ва дар моҳи рамазон аз ҳама бахшандатар буд. Саховатмандии эшон дар хайр аз боди*

*вазон афзунтар буд»*[4; 52].Ё аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ нақл аст, ки гуфт: *«Ҳеч вақте аз Паёмбар чизе хоста нашудааст, ки ӯ «на» гуфта бошад»*[4; 54]. Дигаре аз муъҷизаҳои Паёмбар муҳри нубувват мебошад. Аз Самок ривоят аст, ки Ҷобир ибни Самра гуфт: *«Муҳри нубувватро бар пушти Расули Худо дидаам, гӯё тухми кабӯтар бошад»*[4; 77].

Хоҷу дар байти зер аз қиссаи ҳиҷрати Паёмбар ҳамроҳи Абӯбакр ва пинҳон шудани онҳо дар ғор талмеҳ овардааст:

Он рӯз, ки кӯси «сонӣ иснайн» заданд,

Доданд мисол «из ҳумо фи-л-ғор»-аш [23; 522].

Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят аст, ки гуфт: *«Паёмбари Худо фармуд: Агар дӯстеро интихоб мекардам, Абӯбакрро ба унвонии дӯсти худ бармегузидам, аммо бародарӣ ва ҳамсуҳбатии ман кофист, Худованд ёри шуморо дӯсти худ гирифт»*[4; 121].

Ё дар байти зер, ки дар ситоиши Паёмбари акрам мебошад, фармудааст:

Дили ту «арши маҷид» асту оламин зарра,

Кафи ту «баҳри муҳит» асту «хофиқин» шабнам [23;79].

Дар ин байт Хоҷу саховатпешагӣ ва каромату бахшоиши Паёмбарро ситуда, аз мазмуни ҳадисҳои набавӣ истифода намудааст. Аз ҷумла, аз Анас ривоят аст, ки гуфт: *«Марде аз Паёмбари Худо гӯсфандони зиёдеро талаб кард. Паёмбар онро ба ӯ дод. Он мард назди қабилаи хеш рафт ва гуфт: Эй қавми ман, ислом биёвcovered, ба Худо савганд, Муҳаммад ба гунае мебахшад, ки аз фақр намеҳаросад»* [4; 55].

Хулоса, Хоҷуи Кирмонӣ аз шуарои номдори адабиёти форсии тоҷикӣ буда, дар ташаккулиин адабиёт, алалхусус, ғазалиорифонаион саҳми басазо дорад. Муҳимтарин масъалае, ки дар эҷодиёти Хоҷу, алалхусус, дар ғазалиёти ӯ ба назар мерасад, ҳамоно баҳрабардорӣ аз оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ мебошад. Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ ду сарчашмаи муҳимми эҷодиёти Хоҷуи Кирмониянд. Қуръон ва ҳадисҳои пайғамбари барҳаққама умр чароғи раҳнамои ӯ чи дар сайри сулук ва чи дар зиндагии муқаррарӣ будааст. Аммо он чизе, ки пайванди ногусастании Хоҷуро бо Қуръон нишон медиҳад, ҳамоно таъсири ин

китоби муқаддас дар муҳтаво ва сурату сохтори шеъри ӯст. Хоҷу дар чандин байти ғазалҳояш мазмунҳои оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавиро ҷо карда ва гоҳе калимоту ибороти ин китоби осмониро айнан ба кор мебарад ва ҳамчунин, талмеҳоти зиёде аз пайғамбарон карда, ки сифоташон дар Қуръони маҷид зикр гардидааст.

Қуръон ва ҳадис муҳимтарин сарчашмаҳое мебошанд, ки аксари суханварони ориф аз ин ду чашма баҳра бурдаанд. Вале сувари хаёл ва маъниофаринии Хоҷуи Кирмонӣ ниҳоят баланд ва арзишманд буда, шоир бо як маҳорати баланди шоирона тавонистааст, пеш аз ҳама, мақоми баланди каломи Худовандро нишон диҳад.

Хоҷу дар ашъори худ никоти қуръонӣ ва аҳодиси набавиро бо роҳҳо ва тарзҳои гуногун баён намуда, дар ғазалиёти худ гоҳе ба таври фишурда онҳоро шарҳу тафсир намуда, ки хонандаи огоҳ аз ишораҳои ӯ ба мақсади шоир пай мебарад.

Корбурди калимот ва таркиботи қуръонӣ дар ашъори аксари шоирони форсу тоҷик дида мешавад, аммо дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ нисбат ба шоирони дигар бештар ва возеҳтару мӯҷаз ба кор рафта, ки пеш аз ҳама, хусусиятҳои бадеӣ ва мушаххасоти ҳунари Хоҷуро дар истифода аз никоти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ нишон медиҳад.

Хоҷуи Кирмонӣ шоири баланпоя ва соҳибсабкест муҳимтарин сарчашмаи ашъори ӯҚуръон ва аҳодиси набавӣ мебошад. Таъсирпазирӣ аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ дар тамоми анвои адабии девони шоир мушоҳида мешавад, аммо дар ғазалиёти ӯ мақоми хос касб кардааст. Дар баҳрабардорӣ аз Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ, пеш аз ҳама, ҳунари шоир назаррас аст. Хоҷу бозгӯкунандаи мазмунҳоиқуръонӣ ва ё ҳадисҳои набавӣ нест, балкиин ду сарчашмаи бузург барои шоир воситаи баёни андеша мебошанд. Шоир тавонистааст бо истифода аз калимоту таркибот ва мазомини қуръонию аҳодиси набавӣ андешаҳои ирфонӣ ва ғояҳои инсондӯстияшро иброз намояд.

Илова бар ин, дар байни ғазалҳои Хоҷуи Кирмонӣ боз мисраъ ва байтҳое ба чашм мерасанд, ки комилан ба забони арабӣ суруда шуда, шоир дар эҷоди

онҳо бо ҳунари волои забоншиносӣ ва услуби хос фасоҳату балоғати забони арабиро риоя намуда, мазмуни оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавиро устодона ба кор бурдааст. Хоҷу саъй намудааст, ки бо камтарин сухан маънии бештарро баён намояд.

Дар ин замина лозим донистем, ки самтҳои гуногуни ишораҳои шоирро ба Қуръон бо чанд нукта иброз намоем:

а) Корбурди никоти қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ назаррас буда, шоир дар ашъори пурарзиши худ ба нуктаҳои муҳим дар масоили гуногун ишораҳо менамояд, ки ниҳоят ҷолиб ва қобили таъкид аст. Дар ин мавридд, пеш аз ҳама, ҳунари шоир дар мақоми аввал аст, ки бо нуктаҳои гуногуни қуръонӣ андешаҳои худро баён сохтааст.

б) Истифодаи талмеҳот аз образҳои қуръонӣ дар ашъори шоир ҷойгоҳи махсус дошта, Хоҷу бо ба миён гузоштани баҳсҳои гуногун аз қиссаву достонҳои гуногуни қуръонӣ истифода кардааст. Манзури шоир, пеш аз ҳама, тасдиқи сухан худ бо фармудаҳои қуръонӣ буда, дар ибрози талмеҳоти қуръонӣ андешаҳои худро бо исбот иброз менамояд.

в) Корбурди калимот ва таркиботи қуръонӣ, ки дар ашъори тамоми шоирони форсу тоҷик бармало дида мешавад, дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ нисбат ба шоирони дигар возеҳтар ва оммафаҳмтар баён гардидааст, ки пеш аз ҳама, хусусиятҳои бадеӣ ва мушаххасоти ҳунари ин суханвари бузургро дар корбурди никоти қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ нишон медиҳад.

Хоҷу бо забардастӣ ва маҳорати тамом, вожа ва оятҳои қуръониро дар абёт ва ашъори хешба кор гирифтааст ва иртиботе миёни Қуръон ва ғазали худ ба вуҷуд овардааст. Ин ҳал, дарҷ ва иқтибоси қуръонӣ бар эҷоди ӯ гӯшнавозии ашъори ӯро дучанд намуда, хонанда ва шунавандаро водор мекунад, ки то дар маънии он диққат диҳад.

# ХУЛОСА

Натиҷаи ин баҳс он аст, ки шоирон ва орифони адабиёти классикии тоҷику форс аз садаҳои аввали зуҳури дини ислом баҚуръон ва аҳодиси набавӣ таваҷҷуҳи хосса дошта, барои баёни мақсад ва андешаҳои хеш аз онҳо бо шеваҳои гуногун истифода намудаанд.

Яке аз чунин шоирони баландпоя, муқтадир ва ғазалсарои адабиёти форсу тоҷик Камолиддин Абулато Маҳмуд ибни Алӣ ибни Муҳаммади Кирмонӣ машҳур ба Хоҷуи Кирмонӣ (1281 – 1352)мебошад. Айёми тифлӣ ва наврасии ӯ дар Кирмон гузашта, сипас, ба Шероз, Исфаҳон, Ҳиҷоз, Табрез, Хуросон, Бағдод, Миср ва Шом сафар карда, ҳолу аҳвол ва ҳаёти иҷтимоии мардумро ба чашми худ мушоҳида намудааст.

Хоҷу дар замоне умр ба сар бурд, ки забони арабӣ, Қуръону аҳкоми он, аҳодиси набавӣ дар тамоми ҷанбаҳои рӯзгори мусулмонон, аз ҷумла, дар шеъру адаби онон низ таъсири беандоза дошт. Сувари хаёл ва маъниофаринии Хоҷуи Кирмонӣ ниҳоят баланд ва арзишманд буда, шоир бо маҳорати баланди шоирӣ тавонистааст, пеш аз ҳама, мавқеияти каломи Худовандро нишон диҳад, ки чӣгуна баланд аст ва ҳар як сухан ва ақидаи худро бо он исбот намудааст. Лозим ба ёдоварист, ки Хоҷу дар ашъори худ Қуръонро бо тарз ва шеваҳои гуногун баён сохтааст ва дар шеъри худ онро таҳлил намудааст.

Бо баррасии ғазалиёти девони Хоҷуи Кирмонӣ метавон натиҷа гирифт, ки Хоҷу тамоюли зиёде ба корбурди мафҳумҳои Қуръону аҳодиси набавӣ ва талмеҳоти динӣ дар ғазалиёти худ дорад. Масалан, бештар байтҳои оғозини маснавиҳои Хоҷу баргирифташуда аз оятҳои қуръонӣ ва вожаҳои ҳадисҳои набавӣ мебошанд.

Таҳқиқот нишон дод, ки аз байни тарзҳои гуногуни таъсирпазирии шоир аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ, таъсирпазирии вожагон дар ин самт бештар ба назар мерасад. Шоир такроран вожаҳои қуръониро дар ғазалҳои худ мавриди истифода қарор додааст, ки он ба ғазалҳои шоир ҳусни дигаре зам намудааст. Масалан, бо корбурди вожаҳое, чун «дано, «ав адно», «қоба қавсайн», «кироман котибин», «салсабил», «аласт», «Кавсар», истифодаи номи сураҳои Қуръон, чун

«фотиҳа», «Ёсин», «Тоҳо», «фатҳ», «ва-л-лайл», «ва-з-зуҳо» зеҳни хонандаро ба сӯи мафҳумҳои қуръонӣ ё ҳадисҳои набавӣ ва ё достонҳои динӣ водор менамояд. Ин пайванди ногусастании Хоҷуро бо Қуръон нишон медиҳад, ҳамоно таъсири ин китоби осмонӣ дар муҳтаво ва сохтору созмони дохилиишеъри ӯст [1.М].

Инчунин, Хоҷуи Кирмонӣ дар бештар ғазалҳои хеш талмеҳоти фаровоне андар достонҳои паёмбарон, ки зикрашон дар Қуръон баён гардидааст, мисли достонҳои «тӯфони Нӯҳ»,»роз гуфтани Мӯсо бо Худованд», «мулки Сулаймон» ва дигаронро мавриди истифода қарор додааст, ки беҳтарини онҳо достони моҷарои шаби меъроҷи Муҳаммад паёмбар (с) мебошад [5.М].

Дигаре аз мушаххасоти ҳунари корбурд ва таъсирпазирии Хоҷу аз ин ду манбаъ дар он мебошад, ки дар бархе маврид бо истифода аз санъати тарҷума ва ҳаллу таҳлил беоварданиибораи арабии оят ва ё ҳадис мафҳуми онро дар ғазалиёти худ баён намудааст. Аз ҷумла, «бениёзии Худо», «подшоҳии Худо» «пояндагии мулки Худо», «бахшандагии Худо, «илми Худо», «ризқдиҳандагии Худо» ва ғайра аз мушаххасоти ҳунари шоир дар таъсирпазирӣ аз оятҳои Қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ мебошанд, ки ин навъи истифода халале ба эҷодиёти ӯ ворид накарда, балки зинати дигаре зам намудааст [2.М].

Дар ин замина ҳангоми мутолиаи ғазалиёти Хоҷу ҳунари эҷодии шоирро дар корбурди оятҳои Қуръон, ҳадис ва талмеҳоти исломӣ лозим донистем, ки бо чанд нукта иброз намоем:

– корбурди никоти қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ назаррас буда, шоир дар ашъори пурарзиши худ дар масоили гуногун ишораҳо менамояд, ки ниҳоят ҷолиб ва қобили таъкид аст. Дар ин маврид, пеш аз ҳама, сухангустарии шоир ва ибрози андешаҳояш бо нуктаҳои гуногуни қуръонӣ баён гардидааст[1.М];

– истифодаи талмеҳот аз образҳои қуръонӣ дар ашъори шоир ҷойгоҳи махсус дошта, Хоҷу бо ба миён гузоштани баҳсҳо аз қиссаву достонҳои гуногуни куръонӣ истифода намудааст[4.М];

– манзури шоир дар истифода аз ояҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ, пеш аз ҳама, тасдиқи сухан худ бо фармудаҳои қуръонӣ буда, дар ибрози талмеҳоти қуръонӣ андешаҳои худро бо исбот иброз менамояд[2.М];

– истифодаи калимаву таркибҳоиқуръонӣ, ки дар ашъори тамоми шоирони форсу тоҷик бармало дида мешавад, дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ нисбат ба шоирони дигар возеҳтар ва оммафаҳмтар баён гардидааст, ки пеш аз ҳама, хусусиятҳои бадеӣ ва мушаххасоти ҳунари Хоҷуро дар корбурди никоти қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ нишон медиҳад.Қобили зикр аст, ки ин таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ, ҳадисҳо ва талмеҳоти динӣ ашъори шоирро боз ҳам рангинтару ҷолибтар намудааст, ки он далолат ба пайравӣ намудани Хоҷу аз анъанаи шоирони пешин мебошад [6.М];

– аз он ҷое, ки Хоҷуи Кирмонӣ дар дараҷаи нахуст муфассир ва муҳаддис буда, ашъораш рангу бӯйи қуръонӣ ва ҳадисӣ ёфта, дар так-таки мисраъҳо ва абёти вай метавон асар ва нишонае аз Қуръон ва ҳадисро ба сурати мустақим ва ё ғайримустақим ёфт ва камтар шеърест, ки аз таъсири қуръонӣ ва ҳадисӣ ва талмеҳоти исломӣ бенасиб монда бошад. Ҳамчунин, бо тарзу сабки гуногун аз ин ду манбаи саршор аз маориф мондагор ва ҳаётбахш истифода кардааст [2.М];

– муҳимтарин шакли истифодаи ӯ истифода аз тарҷумаи оятҳоиқуръонӣва ҳадисҳои набавӣ будааст. Шояд битавон гуфт, ки баҳрагирӣ аз ин тарз дар ашъораш вайро ба яке аз таъсиргузортарин шоирони қарни XIV мубаддал сохтааст. Аз сӯйи дигар Хоҷуи Кирмонӣ дар ашъори хеш саъй намудааст, ки ибора ва ақоиди исломиро дар сабки сода ва равон барои мардум баён ва таблиғ намояд [6.М];

– Хоҷу дар сурудани анвои гуногуни шеърӣҳунари тамом дошта, истеъдод ва маҳорати бузурги суханвариро дар эҷоди шеър нишон додааст [7.М];

– аз иқтибосу истиораҳо, ишораву талмеҳот, истилоҳот ва мазмунҳои бархе аз ашъори Хоҷу маълум мегардад, ки вай аз шоиронибузурги гузаштаи худ чун Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Аттор, Саноӣ, Хоқонӣ,

Низомӣ, Мавлоно Балхии Румӣ, Саъдии Шерозӣ, инчунин, аз шоирони араб чун Ҳассон ибни Собит, Мутанаббӣ, Ҷоҳиз ва дигарон мутаассир будааст [3.М];

– Хоҷу дар сурудани шеър анъанаи шеърии шоирони гузаштаи форсу тоҷикро риоя намуда, дар шакл, мазмун ва мундариҷа суннатҳои беҳтарини эҷодиёти гузаштагони худро идома ва такмил додааст [3.М];

– шоир дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти рӯзмарра андешаҳои ахлоқию тарбиявияшро ба таври ҳакимона ва ҳамчун як донандаи улуми динӣ ба миён гузоштааст;

– эҷодиёти Хоҷуи Кирмонӣ бо ҳаводиси таърихии қарнҳои XIII – XIV сахт алоқаманд буда, ҳаводиси воқеоти муҳимми сиёсӣ ва таърихии он давраро ба таври равшан инъикос менамояд [3.М];

– Хоҷуи Кирмонӣ донишманди тавоно, шоири намоён ва яке аз ғазалсароёни бузурги адабиёти форсии тоҷикии асрҳои XIII – XIV буда, бо ашъори пурбори хеш тавонист муҳтавиёти Қуръон, ҳадисҳои Паёмбар ва талмеҳоти исломиро дар ашъори худ мавриди назар қарор дода, онро бо равишҳои гуногун дар сухани худ ҷой дода, дар таърихи адабиёти мо мақоми сазовореро ишғол намудааст [5.М];

Мутаассифона, дар қаламрави форсизабонони муосир, бахусус, дар Тоҷикистон, ба ин шоири рангинхаёл ва ғазалсарои мумтоз кам ошно буда, таҳқиқоти ҷиддие ба осори ӯ, ки таваҷҷуҳи шоён ва лоиқи шаъни вай бошад, рӯйи кор наомадааст. Хоҷу низ мисли дигар бузургони гузаштаи худ, амсоли Саноӣ, Аттор, Мавлоно, Саъдӣ ва дигарон бо истифода аз Қуръону ҳадис бо тариқи гуногун шеъри форсии тоҷикиро боз ҳам зеботару ҷолибтар намудааст.

Аз ин рӯ, баррасии ин таъсирпазирӣ хонандаро дар дарки амиқтари шеъри Хоҷуи Кирмонӣ кумак мекунад.

**Нуктаҳои асосии диссертатсиядар мақолаҳои зерини муаллиф иникос ёфтаанд:**

I.М**аҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсия Россия**

[1.М]. Сатторов А.Б. Нукоти қуръонӣ дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2014, №4 (129) -с. 180-189.

[2.М]. Сатторов А.Б. Таҳмидия дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2016,№ 4/5 (209) - с. 130-131.

[3.М]. Сатторов А.Б. Нақши забони арабӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2018, №2 - с. 165-167.

[4.М]. Сатторов А.Б. Талмеҳоти қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ//Суханшиносӣ, маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуло Рӯдакӣ. – Душанбе,2020. №1.2020 – с. 108-120.

II) **Мақолаҳо дар маҷмӯаву маҷаллаҳо:**

[5.М]. Сатторов А.Б. Таъсирпазирии Хоҷуи Кирмонӣ аз Қуръони карим // Илм ва инноватсия. Душанбе, 2013, №1. 2013 (3) - с. 122-126.

[6.М]. Сатторов А.Б. Иқтибоси ояҳои қуръонӣ дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ// Илм ва инноватсия.Душанбе, 2013,№2 (4) -с. 126-128.

[7.М]. Сатторов А.Б. Истифодаи ояҳои қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ// Дин ва ҷомеа.Душанбе, 2017, №10 - с. 41-42.

# КИТОБНОМА:

## Сарчашмаҳо

[1]. Бухорӣ, Имом Абумуҳаммад ибни Исмоили. Ал-ҷомеъ-ус-саҳеҳ арабӣ-форсӣ / Имом Абумуҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, мутарҷим: Абдулалӣ Нур Аҳрорӣ. -Теҳрон:1388. (7 ҷилд), ҷилди 4.- 700 с.

[2]. Ал-Қорӣ, Алӣ ибни Султонмуҳаммад. Мирқот-ул-мафотиҳ шарҳи мишкот-ул-масобиҳ / Алӣ ибни Султонмуҳаммад ал-Қорӣ. – Бейрут: 1433/2012, (11 ҷилд), ҷилди 1.– 488 с.

[3]. Ал-Қорӣ, Алӣ ибни Султонмуҳаммад. Мирқот-ул-мафотиҳ шарҳи мишкот-ул-масобиҳ / Алӣ ибни Султонмуҳаммад ал-Қорӣ. – Бейрут: 1433/2012, (11 ҷилд), ҷилди 3. – 574 с.

[4]. Ал-Қорӣ, Алӣ ибни Султонмуҳаммад. Мирқот-ул-мафотиҳ шарҳи мишкот-ул-масобиҳ / Алӣ ибни Султонмуҳаммад ал-Қорӣ. – Бейрут: 1433/2012, (11 ҷилд), ҷилди 4. – 532 с.

[5]. Ал-Қорӣ, Алӣ ибни Султонмуҳаммад. Мирқот-ул-мафотиҳ шарҳи мишкот-ул-масобиҳ / Алӣ ибни Султонмуҳаммад ал-Қорӣ. – Бейрут: 1433/2012, (11 ҷилд), ҷилди 5. – 646 с.

[6]. Ал-Қорӣ, Алӣ ибни Султонмуҳаммад. Мирқот-ул-мафотиҳ шарҳи мишкот-ул-масобиҳ / Алӣ ибни Султонмуҳаммад ал-Қорӣ. – Бейрут: 1433/2012, (11 ҷилд), ҷилди 6. – 560 с.

[7]. Ал-Қорӣ, Алӣ ибни Султонмуҳаммад. Мирқот-ул-мафотиҳ шарҳи мишкот-ул-масобиҳ / Алӣ ибни Султонмуҳаммад ал-Қорӣ. – Бейрут: 1433/2012, (11 ҷилд), ҷилди 7. – 598 с.

[8]. Ал-Қорӣ, Алӣ ибни Султонмуҳаммад. Мирқот-ул-мафотиҳ шарҳи мишкот-ул-масобиҳ / Алӣ ибни Султонмуҳаммад ал-Қорӣ. – Бейрут: 1433/2012, (11 ҷилд), ҷилди 8. – 539 с.

[9]. Ал-Қорӣ, Алӣ ибни Султонмуҳаммад. Мирқот-ул-мафотиҳ шарҳи мишкот-ул-масобиҳ / Алӣ ибни Султонмуҳаммад ал-Қорӣ. – Бейрут: 1433/2012, (11 ҷилд), ҷилди 9. – 565 с.

[10]. Ал-Қорӣ, Алӣ ибни Султонмуҳаммад. Миркот-ул-мафотиҳ шарҳи мишкот-ул-масобиҳ / Алӣ ибни Султонмуҳаммад ал-Қорӣ. – Бейрут: 1433/2012, (11 ҷилд), ҷилди 10. – 575 с.

[11]. Ал-Қорӣ, Алӣ ибни Султонмуҳаммад. Миркот-ул-мафотиҳ шарҳи мишкот-ул-масобиҳ / Алӣ ибни Султонмуҳаммад ал-Қорӣ. – Бейрут: 1433/2012, (11 ҷилд), ҷилди 11. – 429 с.

[12]. Қушайрӣ, Имом Абулҳусайн Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ. Ал-ҷомеъ-ус-саҳеҳ арабӣ-форсӣ / Имом Абулҳусайн Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Қушайрӣ, мутарҷим: Холид Аюбии Ниё. – Теҳрон: 1393, (4 ҷилд), ҷилди 1. - 804 с.

[13]. Ал-Хузурӣ, Муҳаммад. Нур-ул-яқин / Муҳаммад ал-Хузурӣ.– Бейрут: чопи 3, 2010. – 223 с.

[14]. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Муҳаммад. Маснавии маънавӣ / Мавлоно Ҷалолиддини Муҳаммади Балхӣ. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Нигоҳ, 1372/1993. – 1094 с.

[15]. Гулистони Саъдии Шерозӣ / Тасҳеҳ ва тавзеҳи Ғуломҳусайни Юсуфӣ. –Теҳрон: Хоразмӣ, 1373/1994. – 814 с.

[16]. Гургонӣ, Муҳаммад Ҳусайн Қариби. Кутуф-ур-рабиъ фи сунуф-ул-бадиъ / Муҳаммад Ҳусайн Қариби Гургонӣ. – Теҳрон: 1389. – 243 с.

[17]. Ғаззолӣ Муҳаммад. Эҳё-ул-улум / Муҳаммад Ғаззолӣ. – Қоҳира: Дор-ул-ҳадис, ҷузъи 4, 1375 ҳ. қ. – 452 с.

[18]. Девбандӣ, Маҳмуд Ҳасан. Тафсири Кобулӣ/ Маҳмуд Ҳасани Девбандӣ. – Покистон: Ҷ. 3,– 428/2268 с (бе нишон додани соли нашр).

[19]. Девони ашъори Носири Бухороӣ / Бо кӯшиши Маҳдии Дурахшон. – Теҳрон: 1353.– 498 с.

[20]. Девони комили Хоҷуи Кирмонӣ / Бо кӯшиши Саъид Қонеъӣ. – Теҳрон: чопи аввал, 1374. – 728 с.

[21]. Девони Салмони Соваҷӣ / Бо кӯшиши Меҳрдоди Авасто. – Теҳрон: 1338. – 558 с.

[22]. Маҳаллӣ, Ҷалолиддин Муҳаммад ибни Аҳмади., Суютӣ, Ҷалолиддин Абдураҳмон ибни Абӯбакри. Тафсири Ҷалолайн //

ҶалолиддинМуҳаммад ибни Аҳмади Маҳаллӣ, Ҷалолиддин Абдураҳмон ибни Абӯбакри Суютӣ – 424 с (бе нишон додани сол ва ҷои нашр).

[23]. Куллиёти ашъори Хоҷуи Кирмонӣ / Бо иҳтимом ва тасҳеҳи Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ. – Теҳрон: 1391. – 728 с.

[24]. Қумшаӣ, Ҳусайн Муҳйиддин Илоҳии. Сесаду панҷоҳу шаш рӯз дар суҳбати Қуръон / Ҳусайн Муҳйиддин Илоҳии Қумшаӣ. – Теҳрон: 1390. – 956 с.

[25]. Қуръони Карим. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ / Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 606 с.

[26]. Қуръони Карим ва тарҷумаи маонии он ба забони форсӣ. - Вазорати шууни исломӣ, авқоф, таблиғ ва иршоди кишвари Арабистони Саудӣ: 1417. – 928 с.

[27]. Қуръони маҷид бо тарҷума ва тафсири Қуръони Карим. – Душанбе: Доират-ул-маорифи тоҷик, ҷ. 6. 1345/1991. –497/1044 с.

[28]. Муборакпурӣ, Сафираҳмон. Сират-ун-набӣ тарҷумаи форсии Раҳиқ-ул-махтум / С. Муборакпурӣ. Мутарҷим: Абдуллоҳи Хомӯши Ҳиравӣ. – Пешовард: 1382. – 715 с.

[29]. Муборакпурӣ, Сафираҳмон. Гулшани таърих / С. Муборакпурӣ. – Хуҷанд: 2004. – 270 с.

[30]. Теҳронӣ, Оқо Бузургӣ. Аз-зуриъату (ба забони арабӣ)/ Оқо Бузурги Теҳронӣ. – Бейрут: Муассисаи Эҳё-ут-турос, ҷилди 9, 1389. –1629 с.

[31]. Теҳронӣ, Оқо Бузургӣ. Аз-зуриъату (ба забони арабӣ)/ Оқо Бузурги Теҳронӣ. – Бейрут: Муассисаи Эҳё-ут-турос, ҷилди 12, 1389. – 302 с.

[32]. Тӯсӣ, Хоҷа Насируддин. Ойини донишандӯзӣ / Н.Тӯсӣ.Бо кӯшиш ва эҳтимоми Маҷид Маҳмуди Музаффар. Муҳаррири масъул: С. Сулаймонӣ. // Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон. Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 110 с.

[33]. Ҳусайнӣ, Атоулло. Бадоеъ-ус-саноеъ / А.Ҳусайнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 221 с.

**Адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ**


[34]. Абдуллоев, Ш. Исломи муосир дар арсаи сиёсат ва идеология / Ш. Абдуллоев. –Душанбе: Ирфон, 1990. –134 с.

[35]. Абдуллоҳзода, Шерзод. Муқаддима ба исломшиносӣ / Шерзод Абдуллоҳзода. -Душанбе: Ирфон, 1998. –134 с.

[36]. Абдунабӣ, Абдулҳамидӣ. Бардошти Хоҷа Ҳофиз аз Қуръон (мухтасари абёти Хоҷа Ҳофиз, ки бардошт аз оёти Қуръон ва аҳодиси Набавӣ доранд) / Абдулҳамиди Абдунабӣ. - Душанбе: Суннатулло,2007. – 48 с.

[37]. Абдусаттор, А. Мазомини қуръонӣ дар шеър / А. Абдусаттор. // Мақолаҳо. – Душанбе: 1979. – 74 с.

[38]. Абдусаттор, А. Руъяти Қуръон дар шеър / А. Абдусаттор. // Мақолаҳо – Душанбе: 1997. – 75 с.

[39]. Абдусаттор, А. Талмеҳот дар ашъори аҳди Сомонӣ / А. Абдусаттор. –Душанбе: 1998. – 70 с.

[40]. Абдусаттор, А. Арабият ва адабиёти аҳди ғазнавиён / А. Абдусаттор. –Душанбе: 2001. – 219 с.

[41]. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. – Душанбе: Дониш, ҷ. 2. 1983. – 232 с.

[42]. Алавӣ, Партав. Бонги ҷарас / П. Алавӣ. – Теҳрон: чопи панҷум, 1369. – 177 с.

[43]. Алавӣ, Партав. Тафсири сад байти Ҳофиз (ва ё иқтибосоти Хоҷаибузург аз Қуръони маҷид ва аҳодиси набавӣ) / П. Алавӣ. таҳияи АҳлиддиниҲисорӣ. – Душанбе: Шафақ, 1992. – 40 с.

[44]. Ал-Ҷуҳанӣ, Мониъ ибни Ҳамод. Шинохти адён ва мазоҳибимуосир/ Мониъ ибни Ҳамод ал-Ҷуҳанӣ. мутарҷим: М. Т. Атоӣ. - Марказисаққофии исломии «Бухоро». 1422 /2001. – 662 с.

[45]. Атрашӣ, Ҳофиз. Таъсири Қуръон ва ҳадис дар адаби форсӣ / Ҳофиз Атрашӣ. – Исфаҳон. 1388. – 52 с.

[46]. Бадалипур, Мирзоҳусайн. Муқаддимаи Қуръоншиносӣ / М. Бадалипур. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 460 с.

[47]. Бобохонов, М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон / М.Бобохонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 368 с.

[48]. Гаффорова У.А. Коранические сказания «Тарджумаи тафсири Табари» (историко-сравнительное исследование): дис. док. фил. наук/ У.А. Гаффорова. – Душанбе: 2004. – 334 с.

[49]. Гюлен, Фатҳуллоҳ. Нури абадӣ / Ф. Гюлен. – Душанбе: Дунёи дониш, 2014. – 306 с.

[50]. Давлатзода, Д. Мусулмонон таърихи воқеии инкишоф ва таназзул / Д. Давлатзода. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 520 с.

[51]. Донишномаи Рӯдакӣ / Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИҶТ. – Душанбе: ҷ. 1. 2008. – 586 с.

[52]. Донишномаи Рӯдакӣ / Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИҶТ. – Душанбе: ҷ. 2.2008. – 543 с.

[53]. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Бо корвони ҳулла / А. Зарринкӯб. //Маҷмӯаи нақди адабӣ. – Теҳрон: 1370. -475 с.

[54]. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 326 с.

[55]. Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим / Ибни Қурбон. – Душанбе: ЭР-граф, 2007, – 480 с.

[56]. Исрофилниё, Шарифмурод Раҳимзода. Носири Бухороӣ ватакомули ғазал дар асри Х1V/ Ш. Р.Исрофилниё. – Душанбе: 2010. – 246 с.

[57]. Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода. Мероси адабии Носири Бухороӣ ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV / Ш. Р. Исрофилниё. – Душанбе: 2013. – 338 с.

[58]. Исрофилниё, Шарифмурод Раҳимзода. Хамриёти Ҳофиз / Ш. Р. Исрофилниё. – Душанбе: Адиб, 2010. – 174 с.

[59]. Козимӣ, Муҳсин. Таъсири Қуръон ва ҳадис дар адаби форсӣ / М. Козимӣ. – Маркази мудирияти ҳавзаи илмии Қум: 1386-87. – 107 с.

[60]. Комёр, Ваҳидиён Тақӣ. Фунун ва саноеъи адабӣ / В.Т. Комёр. – Душанбе: 1993. – 50 с.

[61]. Крымский А. История Персии её литературы и деревишской теософии / А. Крымский. -М.: Т.3. -1913-16. С. 102-104.

[62]. Қарокузлу, Алиризо Заковатӣ. Ирфониёт (Маҷмӯаи мақолоти ирфонӣ) / Алиризо Заковати Қарокузлу. – Теҳрон: 1379. – 415 с.

[63]. Маводи конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ / «Мероси Абдураҳмони Ҷомӣ дар илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ» (4-5-уми октябри соли 2014). Бахши фалсафа. – Душанбе: 2014. –190 с.

[64]. Маҳмадаминов, А. Ислом-нурбахши адабиёт ва фарҳанг / А. Маҳмадаминов. Ҷилди 1. – Душанбе: Сино, 2004. – 233 с.

[65]. Мирзоев, А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал / М. Абдулғаниев. – Сталинобод. 1957. – 85 с.

[66]. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2. / Х. Мирзозода. – Душанбе: 1977.– 399 с.

[67]. Муин, Муҳаммад. Нуктадони базлагӯ чун Ҳофизи ширинсухан / Муҳаммад Муин. Чопи аввал, – Теҳрон: 1369. ш. ҷ 2. – 858 с.

[68]. Муллоаҳмад, Мирзо. Суннатҳои пойдори даврони пурбори адабиёт/ М. Мулоаҳмад. –Душанбе: Дониш, чопи 1, 2008. – 320 с.

[69]. Муллоаҳмад, Мирзо. Рӯдакӣ ва суханварони ҳамрӯзгори ӯ(сабкшиносӣ, зебоишиносӣ, талмеҳоти қуръонӣ ва таъсири оёту аҳодис барРӯдакӣ ва шоирон муосираш) / М.Муллоаҳмад. Носир Ҷоннисорӣ. – Теҳрон:1387. – 264 с.

[70]. Мураввиҷ, Фарзод., Каоёдӣ, Баҳром Парвини. Хоҷуи Кирмонӣ шоир ва достонсарои асри VIII / Ф. Мураввиҷ., Б. П. Каоёдӣ // Донишномаи ҷаҳони Ислом. 1360. ҷ.14.

[71]. Мутаҳҳарӣ, Муртазо. Машоҳири суфия (аз қарни I то IX ҳ.қ.). Ошноӣ бо улуми Ислом / М. Мутаҳҳарӣ. – Теҳрон. ҷилди 2, 1385.

[72]. Нафисӣ, Саид. Нахлбанди шуаро. Аҳвол ва мунтахаби ашъори Хоҷуи Кирмонӣ / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Ховар, 1307. – 96 с.

[73]. Нахлбанди шуаро. Маҷмӯаи мақолоти кунгураи ҷаҳонии бузургдошти Хоҷуи Кирмонӣ / Тадвин ва вироиши Аҳмад Амири Хуросонӣ. – Кирмон: Маркази Кирмоншиносӣ, ҷилдҳои 1-2, 1379.

[74]. Ноҷӣ, Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён / М. Ноҷӣ. Баргардон: Луқмон Бойматов. - Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2011. –1295 с.

[75]. Нуъмонӣ, Шиблии.Шеъру-л-Аҷам ё таърихи шуъаро ва адабиёти Эрон / Шиблии Нуъмонӣ. Аз забони урду тарҷумаи Саййидмуҳаммадтақии Фахри Доъии Гелонӣ. Таҳияи Абдухолиқи Набавӣ. Ҷилди 2, 333 с, (дар шакли форд).

[76]. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих (аз Ориён то Сомониён) / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, китоби сеюм. 2006. – 259 с.

[77]. Ростгӯ, Саидмуҳаммади. Таҷаллии Қуръон ва ҳадис дар шеъри форсӣ. / С. Ростгӯ. – Теҳрон: 1387. – 287 с.

[78]. Рошидмаҳсул, Муҳаммадризо. Партавҳое аз Қуръон ва ҳадис дарадаби форсӣ / М. Рошидмаҳсул. – Машҳад: интишороти Остони қудс, чопиаввал, 1380. ҳ.ш. – 454 с.

[79]. Рустамов, Э. Р. Узбекская поэзия в первой половинеXV века / Э. Р.Рустамов. – М.:1963. –150 с.

[80]. Саидолимов, К. С. Тасвири инсон дар ҳикояву тамсилоти «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ / К. С. Саидолимов. – Душанбе: 2007. – 138 с.

[81]. Саймиддинов, Додихудо. Пажӯҳишҳои забоншиносӣ / Д. Саймиддинов. – Душанбе: 2013. – 207 с.

[82]. Сайри маънӣ. Эҳдо ба солҷашни 600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. – 212 с.

[83]. Сирус, Шамисо. Сабкшиносии шеър / Ш.Сирус. –Теҳрон: 1391. – 424 с.

[84]. Соғунӣ, Алихонтура. Таърихи Муҳаммадия/ А.Соғунӣ. –Тошкант: ҷилди 1-2. 1991. – 250 с.

[85]. Фатҳуллоев, Ҳ. Ҷавшани амон аз даврони шамшери буррон / Ҳ. Фатҳуллоев. – Душанбе: Бобак, 2012. – 464 с.

[86]. Фурузонфар, Бадеъуззамон. Сухан ва суханварон / Б. Фурузонфар. – Теҳрон: Хоразмӣ, чопи чаҳорум, 1369. – 783 с.

[87]. Фурузонфар, Бадеъуззамон. Аҳодиси Маснавӣ / Б. Фурузонфар. – Теҳрон: Амири Кабир, чопи панҷум, 1370. – 286 с.

[88]. Фурузонфар, Бадеъуззамон. Маъхузи қисас ва тамсилоти Маснавӣ / Б. Фурузонфар. –Теҳрон: Амири Кабир, 1370. – 265 с.

[89]. Хулосаи мақолоти нахустин ҳамоиши Қуръон ва адаби форсӣ дарсабки Хуросонӣ ва байнобайн. – Ироқ: донишгоҳи Ироқ, 1382. – 158 с.

[90]. Хулосаи мақолоти панҷумин маҷмааи байналмилалии устодони забон ва адабиёти форсӣ ва тоҷикӣ. – Душанбе: 1384. – 122 с.

[91]. Хуҷова, М.У. Симои занон дар «Илоҳинома» ва «Хусравнома»-и Фаридуддини Аттор: рисола барои дарёфти н.и.ф./ М. У. Хуҷова. – Душанбе: 2006. – 162 с.

[92]. Ҳайкал, Муҳаммадҳусейн. Зиндагиномаи Муҳаммад (с) / М. Ҳайкал. – Душанбе: ҷ.1. 2012. – 480 с.

[93]. Ҳалабӣ, Алиасғар. Таъсири Қуръон ва ҳадис дар адаби форсӣ / А. Ҳалабӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Паёми нур, 1386. – 214 с.

[94]. Ҳалабӣ, Алиасғар. Таъсири Қуръон ва ҳадис дар адабиёти форсӣ / А. Ҳалабӣ. – Теҳрон. Чопи чаҳорум, 1377. – 307 с.

[95]. Ҳодизода, Расул. Аз Рӯдакӣ то имрӯз / Р. Ҳодизода. –Душанбе: Адиб, 1988. – 288 с.

[96]. Ҳунко, Зигрид. Фарҳанги исломӣ дар Аврупо / З. Ҳунко.Тарҷумаифорсӣ: Муртазо Рӯҳбонӣ. Баргардон: Сайфуллоҳи Муллоҷон. // Ройзаниифарҳангии сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2012. – 628 с.

[97]. Ҷоннисорӣ, Носир. Сайри Қуръонва ҳадисдар мутуни ирфонӣ /Носир Ҷоннисорӣ. – Наҷафобод: Донишгоҳи озоди исломӣ, 1373. – 816 с.

## Мақолаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳо

[98]. Амирӣ, Ҷаҳонгир. Ҳимматӣ, Шаҳриёр. Ориёҳои қуръонӣ дар шеъриАбулатоҳия // Ҷаҳонгир Амирӣ, Шаҳриёр Ҳимматӣ. Маҷаллаи адаби арабӣ. –1390. – С. 3-23.

[99]. Арданӣ, Фазлуллоҳ Ризоӣ. Баррасӣ ва муқоисаи таҳлилии «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ ва ривоятҳои арабии ин достон / Ф.Р. Арданӣ. – Теҳрон: Фаслномаи тахассусии мутолиоти достонӣ, соли аввал, 1391. №1. – С. 42-57.

[100]. Асадиён, Ҷосим Фаллоҳия. Таркибҳои изофӣ дар ғазали Саноии Ғазнавӣ / Ҷ. А. Фаллоҳия. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2012. №4/3 (88). – С. 99-103.

[101]. Боғимуллоӣ, М. М. Рамзҳои бадеии ирфонӣ дар «Гулшани роз»-и Маҳмуди Шабистарӣ / М.М. Боғимуллоӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2012. №4/2 (84). – С. 288-290.

[102]. Вуруди ислом ба Эрон ва асароти он, Иззатуллоҳи Нузарӣ, чаҳоршанбе, 30 тир, соли 1389, рӯзномаи «Нури росихун.

[103]. Додихудоев, Ё. Тамоюли мазҳабии ашъори Низории Қаҳистонӣ / Ё. Додихудоев // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон(Маҷҷаллаи илмӣ). 2012. №411 (80). – С. 182-188.

[104]. Додихудоев, Ё. Таъсири оёт ва аҳодис дар шеъри Низории Қаҳистонӣ / Ё. Додихудоев. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон(Маҷҷаллаи илмӣ). 2012.№411 (80). –С. 180-186.

[105]. Исрофилниё, Ш. Р. Хуррамшоҳӣ ва «Ҳофизнома»-и ӯ. Ш. Р. Исрофилниё. - Адаб: Маҷаллаи илмию оммавӣ ва таълимию методӣ. Муассисон: Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати эҷодии маҷалла. 1997, №1-3. -С-25-26.

[106]. Исрофилниё, Ш. Шарҳи нахустғазали девони Хоҷа Ҳофиз / Ш. Исрофилниё // Омӯзгор. -марти соли 2012.

[107]. Қавомӣ, Бадрия. Талаққии ҳунари Мавлавӣ аз Қуръон ва ҳадис дар кулиёти Шамс / Б. Қавомӣ. // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии забон ва адаби форсӣ. Донишгоҳи озоди исломӣ. –Теҳрон: 1391. №12.

[108]. Қарокузлу, Алиризо Заковати. Ҳофиз ва тарзи сухани Хоҷу / Алиризо Заковати Қарокузлу // Адабиёт ва санъат. - 2015. -15 март.

[109]. Қодиров, К. Мавзӯи инсони комил дар адабиёти асрҳои XI-XII / К. Қодиров. -Адаб: Маҷаллаи илмию оммавӣ ва таълимию методӣ. Муассисон: Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати эҷодии маҷалла. 1998, №1-3. – С. 21-23.

[110]. Қодиров, К. Мулоҳизаи ҳадиси набавӣ дар «Ас-сабъийн дар фазилати Амирулмуъминин»-и Мир Саид Алии Ҳамадонӣ / К. Қодиров. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2012. №4/5 (94). –С. 246-250.

[111]. Қурбонпур, Ҳусайн Оронӣ. Муқоисаи манзумаи «Меҳру вафо»-и Кошӣ бо «Хусраву Ширин»-и Низомӣ / Ҳ. Қ. Оронӣ. // Пажӯҳишномаи Кошон. 1392. №3. -Паёми 11. – С. 114-139.

[112]. Марзбонрод, Алӣ. Таҷаллиёте аз Қуръон ва ҳадис дар девони ХоҷуиКирмонӣ / Алӣ Марзбонрод. // Пажӯҳишномаи улуми инсонӣ. С. 83-100.

[113]. Маҳдӣ, Мумтаҳин. Мафоҳими шеъри тозӣ дар сояи шеъри Ҳофиз / М. Маҳдӣ // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишӣ. 1388. № 8. – С. 213-228.

[114]. Маъруфӣ, Алӣ. Таъсири Қуръон бар адабиёти форсӣ / А.Маъруфӣ. // Пажӯҳишгоҳи улум ва фарҳанги исломӣ. Донишномаи мавзӯии Қуръон. – Қум: 1394. -24 урдубиҳишт. – С. 20-26.

[115]. Муавҳҳидӣ, Муҳаммадризо. Қуръон ба се шакл ба девони Хоҷу тобидааст // М. Муваҳҳидӣ.Рӯзномаи «Адабиёт ва китоб» 17 исфанди соли 1395.

[116]. Муродиён, Алиакбар., Ал-Ҳусайнӣ, Сайидмуҳаммад Мирзои., Насрӣ, Ҷаннат. Таъсири мусиқиёи фавосили Қуръон бар сохтори қавофии ашъори Ҷавоҳирӣ // Алиакбар Муродиён, Сайидмуҳаммад Мирзо Ал-Ҳусайнӣ, Ҷаннат Насрӣ. Фаслномаи лисони мубин (пажӯҳиши адаби арабӣ) (илмӣ-пажӯҳишӣ). 1391.№7. – С. 267-299.

[117]. Муҳаммадзода, Саид Аббос., Ваҳид Рӯёнӣ. Сомнома аз кист / С. А. Муҳаммадзода., В. Рӯёнӣ. // Маҷаллаи донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ (илмӣ-пажӯҳишӣ). – Машҳад: 1386. №158. – С.140-176.

[118]. Шиор, Нағма Ҳикмати. Татбиқ ва муқоисаи «Ишқ ва ирфон» дар ғазалиёти Ҳофиз ва Хоҷуи Кирмонӣ/ Нағма Ҳикмати Шиор. // Фаслномаи таҳқиқоти ҷадид дар улуми инсонӣ. 1395. – С. 41-50.

[119]. Насриддинов, Фахриддин. Мазомин ва луғот ва таъбироти қуръонӣ дар ашъори Камоли Хуҷандӣ // Ф. Насриддинов. Рӯдакӣ (фаслномаи эронии фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон), соли 1386, – С. 14-168.

[120]. Нидо, ибни Алӣ. Зарурати тасҳиҳи интиқодии «Камолнома»-и Хоҷуи Кирмонӣ / Нидо ибни Алӣ. – Теҳрон: Гузориши меросӣ, даври дувум, соли панҷум, 1390. №46. – С. 9-27.

[121]. Низомов, М. Вазифаҳои бадеии оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ дар «Силсилат-уз-заҳаб»-и Мавлоно Ҷомӣ / М. Низомов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2012. №4/3 (88). – С. 262-265.

[122]. Обидӣ, Маҳмуд. Хоҷуи Кирмонӣ дар осораш / М. Обидӣ. // Пажӯҳишномаи Донишгоҳи тарбияти муаллими Теҳрон. – 1386, №2. – С. 31-46.

[123]. Обидӣ, Маҳмуд., Раҳмон Забиҳӣ. Зарурати тасҳиҳи интиқоди ғазалҳои Хоҷуи Кирмонӣ / М. Обидӣ., Р. Забиҳӣ. –Теҳрон: Адабпажӯҳӣ, 1387. №6. – С. 7-30.

[124]. Роғибиён, Марзия., Отифа, Худоӣ. Баррасии қолаби мустазод / М. Роғибиён, О. Худоӣ. // Паёми баҳористон. 1390. №14. – С. 77-104.

[125]. Сафаров Л. Истиқболи мазомини қасаси қуръонӣ дар қасоиди Носири Хусрав/ Л. Сафаров// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2013. - №4/3 (113). - С. 193 -196.

[126]. Тоифӣ, Шерзод., Лайло, Камолхонӣ. Таҳлили сабкшиносонаи панҷоҳғазали Хоҷуи Кирмонӣ / Ш. Тоифӣ, Л. Камолхонӣ. // Фаслномаи илмӣ - пажӯҳиши тахассуси сабкшиносии назму насри форсӣ (баҳори адаб), – Теҳрон: 1390, соли чорум, №4. – С. 209-222.

[127]. Холмуҳаммад, С. Таълимоти ваҳдати вуҷуд дар ғазалиёти Аттор / С. Холмуҳаммад. -Адаб. Маҷаллаи илмию оммавӣ ва таълимию методӣ. Муассисон: Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати эҷодии маҷалла. 2002, №4. – С. 24-26.

[128]. Хуррамшоҳӣ, Б. Шарҳи ғазале аз Ҳофиз / Б. Хуррамшоҳӣ. -Адаб: Маҷаллаи илмию оммавӣ ва таълимию методӣ. Муассисон: Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати эҷодии маҷалла. 2002, №4. – С. 26-30.

[129]. Ҳайдарӣ, Муртазо. Баррасии анвои иқтибосҳои қуръонӣ дар девони ашъори Ҳофиз ва Абулатоҳия / Муртазо Ҳайдарӣ. Фаслномаи қуръонӣ, соли 8, шумораи 30, соли 1392. – С. 49-66.

[130]. Ҳотамӣ, Ҳофиз., Мираҳмадӣ, Заҳро. Рӯйкарди ахлоқии манзумаҳои базмии Хоҷуи Кирмонӣ // Ҳофиз Ҳотамӣ, Заҳро Мираҳмадӣ. Пажӯҳишномаи адабиёти таълимӣ (нашрияи илмӣ-пажӯҳишӣ). 1395. – С. 87-112.

[131]. Ҷаводии Зовия, Саидмаҷид., Моҳёр Аббоси. Нигоҳе ба тамсил дар «Гул ва Наврӯз»-и Хоҷуи Кирмонӣ / Саидмаҷид Ҷаводии Зовия, Аббоси Моҳёр. Фаслномаи таҳқиқоти таълимӣ ва ғанои забон ва адаби форси Донишкадаи улуми исломӣ. 1395. – С. 79-100.

[132]. Ҷалилӣ, Ризо. Таъсирпазирии таълимии «Равзат-ул-анвор»-и Хоҷуи Кирмонӣ аз «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ // Ризо Ҷалилӣ. Пажӯҳишномаи адабиёти таълимӣ (нашрияи илмӣ-пажӯҳишӣ) - 1390, №29.– С. 71-206.

[133]. Ҷаъфарӣ, Аҳмадалӣ. Инсони ормонии чанд шоири ориф // АҳмадалӣҶаъфарӣ. Узви ҳайати илмии Донишгоҳи паёми нур – созмони марказӣ. (*бе нишон додани соли нашр*).

[134]. Шарҳи шеъри ҳазрати Шайх Аттор. -Адаб: Маҷаллаи имию оммавӣ ва таълимию методӣ. Муассисон: Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати эҷодии маҷалла. 1996, №1-6. - С. 18-21.

[135]. Шикорӣ, Шабнам., Алипур Нурмуҳаммад. Қуръон ва ҳадис дар ашъори Амир Хусрави Деҳлавӣ / Шабнам Шикорӣ, Нурмуҳаммад Алипур. Фаслномаи шеър ва забони муосир, шумораи 4, исфандмоҳ, соли 1395, 20 с.

**Фарҳангҳо ва феҳристҳо**

[136]. Амид, Ҳ. Фарҳанги форсии Амид / Ҳ. Амид. – Теҳрон:Амири Кабир, 1389. – 1256 с.

[137]. Борисов, В.М. Русско арабский словарь / В. М. Борисов. –М.: Издательство Советская энциклопедия, 1967. – 1120 с.

[138]. Кароткий словарь общеисламских терминов. – Душанбе: Таджикский исламский институт имени Имоми Аъзам-Абуханифы, 2015. – 40 с.

[139]. Саидумрон, Фарзона. Фарҳанги ном / Ф. Саидумрон. – Душанбе: Адиб, 2014. – 335 с.

[140]. Саффорӣ, Муҳаммадшафеъ. Фарҳанги луғот ва таъбироти маснавиҳои Саноӣ (Ҳадиқа, Сияр-ул-ибод, Корномаи Балх) / М. Саффорӣ. – Эрон: интишороти Донишгоҳи байналмилалии имом Ҳумайнӣ, 1378. – 806 с.

[141]. Сулаймонӣ, С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ / С. Сулаймонӣ. – Душанбе: Эр-Граф,2010. – 1562 с.

[142]. Фарҳанги бузурги ҷомеи навини арабӣ ба форсӣ. Тарҷумаи ал-Мунҷид (бо изофа) / Мутарҷим: Аҳмад Сайёҳ. Бо муқаддимаи Ҳасанзода Омилӣ., Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ. – Теҳрон: Нашриёти интишороти Ислом, ҷ. 1. 1377. – 1136 с.

[143]. Фарҳанги бузурги ҷомеи навини арабӣ ба форсӣ. Тарҷумаи ал-Мунҷид (бо изофа) / Мутарҷим: Аҳмад Сайёҳ. Бо муқаддимаи Ҳасанзода Омилӣ., Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ. – Теҳрон: Нашриёти интишороти Ислом, ҷ. 2. 1377. – 2337 с.

[144]. Шоҳаҳмад, А. Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ / А. Шоҳаҳмад –Душанбе: Пайванд, чопи аввал, 1996. – 648 с.

[145]. Энсклопедияи советии тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсклопедияи советии тоҷик, ҷ. 8. 1988. – 590 с.

**Интернет-ресурсҳо**

[146]. http://www.quran-p.com. //Алавинажод, Сайид Ҳайдар. Заминаҳои таъсири Қуръон бар забон ва адаби форсӣ // Сайид Ҳайдар Алавинажод. – 1394. -№ (7) 1383.

[147]. http://www.nationalkuwait.com/forum/index. //Аҳл-ул-байт.

[148]. http://www./ganjoor.ne. // Ганҷур.

[149]. http//www.andisheqom.com. // Қуръоншиносӣ. Тафсири мизон.

[150]. http://www.loghatnaameh.org/dehkhodasearchresultfa. // Луғатномаи Деҳхудо.

[151]. http:/www.aftab.ir. // Маъруфӣ, Алӣ. Таъсири Қуръон бар адабиёти форсӣ // Алӣ Маъруфӣ // Маркази улум ва таҳқиқоти Қум. -1387. 10 шаҳрипур. -С. 12.

[152]. http://www.whc.ir / forms / articleview. // Меҳр, РаҳмонМуштоқи. ТаъсириҚуръонваҳадисдаршеърииибниЯманиФаривмадӣ // РаҳмонМуштоқиМеҳр. -1394. - 2 шаҳривар. - № (7) 1383.

[153]. http://www.seraj.ir/engine. // Ниё, Муртазо Карим. Балоғати арабӣ ва тафсири Қуръон бо нигоҳе ба санъати лаффу нашр // Муртазо Карими Ниё. -1394. - 2 хиродод.

[154]. http://wwwqsf.iranjournals.ir/article. // Ризо, Аҳмад. Тафосири манзуми Қуръон дар адаби Форсӣ // Аҳмад Ризо. -1391. -Мақолаи -1. -№11. -С. 213-230.

[155]. http://wwwqsf.iranjournals.ir / article. // Ростгӯ, Саидмуҳаммад. Ҷилваҳое аз таъсири Қуръон ва адаби форсӣ дар шеъри Анварӣ// Саидмуҳаммади Ростгӯ. -Теҳрон. -1381. -№30. -С. 5.

[156]. http://www.almaany. com/home.php? language = arabic & lang. //Сайтиисломӣ.

[157]. http://MADSG. COM.ТавфиқСубҳонӣ. Таърихиадабиёт (Ғазнавиён, Салҷуқиён, Атобакон, Хоразмшоҳиён, хонадониМуғулвагӯяндагониидавр)ТавфиқСубҳонӣ. Таҳиякунанда: ФотимаКупо// Донишкадаиулумиинсонӣ, гурӯҳизабонваадабиётифорсӣ. Шабакаиомӯзишӣ-пажӯҳишиидонишҷӯёниЭрон. Ҷ-2.

[158]. Тарҷумаи Қуръон аз тафсири мухтасари Хатлонӣ (шакли электронӣ), - 285 с.

[159]. http://WWW. Jamshed_corp @ mail.ru // Тарҷумаи Қуръон ва тарҷумаи маънии он ба забони тоҷикӣ, - 905 с.

[160]. http://www.ejabat.google.com. // Тасвирӣ, Абулқосим. Қуръон ва одоби форсӣ // Абулқосим Тасвирӣ.

[161]. http://www.library.islamweb.net/newlibrary/display_book.php // Тафсири ибни Касир.

[162]. http://www.library.islamweb.net/newlibrary/display_book.php // Тафсири Табарӣ.

[163]. http://www.ejabat.google.com // Фарҳанги арабӣ.

[164]. http://www.ahlalhdeeth.com // Ҳадис.

[165]. http://www.valiasr-aj.com// Ҳадисҳои набавӣ.

[166]. http://www.alkafeel.net.// Ҳалӣ, Иззуддин Ҳасан ибни Сулаймони. Мухтасар-ул-басоир // Иззуддин Ҳасан ибни Сулаймони Ҳалӣ. Нашри муассисаи исломӣ. 584 с.

[167]. http://www.quran-p.com. // Ҳодӣ, Растагори Муқаддам. Таҷаллии Қуръонӣ дар шеъри шоирон // Муқаддам Растагори Ҳодӣ. -1394. 2-юми шаҳривар.

168. http://www.maarefguran. // Ҳусайнпур Алӣ. Ҷойгоҳ ва ҷилваҳои Қуръон ва ҳадис дар мутуни мансури орифонаи форсӣ то қарни 6 ҳиҷрӣ // АлӣҲусайнпур // Маркази исломӣ. -1394. -24 урдубиҳишт. - С. 12.

## Феҳристи интишороти муаллиф:

I. **Маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсия Россия**

[1.М]. Сатторов А.Б. Нукоти қуръонӣ дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2014, №4 (129) -с. 180-189.

[2.М]. Сатторов А.Б. Таҳмидия дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2016,№ 4/5 (209) - с. 130-131.

[3.М]. Сатторов А.Б. Нақши забони арабӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2018, №2 - с. 165-167.

[4.М]. Сатторов А.Б. Талмеҳоти қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ // Суханшиносӣ, маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуло Рӯдакӣ. – Душанбе,2020. №1.2020 – с. 108-120.

II) **Мақолаҳо дар маҷмӯаву маҷаллаҳо:**

[5.М]. Сатторов А.Б. Таъсирпазирии Хоҷуи Кирмонӣ аз Қуръони карим // Илм ва инноватсия. Душанбе, 2013, №1. 2013 (3) - с. 122-126.

[6.М]. Сатторов А.Б. Иқтибоси ояҳои қуръонӣ дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ // Илм ва инноватсия. Душанбе, 2013,№2 (4) -с. 126-128.

[7.М]. Сатторов А.Б. Истифодаи ояҳои қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ // Дин ва ҷомеа.Душанбе, 2017, №10 - с. 41-42.